186333



АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

синфи 5 б
Тагоева
Мавлуда

*Абдулқодири*

# БЕДИЛ

## ОСОР

Дар ҳашт ҷилд



ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1991

# *Абдулқодири*
# БЕДИЛ

## ОСОР
ҶИЛДИ СЕЮМ

## ҒАЗАЛИЕТ



ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1991

ББК: 84 /0/9

*Мухаррирон: К.Кирож, Х.Шанбезода*
Хозиркунандаи чоп:
*Сахобиддин Сиддиков*

**Абдулкодири Бедил.** Осор: иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди сеюм. Душанбе: «Адиб», 1991 /АФ РСС Тоҷикистон Ин-ти шаркшиносӣ/ Ҷилди сеюм. Ғазалиёт 432 саҳ.

Ҷилди сеюми осори ҳашт ҷилдаи Мирзо Абдулкодири Бедил /1644 — 1720/ аз ғазалиёти дилошӯби ӯ иборат аст. Бедил ғазалро ба услуби хос гуфт ва сабки ҳиндиро асос гузошт. Донишмандони соҳан мусиқӣ ба аксарияти ғазалҳои ӯ оҳанг бастанд. Офаридаҳои Бедил бори аввал дар Тоҷикистон чоп мешаванд ва аз ин ҷиҳат тӯҳфаи бебаҳоянд.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
"КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
186333

4702540102 — 32
Б ————————— 70—91
М 503 (12) — 91

ББК: 84 /0/9

ISBN 5—8362—0258—3

© Нашриёти «Адиб», 1991.

* * *

Аҷзи мо чандин ғубор аз ҳар камин бардоштаст,
Осмонро ҳам; ки мебинӣ, замин бардоштаст.
Ҳаққи саъи реша бисьёр аст бар нахли баланд,
Пои дар гил рафта моро инчунин бардоштаст.
Кӯшиши беҳуда халқеро ба кулфат ғута дод,
Мавҷ дархурди талош аз баҳр чин бардоштаст.
То нафас зад, тухми хоби решаҳо гардид талх,
Дил ҷаҳонеро ба фарьёди ҳазин бардоштаст.
Бар ҳаловатдӯстон як чашми ибрат во накард
Он ҳама захме, ки мум аз ангубин бардоштаст.
Беш аз ин тоби гарониҳои дил мақдур нест,
Нола дорад кӯҳ то номам нигин бардоштаст.
Бе гаронӣ нест таклифе, ки дорад сарнавишт,
Пушти абрӯ ҳам хам аз бори чабин бардоштаст.
Саъи мо чун шамъ рафт охир ба тороҷи арақ,
Нахли боғи нотавониҳо ҳамин бардоштаст.
Соя будем, ин замон хуршеди гардунему бас,
Нестӣ моро чи миқдор аз замин бардоштаст.
Бедил, аз ифлоси мо рози ҷунун пӯшида нест,
Дасти кӯтаҳ то гиребон остин бардоштаст.

* * *

Дидаи ҳайратнигоҳонро ба чижгон кор нест,
Хонаи оина дар банд дару девор нест.
Инқиёди даври гардун барнатобад ҳимматам,
Ҳамчу марказ ҳалқаи гӯшам хати паргор нест.
Нотавонӣ сурма дар кори занфон мекунад,
Ранги гулро дар шикасти худ лаби изҳор нест.
Мекашад бемағз ранҷ аз дастгоҳи эътибор,
Ҷуз ҳаму печ аз бузургӣ ҳосили дастор нест.
Фориғ аст аз дуд, то шуд шӯъла хокистаринишин,
Бар намадпӯшон ғубори тӯҳмати зуннор нест.
Соя ин ҷо партави хуршед дорад дар бағал,
Занг ҳам чун хилвати оина бе дидор нест.
Садди роҳи кас мабодо дурбоши имтиёз,
Ҳар ду олам хилвати ёр аст, моро бор нест.
Аз асарҳои нафас чун субҳ бӯе бурдаем,
Беш аз ин оинаи мо қобили зангор нест.
Ғунчаи дил чун ҳубоб аз хомӯшӣ дорад сабот,
Хонаи моро ба ҷуз поси нафас девор нест.
Гар зи дунё бигзарем, афсуни уқбо ҳоил аст,
Манзиле то ҳаст боқӣ, роҳи мо ҳамвор нест.
Дидаҳо боз аст, аммо хоб мебинему бас,
То мижа барҳам наёяд, ҳеҷ кас бедор нест.
Бески мардум домани эҳсон зи ҳам вочидаанд,
Бедил, аз ҳиссат касеро сояи девор нест.

* * *

Ғами фироқ чиву ҳасрати висоли ту чист?
Ту худ туй, ба кучо рафтай, хаёли ту чист?
Ҷиҳоти даҳр як огӯши унс дораду бас,
**Ба чуз сиёҳии мижгон рами ғазоли ту чист?**
Муҳити ишқ надоматгуҳар намебошад,
Чун аз арақ, ки ту пайдой, инфиоли ту чист?
Ба олами ки ровй шаш чиҳат мусовот аст,
Чу офтоб бақоят чиву заволи ту чист?
Ба печу тоб чу шамъ аз худат баромад нест,
Дар ин ҳадика дигар решаву ниҳоли ту чист?
Маоли шоху гадо ноумедиист ин чо,
Шикастагиҳавасй, чиниву сафоли ту чист?
Гузашт умр ба парвози ваҳми анқоят,
Даме ба худ нарасидй, ки зери боли ту чист?
Ба рӯи партави меҳр аз хироми соя мапурс,
Тааммуле, ки дар ин арса поймоли ту чист?
Ҷаҳони мутлаки, аз фаҳми худ чй мехоҳи,
**Ба илм агар ҳама гардун шудй, камоли ту чист?**
Набудй, омадай, нестию меой,
На мозиву на мустақбалест, ҳоли ту чист?
Ба ваҳми чашман оина хун махӯр, Бедил
Наме бурун натаровидай, зулоли ту чист?

* * *

Қайдн улфати ҳастӣ ваҳшатошёнихост,
Шамъ то нафас дорад шевапарфишонихост.
Мо зи сайри ин гулшан ишван тараб хӯрдем,
Варна чашм во кардан ибратимтиҳонихост.
Эй саҳар, таамимул кун, як нафас таҳаммул кун,
Ваҳшату дами пирӣ шӯхию ҷавонихост.
Зулфи тобдорашро шона медиҳад афсун,
Дида вақфи ҳайрат кун мавҷи ҷонфишонихост.
Пеши чашми бемораш гар дуто шавад наргис,
Айби сарнагунӣ нест, ҷон нотавонихост.
Бехудони улфатро нест кулфатимурдан,
Мурдане агар бошад бе ту, зиндагонихост.
Дар вафо чӣ имкон аст ҷон кунам дареғ аз ту,
Бар ҷабини гиреҳ мапсанд, ин чӣ бадгумонихост,
Ҷорсӯи имконро ҷуз ғубор ҷинсе нест,
Бастани дари мижгон офиятдуконихост.
Маҳви яъс кун ҳоҷат, варна нозди ибратҳо
Дар талаб арақ кардан низ тарзабонихост.
Аз ғурури ваҳмэҷод ҳарза рафтай барбод,
Эй ғубори бебуньёд, ин чӣ осмонихост?
Умрҳост бе ҳосил мезанӣ пари бисмил.
Баҳри нимҷон Бедил ин чӣ сахтҷонихост?

* * *

Ҳиммати ман аз нишони чоҳ чун новак гузашт,
З-ин нигин номам нигоҳе буд, к-аз айнак гузашт.
Табъи дун кош аз нишоти даҳр гардад мунфаил,
Нест бар исмат ҳарач гар лӯлӣ аз тунбак гузашт.
Ҳиммате мебояд, асбоби таъаллуқ ҳеч нест,
Барнамеояд ду олам бар ҷунуни як гузашт.
Дар мизоҷи хоки ин водӣ қиёмат киштаанд,
Пои мо маҷрӯҳу бояд аз тали оҳак гузашт.
Ҳеч кас ҳайрони тадбири шикасти дил мабод,
Мӯи чинӣ ҳар куҷо хаташ дамид, аз ҳак гузашт.
Чун шарори коғаз охир аз нигоҳи гарми ӯ
Бар биной мо қиёмат селе аз чашмак гузашт.
Ҳасрати ушшоқ бедоди нигоҳаш оламест,
Бар яке ҳам гар расид, ин новак аз ҳар як гузашт.
Нанги таҳқиқ аст тафтише, ки дорад фаҳми халқ,
Дар таъаммул ҳар кӣ во монд, аз яқин бешак гузашт.
Хирабинӣ лозими табъи дурушт афтодааст,
Кам тавонад чашми танг аз тинати узбак гузашт.
Қош зоҳид ҷом гирад, к-аз тамасхур вораҳад,
Бе такаллуф умри ин бечора дар тезак гузашт.
Сӯҳбати воиз ба ғайр аз дарди сар чизе надошт,
Орамидан муфти хомушӣ, к-аз ин мардак гузашт.
Фазли ҳақ вофист, Бедил, аз фано ғамгин мабош,
Умр ботил буд, агар бисёр гар андак гузашт.

* * *

Чун хубобаи улфати ваҳми бақо занҷири пост,
Хонабардӯши табиатро ҳаво занҷири пост.
Дар гирифторист айши дил, ки Маҷнуни маро
Мутриби сози тараб кам нест, то занҷири пост.
Чун кунам ҷавлон ба коми дил, ки бо чандин талаб
Аз заифиҳо чу ашкам нақши по занҷири пост.
Токате ку, то касе сарманзиле орад ба даст,
Ҳар куҷо рафтем, саъи беҳудо занҷири пост.
Мардро касби ҳунар доми раҳи озодагист,
Мавҷи ҷавҳар оби ҷӯи тегро занҷири пост.
Бе таммул аз мазори мо, шаҳидон, нагзари,
Хоки домангири мо беш аз ҳино занҷири пост.
Хатти пушти лаб чу абрӯ нест бе тасхири ҳусн,
Маънӣ озод аст, аммо сатрҳо занҷири пост.
Мо зи кӯрӣ ин қадар дар банди раҳбар мондаем,
Чашм агар бино бувад, бар каф асо занҷири пост.
Хоксорӣ низ моро монеи ворастагист,
То бувад нақше ба ҷо аз бурьё, занҷири пост.
Қайди ҳастӣ то нашуд равшан, ҷунун мавҳум буд,
Он ки моро кард бо мо ошно, занҷири пост.
Бар бисоти пойи ваҳм он қадар тамкин маҷин,
Салтанатро сояи боли ҳумо занҷири пост.
Оламе дар ҷустуҷуи роҳат аз худ рафтаанд,
Меравам ман ҳам, бубинам, то куҷо занҷири пост.
Беҳудон аввал қадам з-ин арса берун тохтанд,
Эй ҷунун, раҳме, ки моро ҳуши мо занҷири пост.
Бедил, аз тавсифи зулфу кокули ин гулрухон.
Мақсади мо тавқи гардан, муддао занҷири пост.

* * *

Дилро ба хаёли хати ӯ сайри Фарангест,
Ин оина соҳибназар аз сурмаи зангест.
Ғофил машав аз сайри тамошогаҳи доғам,
Ҳар барги гуле з-ин чаман оинаи рангест.
Дар гулхани ваҳшаткадаи фурсати имкон
Дуде, шараре чанд шитобеву дарангест.
Чун бишканад ин соз, чи хашму чи мудоро,
Зеру бами сози нафасат сулҳеву ҷангест.
Аз аҳли такаббур маталаб сози шукуфтан,
Чин бар рухи ин шуаламизоҷон раги сангест.
Маҳмилкаши сад қофила бетобии шавқем,
Чоки дили мо ҳам ҷараси нола бачангест.
Ҷаҳде, ки барой зи камонхонаи офоқ,
Нахчири муроди ду ҷаҳон сайди хадангест.
Ҳайрат магар аз дил кунад эҷоди фазое,
Варна чу нигаҳ хонаи мо гӯшаи тангест.
Чун лола зи бас гармрави ҳасрати доғам,
Саҳро зи нишони қадамам пушти палангест.
Озодагии мавҷ зи гавҳар чи хаёл аст?
Тамкин ба раҳи қатраи мо пуштаи сангест.
Чун шамъ зи бас оинасомони баҳорам,
То новаки оҳам сару баргаш пури рангест.
Бедил, гуҳари ишқ ба баҳрест, ки ин ҷо
Оинаи ҳар қатра гиребони наҳангест.

* * *

Рангат ба чашми лола бисоти назора сӯхт,
Хӯят ба коми санг забони шарора сӯхт.
Холат зи парда дуди хате ошкор кард,
Шӯхӣ сипанди сӯхтаро ҳам дубора сӯхт.
Е раб, чӣ сеҳр кард тағофул, ки ёрро
Дар лаб шикаст ханда ба абрӯ ишора сӯхт.
Дурьён ҳусиро хати ӯ гарди ҳайрат аст,
Е мавҷи печутоби нафас бар канора сӯхт?
Пайдост аз нафас задани ваҳшати шарар,
Қ-аз оҳи Кӯҳкан ҷигари санги хора сӯхт.
Чашми ҳусул доштаи оини акл нест
Аз мазраи сипеҳр, ки тухми ситора сухт.
Аз ваҳшати ғубори шарарфурсатам мапурс,
Субҳе дамиду сар ба гиребони пора сӯхт.
Уммеди фоли амн маҷӯ аз шарори ман,
Қ-аз барқи ниятам асари истихора сӯхт.
Чун захми кӯҳнае, ки ба доғаш даво кунанд,
Бечора дил зи ғайрати изҳори чора сӯхт.
Гуфтам: зи сӯзи дил фиканам тарҳи мисрае,
Мазмун ба доғ ғӯта заду истиора сӯхт.
Аз изтироби дил нарасидам ба роҳате,
Хобам ба дида ҷунбиши ин гоҳвора сӯхт,
Бедил, захиран мижа шуд, баски рӯзи васл
Дар арзи ҳайрати ту забони назора сӯхт.

* * *

Дилро кушоди кор зи сад уқда бартар аст,
Озодии табиати ин мӯҳри шашдар аст.
Ғаввоси орзуи гирифтории туем,
Моро таамму́ле гиреҳи доми гавҳар аст.
Сар барнамекашем зи хатти ризои дӯст,
Чун хома саъи лағзиши мо ҳам ба мистар аст.
Ранги паридаест зи рӯи хазони мо
Дар бутаҳои ғунча агар хурдаи зар аст.
Гар орзу ба чашми таамму́л назар кунад,
Хатти лабе, ки дидафиреб аст, соғар аст.
Дарьёкашист машраби беҳушии ҳубоб,
Аз хеш рафтанат ба ду олам баробар аст.
Дорам навиди мақдами симобчилвае,
Носеҳ, хамӯш, гушам аз овози по кар аст.
Таҷдиди рангу бӯ нараваd аз баҳори ман,
Нахли ҳубобаму нафасам ҷумла навбар аст.
Вомондагӣ фусурдаи яъсам намекунад,
Таслими сои партави хуршедро пар аст.
Болодавист обилаи по дар ин бисот.
Ин чо ду шамъ агар қадаме ҳаст, бар сар аст.
Фардо ба хулд ҳам агар ин мову ман баҷост,
Моро ҳамон ҷабини арақнок кавсар аст.
Як рӯи гарм дар ҳама олам падид нест,
Хуршед ҳам ба кишвари мо сояпарвар аст.
Душвор нест қатъи умеди ман он қадар,
Миқрози яъсаму дами теғам мукаррар аст.
Бедил, ба қулзуми асари интизори ишқ
Чашми таре, ки бемижа гардид, гавҳар аст.

* * *

Оқибат чун шӯъла хокистар ба фарқи мо нишаст,
Дурди саҳбо пунба гашту бар сари мино нишаст.
Бе туам гарди заифӣ баски бар аъзо нишаст,
Нолаам дар кӯчаи най чун гиреҳ сад ҷо нишаст.
Кас намефаҳмад забони сухтан такрори шамъ,
Дар миёни анҷуман мебоядам танҳо нишаст.
Метавон дар хоксори ёфт авҷи эътибор,
Обила шуд соҳибафсар, баски зери по нишаст.
Ҳар киро сарриштаи вазъи ҳаё бошад ба каф,
Метавонад чун нигаҳ дар дидаи бино нишаст.
Шӯълаи шавқат нашуд пинҳон ба фонуси хаёл,
Ҳамчу ранг ин май бурун аз хилвати мино нишаст.
Саъи парвози фаноро эътиборе дигар аст,
Рафт гарди мо ба ҷое, к-аз фалак боло нишаст.
Тирабахтиро чи суд аз сӯҳбати равшандилон,
Соф набвад занг, агар бо оина якҷо нишаст.
Нанг вазъи ҳамбисотиҳои Маҷнун барнадошт,
Гарди мо шуд об, то дар домани саҳро нишаст.
Шӯълаи моро дар ин базм орамидан муфт нест,
Сад тапидан сӯхт, то як доғи нақши по нишаст.
Обрӯ зотист, Бедил, варна монанди гуҳар
Мӯҳраи гил ҳам тавонад дар дили дарьё нишаст.

* * *

Зи шӯри ҳайрати ман гӯши оламе боз аст,
Нигаҳ ба пардаи чашмам ҳуҷуми овоз аст.
Дар ин тарабкадаи шавқ зарра то хуршед
Ба ҳар чи менигарӣ, бо нигоҳигул боз аст
Ба марг ҳасрати дидор кам намегардад,
Нигаҳ ба бастани мижгон тамомандоз аст
Дил аз ғубор бипардозу ҷилва сомон кун,
Сафои хонаи оина олами ноз аст.
Шумори шавқ гар аз зикри муддао бошад,
Ҳуҷуми ашки асирон зи субҳа мумтоз аст.
Туй, ки бехабари аз гудози дил, варна
Ба завқи хуни ҷигар санг ҳам ҷигарсоз аст.
Нигоҳ дор инони амал, агар мардӣ,
Савори умр ба камфурсатӣ гаравтоз аст.
Шуниданист саранҷоми кор диданҳо,
Нигаҳ ба гӯш бадал кун, ки олам овоз аст.
Мани шикаставу парвоз ҷуз таҳайюр нест,
Зи ранг агар ҳама афсурдаанд, эъҷоз аст.
Қадом нола, ки аз ҷайби дил намеболад,
Тилисми байза димоғи ҳазор парвоз аст.
Фиреби шӯъбадаи зиндагӣ махӯр, Бедил,
Ба пардаи нафасат ваҳм ресмонбоз аст.

* * *

Зиндагӣ йакди ҳазор озор аст,
Ҳар қадар кам шуморӣ, бисьёр аст.
Дили ҷамъе, ки тавон гуфт, куҷост,
Ғунча ҳам як сару сад дастор аст.
Ба шумори маму мо хурсандем,
Чӣ тавон кард, нафас пайкор аст.
Асари саъи қадом обилапост,
Хори ин раҳ мижаи хунбор аст.
Хоксорон чамани хуррамианд,
Сабзаву гул ба замин бисьёр аст.
Ҳусни нодида тамошо дорад,
Мижа бардоштанат девор аст.
Дар адам низ ғуборе дорам.
Хокам аннан ҷавҳардор аст.
Пешпо мехўрам аз улфати дил,
Бар нафас онна ноҳамвор аст.
Норасой қафаси шикван кист?
Хомўшӣ печиши сад тўмор аст.
Ғунчаро хандаю парвоз якест,
Боли мо дар гиреҳи минқор аст.
Чун ҷарас кош ба манзил бирасем,
Нолаи мо зи асар безор аст.
Мурда ҳам фикри қиёмат дорад,
Орамидан чи қадар душвор аст.
Бедил, аз санъати тақдир мапурс,
Зулфи ёрему шаби мо тор аст.



186333

2 — 4857

* * *

Дил монд бехису ғамат афшондабол рафт,
Ин новаки вафо ҳама ҷо пўстмол рафт.
Халқе аз ин бисот ба ваҳми гузаштагӣ,
Бе нақши по чу қофилаи моху сол рафт.
З-ин дашт гарди нокаи дигар нашуд баланд,
Ҳар маҳмиле, ки рафт, ба дўши хаёл рафт.
Зардўстон, тахияи роҳи адам кунед,
Қоруи ба зери хок паи ҷамъи мол рафт.
То эминӣ набурд зи гавҳар ҳисори мавҷ,
Сарҳо ба зонуи адам аз зери бол рафт.
Гар шарм дорӣ, аз ҳаваси ҷоҳ шарм дор,
То қатра шуд гуҳар, араќи инфиол рафт.
Бедастгоҳӣ офати осори мард нест,
Норафтанист хат, агар аз хома нол рафт.
Мавҷи гуҳар ҷӣ вокашад аз маънии муҳит.
Ҳарфе, ки доштам, ба забонҳои лол рафт.
Ашкам ба дида маҳмили андози барқ дошт,
Гуфтам, нигоҳ об диҳам, бар шуғол рафт.
Тасвири тирабахтии ман мекашид ишқ,
Аз Ҳинд то Фаранг қалам бар зуғол рафт.
Эй чинӣ, ин қадар ба таниии мун сар макаш,
Фағфур дар нодаи сози сафол рафт.
Бедил, далели мақсади иззат тавозўъ аст,
З-ин ҷода моҳи нав ба ҷаҳони камол рафт.

* * *

Ҳамчу шабнам адаб оина зидудан будаст,
Ба ҳам овардани худ чашм кушудан будаст.
Ба хаёлот маболед, ки чун партави шамъ
Қостан тавъами иқболфузудан будаст.
Мазраи коғази оташзада сероб кунед,
Тухмҳое, ки ҳавас кошт, дурудан будаст.
Қаму беш обиласомони талоши ҳавасем,
Дастранҷи ҳама кас дархури судан будаст.
Ғафлат оинаи таҳқиқи ҷаҳон равшан кард,
Он чи мо занг шумурдем, зидудан будаст.
Сурманишонии хат пардадари маънихост,
Хомуши нағмаи асрори сурудан будаст.
Мавҷи ин баҳр нашуд эмин аз андӯҳи гуҳар,
Ҳами дӯши мижа аз бор ғунудан будаст.
Бо ҳама ҷаҳли расо дар ҳаққи донони хеш
Ҳарфи пуче, ки надорем, сутудан будаст.
З-ин камоле, ки хиҷолаткаши сад нуқсон аст,
Ҷуз нуҳуфтан чӣ сазовори намудан будаст.
Ғайри таслим дар ин арса касе пеш набурд,
Сар фикандан ба замин, гӯй рабудан будаст.
То абад шуҳрати анқо напазирад тағйир,
Мулки ҷовиди бақо ҳеҷ набудан будаст.
Сози базми адамам, лек навое, ки марост,
Номи Бедил, зи лаби ёр шунудан будаст.

* * *

Сарманзили саботи қадам ҷодасоз нест,
Лағзидаем, варна роҳи мо дароз нест.
Бар дӯши нестӣ натавон баст ланги ҷаҳд,
Рафтан зи хеш нокаи роҳи Ҳиҷоз нест.
Ташвиши интизори қиёмат қиёмат аст,
Моро димоғи ин ҳама иброми ноз нест.
Мижгон ба ҳар чи боз кунӣ, муфти ҳайрат аст,
Ишқу ҳавас ҳамин ду-се рӯз аст, боз нест.
Гар маҳрами ишораи мижгони ӯ шавӣ,
Дар сурма нағмаест, ки бо ҳеч соз нест.
Зери фалак ба коҳиши дил созу сабр кун,
Дар коргоҳи шишагарон ҷуз гудоз нест.
Нуқсони обрӯ кашу номи гуҳар мабар,
Савдогари ҷаҳони ғараз имтиёз нест.
Ҷуз ҳиммат он чӣ сози ҷаҳони таназзул аст.
Бояд нишеб кард, тасаввур фароз нест.
Мо, аҷзпешаҳо, ҳама маъшуқтинатем,
Лек он бизоате, ки тавон кард, ноз нест.
Савдои Хизр рост наёмад ба теғи ишқ,
Эсор нақди кисаи умри дароз нест.
Аҷзи нафас чӣ парда кушояд зи рози дил?
Моро нишондаанд бар он дар, ки боз нест.
Бедил, гудози дил хӯру дандон ба лаб фишор,
Бар хони ишқ даъвати нону пиёз нест.

* * *

То ҷунун накди баҳори ишратам дар чанг дошт,
Тифли ашке ҳам, ки медидам, ба домон санг дошт.
Умре аз файзи лаби хомӯш ғофил зистем,
Нағмаи айши абад ин сози беоҳанг дошт.
Бо ҳама ваҳшат ғубори домани хокему бас,
Ашк дар арзи равонӣ низ узри ланг дошт.
Аз гуҳар тӯҳматкаши афсурдан аст аҷмои баҳр,
Ҳар ки ин чо фоли роҳат зад, маро дилтанг дошт.
Пой дар доман шикастам, шуд раҳу манзил яке,
Ҷуръати рафтор дар ҳар гом сад фарсанг дошт.
Мавҷи лутф аз ҷавҳари теғи итобаш чидаем,
Ғунчаи чини ҷабинаш аз табассум ранг дошт.
Саъи ҳастӣ ҳеҷ моро барнаёвард аз адам,
Оташи мо ҳар куҷо зад шӯъла, ҷо дар санг дошт.
Қош ҳиҷрон доди ман медод, агар васле набуд,
Шамъи тасвирам, ки аз ман сӯхтан ҳам нанг дошт.
Нест ҷӯши лолаву гул ғайри афсуни баҳор,
Ҳар қадар мо ранг гардондем, ӯ найранг дошт.
Шамъро афрӯхтан дар доғи дил хобонду рафт,
Миннати сайқал чи миқдор инфиоли заңг дошт.
Нақши партав барнамедорад ҷабини офтоб,
Ғайр ҳам ӯ буд, лек аз номи Бедил нанг дошт.

* * *

З-ин гирди хон, ки серии ҳеҷ орзу нашуд,
Ҷуз лукмаи нахӯрда фишори гулӯ нашуд.
Дар киштзори ибрати имкон накоштанд
Тухме, ки поймоли ғурури нумӯ нашуд.
Сад ашку оҳ ришта ба ҳам тоб доду рафт,
Як бахья захми ҳайрати моро руфӯ нашуд.
Дар ёди турраат нафишондем боли шавқ,
Қ-аш гарди мо димоғи ҳаво мушкбу нашуд.
То вонамуд оинаи рози шабнамаш,
Гул бо дили гудохтае рӯ ба рӯ нашуд.
Гар лола ранги раз шуду гул гашт атрбез,
Оинадори анҷумани рангу бӯ нушад.
Маҳви ҳилол гашт маҳ аз шарми саҷдаам,
Оҳ аз ҷабини мо, ки дар обрӯ фурӯ нашуд.
Шарми талаб ба саъи фаро ҳам зи мо нарафт,
Хуни шаҳиди мо дияти обрӯ нашуд.
Пок омадему хок шудем, ин чи зиллат аст?
Анҷоми кори ҳеҷ кас ин ҷо накӯ нашуд.
Дар водие, ки ҷодаву манзил хаёли ӯст,
Вомондагӣ бас аст, агар ҷустуҷӯ нашуд.
Сайри баҳор ғайри тамошои ранг нест,
Моро касе надид, ки ҳайрони ӯ нашуд.
Дар ишқ нол гаштани Бедил муҳол нест,
Он кист, дил ба зулфи бутон басту мӯ нашуд?!

* * *

То зи ғайрат сари мижгон ба ҳамидан нарасад,
Он чӣ зери қадами туст, ба дидан нарасад.
Пеш аз анҷоми тамошо ҳама афсона шумор,
Дидане нест, ки охир ба шунидан нарасад.
Эй тараб, дар қафаси ғунча парешон мебош,
Субҳи мо рафт ба ҷое, ки дамидан нарасад.
Нахли яъсем, ки дар боғи тарабхези ҳавас
Самари мо ба таманнои расидан нарасад.
Бе талаб барги ду олам ҳама соз аст, аммо
Ҳирс мушкил, ки ба ранҷи талабидан нарасад.
Шарари коғазат омодаи сад парвоз аст,
Сафҳа оташ зан, агар машқи паридан нарасад.
Нашавад ҳукми қазо тобеи тадбири касе,
Ба камони фалак афсӯси кашидан нарасад.
Ҷавҳаре лозими ҳинаи урьёнӣ нест,
Домани кисвати девона ба чидан нарасад.
Маталаб бӯи сабот аз чамани ишрати даҳр,
Ҳар чӣ бар ранг танад, ҷуз ба паридан нарасад.
Шарҳи чоки ҷигар аз олами таҳрир ҷудост,
Оҳ, агар номаи ошиқ ба даридан нарасад.
Бедил, афсонаи роҳат зи нафас ҷашм мадор,
Ин насимест, ки ҳаргиз ба вазидан нарасад.

* * *

Он сабукрӯҳон, ки тан дар хоксорӣ додаанд,
Дар саводи сурмаи худ чун нигоҳ афтодаанд.
Бар хати аҷзи нафас умрест ҷавлон мекунам,
Раҳравон яксар тапишоворан ин ҷодаанд.
Ранги ҳоли сарву қумрӣ бин, ки дар гулзори даҳр
Хоксорон зери тавқу саркашон озодаанд.
Дархури забти нафас дилро саботи орзуст,
Баҳр ботамкин бувад, то мавҷҳо истодаанд.
Мумсиконро дар мудоро нармрӯ фаҳмидаанд,
Лек дар сахтӣ чу пистони зани нозодаанд.
Нақши мардӣ об шуд аз нанги ин зантинатон,
Қ-аз натоиҷ риш мезоянд, аз бас модаанд.
Дар дабистони ҷаҳон аз̆баски дарси ғафлат аст,
Халқ чун мавҷи мазор аз нақши ибрат садаанд.
Бе тавофи дил мадон моро, ки аз худ рафтагон
Ҳамчу ҳайрат бар дари оинаҳо афтодаанд.
Хоки ҳастӣ як қалам бар боди парвози фаност,
Ғофилон маҳви бар об афкандани саҷҷодаанд.
Ишқ дар ҳар парда оҳанге дигар мепарварад,
Ҷому мино ҷумла гӯёву хамӯшӣ бодаанд.
Ҳамчу Бедил зарра то хуршеди ин ҳасратсаро
Чашми шавқе дар суроғи ҷилвае сар додаанд.

* * *

Ҳамарост о-ни чаман орзу, ки ба коми дил самаре расад,
Ману парфишонии ҳасрате, ки зи номи гул ба саре расад.
Чӣ қадар зи миннати қосидон бигудозадам дили нотавон,
Ба бари ту номабари худам, агарам чу ранги паре расад.
Нигоҳе накарда зи худ сафар, зи камоли худ чи барад асар,
Биравем дар паят он қадар, ки ба мо зи хабаре расад
Шарари табиати ошиқон ба фусурдагӣ надиҳад инон,
Таби мавҷи мо набарӣ гумон, ки ба сахтан гуҳаре расад.
Ба кадом ойна ҷавҳаре кашам илтифоте аз он парӣ»
Магар илтимоси гудози ман ба қабули шишагаре расад.
Ба талоши маънии нозукам, ки дар ин қаламрави имтиҳон
Нарасам агар мани нотавон, суханам ба мӯкамаре расад.
Зи муомилоти ҷаҳони кад ~~ баро, к-аз ин ҳама дому дад
Афафи саге ба саге хурад, лагади харе ба харе расад.
Ба чунин ҷунункадаи ситам зи тазаллуми ту кирост ғам,
Ба ҳазор хун тапад аз алам, ки раге ба нештаре расад.
Ҳама ҷост шавқи тарабкамин зи видои ғунча гул офарин,
Ту агар зи худ равӣ инчунин, ба ту аз ту хубтаре расад.
Ба ҳазор кӯча давидаам, ба тасаллие аз нарасидаам,
Зи қади хамида шунидаам, ки чу ҳалқа шуд ба даре расад.
Зи камоли назми фусунасар бигудохт Бедили бехабар,
Чи қиёмат аст бар он хунар, ки ба ҳамчу беҳунаре расад.

* * *

Ҳиммате гар ҳаст, пое бар сари дунъё занед,
Ҳамчу гардун хаймае дар олами боло занед.
Хонапарзодӣ намебояд паи ороми ҷисм,
Ин ғубори рафтаро дар домани саҳро занед.
Нест сози офият дар маҳфили гуфту шунуд,
Гӯш агар боз аст, боре қуфл бар лабҳо занед.
Метавон Фарҳод шуд, гар Бесутун натвон шудан,
Тег агар бар сар набошад, тешае бар по занед.
Шӯҳрати мавҳуми нанги бенишонӣ то ба кай?
Оташи гумномие дар шаҳпари Анқо занед.
Нақди роҳат бурдаанд аз кисагоҳи зиндагӣ,
Баъд аз ин чун шӯъла дар хокистари худ во занед.
Хоки саҳрои фано хумхонаи ҷӯши бақост,
Як қалам соҳил шаведу соғари дарьё занед.
Куштаи теғи нигоҳи лоларӯёнем мо,
Шамъи доғе бар сари лавҳи мазори мо занед.
Базми моро ғайри қулқул мутрибе даркор нест,
Соқиён, дасте ба сози гардани мино занед.
Бекарорӣ ҳамчу ашк аз дидаҳо афтодан аст,
Ҳалқае чун доғ бояд бар дари дилҳо занед.
Ҳасрати май гар набошад, нест ташвиши хумор,
Бишканед имрӯз ҷому санг бар фардо занед.
Мисраи оҳе, ки гардад аз шикасти дил баланд,
Гар фитад мавзун, ба гӯши Бедили шайдо занед.

* * *

Зиндагӣ афсурд, фолӣ шӯхии савдо занед.
Интихоби оламошӯбе аз ин аҷзо занед.
Чанд чун гирдоб бояд буд маҳви печу тоб
Бар умеди соҳиле чун мавҷ дасту по занед.
Бар фурӯғи шамъ бедоди нафас теғ асту бас,
Чанд чун зангор бар оинаи дилҳо занед?
Шӯри тӯфони ҳаводис бар муҳит афтодааст,
Баъд аз ин чун мавҷи май бар киштии саҳбо занед.
Боз оғӯши дами теғе муҳайё кардаем,
Хандае аз бахъя мебояд ба захми мо занед.
Ҷилва дар кор аст, ғафлат чанд, эй беҳосилон,
Чашми хоболуди худро як-ду мижгон по занед.
Роҳате гар ҳаст, дар оғӯши тарки муддаост,
Эҳтиёҷ ошубҳо дорад, ба истиғно занед.
Сайри найранги ҷаҳон вақфи тағофул хуштар аст,
Наъли вожуне ба пои дидаи бино занед.
Шуъласон чанд аз раги гардан алам афроштан,
Сиккаи афтодагӣ як раҳ чу нақши по занед.
Бастани мижгон ба чандин шамъ домани мезанад,
Як шабехуне бар сафи андешаи дунё занед.
Аз пари Анқо садое мерасад, к-эй ғофилон,
Мавҷ бисёр аст, агар беруни ин дарё занед.
Маънии ороми Бедил метавон маълум кард,
Гар ба ранги мавҷ бар қалби тапидинҳо занед.

* * *

Шавкати шоҳиям аз файзи ҷунун дар қадам аст.
Чашмзахме нарасад, обила ҳам ҷоми Ҷам аст.
Тоби улфат натавон ёфт ба сарриштаи умр,
Субҳи ваҳшатзадаро ҷӯши нафас гарди рам аст.

Куфру дин дар гиреҳи печу хами якдигаранд,
Зулмату нур чу оинаву ҷавҳар ба ҳам аст.
Мо, ҷунуншефтагон, уммати ошуфтагием,
Вазъи моро ба сари зулфи парешон қасам аст.
Хӯни маъшуқ аз оинаи ошиқ дарьёб,
Тинати барҳаман аз оташи санги санам аст.
Қина дар табъи мулоим накунад нашъу намо,
Фориғ аз ҷӯши ғубор аст замине, ки нам аст.
Чок дар ҷайби ҳаётам зи табассум мафикан,
Раги ин барги гулам ҷодаи роҳи адам аст.

Он қадар нест дар ин арса намоёи гаштан,
Сари мӯе агар аз хеш барой алам аст.
Марг шояд дил аз асбоби ҳавас бардорад,
Варна дар мулки нафас софии оина кам аст.
Раҳм бар шабнами мо кун, ки дар ин ибратгоҳ
Об гардидану аз худ нагузаштан ситам аст.
Дида дар хоби адам ҳам мижа бар ҳам назанад,
Гар бидонад, ки тамошо чӣ қадар муғтанам аст.
Ҳуси бе машқи тааммул нагузашт аз дили мо,
Сафҳаи ҳайрати оина аҷаб хушқалам аст.
Нафаси субҳ зи шабнам ба тааммул нарасад,
Риштаи умр зи ашкам ба гиреҳ муттаҳам аст.
Меҷакад саҷда зи симон намудам, Бедил,
Шоҳиди ҳоли ман оинаи нақши қадам аст.

* * *

Маҳрами ҳусни азал андешаи бегона нест,
Ранг мегардад ба гирди шамъ, то парвона нест.
Аз нафасҳо нолаи занҷир меояд ба гӯш,
Дар ҷунунободи ҳастӣ ҳеҷ кас фарзона нест.
Баски ёдат медиҳад паймонаи беҳушиям,
Ашк ҳам дар дидаам бе лағзиши мастона нест.
Ғайри ваҳшат кист, то гардад муқими хонаам,
Сел ҳам беш аз даме меҳмони ин вайрона нест.
Гирьяи шабнам паи тасхири гул беҳудааст,
Тоирони рангро парвои обу дона нест.
Баҳра аз касби маориф кам расад бемағзро,
Сархушӣ аз нашъаи май қисмати паймона нест.
Сели ашкам дар дили шабнам нафас дуздидааст,
Аз заифӣ нола дар занҷири ин девона нест.
Зинҳор эмин мабош аз золими кӯтоҳдаст,
Мешикофад сангро он арра, к-аш дандона нест.
Ҳаргиз афсуни мижа бар ҳам задан нашнидаем,
Мо, сияҳбахтон, шабе дорем, лек афсона нест.
Шӯри мо чун риштаи соз аз забони нестист,
Нағмаҳо менолад, аммо ҳеҷ кас дар хона нест.
Умрҳо шуд сурмагарди чашми ӯ гардидаем,
Мастинишо номаи мо бе хати паймона нест.
Ишратам, Бедил, на бар як давр мавқуф асту бас,
Ранг хоҳад субҳа гардонид, агар паймона нест.

* * *

Чун теғ зи сар даргузарад, олами об аст.
Ошиқ ба чӣ уммед занад фоли тамошо,
Дар олами найранги ту то чилва ниқоб аст.
Як ғунчаи бедор надорад чамани дахр,
Шохи гули ин боғ саропо раги хоб аст.
Мо ғарқаи тӯфони хаёлем, вагарна
Ин бахр тунукмоятар аз мавчи сароб аст.
Як дидаи тар беш надорем чу шабнам,
Дар қофилаи мо хама миной гулоб аст.
Парвонаи комиладаби пои чароғем,
Дар кишвари мо болу пари рехта боб аст.
Фурсатталабӣ лозими анчоми вафо нест,
То бисмили мо гарми тапиш гашт, кабоб аст.
Бе мағз бувад донаи кишти амали дахр,
Дар риштаи мавч ар гухаре хаст, хубоб аст.
Ибраттахи имкон набувад чои иқомат,
Дар дида нигахро хама дам по ба рикоб аст.
Дар ишқ ба маъмурии дил ғарра мабошед,
Хар чо қадами сел расидаст, хароб аст.
Бедории бахтам зи гули обилаи пост,
То ғунча бувад, дидаи уммед ба хоб аст.
Чун чавхари оина зи хайрат хама хушкем,
Харчанд рагу решаи мо дар дили об аст.
Чуз сӯзу гудоз аз пари парвона нахондем;
Ин сафхаи оташзада чузви чӣ китоб аст.
Бедил, зи суханхои ту маст аст шунидан,
Тархи ки забони қаламат мавчи шароб аст.

* * *

Ҳеҷ кас ҷуз яъс ғамхори мани девона нест,
Бар чароғи доғ ғайр аз сӯхтан парвона нест.
Чашман доғе ба завқи сӯхтан ҷӯшидаем,
Об ҷун хуршед ғайр аз оташам дар хона нест.
Қай шавад барқи нигаҳ доманшикастанҳои ашк,
Рафтан аз хеш аст ин ҷо, бозии тифлона нест.
Шеваи Маҷнун зи вазъи номдорон равшан аст,
Санг бар сар кай занад хотам, агар девона нест.
Умрҳо шуд, дар хаёли нафйи ҳастӣ сархушем,
Бодаи мо ҷуз гудози шишаву паймона нест.
Ҳар нафас фурсат паёми муждаи дидори ӯст,
Сад мижа бар хоб по бояд задан, афсона нест.
Дил ба андози ғубори нола аз худ рафтааст,
Решаи мо ҳар қадар бар хеш болад, дона нест.
Доғи найранги тағофулмашрабиҳои дилам,
Оламе ноошно мегардаду бегона нест.
Эй ҳуҷуми бехудӣ, раҳме, ки дар забти шуур
Лағзиши вомондаи мо он қадар мастона нест.
Бедил, арбоби тамошо аз таҳайюр нагсиланд,
Чашмро ғайр аз нигаҳ пайдост, шамъи хона нест.

* * *

Базми тасаввури ту кудурати аёғ нест,
Яъне чу мардумак шаби мо бе чароғ нест.
Саргаштагон ба нақши қадам сар кашидаанд,
Дар коргоҳи шӯълаи ҷаввола доғ нест.
Ҷайби нафас шикоф, чӣ хилват, чӣ анҷуман,
Аз ҳеҷ кас буруни ғуборат суроғ нест.
Гул дар барему бода ба соғар, вале чӣ суд?
Дар машраби хаёлпарастон димоғ нест.
То зиндаӣ ҳамин ба тапиш созу сабр кун,
Эй бехабар, нафас сару барги фароғ нест.
Аз баргу сози олами таҳқиқи мо мапурс,
Умрест ранг мепараду гул ба боғ нест.
Бедил, ҷунуни мо ба бисоти ҷаҳон насохт,
Маҳтоб пунба дораду манзури доғ нест.

* * *

Гул кардани ҳавас зи дили соф тўҳмат аст,
Мавҷу ҳубоби чашмаи оина ҳайрат аст.
Моро, ки бастани мижа бошад далели ҳуш,
Чашми кушода оинаи хоби ғафлат аст.
Ин аст агар ҳақиқати асбоби эътибор,
Нагзаштанат зи ҳастии мавҳум ҳиммат аст.
З-ин ибрате, ки зиндагияш ном кардаанд,
То сар ба зери хок надуздӣ, хиҷолат аст.
Бар дўши умр чанд кашӣ маҳмили амал,
Эй бехабар, шарар чӣ қадар роми фурсат аст.
Ом аст баски нисбати берабтии ҷаҳон,
Мижгон ба хоб агар ба ҳам орӣ, ғанимат аст.
Зинҳор аз илтифоти азизон ҳазар кунед,
Бемор зулмкуштаи аҳли аёдат аст.
Машкан ба шўхии нафас оинаи намуд,
Хомўшии ҳубоб тилисми саломат аст.
Фарш аст файзи ҳар ду ҷаҳон дар сафои дил,
Оина аз қаламрави субҳи саодат аст.
Гарди баланду пасти нафас гар равад ба бод,
Бому дари биное ҳавас ҷумла рифъат аст.
Умрест, дил ба ғафлати худ гиръя мекунад,
Ин номаи сиёҳ чӣ қадар абри раҳмат аст.
Бедил, ба ёди маҳшар агар хун шавам, баҷост,
Бозам дили шикаста дамидаи қиёмат аст.

* * *

Дил умрҳост оина тартиб додааст,
Машке ниёзи ҷилва, ки ин сафҳа сода аст.
То дида саҷдае ба хаёлат адо кунад,
Сад сар ба кисвати мижа гардан ниҳодааст.
Аз маҳви ҷилва гар ҳама тимсол баркашад,
Ҳайрат мақоми ҷавҳари оина додааст.
Заҳматкаши ситамкадаи нотавониям,
Бори ҷаҳон чу соя ба дӯшам фитодааст.
Дар арсае, ки Рахши хиромат ҷунун кунад,
Гул гар савори ранг бароянд, пиёда аст.
Моро хаёли он мижа афсуни бехудист,
Аз решаҳои ток магӯ, мавҷи бода аст.
Гӯ, танг бош дидаи хиссатнигоҳи ақл,
Дасти ҷунуну домани саҳро кушода аст.
Аҷзу ғурури халқ гар оянд ба имтиҳон,
Парвозҳои зарра зи гардун зиёда аст.
Машқи ситам зи синаи золим намеравад,
Зӯри камон даме, ки намонад, кабода аст.
Бедил, чу шамъ бар хати таслим хок шав,
Эй паршикаста, дар қафас оташ фитодааст!

* * *

Нишастаем ба ёдат зи гирья танг дар об,
Шикастаем чу гавҳар ҳазор ранг дар об.
Ҳамин на тоқатам аз гирья доғи худдорист,
Нашуст даст зи тамкин қадом санг дар об.
Дари мулоиматӣ зан, зи ҳосид эмин бош,
Ки шӯъларо ба хасу хор нест ҷанг дар об.
Қирост бар лаби ҷӯ орзуи мутрибу май,
Шикастааст навоҳои мавҷ чанг дар об.
Қашид шӯълаи дил сар зи ҷайби ашк охир,
Муҳол бувад нуҳуфтан думи наҳанг дар об.
Зи сахтҷонии худ бе ту дар шаби ҳиҷрон,
Нишаста дар араҳи хиҷлатам чу санг дар об.
Нагашт шӯълаи ҳуснат кам аз ҳуҷуми арақ,
Чӣ сон ҷудо шавад аз барги лола ранг дар об.
Зи гирья хоки ҷаҳон бе ту додаем ба бод,
Ҳанӯз чун мижаҳо мезанем чанг дар об.
Замона мавсими тӯфони Нӯҳро монад,
Ки ғарқа аст ҷаҳоне зи ному нанг дар об.
Ҳама ғазанфари вақтем, то ба ҷои худем,
Вагарна моҳии соҳил бувад паланг дар об.
Зи мавҷи гирьяи ман оламе чаманҷӯш аст,
Фикандаам моҳии соҳил бувад паланг дар об.
Зи инфиоли гунаҳ нолаам арақнафас аст,
Чу мавҷ сустпарӣ мекунад хаданг дар об.
Ба ҳар чӣ менигарам, ҳасти ваҳмпаймоист,
Фитодааст дар ин рӯзгор банг дар об.
Аз ин муҳит касе бурд обрӯ, Бедил,
Ки чун гуҳар нафаси худ гирифт танг дар об.

* * *

З-он нашъа, ки кулкул ба лаби шиша давонад,
Сад ранг сарири каламам реша давонад.
Чун шамъ агар сӯхт сару барги нигоҳам,
Хокистари ман шӯъла дар андеша давонад.
Аз ишку ҳавас чора надорам, чӣ тавон кард?
Саъи нафас аст ин, ки ба ҳар пеша давонад.
Хору хаси авҳом гирифтаст ҷаҳонро,
Ку барк, ки як реша дар ин беша давонад.
Дар сози вафо нохуни тадбир дигар нест,
Фарҳод ҳамон бар сари худ теша давонад.
Он ҷо ки хаёлат чаманорои ҳузур аст,
Мижгон ба сад андози нигаҳ реша давонад.
Дар базми ту шамъе ба гудоз омада, вакт аст,
Ранге ба рухам ғайрати ҳампеша давонад.
Маҳв аст ба хомӯшии мастони нигоҳат
Шӯре, ки нафас дар нафаси шиша давонад.
Бедил, гуҳари назм касеро́ст, ки имрӯз
Дар баҳри ғазал завраки андеша давонад.

* * *

Хирад ба ишқ кунад ҳиласози ҷангу гурезад,
Чу ҳез теғи ҳариф оварад ба чангу гурезад.
Ба нанги мард аз ин бештар гумон натавон бурд,
Қиёмате, ки ба зеҳ бошадаш хадангу гурезад.
Нигорхонаи имкон ба ваҳшатест, ки гардун,
Кашад зи рӯзу шабаш сурати палангу гурезад.
Канори ами маҷӯед аз он муҳит, ки мавҷаш
Зи ҷайби худ бадар орад сари наҳангу гурезад.
Аз ин қаламрави ҳайрат чӣ мумкин аст раҳой,
Магар касе қадам иншо кунад зи рангу гурезад.
Зи инс тарф набастам ба қайди олами сурат,
Чу мӯъмине, ки дилаш гирад аз фарангу гурезад.
Дили рамидаи ошиқ баҳонаҷӯст ба ранге,
Ки шиша гар шиканӣ, бишнавад тарангу гурезад.
Сипандвор фитодаст умри наъл дар оташ,
Ба ҳуш бош, мабодо занад шалангу гурезад.
Қадом сел ниҳодаст рӯ ба хонаи чашмам,
Ки ашк обила бандад ба пои лангу гурезад.
Рамиданиист зи шӯри замона рӯ ба қафоям,
Чу кӯдаке, ки сагеро занад ба сангу гурезад.
Махон ба мавҷи гуҳар қиссаи тааллуқи Бедил,
Мабод чун нафас аз дил шавад ба тангу гурезад.

* * *

Ваҳшати моро таоллуқ ром натвонист кард,
Бодаи мо ҳеҷ кас дар ҷом натвонист кард.
Дар адам ҳам кисмати хокам ҳамон оворагист,
Марг огози маро анҷом натвонист кард.
Раҳм кун бар ҳоли маҳруме, ки монанди сипанд
Сӯхт, аммо нолае пайғом натвонист кард.
Бенишонам, лек боле аз забонҳо мезанам,
Эй хуш он Анқо, ки сози ном натвонист кард.
Орзу хун шуд, зи истиғнои маъшуқон мапурс,
Ман дуоҳо кардам, ӯ дашном натвонист кард.
Дар ҷунун бигзашт умри зулфу он чашми сиёҳ
Як илоҷ аз равғани бодом натвонист кард.
Умрҳо пар зад нафас, аммо ба улфатгоҳи дил
Мурғи мо парвоз ҷуз дар дом натвонист кард.
Боди субҳе дошт тавфи домани, аммо чӣ суд?
Гарди моро ҷомаи эҳром натвонист кард.
Нашъа хоҳӣ, об кун дилро, ки ин ҷо ҳеҷ кас
Бе гудози шиша май дар ҷом натвонист кард.
Дар ҷунунзоре, ки мо ҳасраткамини роҳатем,
Осмон ҳам як нафас ором натвонист кард.
Гар дилат соф аст, аз макрӯҳии дунъё чӣ бок?
Қубҳи шахс оинаро бадном натвонист кард.
Об зад, Бедил, ба роҳаш умрҳо чашми тарам,
Он ситамгар як нигаҳ инъом натвонист кард.

* * *

Халқест парокандаи саъи ҳавасе чанд,
Парвози ҷунун карда ба боли магасе чанд.
Қарру фари абнои замон ҳеҷ надорад
Ҷуз он ки гусастаст фисору марасе чанд.
Кӯк аст ба афсурдагӣ иқболи хасисон,
Дар оташи ёқут фитодаст хасе чанд.
Чун субҳа зи бас ҷодаи таҳқиқ ниҳон аст,
Доранд қадам бар сари ҳам пешу пасе чанд.
Бо зумраи аҷлоф насозад, чӣ кунад кас?
Ин олами пуч асту ҳамин ҳеҷ касе чанд.
Дар гарди мазорот суроғест, бифаҳмед,
Пайгумшудани қофилаи бе ҷарасе чанд.
Тарки адаб ин бас, ки асирони муҳаббат
Минқор кушуданд зи чоки қафасе чанд.
Бурдаст зи иқболи ду олам гарави ноз
Пое, ки дароз аст, зи бе дастрасе чанд.
Не дайр парастему на масҷид, на харобот,
Гарм аст ҳамин сӯҳбати мо бо нафасе чанд.
Бедил, ба арақ шустаам аз шарм фузулӣ,
Мактуби нафас дошт ҷунунмултамасе чанд.

* * *

Зи иброми талаб навмедиям охир ба чанг омад,
Дуо азбас гаронӣ кард, дастам зери санг омад.
Зи саъи ҳарзачавлон ранҷҳо бурдам дар ин водӣ,
Зи пояи хор агар омад бурун, аз пои ланг омад.
Ба ранги субҳ эҳроми чӣ гулшан доштам, е раб,
Ки андози хиромам дар назар пур нимранг омад.
Таҳайюрбисмили таъсири он мижгони хунрезам,
Ки аз тавфаш нигаҳ то сӯи ман омад, хаданг омад.
Ба истиқболам аз ёди нигоҳи кофаронаш
Қиёмат омад, ошӯби парӣ омад, фаранг омад.
Ғуборе доштам дар хомаи наққоши мавҳуме,
Шикаст аз доманаш гул карду тасвирам ба ранг омад.
Ба афсуни вафо охир ғами ӯ кард мамнунам,
Ки аз дил дер рафт, аммо чу омад, бедаранг омад.
Ба эҳсонҳои беҷо хоҷа менозад, намедонад,
Ки Хизри нашъаи тавфиқаш аз саҳрои банг омад.
Шикасти дил намедидам, нафас гар ҷамъ мекардам,
Ба ранги ғунча ин муштам ба хотир баъди ҷанг омад.
Ба боди нестӣ рав, то шавӣ аз зиндагӣ эмин,
Ба осонӣ бурун натвон зи коми ин наҳанг омад.
Ду рӯзе тарф бо дил ҳам бубастам чун нафас, Бедил,
Бар ин тимсол охир хонаи оина танг омад.

* * *

Суроғат аз чамани кибриё кӣ мепурсад?
Ба ваҳм гард кун он ҷо, туро кӣ мепурсад?
Муомилоти нафас ҳар нафас задан пок аст,
Ҳисоби муддати чуну чаро кӣ мепурсад?
Ҷаҳон муҳосиби хеш аст, зоҳидон, маъзур,
Хатои мо зи савоби шумо кӣ мепурсад?
Қарам каламрави афв аст, ранҷи яъс макаш.
Ба корхонаи шарм аз хато кӣ мепурсад?
Гирифтаем ҳама домани зимингирӣ,
Раҳи талош ба' ин дасту по кӣ мепурсад?
Далели мақсади ашки чакида мижгон нест,
Фитодагибаладем, аз асо ки мепурсад?
Дар ин ҳадиқа чу шабнам нишастаем ҳама,
Суроғи хонаи хуршед то кӣ мепурсад?
Ба ҳоли пайкари беҷон гиристан дорад,
Маро даме ки ту гаштӣ ҷудо, кӣ мепурсад?
Ғубори дашти адам сахт бе пару бол аст,
Агар ту по назанӣ, ҳоли мо кӣ мепурсад?
Ҷавоби хуни шаҳидон тағофулат кофист,
Ҷабин мадеҳ ба арақ, аз ҳаё кӣ мепурсад?
Дамида шашҷиҳат иқболи офтоби азал,
Зи тирарӯзии боми ҳумо кӣ мепурсад?
Чи оливу чӣ данӣ аз хаёли ғайр барист,
Ғами муомилаи сар зи по кӣ мепурсад?
Зи дил ҳақиқати радду қабул пурсидам,
Ба ханда гуфт: бирав ё биё, кӣ мепурсад?
Чӣ нисбат аст ба хуршед зарраро, Бедил,
Ба оламе, ки ту бошӣ, маро кӣ мепурсад?

* * *

Ба саъи яъси нафас хомуши баён гардид,
Ба худ шикастани дил сурман фиғон гардид.
Дар ин замони зи бас табъи дун ривоҷ гирифт,
Иноии касби камолот суи нон гардид.
Гуҳар ба иллати худдорӣ аз муҳит ҷудост,
Набоид ин ҳама бар табъҳо гарон гардид.
Баҳор чашмаки ранге нисори ваҳшат кард,
Шарори қоғази мо низ гулфишон гардид.
Чу шӯъла ваҳшати мо ҳиласози офиятест,
Ба ҳар куҷо пари мо рехт, ошьён гардид.
Дар он бисот, ки дил маҳмили тапиш орост,
Шикастани ҷарасе ашки корвон гардид.
Чу субҳ нимнафас гар зи зиндагӣ боқист,
Бурун зи гарди кудурат наметавон гардид.
Ба рӯзгор масал гашт безабонии ман,
Хамӯшӣ он ҳама хун шуд, ки достон гардид.
Ҷаҳони ҳодиса аз вазъи ман гирифт сабақ,
Ба қадри гардиши ранги ман осмон гардид.
Чу тифли ашк мапурс аз расони табъам,
Зи худ гузаштам, агар дарси ман равон гардид.
Адамсуроғи ҷаҳонитаҳайюрам, Бедил,
Ғубори ман ба ҳавои ки нотавон гардид.

* * *

Дил ба зулфи ёр ҳам ором натвонист кард,
Ин мусофир манзиле дар шом натвонист кард.
Ҷӯши хат бо он фусуни дастгоҳи дилбарӣ
Ваҳшии ҳусни бутонро ром натвонист кард.
Бо ҳама шӯре, ки вақфи пистаи хандонӣ ӯст,
Рафъи талхиҳои он бодом натвонист кард.
Ҳамчу ман аз сарнагунӣ толее дорад ҳубоб,
К-аз хуми дарьё мае дар ҷом натвонист кард.
Нест дар баҳри муҳаббат ҷуз дили бетоби ман,
Моҳие, к-аз фалс фарқи дом натвонист кард.
Мушти хоки ман ҳавопарварди ҷавлони ту буд,
Поймолам гардиши айём натвонист кард.
Чарх, гӯ, мафреб аз ҷоҳам ки саъи боғбон
Пухтагиҳои самарро хом натвонист кард.
Ҳамчу шабнам з-ин гулистон баски ваҳшат мекашам,
Об дар оинаи ором натвонист кард.
Мавҷи гавҳар бо ҳама хушки нашуд муҳтоҷи об,
Табъи истиғноназар ибром натвонист кард.
Нолаҳо дар дил фусурд, аммо набаст эҳром лаб,
Гарди ин кошона сайри бом натвонист кард.
Ахгари мо шӯри хокистар дамонд аз сухтан,
Ин нигин шуд хоку тарки ном натвонист кард.
Сӯхт, Бедил, ғофил аз худ шӯълаи тасвири мо,
Як шарар барқи нигоҳе вом натвонист кард.

* * *

Чун шафақ аз ранги хунам ҳеҷ кас гулчин нашуд,
Нохуне ҳам з-ин ҳинои бенамак рангин нашуд.
Аз азал мағзи сари ман пунбаи гӯши ман аст,
Баҳри хоби ғафлати ман дарди сар болин нашуд.
Дар муҳите, к-истиқомат сайди доми мавҷ буд,
Гавҳари бетоқати мо маҳрами тамкин нашуд.
Бе лабат аз оби ҳайвон Хизр хунҳо мехӯрад,
То чаро аз хоксорони хати мушкин нашуд.
Нози ҳастӣ дар тамошохонаи дил айб нест,
Кист дар сайри баҳор аз оина худбин нашуд.
Бе ҷигар хӯрдан баҳори тарз натвон тоза кард,
Ғӯта то дар хун назад фитрат, сухан рангин нашуд.
Чашмзахмам то ба руи теғи ӯ воъ кардаанд,
Аз равонӣ мавҷи хунро чун нигаҳ таскин нашуд.
Доғам аз ворастагиҳои дуои беасар,
К-аз фусуни муддао миннаткаши омин нашуд.
Оқил аз вазъи залолат огаҳӣ аз каф надод,
Бехирад аз куфр ҳам бигзашту аҳли дин нашуд.
Ҳиммати ворастагон вомондан асбоб нест,
З-ихтилоти санг парвози шарар сангин нашуд.
Баски моро офият оинадори офат аст,
Ошьён ҳам ҷуз фишори панҷаи шоҳин нашуд.
Ҳар қадар, Бедил, димоғи саъи роҳат сӯхтам,
Ҳамчу оташ ҷуз ҳамои хокистарам болин нашуд.

* * *

То сози нафасҳо ками мизроб нагирад,
Оҳанги ҷунун домани одоб нагирад.
Ошиқ, ки биноят ҳама бар дӯши харобист,
Чун дида чаро хона ба селоб нагирад?
Бар пои ту гар боз шавад дидаи маҳмал,
Чун оина ҳаргиз хабар аз хоб нагирад.
Чун реги равон дар сафари дашти таваккул
Бояд қадаҳи обила ҳам об нагирад.
Бекинаам аз халқ ба ранге, ки чу ёқут
Мӯ аз асари оташи ман тоб нагирад.
Дарвешии ман сархуши саҳбои тасаллост,
Соҳил қадаҳ аз гардиши гирдоб нагирад.
З-ин хоби гумон во нашавад чашми яқинат,
Аз теғи аҷал то ба гулӯ об нагирад.
Ғафлат ба камини дами пирист, ҳазар кун,
К-аз партави субҳат ба шакар хоб нагирад.
Охир ба гуҳар маҳв шавад печу хами мавҷ,
То чанд дил аз олами асбоб нагирад.
Бедил, ба ибодаткадаи аҷзпарастӣ
Ҷуз нақши кафи пои ту меҳроб нагирад.

* * *

Субҳе ба гўши ибратам аз дил садо расид,
Қ-эй бехабар, ба мо бирасид, он кй ворасид.
Дарьёст қатрае, ки ба дарьё расидааст,
Чуз мо касе дигар натавонад ба мо расид.
Саъи нафас зи дил сари мўе бирафт пеш,
Ҷое, ки кас намерасад, ин нораcо расид.
Музди фусурдане, ки ба хокам қадам занад,
Еди қадат ба сайри баҳорам асо расид.
Осудагӣ ба хокнишинон мусаллам аст,
Ин ҳарфам аз садои нан бурьё расид.
Дуньё, ки тоҷи качкулаҳои нақши пои ўст,
Бар мо ғубор рехт, ки то пушти по расид.
Табъи туро мабод фузули ҳавас кунад
Мероси сояе, ки зи боли ҳумо расид.
Ушшоқ дигар аз кӣ вафо орзу кунанд,
Дил низ рафта-рафта ба он бевафо расид.
Чун нолае, ки бигзарад аз банд банди най,
Сад ҷо нишаст ҳасрати дил, то ба мо расид.
То водии ғубори нафас тай намешавад,
Натвон ба мақсади дили бемуддао расид.
Бар ғафлат — инфиолу ба огоҳӣ — инбисот,
Бар ҳар кӣ ҳар чӣ мерасад, аз мустафо расид.
Аз худ гузаштанест фалактози нигоҳ,
То нагзарӣ зи худ , натавон ҳеч ҷо расид.
Хуни диле ба дидаи Бедил магар намонд,
Қ-аз баҳри пойбўси ту ранги ҳино расид.

* * *

Шаб, ки аз шавқи ту парвозам бахорохаиг буд,
Устухон ҳам дар танам чун шамъ мағзи ранг буд.
Хоби роҳат бохт охир дил ба афсуни сафо,
Дошт мижгоне ба ҳам, оина то дар занг буд.
Дар ҷаҳони бетамизӣ сулҳ ҳам мавҷуд нест.
Сабру кушишро тааммул арсагоҳи ҷанг буд.
Нақди роҳат мешуморад гарди аз худ рафтанам,
Ҳамчу оташ бистари нозам шикасти ранг буд.
Ашк аз ларзидане бар души сад мижгон гузашт,
Қатъи чандин ҷода поандози узри ланг буд.
Тирабахтӣ сурман кому забонии кас мабод,
Чанги гесӯ ҳам ба чандин тор беоҳанг буд.
Шӯхии мижгонат аз хоби гарон сар барнадошт,
Панҷаи ин золими бебок зери санг буд.
Булбули моро ҳамин парвози ибрат ғунча нест,
Нола ҳам минқор шуд, азбаски гулшан танг буд.
Мурдаам, аммо хиҷолат аз мазорам медамад,
Дур аз он дар хок гаштан ҳам ғубори нанг буд.
Қайди дил, Бедил, нафасро хазрасанчи ваҳм кард,
Шӯхии нози парӣ бар шишаи мо санг буд.

* * *

То дил ба сози замзамаи дард ворасид,
Ҳар ҷо диле шикаст, ба гӯшам садо расид.
Ҳарфи баланд кас нашунидаст зери хок,
Е раб, чи сон паёми ту дар гӯши мо расид?
Оина аз ғубори хатат ҷилваи сафост,
Пурнур дидае, ки ба ин тӯтиё расид.
Бар рангу бӯи сад чаман ошуфтагӣ навишт
З-он турра нусхае, ки ба дасти сабо расид.
Бӯсид пои ӯ араки шарми ҳастиям,
Ин қатра то муҳит ба саъи ҳаё расид.
Бе диққати нигоҳи тағофулфурӯши ҳуси
Натвон ба кунҳи матлаби ушшоқ ворасид.
Танҳо на ман ҷунунасари бӯи ваҳшатам,
Гул низ аз ин чаман ба димоғаш ҳаво расид.
Саъи ғурури шӯъла бурунгарди доғ нест,
Охир чу зулф саркашии мо ба по расид.
Қобиласар най, зи фалак шиквааt хатост,
Ғам низ неъматест, агар иштиҳо расид.
Сармояи нишоти ту рафъи таъаллуқ аст,
Аз тарки барг най ба мақоми наво расид.
Барқи шарор дидаам, аз ваҳшатам мапурс,
Боле фишондаам, ки надонам, куҷо расид.
Қонуни хайр бо ду ҷаҳон сози муфлисист,
Ҳар ҷо расид, аз кафи холӣ дуо расид.
Ранги парида қобили гарди суроғ нест,
Ҷое расидаем, ки натвон ба мо расид.
Бедил, ман он сиришки заифам, ки аз миҷа
То хок ҳам ба лағзиши чандин асо расид.

* * *

Аввал дари адам даҳанат боз мекунад,
То «коф»-у «нун» тахийя овоз мекунад.
Оҳанги сурхези ту дар ҳар нафас задан
Сози ҳазор олами нисоз мекунад.
Ҳар гоҳ медиҳӣ ба забон рухсати сухан,
Ҷабрил бол мезанаду ноз мекунад.
Найранги эътибори баҳори таҷаддудат,
Бо ҳам чӣ рангҳо, ки зи гул боз мекунад.
Шоми абад ба ҷайби ту сар мебарад фурӯ,
Субҳи азал нафас зи ту оғоз мекунад.
Ҳар рангу бӯ, ки медамад аз навбаҳори сунъ,
Оинаи хаёли ту пардоз мекунад.
Гар фитрати ту пар назанад дар фазои қурс,
Хоки фусурдаро кӣ фалактоз мекунад?
З-ин боғ не дамидани субҳеу не гулест,
Сеҳрофарин табассумат эъҷоз мекунад.
Ин арса то куҷо нашавад поймоли ноз,
Рахши таайюни ту таку тоз мекунад.
Рӯзу шабе дар анҷумани эътибор нест,
Чашми ту мезанад гиреҳу боз мекунад.
Бедил, таммуле, ки дар ин гулшани хаёл
Ранги шикастаи ту чӣ парвоз мекунад.

* * *

Натвон ба талош аз ғами асбоб баромад,
Гавҳар чӣ нафас сӯхт, ки аз об баромад.
Ғофил натавон буд ба хумхонаи тавфиқ
З-он ҷӯш, ки дурдӣ зи мани ноб баромад.
Хоҳ анҷуманоро шуду хоҳ онна пардохт,
Аз хонаи хуршед ҳамин тоб баромад.
Найранги нафас шӯри ду олам ба адам баст,
Дар соз набуд, ин ки зи мизроб баромад.
Эй дидаварон, чораи ҳайрат чӣ хаёл аст,
Оина абас толиби симоб баромад.
Аз соҳили ин баҳр забон мекашад оташ,
Киштӣ ба чӣ уммед зи гирдоб баромад.
Беш аз ҳама дар олами ғайрат хиҷолам кард
Он кор, ки бе миннати аҳбоб баромад.
Ин дашт зи бас мунфаили кӯшиши мо буд,
Хоке, ки бар он даст задем, об баромад.
З-ин боғ ба кайфияти ранге нарасидем,
Дарьё ҳама як гавҳари ноёб баромад.
Пайдоии ӯ сарфаи мавҳумии мо нест,
Бо соя магӯед, ки маҳтоб баромад.
З-он гармии нозе, ки дамид аз кафи пояш,
Махмал арақе кард, ки аз хоб баромад.
Бедил, чу маҳи нав ба суҷуди ки хамидӣ,
К-имрӯз чароғи ту зи меҳроб баромад.

* * *

Шаб, ки аз ҷӯши ҳаёлат базми гулшан танг буд,
Бар ҳаво чун накҳати гул ошьёни ранг буд.
Баъд аз ин аз соя бояд диди арзи афтооб,
То тағофул дошт ҳусн, оинаҳо дар занг буд.
Қас намегардад ҳарифи маънн аз худ рафтагон,
Ғунча ҳам умре ба забти домани дил чанг буд.
Навҳа тӯфон кард дар ҷо, нағма сар кардем мо,
Сози моро ҳайрбоди айш пешоҳанг буд.
Ҳар қадар асбоби дуньё беш, сози ваҳми беш,
Мазраи ҳар кас дар ин ҷо сабз дидам, банг буд.
Ноларо мо аз гудози шиша мавзун кардаем,
Пеш аз ин ҳам нағма овози шикасти ранг буд.
Нотавонӣ барнаёвард аз тилисми ҳайратам,
Ҳамчу мавҷи гавҳарам як гом сад фарсанг буд.
Ҳар бунн мӯям ба пирӣ ошьёни нолаест
Як сару чандин гиребон нағман ин чанг буд.
Бенишон буд, ин чаман гар вусъате медошт дил,
Ранги май берун нишаст, азбаски мино танг буд,
Шаб ба ёди навгуле чун ғунча печидам ба хеш,
Субҳ, Бедил, дар канорам як гулистон ранг буд.

* * *

Ниҳоли зиндагӣ болидани ваҳшаткамин дорад,
Нафас гар реша пайдо мекунад, нанг аз замин дорад.
Адамсармоем, аз дастгоҳи мо чӣ мепурсӣ,
Шарор аз нақди ҳастӣ як нигоҳи вапасин дорад.
Намехоҳад касе худро ғуборолуди бедардӣ,
Агар мо дарди дил дорем, зоҳид дарди дин дорад.
Фусурдан нест дилро бе ту дар кунҷи гаронҷонӣ,
Ки дар ҳар ҷузви ин санг оташе дигар камин дорад.
Тасарруф нест мумкин дар дили мо айши имконро,
Ки ин иқлимро доғи ғамат зери нигин дорад.
Ту ҳар ранге, ки хоҳӣ, ҷилва кун дар тангнои дил,
Саросар хонаи оинаам як гулзамин дорад.
Ба ҳар бе даступои шамъ аз худ мебарад худро,
Набинад вопасӣ, ҳар кас нигоҳи пешбин дорад.
Шиканҷи чеҳраи иқбол бошад дархури давлат,
Ба қадри нардбони қасри шаҳон чин дар ҷабин дорад.
Надорад чора аз бедастгоҳӣ тинати мавзун,
Ки сарви ин чаман сад даст дар як остин дорад.
Ба эҳроми муҳаббат аз гудози дил машав эмин,
Ҳавои водии маҷнун мизоҷи оташин дорад.
Камоли дониши мо гар фаромӯш аст аз олам,
Машав мағрури огоҳӣ, ки ғафлат ҳам ҳамин дорад.
Ба ранҷи як тапидан сад ҷаҳон ишрат намеарзад,
Намедонам, кадомин орзу дилро бар ин дорад.
Ба ҳиммат як қадам з-ин арса натвон тохтан, Бедил,
Вагарна ҳар кӣ бинӣ, рахши сад даъвӣ ба зин дорад.

* * *

Ҳасрат имшаб оҳи бетаъсир равшан мекунад,
Риштаи шамъе ба ҳар тақдир равшан мекунад.
Чун чароғи гул, ки аз боди саҳар гирад фурӯғ,
Захми мо чашм аз дами шамшер равшан мекунад.
Бар баёзи субҳ манқуш аст назму насри даҳр,
Мӯи кофурӣ саводи пир равшан мекунад.
Бе надомат ҳалқаи мотам бувад қадди дуто,
Нола шамъи хонаи занҷир равшан мекунад.
Гар хаёл оинадори эътибори мо шавад,
Сурати хобе ба сад таъбир равшан мекунад.
Гармии ҳангомаи имкон ҷалоли ишқи ӯст,
Оташи ин беша чашми шер равшан мекунад.
Чун бинои мавҷ пардоз аз шикастам додаанд,
Маънии вайронием таъмир равшан мекунад.
Бигзар аз сайёдии матлаб, ки саҳрои умед
Хонаи барқ аз рами нахчир равшан мекунад.
Эй шарар, муфти нигоҳат ҷилвазори офият,
Рӯзгор оинаи мо дер равшан мекунад.
Бедил, аз фонуси захмам офиятро нур нест,
Шамъи пайконе дар ин ҷо тир равшан мекунад.

* * *

Қадаҳ май бар каф асту шамъ гул дар остин дорад,
Дар ин маҳфил арақ мепарварад ҳар кас ҷабин дорад.
Ба завқи сарбаландиҳо талоши хоксорӣ кун,
Ниҳоли ин чаман гар реша дорад, дар замин дорад.
Ба ҷамъият фиреби ин чаман хӯрдам, надонистам,
Ки дар ҳар ғунча сад тӯфон парешонӣ камин дорад.
Нафас то дар ҷигар боқист, аз офат наям эмин,
Ки чун вай устухонам чашми бад дар остин дорад.
Надидам фориғ аз ваҳшат агар хорӣ в-агар иззат,
Зи дар то боми ин вайрона яксар ҳукми зин дорад.
Гиреҳ дар табъи най ҳарчанд афзун, нола раънотар,
Каманди мо расой дархури сомони чин дорад.
Лаби ӯро ҳамин хат нест маншури масеҳой,
Чунин сад мӯъҷиз он сеҳрофарин дар остин дорад.
Надидам аз хиҷолат хешро, то чашм во кардам,
Дар ин дарьё ҳубобам турфа вазъи шармгин дорад.
Сазовори хатое ҳам наям аз нанги бекадрӣ,
Ба ҳолам нисбати нафрин ғурури офарин дорад.
Раҳой нест моро аз фалак, бе хок гардидан,
Бо ҳар ҷо донае ҳаст, осиё зери нигин дорад.
Ба дӯши саҷда аз худ меравам то остони ӯ.
Ба ранги сояи ҷаҳди оҷизон по дар ҷабин дорад.
Сиришкам, дуди оҳам, шӯълаам, доғи дилам, Бедил,
Чу шамъ аз ҳосили ҳастӣ саропоям ҳамин дорад.

* * *

Акл агар сад анчуман тадбир равшан мекунад,
Фикри Мачнун сатре аз занчир равшан мекунад.
Доғи навмедй диле дорам, ки дар ҳар дам задан
Шамъҳо аз оҳи бетаъсир равшан мекунад.
Оламе чашм аз мазори мо ба ибрат об дод,
Хоки мо файзи ҳазор иксир равшан мекунад.
Нанги расвой надорад, соз то хомушнавост,
Рамзи сад айбу ҳунар такрир равшан мекунад.
Мешавад зоҳир ба пири маънии тўли амал,
Чавҳари ин мў сафони шир равшан мекунад.
Ғофилонро нури таҳқиқ аз саводи факр нест,
Тўтиё кай дидан тасвир равшан мекунад.
Аз раги гул метавон фаҳмид мазмуни баҳор,
Файзи маъниҳои мо таҳрир равшан мекунад.
Нола дар дил мехалад иншаб зи заъфи пириям,
Шамъи бедоди камонро тир равшан мекунад.
Олами дилро иёр аз дастгоҳи нола гир,
Вусъати саҳро рами нахчир равшан мекунад.
Аз арақ бар чабҳаи афсун чароғон хондаем,
Базми моро хичлати тақсир равшан мекунад.
Интизори файзи ишқ аз хомии худ мекашам,
Чўби тарро саъи оташ дер равшан мекунад.
Ҳеч кас бар дар назад, Бедил, зи зиндонгоҳи чарх,
Ачзи мо ин хонаи дилгир равшан мекунад.

* * *

Бе ятс дил аз ҳар чӣ надорад, гила дорад,
Носудани дасти ту ҳазор обила дарад.
Маҳмилкаши маҷнунравишон бесарупоист,
Ин қофилаи ашк аҷаб роҳила дорад.
Аз олами найранги амал ҳеҷ мапурсед,
Офоқ шарарфурсату зоҳид чила дорад.
Аз хор кунад шиква гули обилаи ман,
Оина гар аз шӯхии ҷавҳар гила дорад.
Як ғунча ба сад ранг гулафшони хаёл аст,
Яктоии ӯ ин қадарам даҳдила дорад.
Нагзашта зи сар роҳ ба ҷое натавон бурд,
Ҳуш дор, ки пои ту ҳамин обила дорад.
Дил маҳви гудоз аст чи дар ҳаҷр, чи дар васл,
Ин оина дар об шудан ҳавсала дорад.
Даври шиками аҳли дувал бину дуҳул зан,
К-ин тоифаро тухми амал ҳомила дорад.
Ҳар ҷо равӣ, аз барқи фано ҷон натавон бурд,
Умрест, ки оташ паи ин қофила дорад.
Дунё алами ғафлату уқбо ғами аъмол,
Осудагӣ аз мо ду ҷаҳон фосила дорад.
Бедил, ману он назм, ки ҳар мисраи шӯхаш
Чун сарв зи озодии ғамҳо сила дорад.

* * *

Магӯ, субҳи тараб дар мулки ҳастӣ дер меояд,
Дар ин ҷо мӯи пирӣ ҳам ба сад шабгир меояд.
Ману мо нест ғайр аз шикваи вазъи гирифторӣ,
Зи сози ҳар ду олам нолаи занҷир меояд.
Чӣ рангинист ё раб, олами хурсандии дилро,
Ба хокаш ҳар кӣ сар медуздад, аз Кашмир меояд.
Камонеро ба зеҳ пайваста дорад чини абрӯят,
Ки он ҷо булҳавас дур аз таранги тир меояд.
Надорад чашмаи ҳайвон ҳузури оби пайконат,
Зи ёди захми ӯ ҷон дар тани нахҷир меояд.
Ҷаҳоне дар муҳаббат душмани ман шуд, ки ошикро
Ҳама гар ашки худ бошад, гиребонгир меояд.
Мабанд, эй ваҳм, бар маъдуми мутлақ тӯҳмати кудрат,
Зи хидмат беннёзам, гар зи ман таксир меояд.
Ҷароҳатпарвари ишқам, ба гулзорам чӣ мехонӣ,
Ки дар гӯшам зи бӯи гул садои тир меояд.
Сафокешон надоранд интизори ранг гардондан,
Саҳар ҳар гоҳ меояд ба олам, пир меояд.
Ба неъмат ғарраи ин гирди хон манишин, ки меҳмонаш
Дили худ мехӯрад чандон, ки аз ҷон сер меояд.
Далели ихтирои шавқе аз ин хуштар чӣ мебошад,
Ки аз тамкини Маҷнун нола дар занҷир меояд.
Ба ҳайрат рафтаам, аз сайри дидорам чӣ мепурсӣ?
Нигоҳи бехудон аз олами тасвир меояд.
Ба ғафлат то тавонӣ соз куи, аз огаҳӣ бигзар,
Надорад хоб ташвише, ки аз таъбир меояд.
Надорад сайди Бедил тоқати захми тағофулҳо,
Хаданги имтиҳони ноз пур дилгир меояд.

* * *

Ба хар чо неъмате ҳаст, инфиоле дар камин дорад,
Ҳаловатхонаи дунъё магас дар ангубин дорад.
Дар ин базми кудуратхез ишрат чӣ, ҳаловат ку?
Ба қадри мавчи май ин чо чабини чом чин дорад.
Ба маҳвият муҳити ҳар чӣ хоҳӣ, метавон гаштан,
Фалакҳо фарши он оина, к-аз ҳайрат нигин дорад.
Нафас дар хуни бисмил ғӯта дод ачзои имконро,
Раги бетобии ошуфтагон хосият ин дорад.
Қабоби паҳлӯи он бисмилам, к-аз нақши ишратҳо
Хаданги ҳасрати абрукамоне дилнишин дорад.
Намечинад зи сайри лолаву гул хичлати шӯхӣ,
Дар ин гулшан чу шабнам ҳар кӣ чашми покбин дорад.
Хами ҳар мавчи май аз нисбати найранги абрӯест,
Шикасти тавбаи мо дар шикасти остин дорад.
Машав мағрури тамкин дар тааллуқзори чисмонӣ,
Ки гарде беш набвад, ҳар кӣ улфат бо замин дорад.
Ба қадри анчум аз гардун гиреҳ бар болу пар дорам,
Маро ҳар ҳалқаи ин дом дар зери нигин дорад.
Ҳавое беш натвон ёфт аз сози ҳубоб ин чо,
Ту хоҳӣ навҳа кун, хоҳӣ тараннум, дил ҳамин дорад.
Ба ҳайрат гӯш нех, к-аз пардаи дил вокашӣ рамзе,
Забони чавҳари оина оҳанге ҳазин дорад.
Ба судан рафт сар то пои мавч аз шарми пайдоӣ,
Заифӣ то кучо моро надоматофарин дорад?
Асарҳои таалллуқ нест монеъ вахшати моро,
Қафас то нола доман барзанад, сад ранги чин дорад.
Шукуфтан нест дар олам ба коми ҳеч кас, Бедил,
Чаман ҳам аз раги гул чини кулфат бар чабин дорад.

* * *

Он ҷо, ки хаёлат зи таманно гила дорад,
Андеша агар хун нашавад, ҳавсала дорад.
Шамшодкадонро ба гулистони хиромат
Мавҷи араҷи шарм ба по силсила дорад.
Эй зоҳид, агар шӯълаи оҳе ба дилат нест,
Бе тир камони ту чӣ суд аз чила дорад?
Барқи араҷи ҳусн,кӣ зад шӯъла дар ин боғ,
Гул дар ҷигар аз шабнами субҳ обила дорад.
Сар то қадами шамъ ғубори паи оҳ аст,
Танҳоравии шавқи ту аҷаб қофила дорад.
Зинҳор, паи машраби маҷнунравишон гир,
Гар офияте ҳаст, ҳамин силсила дорад.
Фарқи адам аз ҳастии мо сахт муҳол аст,
Аз мавҷ шикастан чӣ қадар фосила дорад.
Дигар ба куҷо меравӣ, эй толиби ором,
Гардун тапишободу замин зилзила дорад.
Е раб, ба чӣ тадбир кунад катъи раҳи умр
Пои нафаси ман, ки зи дил обила дорад.
Бедил, хами ҳар тор зи гесӯи сиёҳаш
Сомони парешонии сад қофила дорад.

* * *

Иншаб ғубори нолаи дил сурмаранг буд,
Е раб, шикасти шишаи ман аз чӣ санг буд.
Аз куштанам нашуд шафақӣ тарфи домане,
Хунам дар ин ситамкада навмеди ранг буд.
То софт кардам оина, худро надидаам,
Чун сои нақши ҳастии ман ҷумла занг буд.
Олам ба хуи тапидан навмедии ман аст,
Ҷустан зи сайдгоҳи муродам ҳаданг буд.
Ҳусн аз ғубори шӯхнигоҳон рамидааст,
Ин ҷо ҳуҷуми оина пушти паланг буд.
Ҳиммат намеравад ба сари тарки ихтиёр,
Аз хеш рафтанам ба раҳат, узри ланг буд.
Анқои дигарам, ки зи буньёди ҳастиям
То ном шӯхии асаре дошт нанг буд.
Дар дил буруни дил ду ҷаҳон ҷилва ранг рехт,
Ин ҷома бар қади ту чӣ микдор танг буд.
Азбаски бедимоғи тамошои фурсатем,
Моро ба худ наёмада рафтан даранг буд.
Бедил, кӣ дошт ҷилва, ки аз барқи хиҷлаташ
Дар маҷлиси баҳор чароғони ранг буд.

* * *

Сафҳаи дил бе хати захми ту фарде ботил аст,
Обрӯ онҳам моро зи ҷавҳар ҳосил аст.
Гар ҳама ҳарфи ҳақ аст, он дам, ки гуфтӣ, ботил аст,
Ҳар чӣ берун омад аз лаб, хориҷоҳанги дил аст.
Нест аз дасти ту берун ихтиёри сайди мо,
Панҷаи рангин чу гул то ғунча месозӣ дил аст.
Дар раҳи таслим пур бехонумон афтодаем,
Бар сари мо соя гар ҳаст, дасти қотил аст.
Бар сабукборон гарононро бувад сибқат муҳол,
Ҳар қадам з-ин корвон бонги ҷарас дар манзил аст.
Пунбаи доғи маро бо ҳарфи роҳат кор нест,
Гар баёзи ман хате пайдо кунад, дуди дил аст.
Об мегардад зи шабнам, субҳ то дам мезанад,
Синачоконро нафас бар лаб расондан мушкил аст.
Сидқкешонро фалак дар хок биншонад чу тир,
Сарви ин гулшан ба ҷурми ростӣ по дар гил аст.
Ҳеҷ кас афсурдаи зиндони ҷамъият мабод,
Қатра бо гавҳар намегардад, ба дарьё восил аст.
Ҳар тараф мижгон кушой, ҳасрати дил метапад,
Ҳар ду олам гарди болафшонии як бисмил аст.
Дар ватан ҳам софтинатро зи ғурбат чора нест,
Гавҳари ин баҳрро гарди ятимӣ соҳил аст.
Имтиёзи ҳусну ишқ, аз шавқи комил бурдаанд,
Меравад аз каф дилу дар чашми Маҷнун маҳмил аст.
Нармхӯёнро набошад чора аз вазъи ниёз,
Ҳар куҷо обест, Бедил, сӯи пастӣ моил аст.

* * *

Зиндагӣ садди раҳи ҷавлони мост,
Хоки мо гулкардани оби бақост.
Бо чунин бедаступоиҳои аҷз
Бисмили моро тапидан хунбаҳост.
Ҳар куҷо сарви ту ҷавлон мекунад,
Чашми мо чун тавқи кумрӣ нақши пост.
Хок гаштему ҳамон маҳви туем,
Оина рафт аз худу ҳайрат баҷост.
Муфти роҳат гир нармиҳои табъ,
Санг чун гардад мулоим, мӯмиёст.
Шиквасомонанд бемағзони даҳр,
Мони ҷом аз тиҳидастӣ садост.
Ин садафҳо як қалам бегавҳаранд,
Оламе дил дорад, аммо дил куҷост?
Аз заифӣ сайди маъюси маро
Ҳалқаи фитрок меҳроби дуост.
Дар шарар оинаи ашьё гум аст,
Ибтидои ҳар чӣ диди, интиҳост.
Бояд аввал гомат аз ҳастӣ гузошт,
Ҷодаи дашти муҳаббат аждаҳост.
Мефизояд ваҳшат андози каманд,
Нола дар ноёбии матлаб расост.
Ёд рӯи кист иди гирьям?
Тифли ашкам сад чаман рангинкабост.
Гулфурӯшӣ нозам аз беҳосилӣ,
Панҷаи бекор доим дар ҳиност.
Бедил, аз офатнасибони дилем,
Хун шудан меъроҷи тоқатҳои мост.

* * *

Дурӣ аз асбоби мову ман ба ҳақ пайвастан аст,
Қатраро аз худ гусастан дил ба дарьё бастан аст.
То тавонӣ гоҳ-гоҳе бе такаллуф зистан,
З-ин таъаллуқҳо, ки дорӣ, андаке ворастан аст.
Бо дуруштон ҷуз ба тарки ростӣ суҳбат маҳоҳ,
Нақшро бекаҷниҳодӣ, бо нигин наншастан аст.
Офиятэҳромии ушшоқ саъи норасост,
Шӯълаҳоро доғ гаштан нақши роҳат бастан аст.
Дар гулистони хироми ӯ зи ҳар нақши қадам
Рангу бӯи гул каминсози адои ҷастан аст.
Улфати баъд аз ҷудоӣ сахт маҳкам мешавад,
Риштаро пайванд душвор аст, то нагсастан аст.
Гар тааммул маҳрами сомони ин дарьё шавад,
Аз тиҳидастӣ гуҳар ҳамчун ҳубоб обистан аст.
То кай, эй бедард, дилро хор хоҳӣ доштан,
Шишае дорӣ, ки бар сангаш задан нашкастан аст.
Саъи бедардон ба боди ҳарзагардӣ меравад,
Мавҷи хун шав, эй нафас, гар бо дилат пайвастан аст.
Ҳамчу дарьё, Бедил, осон нест касби эътибор,
Даркури амвоҷ ин ҷо рӯ ба нохун хастан аст.

* * *

Ҳайратам умре ба уммеди надомат шод дошт,
Ҷонканиҳо решае дар тешаи Фарҳод дошт.
Дил ба кулфат сахт маҷбур аст, аз қисмат мапурс,
Оҳ аз он оина, к-аз ҷӯши нафас имдод дошт.
Бе ту дар-зулматсарои ҷисм кай будӣ фурӯғ,
Партави меҳри ту ин вайронаро обод дошт.
Лахти дилро садди роҳи нола кардан мушкил аст,
Дасти манъ аз барги гул натвон ба рӯи бод дошт.
Пеш аз он к-андешаи дому қафас раҳзан шавад,
Тонри мо ошьён дар хотири сайёд дошт.
Оламе борбод рафту решаи аҷзам баҷост,
Нотавонӣ дар мизоҷам ҷавҳари фӯлод дошт.
Он чӣ бар дил рафт аёди барахманзодае,
Қофарам, гар ҳеҷ кофар ин қиёмат ёд дошт.
Бурдаам то ҷилваи нақби харобиҳои дил,
Ин иморат ҷои хишт оина дар буньёд дошт.
Ёди айёме, ки дар саҳрои пуршӯри ҷунун
Ҳамчу мавҷи сел нақши пои ман фарьёд дошт.
Яъси матлаб нолаи моро нафасфарсо накард,
Бебарӣ ин сарвро аз реша ҳам озод дошт.
Баски пайкон буд, Бедил ғунчаи ин гулситон,
Заҳрханди захм чун гул хотири мо шод дошт.



* * *

То фалак дар гардиш аст, офат ба ҳар сӯ ҳола аст,
Дар мизоҷи осиё чандин шарар ҷаввола аст.
Яъс кун хирман, ки дар кишти умеди зиндагӣ
Резиши як мушт дандон ҳосили садсола аст.
З-ин чаман бо дурдпаймоӣ қаноат кардаем,
Ҷоми гул таслими Ёрон, соғари мо лола аст.
Бо бузургиҳои шайх осон кӣ мегардад тараф,
Пеши ин ҷомуси раъно, Сомирӣ гӯсола аст.
Фурсате бояд, ки ибрат гирӣ аз мактуби мо,
Сафҳаи оташзада ҳарфаш шарардунбола аст.
Дар муҳаббат поси номуси сабурӣ мушкил аст,
Ҳар қадар дил вогудозад, обьёри нола аст.
Тирабахтӣ дар ватан эҷоди ғурбат мекунад,
Гар зи чини мӯ дамад, Чинаш ҳамин Бангола аст.
Ҷуз шикасти ранг гулчине надорад боғи васл,
Дар миёни мову ҷонон бехудӣ даллола аст.
То кучо дар бенамӣ ғалтад чабини эътибор,
Шарм аз анҷом агар бошад, гуҳарҳам жола аст.
Бедил, аз ҳайратпарастони хироми кистам?
К-аз тапиш гар ҷон ба лаб меоядам, табхола аст.

* * *

Чуз хуни дил зи накши саломат ба даст нест.
Хатти амони шиша ба ғайр аз шикаст нест.
Ороми ишқ оинапардозии фаност
Монанди шўълае, ки зи по то нишаст, нест.
Халке ба вахми хеш парафшони вахшат аст,
Лек он қадар раме, ки кас аз хеш раст нест.
Буньёди ачз рехтаи ранги саркашист,
Дар туррае, ки тоб надорад, шикаст нест.
Моему сарнагунии аз по фитодагӣ
Дар водие, ки накши қадам низ паст нест.
Ҷамъияти ҳавос дар оғўши бехудист,
Аз ҳуш бахра нест касеро, ки маст нест.
Девонагон асири хаму печи вахшатанд,
Қуллоби мохиёни ту мавч аст, шаст нест.
Дил сайди шавқу дида асири хаёли туст,
Вайрона кишваре, ки ба ин банду баст нест.
Олам фиреби дидаи ошиқ намешавад,
Оинаи хаёли ту суратпараст нест.
Осудагӣ чӣ гуна шавад фарши офият
Пои маро, ки обила ҳам зери даст нест.
Бедил, бисоти вахм ба худ чидаам чу субҳ,
Варна зи чинси ҳастии ман ҳар чи ҳаст, нест.

* * *

Шаб, ки дил аз ясьи матлаб бодае дар ҷом кард,
Як ҷаҳон ҳасрат ба тӯфон доду оҳаш ном кард.
Барнамеояд сипанди ман ба истилон шавқ,
Аз ҷарас бояд дили беинфиолам вом кард.
Чашми ман шуд пардаи занбӯру бедорӣ надид,
Ғафлат охир ҳашри ман дар кисвати бӯдом кард.
Обам аз шарми адам, к-аз ҳастии беҳосилам
Орамидан кӯшишу бематлаби ибром кард.
Шӯълае будам, кунун хокистарам муфти талаб,
Сӯхтан урьёниямро ҷомаи эҳром кард.
Дар парешонӣ кашидем интиқом аз рузгор,
Хоки мо боре тавофи дидан айём кард.
Қурб ҳам дар хилвати таҳқиқ гунҷоиш надошт,
Дурбин афтод шавқу васлро пайғом кард.
Аз тааллуқ сангсори шӯҳрати озодиям,
Улфати нақши нигин охир ситам бар ном кард.
Ин қадар дар банди хеш аз нотавонӣ мондаем,
Ишқ ранги мо шикасту ихтирои дом кард.
Дил ба ёди шавқи мастии ҳиҷоболудае,
Об гардид аз ҳаё чандон, ки май дар ҷом кард.
Ҷодаи сарманзили мо сад биёбон саъй дошт,
Бедимоғиҳои фурсат чун шарар як гом кард,
Ишрати мо чун нигаҳ азбас тунуксармоя аст,
Сойи мижгон тавонад субҳи моро шом кард.
Меравад субҳу ишорат мекунад, к-эй ғофилон,
То нафас боқист, натвон ҳеҷ ҷо ором кард.
Як қалам, Бедил, ғубори ваҳшати наззораем,
Ишқ натвонист моро бе таҳайюр ром кард.

* * *

Боз маҳмур аст дил, то бехудӣ ишно кунад,
Ҷом дар ҳайрат занад, оинаро мино кунад.
Зиндагонӣ, гӯ, мадеҳ аз нақши мавҳумам нишон,
Аксро ғам нест, гар оина истиғно кунад.
Рафтаем аз худ ба дӯши орамидан чун ғубор,
Оҳ, аз он рӯзе, ки бетобӣ тавофи мо кунад.
Нола шав, то аз ҳавои қомати ӯ бигзарӣ,
Ҳар кӣ аз худ рафт, сайри олами боло кунад.
Анҷуманпардози ваҳмам чун ҳубоб аз хомӯшӣ,
Беҳ, ки бикшоям лабе, то аз худам танҳо кунад.
Магзар аз кӯшиш, мабодо, рӯзгори ҳилаҷӯ
Поймоли роҳатат чун сурати дебо кунад.
Дар адам мо низ ёди зиндагӣ хоҳем кард,
Шӯълаи хомӯш агар ёди тапиданҳо кунад.
Бори таслиме агар чун соя ёбад пайкарам,
То дари ӯ хоки оламро ҷабинфарсо кунад.
Нолаи дарде ба сози хомушӣ гум гаштаам,
Шавқ ғаммоз аст, метарсам, маро пайдо кунад.
Бе тавофи хеш дар базми висолаш бор нест,
Дар дили дарьё магар гирдоб роҳе во кунад.
Эй хуш он шӯри тарабҷӯши хушистони фано,
К-аз гудози мо дили ҳар зарраро мино кунад.
Санги роҳи худ шуморад каъбаву бутхонаро,
Ҳар кӣ чун Бедил тавофи гӯшаи дилҳо кунад

* * *

Гарде дигар нашуд зи мани норасо баланд,
Ҳуе магар чу набз кунам бесадо баланд.
Буньёди аҷзу даъвии иззат ҷунуни кист?
Мӯ сарбаланд нест, шавад то куҷо баланд?
Камҳимматӣ ба сози фароғам вафо накард,
Доман наёфтам ба дарозии по баланд.
Аз нӯҳ фалак дареғ макун чини домане,
Як зинавор аз ҳама манзар баро баланд.
Дур аст хоби кофила аз маънии раҳил,
Варна намешуд ин ҳама бонги даро баланд.
Пирӣ дукони нолаи мо гарм дошта аст,
Нархи асос дархури қадди дуто баланд.
Халқи ҷаҳон ҷунунзадаи бебизоатист,
Аз косаи тиҳист хурӯши гадо баланд.
Фитрат муҳити нӯҳ фалаки обгун шавад,
Гар ворасем, обила паст аст ё баланд.
Мо, бехудон, тазаллуми ҳасрат куҷо барем,
Дасти ғарики ишқ нашуд ҳеҷ ҷо баланд.
Чун нақши по зи баски нагунбахти фитратем,
Мижгон намешавад ба тамошои мо баланд.
Пастӣ макаш зи чатри Каю дастгоҳи Ҷам,
Як пушти пой бигзар аз ин дастҳо баланд.
Бедил, магар ту даргузарӣ, варна пеши мо
Дарьёст беканору пули муддао баланд.

* * *

Фусурдагиҳон сози имкон таронаамро инон нагирад,
Ҳадиси тӯфоннавои ишқам, хамӯшӣ аз ман забон нагирад.
Зи дастгоҳи ҷаҳони сурат наим хиҷолаткаши кудурат,
Чу оина дасти беннёзон зи ҳар чӣ гирад, зиён нагирад.
Самоҷат аст ин, ки оламеро ба сар фикандаст хоки зиллат,
Сабук нагардад ба чашми мардум касе, ки худро гарон нагирад.
Зи даст рафтаст ихтиёрам, ба норасоӣ кашида корам,
Ба соэи ваҳшат паре надорам, ки доманам ошьён нагирад.
Ба ғайри ваҳшат ба ҳеҷ унвон ҳузури роҳат надорад имкон,
Зи сайди матлаб суроғ кам гир, агар дилат аз ҷаҳон нагирад
Масоз сармояи таайюн, ки корвони матои ҳиммат
Бо чорсӯе, ки худфурӯшӣ ривоҷ дорад, дукон нагирад.
Зи худ баро, то расад камандат ба кунгури қасри беннёзӣ,
Ба нардбонҳои чини доман касе раҳи осмон нагирад.
Агар ба азми кушоди корӣ, зи гӯшагирон мабош ғофил,
Ки тир парвозро нашояд даме, ки бол аз камон нагирад.
Қаҷ аст таври биноӣ олам, ту низ сар кун ба каҷадоӣ,
Ки шӯҳрати вазъи ростиҳо чу ҳалқаат бар синон нагирад.
Дар оташи ишқ то насӯзӣ, назар ба доғи вафо надӯзӣ.
Ки аз чароғи ҳавасфурӯзӣ танӯри афсурда нон нагирад.
Фитодаеро зи хок бардор ва ё мабар номи иститоат,
Қасе, ки гирад зи сози қудрат, ки дасти афтодагон нагирад.
Агар зи ворастагони шавқӣ, ба фикри ҳастӣ мапеч, Бедил,
Ки ҳиммат оннаи таъаллуқ ба дасти доманфишон нагирад.

* * *

Агар димоғам дар ин хумистон хумори шарми адам нагирад,
Зи чашмаки зарра ҷом гирам ба он шукӯҳе, ки Ҷам нагирад.
Дар он дабистон, ки саъи гардун ба ҳақ диҳад хатти Каҳкашонаш
Касе ки кудрат чӣ во нигорад, ки дасти худро қалам нагирад.
Дар ин қаламрав кафи ғуборам, ба ҳеҷ кас ҳамсарӣ надорам,
Камоли мизони эътиборам бас аст, агар зарра кам нагирад.
Гузида иқболи ҳиммати мо фурутаниарсаи ниёзе,
Ки минниате сарбаландӣ он ҷо касе ба дӯши алам нагирад,
Зи арсаи эътибор гӯи сари саломат тавон рабудан,
Гар омаду рафтани нафасҳо ба боди теғи дудам нагирад.
Нафас ба хамьёза мегудозӣ, ба сози нақш нигин нанозӣ,
Ки номи иқболи бениёзӣ, лабе, ки и-мад, ба ҳам нагирад.
Насибе аз офият надорад ҳубоби баҳри ғурур будан,
Ҳазар, ки боди димоғат охир ба ранҷ нафхи шикам нагирад.
Ба ин дуруштӣ, ки табъи ғофил хатост таъсири инфиолаш,
Чу санг дар коргоҳи мино, гар-об гардад, ки нам нагирад.
Нарафта аз худ, надорад имкон ба маънии рафтагон расидан,
Ки хок ногашта кас дар ин раҳ суроғи нақши қадам нагирад.
Хаёли номаҳрами гиребон давонд моро ба сад биёбон,
Чӣ созад оворан дари дил, ки роҳи дайру ҳарам нагирад.
Дил аст манзури бениёзӣ, зи ғафлат озурдааш насози,
Касе, к-аз он ҷилва шарм дорад, шикасти оина кам нагирад.
Агар бинозам ба зӯри ҳиммат, наям хиҷолаткаши ғаромат,
Кашидаам бори ҳар ду олам ба пушти пое, ки хам нагирад.
Надорад ин мактаби таайюн кудуратиншотаре зи Бедил,
Ба саҳфа гар номи ӯ нависам, ба ҷуз ғубор аз рақам нагирад.

* * *

Хорест ба ҳар каҷманиш аз ростравон баҳс,
Бар хок фитад тир, чу гирад ба камон баҳс.
Гуёи оина бас аст аз лаби ҳайрат,
Ҳайф аст, шавад чавҳари равшангуҳарон баҳс.
Тамкин чӣ қадар хиффати дил мекашад он ҷо,
Қ-аз ҳарфи баду нек кунад кӯҳи гарон баҳс.
Бо теша чаро чира шавад нахли баруманд,
Бо ҳамшудақомат макун, эй тозачавон, баҳс.
Мотамкадаи илм шумар мадраса, к-он ҷост
Инсоф ба хун ғӯтазану навҳакунон баҳс.
Гар бехираде соз кунад ҳарзазабонӣ,
Бигзор, ки чун шӯъла бимирад ба ҳамон баҳс.
Он кист, ки гардад тарафи Мавлавӣ имрӯз,
Як теғи забон дораду сад нуки синон баҳс.
Аз ҷӯши ғубори ману мо арсаи имкон
Баҳрест, ки чидаст карон то ба карон баҳс.
Дил шикваи он ҳалқаи гесӯ написандад,
Ҳарчанд кунад оина бо оинадон баҳс.
Бо хасм дами теғ бувад ҳуҷҷати мардон,
Зан шавҳари марде, ки кунад ҳамчу занон баҳс.
Бедор шуд аз нолаи ман ғафлати инсоф,
Гардонд ба ҳайрат вараки хоби гарон баҳс.
Ҷамъияти гавҳар накашад заҳмати амвоҷ,
Бедил, ба хамӯшон накунад аҳли забон баҳс.

* * *

На манзил бенишон не ҷода танг аст,
Ба роҳат пои хоболуда санг аст.
Ба сад гулшан давондӣ решаи ваҳм,
Нафаҳмидӣ гули мақсад чӣ ранг аст.
Ба ҳусни хулқ хубон дилшиканд,
Камони шохи гул накҳатхаданг аст.
Тараб кун, эй ҳубоб, аз сози ғафлат
Ки гар во шуд мижа коми наҳанг аст.
Дар ин гулшан суроғи сояи гул
Ҳамон бар соҳати пушти паланг аст.
Зи уммеди карам қатъи назар кун,
Замину осмон як чашми танг аст,
Макаш ранҷи нигиндорӣ, ки он ҷо
Сари вомондаи номат ба санг аст.
Бипарҳез аз балои худнамоӣ,
Мусулмонӣ туву олам фаранг аст.
Ба гуфтан гар расонӣ фурсати кор,
Шитобат ошьёнсози даранг аст.
Адам ҳастӣ шуд аз ваҳми туву ман,
Хаёл он ҷо, ки зӯр овард, банг аст.
Манеҳ бар нақши пояш ҷабҳа, Бедил,
Бар ин оина акси саҷда занг аст.

* * *

Нашъаи гӯшаи дил аз дайру ҳарам намерасад,
Сар ба ҳазор санг зан, дард ба хам намерасад.
Он чи зи саҷда гул кунад, нест ба сози саркашӣ,
Ман ҳама чо расидаам, най ба қалам намерасад.
Нест касе зи хони адл бешрабон қисматаш,
Маҳрами зарфи худ най, баҳри ту кам намерасад.
Роҳати кас намешавад заҳмати дӯши огаҳӣ,
Хобе агар ба по занад, бар мижа хам намерасад.
Ваҳми ғурури мо чу шамъ ҳоили максад асту бас,
То раги гардане бачост, сар бо қадам намерасад.
Даъвии нафс ботил аст, рав ба ҳақаш ҳавола кун,
Муддаии дурӯғро ғайри қасам намерасад.
Ташнагии маосиям ҷавҳари инфиол сӯхт,
Баски расост доманам, чабҳа ба нам намерасад.
Ғайри қабули илму фан чист ваболи марду зан,
Номаи кас сиёҳ нест, то ба рақам намерасад.
Дурии домани ту кард баски зи тоқатам чудо,
То ба надомате расам, даст ба ҳам намерасад.
Ҳастиву саъи пухтагӣ хомии фитрат асту бас,
Ранҷ мабар, ки ин самар ҷуз ба адам намерасад.
Ҳеҷ мапурс, Бедил, аз хиҷлати норасоиям,
Лофам агар ҷунун кунад, то бирасам, намерасад.

* * *

На бо сози ҳавас ҷӯшад, на бар касби ҳунар печад,
Табиат чун расо афтад, ба маънӣ бештар печад.
Ба ин ошуфтагӣ моро куҷо роҳат, чӣ ҷамъият?
Ҳавои турраат ҷои нафас бар дил магар печад.
Гумони ҳалқаи дом аст он сайди назокатро,
Гар аз чашми манаш тори нигоҳе бар камар печад.
Зи асбоби ҳавас бар ҳар чӣ печӣ, фоли кулфат зан,
Гиреҳ пайдо кунад, дар ҳар куҷо най дар шакар печад.
Шаби уммед тай шуд, вақти он омад, ки навмедӣ
Ғубори мо, занфои, ҳам ба домони саҳар печад.
Ҷунунам доғ шуд дар кисвати номуси худдорӣ,
Гиребоне чу гул доман кунам, то бар камар печад.
Умеди офият гар ҳаст, аз теғ аст бисмилро,
Ғариқи баҳри улфат беҳ, ки бар мавҷи хатар печад.
Зи сомони таллуқҳо парешонӣ ғанимат дон,
Ҳамон дом аст, агар ин риштаҳо бар якдигар печад.
Назокатгоҳи нозукист, ё раб, килки тасвирам,
Ду олам ранг гардонад, сари мӯе агар печад.
Ба ранги шамъ маҷнуни гирифторӣ диле дорам,
Ки занҷираш гар аз по во кунӣ, чун мӯ ба сар печад.
Ба андози хироми ӯ мабод аз худ равӣ, Бедил,
Ки тарсам гардиши рангат инони ноз дарпечад.

* * *

Ҳусне, ки ёдаш оинаи ҳайрат об дод,
З-он ранг ҷилва кард, ки доди никоб дод.
Ҳар ҷо баҳори ҷилваи ӯ дар назар гузашт,
Ашке, ки сар зад аз мижа, бӯи гулоб дод.
Як ҷилва дошт ошиқу маъшуқ пеш аз ин,
Хун гардад имтиез, ки арзи ҳиҷоб дод.
Парвози шавқ аз араки шарм гул накард,
Хокам ғубορҳои тапидан ба об дод.
Аз ҳирс ин қадар ғами асбоб мекашам,
Лабташнагӣ сарам ба муҳити сароб дод.
Охир зи гирья нашъаи шавқам баланд шуд,
Ашк он қадар чакид, ки ҷоми шароб дод.
З-ин гулситон, ки ранги гулаш доғи лола аст,
Нашкуфт ғунчае, ки на бӯи кабоб дод.
Қамфурсатӣ ба арзи тамошои ин муҳит
Ойинаи хаёл ба дасти ҳубоб дод.
Азбаски маънинам рақаме ҷуз ҳаво надошт,
Гардун ба нуқтаи шарарам интихоб дод.
Доғам зи рашки мунтазире, к-аз ҳуҷуми шавқ
Ҷон дод, агар ба қосиди ҷонон ҷавоб дод.
Чун субҳ дар муомилаи гиру дори умр
Чандон наем сода, ки бояд ҳисоб дод.
Бедил, зи обрӯталабӣ даст шустаем,
К-ин орзу бинои ду олам ба об дод.

* * *

Шаб, ки дар базми адаб қонуни ҳайрат соз буд,
Изтироби ранг барҳамхӯрдани овоз буд.
Дар шиканчи узлат охир тӯтиё шуд пайкарам,
Болу пар бар ҳам ниҳодан чангали шаҳбоз буд.
Софии дил кард лавҳи машқи сад андешаам

Ёди айёме, ки ин оина бе пардоз буд.
Костам чандон, ки бастам нақши он мӯи миён,
Нотавониҳои ман килки хати эъҷоз буд.
Ҳасрати васли ту гул кард аз надоматҳои ман,
Дасти бар ҳам суда таҳрики лаби ғаммоз буд.
Навниёзи улфати доғи муҳаббат нестам,
Тифли ашкам чун шарар дар санг оташбоз буд.
Ишқи бепарво димоғи имтиҳони мо надошт.
Варна муште хоки мо ҳам қобили парвоз буд.
Дасти мову домани ҳайрат, ки дар базми висол
Умр бигзашту ҳамон чашми надидан боз буд.
Қош мо ҳам як — ду дам бо сӯхтан месохтем,
Шамъ дар анҷом доғи ҳасрати оғоз буд.
Дурии васлаш тилисми эътибори мо шикаст,
Варна ин аҷзе, ки мебинӣ, ғурури ноз буд.
Он чӣ дар саҳрои касрат сурати вомондагист,
Дар тамошогоҳи ваҳдат шӯхии андоз буд.
Дархури кисват кунун хиҷлаткаши расвоием,
Умрҳо урьёнии мо пардадори роз буд.
Як гуҳар бе забти мавҷ аз баҳри имкон гул накард,
Ҳар саре, к-андӯхт ҷамъият, гиребонсоз буд.
Ҳастии мо нест, Бедил, ғайри изҳори адам,
То ҳамӯшӣ парда аз руҳ барфиканд, овоз буд.

* * *

То дили девона вомонд аз тапидан, доғ шуд,
Изтироби ин сипанд аз орамидан доғ шуд.
Ҳеҷ кас чун нақши по аз хоки роҳам барнадошт,
Ин ғули маҳрумӣ аз дарди начидан доғ шуд.
Медиҳад саъи талаб арзи суроғи манзилам,
Е давиданҳо зи дарди норасидан доғ шуд?
Ғофилам аз ҳуснаш, аммо ин қадар донам, ки дӯш
Барқи ҳайратҷилвае дидам, ки дидан доғ шуд.
Барқ бар дил рехт охир ҳасрати нашъу намо,
Чун шарар ин дона аз шавқи дамидан доғ шуд.
Аз ҷунунпаймонии товуси бетобам мапурс,
Пар задам чандон, ки дар болам паридан доғ шуд.
Маҳви дидори киям, к-аз дурбоши ҷилвааш
Бар мижа ҳар қатра ашкам то чакидан доғ шуд.
Оқибат гарданкашонро тавқи гардан нақши пост;
Шӯъла ҳам ин ҷо ба ҷурми саркашидан доғ шуд.
Об дар оина охир фоли ҳайрат мезанад,
Он қадар аз по нишастам, к-орамидан доғ шуд.
Ғайри ибрат шамъи ман з-ин анҷуман ҳосил накард,
Он чӣ дар дидан гулаш буд, аз надидан доғ шуд.
Нолае кардам ба гулшан, Бедил, аз шавқи гуле,
Лолаҳои пунбаи гӯш аз шунидан доғ шуд.

* * *

Ҳамчу оташ ҳар киро дуди талаб дар сар бувад,
Ҳар хасу хораш ба авҷи муддао раҳбар бувад.
Мезанад соғар ба тоқи абрӯи осудагӣ,
Ҳар киро аз обила по бар сари кавсар бувад.
Бе ҳавое нест мумкин гарми ҷустуҷӯ шудан,
Саъй дар бематлабиҳо тоири бепар бувад.
Хокногардида натвон бӯи роҳат ёфтан,
Сандали дарди сари ҳар шӯъла хокистар бувад.
Аз шикасти хеш дарьё мекашад саъи ҳубоб,
Нашъаи камзарфи мо ҳам кош аз ин соғар бувад.
Хоки ҳирмон дар дилу санги надомат бар сар аст,
Ҳар киро чун сикка рӯи илтифоти зар бувад.
Шамъро насӯхтан маҳрумии нашъу намост,
Офият дар мазраи мо офати дигар бувад.
Нест асбоби таъаллуқ монеи парвози шавқ,
Чун нигаҳ моро ҳамон чоки қафас шаҳпар бувад.
Забти оҳи мо чароғи шавқ равшан кардан аст,
Оташи дил обрӯи дидаи миҷмар бувад.
Дар муҳити инқилоб амвоҷи ҷӯши эҳтиёҷ
Ҳифзи оби рӯст, чун гавҳар агар лангар бувад.
Ҳар кӣ аз васфи хати навхези хубон ғофил аст,
Дар наёми лаб забонаш теғи бегавҳар бувад.
Ҳосили умр аз ҷаҳон як дил ба даст овардан аст,
Мақсади ғаввос аз ин нӯҳ баҳр як гавҳар бувад.
Чун маҳи нав бар заифиҳо бисоте чидаем,
Моии болидани мо паҳлуи лоғар бувад.
Равнақи пирист, Бедил, аз ҷавонӣ дам задан,
Ҷинси гармӣ зиннати дӯкони хокистар бувад.

* * *

Улфати дил умрҳо шуд дасту поям бастааст.
Қатраи хуне зи сар то по ҳиноям бастааст.
Рафтаам з-ин анҷуман чун шамъу доғи дил баҷост,
Ҳасрати дидор чашме бар қафоям бастааст.
Ибратам маҳмилкаши сад обила вомондагӣ,
Ҳар кӣ рафторе надорад, по ба поям бастааст.
Ҳамчу саҳро бо ҳама урьёниву озодагӣ
Нақди чандин ганҷ дар кунҷи ридоям бастааст.
Зери гардун бар қадомии орзу нозад касе,
Тангии ин хона дарҳо бар ҳавоям бастааст.
Қош иброме дар ин маҳфил ба фарьёдам расад,
Безабониҳо дари ризқи гадоям бастааст.
Ку арақ, то тукмае чанд аз гиребон во кунам,
Хиҷлати урьёнтанӣ банди қабоям бастааст.
Ар-раҳили зиндагӣ дигар кӣ бар гӯшам занад,
Мӯи пирӣ пунба бар сози дароям бастааст.
Орзу нагзашт, ҳайф аз қулзуми найранги ҳирс,
Варна умре шуд, пулаш дасти дуоям бастааст.
Маънии мавҷи гуҳар аз ҳайратам фаҳмиданист,
Рафтаам аз хешу ёдат дил ба ҷоям бастааст.
Мисраи фикри баландии Бедилам, аммо чи суд,
Бедимоғиҳон фурсат норасоям бастааст.

* * *

Бетобии ишқ ин ҳама найранги ҳавас рехт,
Анқо паре афшонд, ки тӯфони магас рехт.
Мустағнии гашти чаману сайри баҳорем,
Бе болу париҳо чӣ қадар гул ба қафас рехт.
Аз тобу таби ҳасрати дидор мапурсед,
Дар дида чу шамъам нигаҳе пар заду хас рехт.
Аз як нафаси субҳ ҳам эҷоди шафақ кард,
Ҳастӣ дами теғ аст, ки хуни ҳама кас рехт.
Равшангари ҷамъияти дил ҷаҳди хамӯшист.
Натвон чу ҳубоб оина бе забти нафас рехт.
Дунболадави қулқули миноп раҳилем,
Ин бода ҷунун дошт, ки дар ҷоми ҷарас рехт.
Бедил, зи фузулӣ ҳама дар меҳнату айбем,
Оби рухи он мондаҳо сиру адас рехт.

* * *

Хоки намими моро кай фикри иззу чоҳест,
Гарди шикастаи мо бар фарқи мо кулоҳест.
Ишқи ғаюр аз мо чизе нахост ҷуз аҷз,
Сози садой ин ҷо манзури подшоҳест.
Хайру шаре, ки доред, бар фазл вогузоред,
Ҳарчанд умеди афв аст, дар кеши мо гуноҳест.
Бо ишқ ғайри таслим дигар чӣ сар кунад кас,
Дар офтоби маҳшар бесоягӣ паноҳест.
Дил гар нишон намедод, ҳастӣ ки дошт дар бор,
Тимсоли беасарро оина дастгоҳест.
Эй шамъ, чанд хоҳӣ мағрури ноз будан,
Ин гардани баландат сар дар канори чоҳест.
Ҷаҳди занфи моро таслим мешиносад,
Ҳарчанд мо надорем, чун субҳа сар ба роҳест.
Хоки маро махоҳед помоли ноумедӣ,
Бо ҳар сиёҳкорӣ дар сурмаам нигоҳест.
Шустан магар бихонад мазмуни сарнавиштам,
Номе, ки ман надорам, дар номаи сиёҳест.
Шодам, ки фитратам нест тарьёкии тааюн,
Ваҳме, ки мефурӯшам банг асту гоҳ — гоҳест.
Бедил, далели аҷз аст шабнамтарозии субҳ,
Аз саъи бе пару бол ашкам гудози оҳест.

* * *

Сояи дасте агар зомини аҳволи мост,
Хоки раҳи бекасист, к-аз сари мо барнахост.
Дил ба ҳаво бастаем, аз ҳаваси мо мапурс,
Бо ҳама бегона аст, он ки ба мо ошност.
Доғи маоши худем, ғафлати фоши худем,
Ғайри тароши худем, ойна аз мо ҷудост.
Он сӯи ин анҷуман нест магар ваҳму зани,
Чашм напушидаӣ, олами дигар куҷост?
Даъвии тоқат макун, то нақашӣ нанги аҷз,
Обилаи пои шамъ дархури нози асост.
Субҳи қиёмат дамид, пардаи имкон дарид,
Оннаи мо ҳанӯз шабнами боғи ҳаёст.
Дар паи ҳирсу ҳавас сӯхт ҷаҳоне нафас,
Лек напурсид кас, хонаи ибрат куҷост.
Баски талоши ҷунун ҷоми талаб зад ба хун,
Обилаи по кунун косаи дасти гадост.
Ҳастии кулфатқафас нест сафобахши кас,
Дар сари роҳи нафас ойна бахтозмост.
Қофилаи ҳайратест мавҷи гуҳар то муҳит,
Эй амаловарагон, сурати рафтан баҷост.
Маъбади ҳусни қабул онназор асту бас,
Арзи иҷобат мабар, бенафасиҳо дуост.
Кист дар ин анҷуман маҳрами ишқи ғаюр?
Мо ҳама беғайратем, ойна дар Карбалост.
Бедил, агар маҳрамӣ, ранҷи таку дав мабар,
Дар арақи саъи ҳирс хиффати оби бақост.

* * *

Чй сеҳр буд, ки дӯшам дил орзуи ту дошт,
Туро дар оина медиду ҷустуҷӯи ту дошт.
Ба ҳар дукон, ки дар ин чорсу назар кардам,
Димоғи нози ту савдои гуфтугӯи ту дошт.
Ба даври хумкадаи эътибор гардидем,
Сипеҳру меҳр ҳамон соғару сабӯи ту дошт.
Зи халқ ин ҳама ғафлат кй мекунад бовар,
Тағофули ту зи ҳар сӯ назар ба сӯи ту дошт.
Зи мову ман чй қадар бӯи ноз меояд,
Нафас ба ҳар чи дамиданд, ҳою ҳуи ту дошт.
Назар ба ранги ту бастам, назар ба ранги ту буд,
Хаёли рӯи ту кардам, хаёли рӯи ту дошт.
Ғурури нози ту махсуси каҷкулоҳон нест,
Шикастарангии мо ҳам хаме зи мӯи ту дошт.
Ҳазор парда дариданду нағма ранг набаст,
Забони халқ ҳамон маънии мағӯи ту дошт.
Чй ҷуръҳо, ки на бар хок рехтй зоҳид,
Ба ин ҳаё натавон поси обрӯи ту дошт.
Ба саҷда хок шудй ҳамчу ашку з-ин ғофил,
Ки хок ҳам тарй аз хушкии вузӯи ту дошт.
Ба гардиши нигаҳат пай набурда фитрати ту,
Ки субҳаи ту чй зуннор дар гулӯи ту дошт.
Дар ин ҳадиқа ба сад ранг пар задам, Бедил,
Зи ранг дарнагузаштам, ки ранг бӯи ту дошт.

* * *

Ҳиммат чӣ барфарозад аз шарми факри мо даст?
Урьёнтани либосем, ку остин кучо даст?
Бе инфиолӣ аз мо номуси обрӯ бурд,
То чабҳа бе арақ шуд, шустем аз ҳаё даст.
Ҳар чо лаби суоле шуд бар дари тамаъ боз,
Дигар ба ҳам наёмад чун косаи гадо даст.
Қадри ғано чӣ донад зиллатпарасти ҳочат,
Бар пушти худ савор аст аз вазъи илтичо даст.
Ёрон ҳазор даъвӣ аз лоф пеш бурданд,
Аз иттифоқ бо лаб тарҳ аст дар садо даст.
Гардуни нопушаймон мағлуби ҳеч кас нест,
Судан магар биёзад бар дасти осиё даст.
Эй сӯҳбат аз дили танг тӯҳматнасиби шабнам,
Ин укда гар кушудӣ, то осмон кушо даст.
Чоки либоси Мачнун хат мекашад ба саҳро,
Ин чо ҳазор домаи хуфтаст чайб то даст.
Тағйири ранги фитрат бе нанги силие нест,
Рӯзи сиёҳ дорад дар кисвати ҳино даст.
Дарьюзаи тароват юмне надорад ин чо,
Чун нахл оламеро шуд хушк бар ҳаво даст.
Бе қатъи зиндагонӣ мушкил тавон чудо кард
Аз домани ҳавасҳо ин садҳазор по даст.
Раъноии тачаммул масти хароши дилхост,
Ҳар гоҳ панча ёзид, шуд нохунозмо даст.
Ҳирси ҳусули матлаб бе нашъаи чунун нест,
Аз лаб ду гом пеш аст дар арсаи дуо даст.
Аз дастгирии ғайр дар хок хуфтан авлист,
Ҳамчун чинор, ё раб, рӯяд зи дасти мо даст.

* * *

Ҳайф аст саъи ҳиммат хиффаткаши гулу мул,
Бояд кашид аз ин боғ ё домани ту ё даст.
Бедил, дар ин биёбон халқе ба аҷз фарсуд,
Чун нақши по шикастем мо ҳам ба зери по даст.

* * *

Худнамоиҳо касофат ҷавҳарист,
Шиша то дар санг мебошад, барист.
Эътибор ин ҷо надорад офият
Шамъ сар то пош помоли сарист.
Сарви гул нокарда озодӣ маҳоҳ,
Ин самар вақфи баҳори бебарист.
Пунбаи дар гӯш вокаш бехалал,
Хонаи осудагӣ қулфаш карист.
Бехудиро чорсӯи ноз кун,
Ранг гардондан дӯкони ҷавҳарист.
Оташам, оташ мапурс аз кисватам,
Ҳар чи мепӯшам, ҳамон хокистарист.
Инфиоли саҷда з-он дар мебарад,
Чун ҷабин бар ман арақ бонд гирист.
Рангҳо яксар шикастомодаанд,
Ин гулистон олами миногарист.
Як қалам мӯи шикан парвардаем,
Паҳлӯи мо нардбони лоғарист.
Фитрат аз норостӣ чап мехурад,
Лағзиши ин хома аз бемиҳварист.
Васл пайғом аст, чун омал ба ҳарф,
То худое гуфтаӣ пайғамбарист.
Мардро дар халқи мунсиф зистан,
Бар сипеҳри авҷи иззат меҳварист.
Бедил аз буньёди мо хиҷлат нарафт,
Хоки мо чун об мавзӯи тарист.

* * *

Офат сару барги ҳавасорони ҷоҳ аст,
Сар бохтани шамъ зи сомони кулоҳ аст.
Ғофил машав аз файзи сияҳрӯзии ушшоқ
Нили шаби мо ғозакаши чеҳраи моҳ аст.
Бо ҳусни ту осон натавон гашт муқобил,
Ҳайрат чӣ қадар оинаро пушту паноҳ аст.
Як чашми тар овардаам аз қулзуми ҳайрат,
Ин киштии оина пур аз ҷинси нигоҳ аст.
Афсӯс, ки дар ғунчаву бӯ фарқ накардем,
Дил рафту мани дилшуда пиндоштам, оҳ аст.
То ҳаст нафас, ранг ба рӯям натавон ёфт,
Таҳрики ҳаво болу пари ваҳшати коҳ аст.
Ку хиҷлати исьён, ки муҳити карамашро
Оиниши мавҷ аз арақи шарми гуноҳ аст.
З-он ҷилва ба худ сохт ҷаҳоне, чӣ тавон кард?
Шаб партави хуршед дар оинаи моҳ аст.
Ҷуз сози нафас ғафлати дилро сабабе нест,
Ин хона чу доғ аз асари дуд сиёҳ аст.
Он ҷо ки такаббурманишон ноз фурӯшанд,
Моему шикасте, ки сазовори кулоҳ аст.
Ҳарчанд ҷаҳон вусъати як гом надорад,
Аммо агар аз хеш барой, ҳама роҳ аст.
Зиндони ҷасад манзари қурби самадӣ нест,
Меъроҷи хаёли туву раҳ дар буни чоҳ аст.
Аз ҷилва касе ранги тағофул нанисандад,
Бедил, мижа бар ҳам заданат, аҷзи нигоҳ аст.

* * *

Қасе, ки чун мижа ибрат далели равшанаш афтад,
Ба хок то нигарад чашм, ҳам ба гарданаш афтад.
Хуш аст нози таҷаррӯд ба дидаҳо нафурӯшӣ,
Хиҷолат аст, ки Исо назар ба сӯзанаш афтад.
Ғубори саъи маош он қадар маҳоҳ фароҳам,
Ки инфиоли табиат ба фикри рафтанаш афтад.
Дар ин муҳит расад мавҷи мо ба мансаби гавҳар
Даме, ки навбати дандон ба дил фишурданаш афтад.
Ба хушкпора бисозед, к-аз таматтӯи дунъё
Гудози шамъ хӯрад, ҳар кӣ нон ба равғанаш афтад.
Карим даст наёзад ба поси нисбати ҳиммат,
Мабод чини сарностин ба доманаш афтад.
Видои умр тариқи хироми нози ту дорад,
Қиёмат аст, агар чашми кас ба рафтанаш афтад.
Ба хоксории хешам умедҳост, ки шояд
Ғалат ба сурма кунад, чун нигоҳ бар манаш афтад.
Зи ному ҷоҳ ҳазар кун, мабод нақши нигинаш
Ба нақби қабр кашад, то ҳавас ба канданаш афтад.
Ирода шикваи дил нест, лек решаи улфат
Зи донаест, ки оташ ба сози хирманаш афтад.
Ба поси рози муҳаббат гудохт тоқати Бедил,
Ки то сари мижа ҷунбад, ҷигар ба доманаш афтад.

* * *

Боз домони дил оҳанги чӣ гулшан мекашад?
Нолае то мекашам, товус гардан мекашад.
Баски истеҳқоқи гарди бепару болам расост,
Ҳар ки домони ту мегирад, сӯи ман мекашад.
Беш аз ин иатвон чароғи ранги ноз афрӯхтан
Хомаи тасвири бодоми ту равған мекашад.
Нола андӯҳи гаронӣ барнамедорад зи дил,
Санги ин кӯҳ аз садо нози фалохан мекашад.
Шамъи ин маҳфил наям, аммо ба завқи теғи ӯ
То нафас дорам, саре дорам, ки гардан мекашад.
Пайрави саъи таҷарруд барнамеояд ба аҷз,
Ришта аз ҳар пираҳан худро ба сӯзан мекашад.
Эътибори аҳли зулм аз олами иқбол нест,
Оташолуд аст он обе, ки оҳан мекашад.
Танг бар девона шуд дашту дар аз урьёнтанӣ,
Кист, фаҳмад, бе гиребоне чӣ доман мекашад?
Моҳии дарьёи ваҳмем, оҳ аз ин тадбири пуч,
Мағз омочи хадангу пӯсти ҷавшан мекашад.
Умрҳо шуд сурмасои коргоҳи ибратем,
Хоксорӣ интиқоми мо зи душман мекашад.
Сояро, Бедил, зи қатъи дашту дар ташвиш нест,
Маҳмили таслим дӯши орамидан мекашад.

* * *

Гар шавқ пайи матлаби ноёб нагирад,
Сармашқи рам аз олами асбоб нагирад.
Бо ташналабӣ созу маҳӯр обе аз ин баҳр,
То ҳалқи туро танг чу гирдоб нагирад.
Он дил, ки тапидан фиканад қуръаи васлаш,
Ҳайф аст, ки оина ба симоб нагирад.
Муҳтоҷи карамон нашавад муфсили қонеъ,
Сарчашмаи оина зи баҳр об нагирад.
Сайёди асирони муҳаббат хами абрӯст,
Кас моҳии ин баҳр ба қуллоб нагирад.
Аз нури ҳидоят набарад баҳра сияҳбахт
Чун сол, ки ранг аз гули маҳтоб нагирад.
Дил масти ҷунун аст, бигӯед хирадро,
Ниpӯи суроғи мани бетоб нагирад.
Азбас ба ҷуроди ду ҷаҳон даст фишондем,
Гар зулф шавам, домани ман тоб нагирад.
Манзури ҳаё забти нигоҳ аст, вагарна
Сарпанҷаи мижгони бутон хоб нагирад.
Дар ҳалқаи хомушнафасон дар дили мо бош,
То ҳеч касат нукта дар ин боб нагирад.
Бунёди ту то чанд шавад садди раҳи умр,
Бедил, кафи хоке раҳи селоб нагирад.

* * *

Аз ҳаводис хотири озоди мо ғамгин нашуд,
Чабҳаи ин баҳр аз саъи ҳаво пурчин нашуд.
Бо либоси фақрам аз олоиши дунъё чӣ бок?
Ин намад ҳаргиз ба оби оина сангин нишуд.
Аз қабули халқ натвон заҳмати миннат кашид,
Эй хуш он созе, ки қобилнағмаи таҳсин нашуд.
Сифларо бедастгоҳӣ хизри роҳи ростист,
Ин пиёда качравӣ нагрифт, то фарзин нашуд.
Синасофӣ ҳам намегардад илочи бадгуҳар,
Теғи қотиларо видон занг рафъи кин нашуд.
Даст бардоред аз ранги бисоти ин чаман,
Шабнамеро пушти нохун з-ин ҳино рангин нашуд.
Субҳи теғаш то накард абрӯ баланд аз хоби ноз,
Ҳамчу шамъам талхии ҷонбохтан ширин нашуд.
Дар баҳори санъатободи маонӣ рангу бӯ
Ҷуз забони ман ба як ангушт кас гулчин нашуд.
Шӯхии боди хазон сармояи иксир дошт,
Нест з-ин гулшан пари коҳе, ки ӯ заррин нашуд.
Хоби роҳат буд вақфи бехудӣ, аммо чӣ суд?
Ранги мо парҳо шикасту қобили болин нашуд.
Бас ки озод аст Бедил аз иборoти дуӣ,
Нола ҳам ин мисраъ барчастаро тазмин нашуд.

* * *

Ҳар чо нафасе ҳаст, зи ҳастӣ гила дорад,
Девонаву ҳушьёр ҳамин силсила дорад.
Печида ба пои талабам домани дашге,
Қ-аз обила сад реги равон қофила дорад.
Маъзурам, агар тоқати рафтор надорам,
Чун шамъ зи сар то қадамам обила дорад.
Бетобии дил санги раҳи бехабариҳост,
Аз вазъи ҷарас қофилан мо гила дорад.
Бегонаи кайфияти ғайб аст шаҳодат,
Чандон ки забони ту зи дил фосила дорад.
Маҳмилкаши таслими зи худ рафтани ашкем,
Ин қофила як лағзиши по роҳила дорад.
Дар водии фурсат сару барги қадаме нест,
Дил нераваду дасти фусус обила дорад.
Бар ваҳшати мо хурда магиред, ки ошиқ
Чун ашк ҳамин як дили беҳавсала дорад.
Як чанд ту ҳам хонабадӯши ману мо бош,
Офоқ дар овози ҷарас қофила дорад.
Дарди сари гул чанд диҳад нолаи булбул,
Бедил, ғазали мо нашунидан сила дорад.

* * *

Рузе, ки бе ту домани заъфам ба чанг буд,
ıксам зи оби оина дар зери занг буд.
Чун лола з-ин баҳор начидем ғайри доғ,
Оинадории нафас изҳори ранг буд.
Парвозҳо ба зери фалак маҳви бол монд,
Гарде нашуд баланд, зи бас арса танг буд.
Бўси кафаш табассуми субҳи умеди кист?
Ин ҷо ҳамин баҳори ҳино гул ба чанг буд.
Дар оламе, ки бехабар аз худ гузаштан аст,
Андешаи шитоб тилисми даранг буд.
Сабре магар талофии озори мо кунад,
Миношикаста он чӣ ба дил баст, санг буд.
Занҷири мо чу зулфи бутон монд бе садо,
Азбас ғубори дашти ҷунун сурмаранг буд.
Ҳайрат кафили як мижа тамҳиди хоб нест,
Оина доғи сояи девори занг буд.
Оҳе накард гул, ки даме аз худам набурд,
Ранги шикастаам пари чандин ҳаданг буд.
Бедил, ба ҷайби хеш фурў бурд ҳайратам,
Чашми ба ҳам наёмада коми наҳанг буд.

* * *

Боғи найранги ҷунун ҳам нест осон бишкуфад,
Хун хўрад сад шўъла, то доғе ба сомон бишкуфад.
Обьёри мо, адабкорон, гудози ҷуръат аст,
Чашми мо мушкил, ки бар рухсори ҷонон бишкуфад
Бедимоғӣ фурситандеши шикасти ранг нест,
Гул ба ранги субҳ бояд доманафшон бишкуфад.
Тангнои арсаи мавҳуми имконро куҷост
Он ҳалар вусъат, ки як захми намоён бишкуфад.
Дар шикасти ман тилисми айши имкон бастаанд,
Рангам оғўше кашад, то ин гулистон бишкуфад.
Меҳрварзӣ нест ин ҷо кам зи боди меҳргон,
Чок зан ҷайби вафо, то табъи ёрон бишкуфад.
Вазъи мастурӣ ғубори машраби Маҷнун мабод,
Доғи дил, ё раб, ба ранги нола урьён бишкуфад.
Қобили наззорам он ҷилва гаштан мушкил аст,
Гар ҳама сад наргисистон чашми ҳайрон бишкуфад.
Ҳеҷ тухме қобили сарсабзии уммед нест,
Ашк бояд коштан чандон, ки тўфон бишкуфад.
Инчунин маҳрум дорад чашми хоболуди ман,
Бе баҳоре нест ҳайрат, кош мижгон бишкуфад.
Дар гулистоне, ки дорад ашки Бедил шабнаме,
Барг баргаш нолаи булбул ба доман бишкуфад.

* * *

Нақши дуй бар оннаи ман набастаанд,
Ранги дил аст, ин ки ба рӯям шикастаанд.
Ороми ошиқон рами парвози дигар аст,
Чун шӯъла рафтаанд зи худ, то нишастаанд.
Ғофил машав зи ҳоли хамӯшон, ки аз ҳаё
Сад ранг нола дар нигаҳи аҷз бастаанд.
Ҳуше, ки рангу бӯи парафшони ин чаман
Овози дилхароши ҷигарҳои хастаанд.
Бегонагӣ зи вазъи нафас бол мезанад,
Ин риштаро зи нағмаи улфат гусастаанд.
Абнои рӯзгор бароии гулӯи ҳам
Ханҷар шудан агар натвонанд, дастаанд.
Ҷамъе, ки дам зи олами тавҳид мезананд,
Пайвастаанд бо ҳақу аз худ нарастаанд.
Офоқ нест марказн ороми ҳеҷ кас,
З-ин хонаи камон ҳама як тири ҷастаанд.
Ғофил зи поси оби рухи аҷзи мо мабош,
Моро ба ёди тарфи кулоҳе шикастаанд.
Бедил, наҷастааст гуҳар аз тилисми об,
Нақдест дил, ки дар гиреҳи ашк бастаанд.

7 — 4857

* * *

Вахшатам гар як тапиш дар дашти имкон бишкуфад,
То ба домони каёмат чини домон бишкуфад.
Ашки мижгонпарварам, аз ҳасратам ғофил мебош,
Нолаандуд аст он гул, к-аз наистон бишкуфад.
Қу насими муждаи васле, ки аз парвози шавқ
Ғунчаи дил дар барам то кӯи ҷонон бишкуфад.
Метавон бо сад хиёбони биҳиштам тарҳ дод
Як мижа чашме, ки бар рӯи азизон бишкуфад.
То киёмат дар кафи хоке, ки нақши пои ӯст,
Дил тапад, оина болад, гул дамад, ҷон бишкуфад.
Ҳастии ҷовид резад гул ба домони адам,
Як табассумвор агар он лаъли хандон бишкуфад.
Гулфурушони ҷунунро дастгоҳе лозим аст,
Ғунчаи ин боғ, тарсам, бе гиребон бишкуфад.
Нолаҳо аз кулфати бедардии дил об шуд,
Ё раб, ин гулшан ба бахти андалебон бишкуфад.
Нест ғайр аз шарми ҳоҷат абри гулзори карам,
Мекунад соил арак, то дасти эҳсон бишкуфад.
Бар дили маъюс, Бедил, пушти дасте мегазам.
Ғунчаи ин уқда кош аз саъи дандон бишкуфад.

* * *

Чун барги гул зи бас пару болам шикастаанд.
Мактуби ваҳшатам ба пари ранг бастаанд.
Парвонамашрабон ба як андози сӯхтан
Аз сад ҳазор ваҳшати парвоз ҷастаанд.
Фурсат кафили ваҳшати кас нест, з-ин чаман
Гулҳо басест домани ранге шикастаанд.
Тимсоли ман дар оина пайдо намешавад,
Дар пардаи хаёли туам нақш бастаанд.
Афсурдагӣ ба сӯхтагонат чӣ мекунад,
Ин ҷо сипандҳо ҳама ба нола ҷастаанд.
Олам тамом хун шуду аз чашми мо чакид,
Хубон ҳанӯз мункири дилҳои хастаанд.
Он бехудон, ки забти нафас кардаанд соз,
Осудатар зи нағмаи тори гусастаанд.
Сар бармакаш зи ҷайб, ки гулҳои ин чаман
Аз шавқи ғунчагӣ ҳама мӯҳтоҷи дастаанд.
Моро ҳамон ба хоки раҳи аҷз вогузор,
Вомондагон дар обила доман шикастаанд.
Озодагон ба гӯшае доман фишондаий,
Чун дашт дар ғубори ду олам нишастаанд.
Бедил зи тангнои ҷаҳонат малол чист?
Парвози ноларо ба қафас раҳ набастаанд.

* * *

Рафтему доғи мо ба дили рӯзгор монд,
Хокистаре зи қофилаи эътибор монд.
Аз мо ба хоки водии улфатсаводи ишқ
Ҳар чо шикаст обила, дил ёдгор монд.
Ӣнаро тапидан аз сари кӯи ту барнадошт,
Ин гавҳар об гашту ҳамон хоксор монд.
Вазъи ҳаёст домани фонуси офият,
Аз забти худ чароғи гуҳар дар ҳисор монд.
Муфти нишот ҳеч, агар фақру гар ғано,
Дасте надоштам, ки бигӯям зи кор монд.
Зинҳор ху макун ба гаронҷонӣ он қадар,
Шуд санг нолае, ки дар ин кӯҳсор монд.
Фурсат намонду дил ба тапиш ҳамъиноғ ҳанӯз,
Оҳу гузашту шӯхии рақси ғубор монд.
Ҳар чо нафас ба шӯълаи таҳқиқ сӯхтем,
Кӯҳсор бар садо заду мушти шарор монд.
Пирӣ суроғи ҳиҷлати умри гузашта буд,
Муздур рафту дӯши ҳавас зери бор монд.
Нагзошт ҳайратам, ки гуле чинам аз висол,
Аз ҷилва то нигоҳ як оғӯшвор монд.
Худдориям ба укдаи маҳрумӣ орамид,
Дар баҳр низ гавҳари ман бар канор монд.
Мижгон зи дид қатъи таааллуқ намекунад,
Мушти ғубори ман ба раҳи интизор монд.
Бедил, зи шӯълае, ки нафас барқтози ӯст,
Доғе чу шамъи кушта ба лавҳи мазор монд.

* * *

Аз пунба агар оташи сӯзон гила дорад,
Девона ҳам аз хори биёбон гила дорад.
Чун ашк аракрези ҳиҷобам, чӣ тавон кард?
Мастурии ишқ аз мани урьён гила дорад.
Оинаи дилро зи нафас нест раҳоӣ,
Дарьё абас аз шӯхии тӯфон гила дорад.
Девонагиву ҳуш ба як ҷома нагунҷад,
Аз дасти адаб ҷоки гиребон гила дорад.
Ку дил, ки бидонам, зи ғамат нолафурӯш аст,
Ку лаб, ки тавон гуфт: зи ҷонон гила дорад.
Дар олами осудагӣ аз хеш равонем,
Мавҷи гуҳар аз ҷидани домон гила дорад.
Эй бехабар, аз камхирадон шиква чӣ лозим?
Одам набувад, он кӣ зи ҳайвон гила дорад.
Анбонсифат арбоби қазо ба ҳама халқанд,
Бальдани ин қавм зи дандон гила дорад.
Дар соғару минон тиҳӣ нола шароб аст,
Муфлис ҳама аз олами сомон гила дорад.
Оинаи мо лаззати дидор нафаҳмид,
Муштоқи ту аз дидаи ҳайрон гила дорад.
Дар нусхаи кайфияти ин боғ вафо нест,
Мазмуни гул аз бастани паймон гила дорад.
Маҷбури фанороˌчи хамӯшӣ, чи такаллум,
Ҷандон ки нафас мезанад, инсон гила дорад.
Бедил, ба ҳавас доғи муҳаббат нафурӯзӣ,
Ин шаб, ки ту дорӣ, зи чароғон гила дорад.

* * *

Дилдор рафту дида ба ҳайрат дучор монд.
Бо мо нишони барги гуле з-он баҳор монд.
Хамьёзасанчи тӯҳмати айши рамидаем,
Май он қадар набуд, ки ранчи хумор монд.
Аз барги гул дар ин чамани ваҳшатобьёр
Хоҳад паре зи тонри ранги баҳор монд.
Яъсам надод рухсати изҳори нолае,
Чандон шикаст нола, ки дар дил ғубор монд.
Огоҳиям суроғи тасаллӣ намедиҳад,
Аз чавҳар оби оинаам мавчдор монд.
Ғафлат ба нозболиши гул дода такьяам,
Пои ба хоб рафтаи ман дар нигор монд.
Бояд ба фурсати тарабам хун гиристан,
Тимсол рафту оина тӯҳматшикор монд.
Яъқубвор чашмсафедӣ шукуфа кард,
Бо ман ҳамин гул аз чамани интизор монд.
Бедил, аз он баҳор, ки тӯфони чилва дошт,
Рангам шикасту оинае дар канор монд.

* * *

Аз чарх на ҳар аблаҳу нодон гила дорад,
Ҷон гила ин аст, ки инсон гила дорад.
Асбоб бар озодадилон сахт ҳиҷобест,
Наззораи ҷамъияти мижгон гила дорад.
Занҷир зи девона надид улфати ором,
Аз ваҳшати дил турраи ҷонон гила дорад.
Бар ваҳшати ашкам табу тоби мижа бор аст,
Ин мавҷ зи печу хами домон гила дорад.
Изҳори арақ хиҷлати дебочаи шарм аст,
Мактуби ман аз шӯхии унвон гила дорад.
Тарсам, шавад озурда зи тоби нигаҳи гарм
Рухсори ту, к-аз сояи мижгон гила дорад.
Аз тоқати доғам ҷигари шӯъла кабоб аст,
Аз обилаам хори муғелон гила дорад.
Ашки тапишоҳанги ҷунунам,чӣ тавон кард?
Осудагӣ аз хонабадӯшон гила дорад.
Зинҳор ба худ низ тараҳҳум нанамой,
Имрӯз дар ин анҷуман эҳсон гила дорад.
Бедил, манам он гавҳари дарьён таҳаммул,
Қ-аз лангари ман шӯриши тӯфон гила дорад.

* * *

Зи сидоаи нигоҳат фитна баркоҳанг мегардад,
Ба шӯхиҳои нозат базми имкон танг мегардад.
Тилисми ҳайрате дорад тамошогоҳи асрорат,
Ки ҳар кас меравад хушьёр, аз он ҷо данг мегардад.
Намедонам ҳавопарвардаи шавқи чӣ гулзорам,
Ки ҳамчун бӯи гул рангам буруни ранг мегардад.
Дили озоди мо бори такаллуф барнамедорад,
Бар ин оина акси ҳар чӣ бошад, занг мегардад.
Хазони хуни мо дорад баҳори шарми маъшуқон,
Дар он ҷо то ҳаё меболад, ин ҷо ранг мегардад.
Ҳавас дар ҳасрати кунчи лабе хун мехӯрад, к-он ҷо
Гиребон медарад, аз бас табассум танг мегардад.
Ду олам хубу зишт аз софии дил кардаем иншо,
Қиёмат мешавад оина чун безанг мегардад.
Надонам, мутриби базмат чӣ соғар дар нафас дорад,
Ки шавқ аз бехудӣ гирди сари оҳанг мегардад.
Ба саъи худ назар кардан далели дурияст ин ҷо,
Шумори гом ҳар ҷо ҷамъ шуд, фарсанг мегардад.
Муҳаббатпешаӣ, Бедил, матарс аз вазъи расвоӣ,
Ки ошиқ тӯшинаи хуни ду олам нанг мегардад.

* * *

Ҳаргиз ба дастгоҳи назар по намерасад,
Кӯри асобадаст ба бино намерасад.
Ҳар тифли ғунча ҳамсабақи дарси субҳ нест,
Ҳар соҳиби нафас ба Масеҳо намерасад.
Гул хок гашту шӯхии ранги ҳино наёфт,
Афсӯси ҷабҳае, ки ба он по намерасад.
Ин аст агар ҳақиқати найранги ваҳдат,
Моему фурсате, ки ба фардо намерасад.
Аз нақши эътибори ҷаҳон сахт содаем,
Тимсоли кас ба оинаи мо намерасад.
Дар ҷустуҷӯи мо накашӣ заҳмати суроғ,
Ҷое расидаем, ки анқо намерасад.
Моро чу сел хок ба сар кардан асту бас,
То он замон, ки даст ба дарьё намерасад.
Осудаанд софдилон аз забони халқ,
Аз мавҷи май шикаст ба мино намерасад.
Як даст медамад саҳару шоми рӯзгор,
Ҳеҷ офате ба ин гули раъно намерасад.
Дар гулшане, ки ӯст, чӣ шабнам, кадом ранг?
Яъне дуои бӯи гул он ҷо намерасад.
Рамзи даҳони ёр зи мо, бехудон, мапурс,
Табъи салими мо ба муаммо намерасад.
Зоҳид, димоғи тавба ба кавсар расондай,
Маъзур, к-ин хаёл ба саҳбо намерасад.
Охир ба ранги нақши қадам хок гаштан аст,
Оина пеши пою касе во намерасад.
Бедил ба арзи ҷавҳари асрори хубу зишт
Оинае ба сафҳаи симо намерасад.

* * *

Ба ҳар ҷо сози ҳиҷлат изтиробоҳанг мегардад,
Ба мавҷи як араҳ сад осиёи ранг мегардад.
Нагардад вазъи пирӣ монеи бетобии шавқат
Наво аз но наяфтад, гар нан мо ҷанг мегардад.
Фусурдан кисвати номуси чандин ваҳшат аст ин ҷо,
Парӣ дар шиша дорад, хоки мо гар санг мегардад.
Зи улфатгоҳи дил магзар, ки бо он парфишониҳо
Нафас ин ҷо зи лаб нагзашта, узри ланг мегардад.
Чу гирад худнамоӣ доманат, сози надомат кун,
Хамӯши метапад бар хеш, то оҳанг мегардад.
Фиреби об натвон хӯрдан аз оинаи ҳастӣ,
Ки имрӯзаш сафое ҳаст, фардо занг мегардад.
Димоғи ваҳм саршор аст дар хумхонаи имкон,
Ман таҳқиқ то дар ҷом резӣ, банг мерадад.
Надонам, набзи мавҷам ё ғубори шишаи соат,
Ки роҳат аз мизоҷи ман ба сад фарсанг мегардад.
Ҷунунам ҷомаворе дорад аз ташрифи урьёнӣ,
Ки гар як ришта бар рӯяш физоӣ, танг мегардад.
Дил он беҳтар, ки чун ашк аз тапидан нагзарад, Бедил,
Ки ин гавҳар ба як дам орамидан санг мегардад.

* * *

То гарди мо ба авчи сурайё намерасад,
Саъи талаб ба обилаи по намерасад.
Туфони нолаему тахайюр хамон бачост,
Оина чавхарат ба дили мо намерасад.
Ишк аз гудози ранги хавас об дод кишт,
Бе хас нихоли шуъла ба боло намерасад.
Гар факру гар гано, магузар аз хузури шавк,
Ин як нафас хаёл ба сад чо намерасад.
Ибратнигохи олами анчоми шамъ бош,
Хар чо сарест, чуз ба тахи по намерасад.
Бе хун шудан суроги дилат сахт мушкил аст,
Ангур май нагашта ба мино намерасад.
Ирфон насиби зохиди чаннатпараст нест,
Ин чун хушкмагз ба дарьё намерасад.
Аз бода магзаред, ки ин як-ду лахза умр
То инфиоли тавбаи бечо намерасад.
Девонагон хазор гиребон даридаанд,
Дасти хавас ба домани сахро намерасад.
Бедил, гариби мулки шиносоии худем,
Чуз мо касе ба бекасии мо намерасад.

* * *

Коми дил аз лаби хамўш гирифтан дорад,
Нашъае з-ин ман бечўш гирифтан дорад.
То навоҳон чаҳон сози кудурат нашавад,
Чун каре раҳгузаре гўш гирифтан дорад.
Нест девона зи кайфияти саҳро ғофил
Аз чунун ҳам сабақи ҳуш гирифтан дорад.
Зоҳидо, кас зи сабўи маят огоҳ накард,
Ин савобест, ки бар дўш гирифтан дорад.
Хубу зишт, он чӣ дар ин базм дарад тарфи никоб.
Ҳамчу оина дар оғўш гирифтан дорад.
Ҳар нигаҳ дида ба тўфони дигар мечўшад,
Сари ин чашман хаспўш гирифтан дорад.
Дарди дил сури қиёмат шуду нашнид касе,
Пеши ин бехабарон гўш гирифтан дорад.
Муфти фурсат, агар огаҳ шавӣ аз сози нафас,
Ин раги хоби фаромўш гирифтан дорад.
Дар дили ғунча зи асрори чаман бўе ҳаст,
Хабар аз мардуми хомўш гирифтан дорад.
Файзи озодӣ агар парда кушояд чун субҳ,
Як дамидан ба сад оғўш гирифтан дорад.
Чашм то бозкушоӣ, мижаҳо рў ба қафост,
Хабари ишабат аз дўш гирифтан дорад.
Ба сухан қонеам аз неъмати алвон, Бедил,
Ризқи худ чун садаф аз гўш гирифтан дорад.

* * *

Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,
Табъи салим фазл аст, ирси падар набошад.
Ғафлатбаҳона муштоқ, хобат фасона моил,
Бар дида сахт зулм аст, гар гӯш кар набошад.
Халқу ҳазор савдо, мову ҷунуну даште,
Қ-он ҷо зи бекасиҳо хоке ба сар набошад.
Чини кудурате ҳаст бар ҷабҳаи нигинҳо,
Таҳсили номдорӣ бе larди сар набошад.
Имрӯз қадри ҳар кас миқдори молу ҷоҳ аст,
Одам наметавон гуфт онро, ки хар набошад.
Дар ёди домани ӯ моему дил тапидан,
Муште ғубори моро шуғли дигар набошад.
Нақди ҳаёт то кай дар кисаи таваҳҳум,
Оҳе, ки мо надорем, гӯ, дар ҷигар набошад.
Он беҳ, ки барқи ғайрат бунёди мо бисӯзад,
Оинаеӣу моро тоби назар набошад.
Пайдост аз надомат узри занфини мо,
Шабнам чӣ вонамояд, гар чашми тар набошад.
Гардонда гир, Бедил, авроқи нусхаи ваҳм,
Фурсат баҳори ранг аст, ранг он қадар набошад.

* * *

Аз тағофулзадаме тарки сабаб бояд кард,
Рӯзи худро ба ғубори мижа шаб бояд кард.
Гарди ворастагии кӯи фано бояд буд,
Хок дар дидаи андуҳу тараб бояд кард.
Ҳамчу оина агар даст диҳад софии дил,
Ҷавҳари нотиқа шерозаи лаб бояд кард.
Кӯҳнамашқи хати амвоҷи саробем ҳама,
Айнак аз обилаи пой талаб бояд кард.
Ашк агар шиша аз ин даст ба ҳам мечинад,
Мижаро рукаши бозори ҳалаб бояд кард.
То шавад табъи ту оинаи таҳқиқи вафо,
Хулқро сайқали зангори ғазаб бояд кард.
Дами субҳе магар афсуни табошир диҳад,
Шамъи моро ҳама шаб хидмати таб бояд кард.
Дидаеро, ки чаманпарвари дидори ту нест,
Ба тамошои гулу лола адаб бояд кард.
Он қадар шефтаи наргиси ҳаммори туам,
Ки зи хокам ба қадаҳ оби инаб бояд кард.
Як таҳайюр ду ҷаҳон дар назарат месӯзад,
Оташ аз хонаи оина талаб бояд кард.
Дилу дониш ҳама дар ишқи бутон бояд сохт,
Хешро Бедилу девона лақаб бояд кард.

* * *

Нафас то парфишон аст, аз туву ман барнамеояд,
Қасе з-ин хиҷлати дар оташафкан барнамеояд.
Забонамро ҳаё чун мавҷи гавҳар лол кард охир,
Зи занҷире, ки дар об аст, шеван барнамеояд.
Ҳузури дил тамаъ дорӣ, зи таъмири ҷасад бигзар,
Ки гавҳар аз садафҳо бе шикастан барнамеояд.
Гудозе аз нафас гир интихоби нусхаи ҳастӣ,
Ки ҷуз шабнам зи шири субҳ равған барнамеояд.
Ғурури худсариҳо абҷади нашъунамо бошад,
Зи тухм аввал ба ҷуз рагҳои гардан барнамеояд.
Риёзат то куҷо бори дуруштӣ бандад аз табъат,
Ба сайқал оина аз сангу оҳан барнамеояд.
Ба рафъи тӯҳмати ғафлат гудози дард сомон кун,
Ки дил то хун нагардад, аз фусурдан барнамеояд.
Ҳавопарвардаи шавқи баҳористони дидорам,
Ба гулхан ҳам нигоҳи ман зи гулшан барнамеояд.
Ба уръёнӣ чу гардун боядам ночор сар кардан,
Ба ин розе, ки ман дорам, нуҳуфтан барнамеояд.
Бисоти меҳр бояд сояро аз дур бӯсидан,
Ба барқи ҷилваи ӯ ҳастии ман барнамеояд.
Аҷаб фарсудатар аз ашки миҷгонпарварам, Бедил,
Ману пое, ки то кӯяш зи доман барнамеояд.

* * *

Пеши арбоби ҳасаб тарки насаб бояд кард,
Пардаи дидаву дил фарши адаб бояд кард.
Қорвонҳо ҳама маҳмилкаши яъс аст ин чо,
Ноларо бадрақаи саъи талаб бояд кард.
Бониси гиръя дар ин дашт агар чизе нест,
Аламн бекасие ҳаст, сабаб бояд кард.
Гар шавад пеши ту манзур нисори нигаҳе,
Гавҳари чон ба ҳавас тӯҳфаи лаб бояд кард.
Чамъ будан ба парешонсифатӣ осон нест,
Рӯзҳо дар қадами зулфи ту шаб бояд кард.
З-ин таваҳҳумкада сомони дигар натвон ёфт
Чуз даме чанд, ки эсори тааб бояд кард.
Тарки лаззоти чаҳон муфти саломат шумаред,
Ин шакар қобили он нест, ки таб бояд кард.
Чайби ҳар мавч тарабгоҳи ҳузури дарьёст,
Фикри худ кун, гарат андешаи раб бояд кард.
Нами обу кафи хоке ба ҳам омехтааст,
Ҳар чӣ оид зи ту корест ачаб, бояд кард.
Бедил, ин анчумани ваҳм дигар натвон ёфт,
Дард ҳам муфти тамошост, тараб бояд кард.

* * *

Нафас ҳам аз дили ман бешикастан барнамеояд,
Аз ин мино шаробе ғайри шеван барнамеояд.
Гудози худ шуд охир уқдафарсон дили тангам,
Кушоди кори гавҳар ғайри судан барнамеояд.
Таматтўъ орзу дорӣ зи чарх, аз ростӣ бигзар,
Ки бе ангушти кач аз кўза равған барнамеояд.
Чу фақрат соз шуд, барги таҷаммулҳо тамошо кун,
Ки тухм аз хоксорӣ ғайри хирман барнамеояд.
Шиканҷи хонумон, он гаҳ димоғи арзи озодӣ,
Садо аз ҷоми мино бе шикастан барнамеояд.
Каманди нола аз дил барнамедорад гаронӣро,
Ба санги кўҳ зўри ҳар фалохан барнамеояд.
Заифӣ ашки моро маҳв дар наззора кард охир,
Ба осонӣ гиреҳ аз чашми сўзан барнамеояд.
Замоне ғунча шав, аз гулшану саҳро чӣ мехоҳӣ?
Ба сомони гиребон ҳеч доман барнамеояд.
Чу оҳи беасар восўхтам аз нанги бекорӣ,
Магар аз худ бароям, дигар аз ман барнамеояд.
Нафаҳмидаст роҳи лаб навои шиквам Бедил,
Ки ин дуд аз заифӣ то ба равзан барнамеояд.

* * *

Дил боли яъс зад, нафаси мўътанам намонд,
Манзил ғубори сел шуду ҷода ҳам намонд.
Ором худ набуд насиби ғубори мо,
Навмедии дигар, ки кунун тоби рам намонд.
Афсуни ҳирс ҳам эсараш тоқатозмост,
Он моя иштиҳо, ки тавон хўрд ғам, намонд.
Саъи умед бар чӣ амал дасту по занад,
К-аз сарнавишт ҷуз нами хиҷлат рақам намонд.
Фарсуд аз тапиш мижа дар чашму маҳв шуд,
Охир ба машқи ҳарзанигоҳӣ қалам намонд.
Барги сипанди сўхта дуди шарор нест,
Оташ ба табъи соз заду зеру бам намонд.
Ёди шабоб низ ба пирӣ зи ёд рафт,
Дўзах беҳ аз даме, ки ҳузури Ирам намонд.
Пуч аст қомати ҳаму орониши амал,
Парчам касе, чӣ шона занад, чун алам намонд.
Шарме магар барем ба дарьюзаи арақ,
Дарьё дигар чӣ мавҷ тарозад, ки нам намонд.
Ерон, суроғи мо ба ғубори адам кунед,
Рафтем он қадар, ки нишони қадам намонд.
Акнун нишони навоки оҳем, оҳ ку?
Пушти камон шикаст ба ҳадде, ки хам намонд.
Бедил, ҳисоби ваҳм раҳо кун, чӣ зиндагист?
Бисьёр рафт аз адади умру кам намонд.

* * *

Магӯ, ринд аз маю зоҳид зи тақво ғуфтугӯ дорад,
Димоғи ишқ саршор аст, ҳар ҷо гуфтугӯ дорад.
Адам аз сурма ҷушондаст шӯри маҳфили имкон,
Тааммул кун, ҳамуши то куҷоҳо гуфтугӯ дорад.
Ҷаҳон базмест нафрину ситоиш нағмаи созаш,
Сарапо гӯш бояд буд, дунъё гуфтугӯ дорад.
Зи бас бурдаст афсуни амал аз худ ҷаҳонеро,
Гар аз имрӯз мепурсӣ, зи фардо гуфтугу дорад.
Набошад гар навои зӯҳду тақво, дарди сар камтар,
Ба базми мо қадаҳ гӯш асту мино гуфтугӯ дорад.
Асири тангнои кулфатам аз ҳарзапарвозӣ,
Ғуборам гар нафас дуздад, ба саҳро гуфтугӯ дорад.
Суроғи офият хоҳӣ, зи мову ман табарро кун,
Надорад бӯи ҷамъият, забон то гуфтугӯ дорад.
Нафас ваҳшатнигори гарди аз худ рафтан аст ин ҷо,
Сарири хомаҳо дар лағзиши по гуфтугӯ дорад.
Надорад сарфаи ғайрат ба ҷанги сои рӯ кардан,
Хиҷолат муфти пайкоре, ки ба мо гуфтугӯ дорад.
Асарҳои камоли ваҳдат аст афсонаи касрат,
Бароп худ хаёли шахси танҳо гуфтугӯ дорад.
Нагардад маҳрами рози даҳонаш ҳеҷ кас, Бедил,
Магар лаълаш, ки аз шаҳри муаммо гуфтугӯ дорад.

* * *

Ҳар куҷо саъи ҷунун бар азм ҷавлон бишканад,
Кӯҳ то дашт аз ҳуҷуми нола домон бишканад.
Дил ба хун меғалтад аз ёди табассумҳои ёр
Ҳамчу он захме, ки бар рӯяш намакдон бишканад.
Дил шикастан зулфи ӯро он қадар душвор нест,
Метавонад оламе фикри парешон бишканад.
Барнамедорад тааммул нусхаи девонагӣ,
Кам касе андеша бар мазмуни урьён бишканад.
Кӯҳ ҳам аз нола хоҳад ранги тамкин бохтан,
Гар дили доно ба ҳарфи пучи нодон бишканад.
Бо дуруштон золимон ҳам дар ҳисоби иззатанд,
Санг агар мурд аст, ҷон шиша сандон бишканад.
Луқмае бар ҷӯъи мардумхор ғолиб мешавад,
Беҳ, ки доно гардани золим ба эҳсон бишканад.
Бе мусибат гирья бар табъи дуруштат хуб нест,
Санг дар оташ фикан, то обаш осон бишканад.
Бар тағофулхонаи абрӯи ӯ дил бастаем,
Е раб, ин мино ҳамон дар тоқи нисьён бишканад.
Ҳеҷ кас дар базми дидор он қадар густох нест,
Эй худо, дар дидаи оина мижгон бишканад.
Бар сари бемағзи Бедил то ба кай ларзад дилат,
Ҷавзи пуч он беҳ, ки ҳам дар дасти тифлон бишканад.

* * *

Толеам зулфи ёрро монад,
Вазъи ман рузгорро монад.
Дил ҳавасташнааст варна сипеҳр
Косаи заҳри морро монад.
Нафси ман ба ин фусурдадилӣ
Дуди шамъи мазорро монад.
Баски бе дӯст доғи сӯхтаам,
Гулханам лолазорро монад.
Хори дашти талаб з-обилаам
Мижаи ашкборро монад.
Нақши поям ба водии талабат
Дидаи интизорро монад.
Аҷзам аз вазъи худсарӣ водошт,
Нотавонӣ викорро монад.
Ёр дар ранги ғайр ҷилвагар аст,
Ҳамчу нуре, ки норро монад.
Ҷигари чоки субҳу домани шаб
Шонаву зулфи ёрро монад.
Узлат оинадори расвоист,
Ин ниҳон ошкорро монад.
Нек дар ҳеч ҳол бад нашавад,
Гул муҳол аст, хорро монад.
Бо ду олам муқобилам карданд,
Ҳайрат оинадорро монад.
Мояи беғамӣ диле дорам,
Ки чу хун шуд, баҳорро монад.
Ҳар чӣ аз ҷинси нақши по пайдост,
Бедили хоксорро монад.

* * *

Аз қазо бар хони мумсик гар касе нон бишканад,
То қиёмат миннаташ бе санг дандон бишканад.
Роҳати аҳли вафо хоҳӣ, маҳоҳ озори дил,
То мабод ин шиша базми майпарастон бишканад.
Инчунин, к-аз очизӣ бе дасту по афтодаем,
Ранг ҳам аз саъи мо мушкил, ки осон бишканад.
Баҳр лабрези сиришк аз печутоби мавчҳост,
Об мегардад дар он чашме, ки мижгон бишканад.
Зери чарх оромҳо яксар камингоҳи рам аст,
Гарди мо он беҳ, ки берун з-ин биёбон бишканад.
Ваҳшате дорам дар ин гулшан, ки чун авроқи гул
Ранг агар дар гардиш орам, тарфи домон бишканад.
Соғари қурбониён аз гардиш афтодаст кош,
Даври мижгоне хумори чашми ҳайрон бишканад.
Як тааммул гар шавад сарфи хаёли нестӣ,
Эй басо гардан, ки аз бори гиребон бишканад.
Ачзбуньёди, бар асбоби тачаммул ноз чанд?
Ранг мебояд, кулоҳи нотавонон бишканад.
Дар гулистоне, ки нолад Бедил аз шавқи рухат,
Оҳи булбул ҳор дар чашми баҳорон бишканад.

* * *

Пай ашки ман, надонам, ба куҷо расида бошад,
Зи паят давидане дошт, ба раҳе чакида бошад?
Зи нигоҳ сар кашидан ба рухат чӣ эҳтимол аст,
Магар аз камини ҳайрат мижа қад кашида бошад.
Табу тоб мавҷ бояд зи ғурури баҳр дидан,
Чӣ расад ба ҳолам он кас, ки туро надида бошад.
Ба насиме аз иҷобат чамани ҳузур дорем,
Дили чок бол мезад, маҳаре дамида бошад.
Ба чаман зи хуни бисмил ҳама ҷо баҳори ноз аст,
Дами теғи он табассум рагн гул бурида бошад.
Дили мо надошт чизе, ки тавон намуд сайдаш,
Сари зулфат аз хиҷолат чӣ қадар хамида бошад?.
Чи баландиву чи пастӣ, чи адам, чи мулки ҳастӣ
Нашунидаем ҷое, ки кас орамида бошад.
Баму зери ҳастии мо чу хурӯши сози Анқост,
Шунав аз касе, ки ӯ ҳам зи касе шунида бошад.
Зи тарики шамъ ғофил магузар дар ин биёбон
Мижа об деҳ зи хоре, ки ба по хамида бошад.
Ғами ҳеч кас надорад фалаки ғурурпаймо,
Ба забони мудбире чанд гила метапида бошад.
Ба димоғи даъвии ишқ сари булҳавас баланд аст,
Магар аз дукони қассоб ҷигаре харида бошад.
Ҳама кас суроғи матлаб ба даре расонду нозид,
Ману нози нимҷонӣ, ки ба лаб расида бошад.
Ба ҳазор парда, Бедил, зи даҳон бенишонаш
Сухане шунидаам ман, ки касе надида бошад.

* * *

Ин ғофилон, ки оина пардоз медиҳанд,
Дар хонае, ки нест кас, овоз медиҳанд.
Хун шуд дил аз муомиладорони ваҳму зан,
Тимсоли мост, он чӣ ба мо боз медиҳанд.
Маҷбури ғафлатем, қабули асар кирост?
Ерон ба гӯши кар хабари роз медиҳанд.
Камҳимматон ба ҳосили дунъёи мухтасар
Дар сайди пашша заҳмати шаҳбоз медиҳанд.
Нози ғурур шефтаи вазъи оҷизист,
Ранги шикастаро пари парвоз медиҳанд.
Ғофил зи эътибори шаҳиди вафо мабош,
Хуни маро ба оби рухи ноз медиҳанд.
Он ҷо, ки дил адабкадаи роҳи ошиқист,
Оташ ба дасти кӯдаки гулбоз медиҳанд.
То бахья гул кунад зи гиребони рози мо,
Дандон ба лаб газидани ғаммоз медиҳанд.
Бетобии нафас тапишоҳангии фаност,
Гарде, ки мекунӣ, ба таку toз медиҳанд.
Бар боди нола рафт дилу кас хабар наёфт,
Доғам зи нағмае, ки ба ин соз медиҳанд.
Дар пеши худ кухан шудай, варна чун нафас
Анҷоми халқро пари оғоз медиҳанд.
Бедил, буруни хеш ба ҷое нарафтаем,
Моро зи г парда бахри чӣ овоз медиҳанд?

* * *

Гиреҳ ба риштаи сози нафас хуш он, ки набандад,
Ба банди дил ба навои ҷаҳон чунон, ки набандад.
Нигоҳ то мижа бастан надорад ин ҳама фурсат,
Гумон мабар дари найранги ин дукон, ки набандад.
Зи кишти тафриқаи даҳр ҳосиле, ки ту дорӣ.
Чу тухми ашк он хӯша кун гумон, ки набандад.
Дубора силсилаи иттифоқи ҳусну ҷавонӣ
Ҳазор бор намуданд имтиҳон, ки набандад.
Хаёли гардани озодагон мусаввири фитрат
Агар ба хома диҳанд тоби ресмон, ки набандад.
Ба завқи матлаби ноёб зиндааст ду олам,
Ту ғофил аз адамӣ, дил бар он миён, ки набандад.
Димоғи ноз ба ҳар ҷост нақшбанди ғурураш,
Ҳино агар ҳама хунам диҳад нишон, ки набандад.
Баҳор низ ба ҳар ғунча бастааст дил ин ҷо,
Дар ин чаман чӣ кунад булбул, ошьён ки набандад?
Лаби шикоят агар вожгун намояд рухро,
Чӣ бираҳо ба ҳамон як-ду барги пои, ки набандад.
Хаёли ҷастаи Анқост мисрае, ки надорам,
Зи маънием чӣ кушояд касе ҷуз он, ки набандад.
Ҳамин каманди алоиқ, ки баста чини фусурдан,
Ту гар зи ваҳм барой, чӣ нардбон, ки набандад?
Ҷаҳон ба сурма гирифт иттифоқи маънии Бедил,
Ҳадиси ишқ чӣ санъат кунад забон, ки набандад.

* * *

Огоҳӣ аз хаёли худам бениёз кард,
Худро надид онна, то чашм боз ҳард,
Наъли ҷаҳон дар оташи фикри саломат аст,
Он шӯъла орамид, ки машки гудоз кард.
Чун оҳ кард раҳгузари ноумедиям,
Ҳар кас зи по нишаст, маро сарфароз кард.
Ку заҳмати фироқу кадом-инбисоти васл?
З-ин ҷавр он чӣ кард ба мо, имтиёз кард.
Кулфатзидон кинаи дилҳо тавозӯъ аст,
З-ин теша метавон гиреҳи санг боз кард.
Ҳайрат муқими хонаи оина асту бас,
Натвон ба рӯи мо дари дилҳо фароз кард.
Доғам зи сояе, ки ба тавфи суҷуди ӯ
Пои талаб зи нақши ҷабини ниёз кард.
Шобат — қиёму шайб — рукуву фано — суҷуд,
Дар ҳастиву адам натавон ҷуз намоз кард.
З-ин гулситон ба ҳайрати шабнам расидаем,
Бояд даре ба хонаи хуршед боз кард.
Дар парда буд сурати мавҳуми ҳастиям,
Оинаи хаёли ту ифшои роз кард.
Бар зиндагист бори гаронҷониям ҳанӯз,
Қадди дуто маро ҳами абрӯи ноз кард.
Гоме набуд беш роҳи мақсади фано,
Ин риштаро нафас ба кашокаш дароз кард.
Маънинамои чеҳраи мақсуд нестист,
Бедил, маро гудохтан оинасоз кард.

* * *

Чунин гар табъи бедардат ба хӯрду хоб месозад,
Ба чашмат ашкро ҳам гавҳари ноёб месозад.
Заифӣ доманат дорад, хуруши дард пайдо кун,
Ки ҳар чо риштаи торест, бо мизроб месозад.
Дар ин майхона фарши сачда бояд буд мастонро,
Ки мавчи бода аз хум то қадаҳ меҳроб месозад.
Чунун кун, дар биное хонумони хуш оташ зан,
Ҳамин вазъат халос аз кулфати асбоб месозад.
Нафасро улфати дил нест чуз таклифи бетобӣ,
Ки дуд аз суҳбати оташ ба печутоб месозад.
Чу субҳе, к-аз ҳузури офтоб иншо кунад шабнам,
Хаёли у нафас дар синаи ман об месозад.
Чунин, к-аз сӯзи дил чокистарэчод аст аъзоям,
Таби паҳлӯи ман аз бурьё санчоб месозад.
Ба барқи ҳиммат аз абри карам қатъи назар кардам,
Тариҳои ҳавас кишти маро сероб месозад.
Ба ҳичрон завқи васле дораму бар хеш меболам,
Дар оташ низ ин моҳӣ ҳамон бо об месозад.
Дар ин маҳфил надорад бӯи роҳат чашм во кардан,
Нигоҳи бединмоғон бештар бо хоб месозад?
Тавозӯъҳои золим макри сайёдӣ бувад, Бедил,
Ки мили оҳаниро хам шудан қуллоб месозад.

* * *

Сели ғаме, ки доди ҷаҳонии хароб дод,
Хокам ба бод дод ба ранге, ки об дод.
Роҳат дар ин бисоти ҷунунхез мушкил аст,
Маҳмал агар шавӣ, натавон тан ба хоб дод.
Е раб, чӣ машрабам, ки дар ин шӯълаанҷуман
Гардун маям ба соғари ашки кабоб дод.
Ин аст агар шумори табу тоби зиндагӣ,
Имрӯз метавон ба қиёмат ҳисоб дод.
Бар мавҷи офате, ки умеди канор нест,
Тадбири рахт ин қадарам изтироб дод.
Сустӣ чӣ мумкин аст, равад аз миҷози умр,
Натвон ба ҳеҷ печу хам ин ришта тоб дод.
Вақти тараҳҳум аст кунун, эй насими субҳ,
К-он шӯх ихтиёр ба дасти ниқоб дод.
Сад навбаҳор хун шуду як ғунча ранг баст,
То бӯса рахши нози туро бар рикоб дод.
Е раб, чӣ сеҳр кард хати анбарини ёр,
К-аз ҷӯйи шаб ба мазраи хуршед об дод.
То май ба лаъли ӯ расад, аз хеш рафтааст,
Шабнам наметавон ба кафи офтоб дод.
Анҷоми кори бодакашон ҷуз хумор нест,
Хамъёзаҳои ҷоми маям ин шароб дод.
Бедил, саволи чашми бутонро тараф машав,
Яъне, ки сурма ношуда бояд ҷавоб дод.

* * *

Нафас бо як ҷаҳон ваҳшат ба хоку об месозад,
Парешоннашъае бо кулфати асбоб месозад.
Чу он дуде, ки пайдо мекунад хомӯшии шамъаш,
Зи худ ҳар кас тасаллӣ шуд, маро бетоб месозад.
Дили овораам ҳар ҷо кунад андози бетобӣ,
Фалакро хиҷлати саргаштагӣ гирдоб месозад.
Ба ҳар ҷо аҷзам аз по афканад, муфт аст осудан,
Ғубор аз пахлӯи худ бистари санҷоб месозад.
Зи мӯи пириям гумроҳии дил кам намегардад,
Навмакро дидан ғафлатпарастам хоб месозад.
Тавозӯъҳои ман ойинаи таслим шуд охир,
Ҳилол ин ҷо ҷабини саҷда аз меҳроб месозад.
Дили бенашъае дорӣ, ниёзи дарди улфат кун,
Гудози ангурро охир шароби ноб месозад.
Димоғи ҳасрати асбоб месӯзӣ, аз ин ғофил,
Ки аҷзои туро ҳам матлаби ноёб месозад.
Саҳар эҷоди шабнам мекунад, ман ҳам гумон дорам,
Ки шавқат охир аз хокистарам симоб месозад.
Ба ранги шамъ гарди ғорати ашк аст аҷзоям,
Чакиданҳо ба бунёди худам селоб месозад.
Чунин, к-аз узв-узвам мавҷи ғафлат мезанад, Бедил,
Чу фарши махмалам охир тилисми хоб месозад.

* * *

Тавон агар ҳама даврони осмон гардид,
Ба гирди хоҳиши як дил наметавон гардид.
Чӣ ҳирсҳо, ки нашуд ҷамъ, то ба худ чидем,
Ҳавасматони мо оқибат дукон гардид.
Ғубори водии ваҳм он қадар ҳуҷум надошт,
Нигаҳ ба ҳарзадавиҳо заду ҷаҳон гардид.
Диле ба дасти ту афтод муфти шӯхиҳо,
Ба рӯи оина сад ранг метавон гардид.
Кабоби саъйи ғубори худам, ки ин кафи хок
Ба роҳи шавқи ту мурд он қадар, ки ҷон гардид.
Сиришк агар қадаме дар раҳи тапишсояд,
Ба ҳар фусурдадиле метавон равон гардид.
Фано ба ҳасрати бисьёр пушти по задан аст,
Чаман ҳазор гул афшонд, то хазон гардид.
Зи худ баромадагон як қалам фалактозанд,
Нафас ду гом гузашт аз худу фиғон гардид.
Хушам, ки ишқ накард имтиҳони парвозам,
Шикастаболии ман дар қафас ниҳон гардид.
Дигар мапурс зи тоби ҷудоиям, Бедил,
Ба дарди дил, ки дилам сахт нотавон гардид.

* * *

Пир хамьёзикаши вазъи ҷавон мебошад,
Ҳасрати тир дар оғӯши камон мебошад.
Навбаҳори чамани умр ҳамин хомушист,
Гуфтугӯ сарсари тамҳиди хазон мебошад.
Ғафлат аз мунтазири васл хаёлест муҳол,
Чашм агар баста шавад, дил нигарон мебошад.
Роҳбари олами болост хаёли қади ёр,
Хизри он бодия чун сарви равон мебошад.
**Қатъи занҷир зи Маҷнуни ту натвон кардан,**
Мавҷ ҷузви бадани об равон мебошад.
Чӣ хаёл аст, нафасе зи таманно накашем,
Ки нафас риштаи қонуни фиғон мебошад.
Сахт дур аст аз ин домгаҳ озодии мо,
Мижжа аз бехабарӣ болфишон мебошад.
Хотири новаки мо эмин аз офот нашуд,
Санг дар коргаҳи шишагарон мебошад.
Сари таслими сабукмоя ба беқадриҳост,
Ҷинси моро ба кафи даст дукон мебошад.
Булбули тифлмизоҷам, ба куҷо дил бандам,
Гули ин боғ зи рангинқафасон мебошад.
Қаҷадоёна ба арбоби матолиб сар кун,
Ростӣ бар дили ин қавм синон мебошад.
Чашм то во кунӣ, аз хеш бурун тохтаем,
Сурати оина доманбамиён мебошад.
Софмашраб дузабонӣ написандад, Бедил,
Ҳарчӣ дар дил, ба лаби об ҳамон мебошад.

Еди шавке, к-аз чафоҳоит дили мо шод буд,
Дар шикаст ин шишаро чӯши «муборак бод» буд.

Обьёри мазраи дардам, мапурс аз ҳасратам,
Ҳар куҷо оҳе дамид, ашки манаш ҳамзод буд.
Зиндагиро муғтанам медоштам, ғофил аз ин,
К-аз нафас теғи дудам дар дасти ин ҷаллод буд.
Во накард оинагардидан гиреҳ аз кори ман,
Банди ҳайрат сахттар аз байзаи фӯлод буд.
Умри парвозам зи шарми дил ба афсурдан гузашт,
Ин кафос оинадори хотири сайёд буд.
Муфти мо, к-аз саъи ноком ба истиғно задем,
Варна дил мустасқиву олам саробобод буд.
Булбули мо аз фусурдан нози гулҳо мекашад,
Гар паре мезад, чу ранг аз хеш ҳам озод буд.
Аз шикасти соғари ҳушам саломат мечакад,
Бехудӣ дар санъати роҳат аҷаб устод буд.
Шаб, ки дар базмат салои сӯхтан медод ишқ,
Нағмаи сози сипандам: ҳар чӣ бодо бод, буд.
Рӯзгоре шуд, ки дар таъбири хеч афтодаем,
Чашми мо то дошт хобе, оламе обод буд.
Олами инсьён тамошохонаи яктоист,
Акс буд он чилва, то оинаам дар ёд буд.
Сад нигористони Чин бо бехудӣ тай кардаем,
Лағзиши по ҳам ба роҳат хомаи Беҳзод буд.
Сурма акнун нусхаи хомӯшӣ аз ман мебарад,
Еди айёме, ки мӯ ҳам бар танам фарьёд буд.
Пирияи чуз соғари таклифи ҷон кандан надод,
Қомати хамгашта, Бедил, тешаи Фарҳод буд.

* * *

На ғунча сар ба гиребон кашида мемонад,
Зи соя сарв ҳам ин чо хамида мемонад.
Замину зилзила, гардуну сад чунун гардиш,
Дар ин ду варта касе орамида мемонад?
Зи булбулу гули ин боғ то диҳанд суроғ,
Пари шикаставу ранги парида мемонад.
Зи яъс шишаи ашке магар занем ба санг,
Вагарна субҳи тараб нодамида мемонад.
Хаёли наштари мижгони кист дар гулшан,
Ки шохи гул ба раги хункашида мемонад.
Ба даври зулфи ту гесӯи маҳвашон яксар
Ба норасони токи бурида мемонад.
Чу гул ба завқи ҳавас ҳарзаханд натвон буд,
Шукуфтагӣ ба даҳони дарида мемонад.
Хаёли кина ба дил гар ҳама сари мӯест,
Ба сад қиёмати хори халида мемонад.
Таровати ману мой, ки мояаш нафс аст,
Ба хуни аз раги бисмил чакида мемонад.
Гудохт ҳайратам аз норасони ашке,
Ки об мешаваду маҳви дида мемонад.
Зи баски риштаи сози нафас гусастааст,
Нишоти дил ба навои рамида мемонад.
Ғанимат аст, даме чанд машқи нола кунем,
Қафас ба сафҳаи мистаркашида мемонад.
Ба ҳар чӣ вонигарӣ сар ба домани хок аст,
Ҷаҳон ба ашки зи мижгон чакида мемонад.
Ҳаё нахост, хаёлаш ба дил ниқоб дарад,
Ки доғи ҳасрати Бедил ба дида мемонад.

* * *

Ҳар кас ба раҳат чашми таре дошта бошад,
Дар қатра муҳити гуҳаре дошта бошад.
Бо нола чаро ин ҳама аз ҷой даронд,
Гар кӯҳ зи тамкин камаре дошта бошад?
Аз фахр кунад узви тани хеш чу наргис,
Нодида агар симу заре дошта бошад.
Чун барги гул оннам огуши баҳор аст
Чашме, ки ба поят назаре дошта бошад.
Гар ҷайби дил аз ҳасрати номат назанад чок,
Донам, ки нигин ҳам ҷигаре дошта бошад.
Мо худ нарасидем зи ҳастӣ ба мисоле,
Ин онна шояд дигаре дошта бошад.
Ҷуз барқ дар ин мазраа кас нест, ки имрӯз
Бар мушти хаси мо назаре дошта бошад.
Афсона тасаллонафаси ибрати мо нест,
Ин пунба магар гӯши каре дошта бошад.
З-ин файз, ки ом аст лаби мутриби моро,
Хокистари най ҳам шакаре дошта бошад.
Олам ҳама гар як дили бемор бароянд,
Мушкил, ки зи ман хастатаре дошта бошад.
Чашмест ки бояд ба рухи ҳар ду ҷаҳон баст,
Гар равшан аз ин хона даре дошта бошад.
Бедил, чу нафас чора надорад зи тапидан,
Он кас ки зи ҳастӣ асаре дошта бошад.

* * *

Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ашки чакида мемонад.
Чаман ба хотири ваҳшатрасида мемонад,
Бисоти ғунча ба домони чида мемонад.
Саботи айш кӣ дорад, ки чун пари товус
Ҷаҳон ба шӯхии ранги парида мемонад.
Шарори собиту сайёр доми фурсати кист?
Фалак ба коғази оташрасида мемонад.
Куҷо барем ғубори ҷунун, ки саҳро ҳам
Зи гирдбод ба домони чида мемонад.
Зи ғунчаи дили булбул суроғи Пайкон гир,
Ки шохи гул ба камони кашида мемонад.
Ба ғайри айби худам з-ин чаман намонд ба ёд,
Гуле, ки медамад аз худ ба дида мемонад.
Қадаҳ ба базми ту, ё раб, сари буридани кист?
Ки шиша ҳам ба гулӯи бурида мемонад.
Ғурури оннаи хиҷлат аст пиронро,
Камон зи саркашии худ хамида мемонад.
Ҳуҷуми файз дар оғӯши нотавониҳост,
Шикасти ранг ба субҳи дамида мемонад.
Дар ин чаман ба чӣ ваҳшат шикастаӣ доман,
Ки меравӣ туву ранги парида мемонад.
Ба номи маҳз қаноат кун аз нишони адам,
Даҳони ёр ба ҳарфи шунида мемонад.
Зи сина гар нафасе бе ту мекашад, Бедил,
Ба дуди аз дили оташ кашида мемонад.

* * *

Муштоки ту гар номабаре дошта бошад,
Чун ашк ҳам аз худ сафаре дошта бошад.
Аз оташи ҳирмон кафи хокистари доғест,
Гар шоми умедам саҳаре дошта бошад.
Оина муқобил накунй бо нафаси ман,
Оҳ аст, мабодо асаре дошта бошад.
Чун шамъ бувад сар ба дами теғ супурдан,
Гар нахли муродам самаре дошта бошад.
Ғайр аз араки шарм муқобил написандад,
Ҳастй агар оинагаре дошта бошад.
Умрест, ки мо, гумшудагон, гарми суроғем,
Шояд касе аз мо хабаре дошта бошад.
Ороиши чандин чаман оғӯши баҳор аст,
Ҳар сина, ки як захмдаре дошта бошад.
Эй аҳли хирад, мункири асрор мабошед,
Девонаи мо ҳам ҳунаре дошта бошад.
Мо маҳви хаёлем, зи дидор мапурсед,
Сомон нигаҳи дидаваре дошта бошад.
Муфти тараби мо чамани содадилиҳо,
Гар ҳуси ба оина саре дошта бошад.
Уммед зи ошиқ накунад қатъи тааллуқ,
Гар оҳ надорад, чигаре дошта бошад.
Бедил, дили афсурда ба олам натавон ёфт,
Ҳар санг, ки бинй, шараре дошта бошад.

* * *

Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад,
Нафас ба ваҳшати сайди рамида мемонад.
Насими айш агар мевазад дар ин гулшан,
Ба сити шаҳпари мурғи парида мемонад.
Ба ҳар чӣ дида кушудем, мавҷи хун гул кард,
Нигоҳи мо ба раги нешдида мемонад.
Биё, ки бе ту ба чашми тарам ҳуҷуми нигоҳ
Ба мавҷи сафҳаи мистаркашида мемонад.
Куҷо равем, ки домони саъи бисмили мо
Зи заъф дар таҳи хуни чакида мемонад.
Зи аҷз агар сари тӯмори шиква бикшоям,
Нафас ба сина чу хат бар ҷарида мемонад.
Чӣ гул кунем ба домаи зи пои хоболуд,
Баҳори обила ҳам нодамида мемонад.
Ба иорасони парвоз рафтаем аз хеш,
Пари шикаста ба ранги парида мемонад.
Қадаҳбадасти хумистони шавқи кист баҳор,
Ки гул ба чеҳраи соғаркашида мемонад.
Ба ҳасрати дами теғат ҷароҳати дили мо
Ба ошиқони гиребондарида мемонад.
Ба табъи мавҷ гуҳари изтироб натвон ёфт,
Сиришки мо ба дили орамида мемонад.
Зи нусхаи ду ҷаҳон дарси мо фаромӯшист,
Ба гӯши мо сухан ношунида мемонад.
Маро ба базми адаб кулфате, ки ҳаст, ин аст,
Ки шавқ бисмилу дил нотапида мемонад.
Хуш аст тозакуни табъи дӯстон, Бедил,
Ки фитратат ба шароби расида мемонад.

* * *

Аз ҳуҷуми кулфати дил нола беҳанг монд,
Буи ин гул аз заифӣ дар тилисми ранг монд.
Сухтему мушти хошоке зи мо равшан нашуд,
Шуълаи мо чун кафас дар доми ин найранг монд.
Аз ҳаё мавҷе назад, ҳарчанд дил аз ҳам гудохт,
Об шуд оина, аммо ҳайраташ дар чанг монд.
Санги роҳи ҳеч кас таҳсили ҷамъият мабод,
Қатраи бетоби мо гавҳар шуду дилтанг монд.
Дар хароботи ҳавас то даври ҷоми мо расид,
Бедимоғӣ аз шаробу накбате аз банг монд.
Аҷзи тоқат дар талаб моро далели узр нест,
Манзиле ку, то набояд сар ба пои ланг монд?
Миннати сайқал макаш, дарди сари авҳом чанд?
Акс маъдум аст, агар оинаат дар занг монд.
Охир аз саъи заифӣ пайкари афсурдаам
Ҳамчу ахгар зери девори шикасти ранг монд.
Нест таклифи тапиданҳои ҳастӣ дар адам,
Орамидан муфти он созе, ки беоҳанг монд.
Номро нақши нигинҳо боли парвози расост,
Мо зи худ рафтем, агар пои талаб дар санг монд.
Як қадам нокарда, Бедил, қатъи роҳи орзу,
Манзили осудагӣ аз мо ба сад фарсанг монд.

* * *

Лаби бесарфанаво чаҳлсабақ мебошад,
Хома шоёни арақ дархури шақ мебошад.
Баадаб бош, ки дар анчумани яктон
Даъвии ботилат андешаи ҳақ мебошад.
Булбулон, кисса махонед, ки дар мактаби ишқ
Дафтари.гул, пари парвона варақ мебошад.
Ҳар кучо ғайрати ҳуси анчуманорои ҳаёст,
Хичлат аз оинадорони арақ мебошад.
Дар қаноат агар ибром начӯшад чу ҳубоб,
Сактаи вазъи ризо садди рамақ мебошад.
Чӯъу шаҳват ҳама чо пардадари дилкӯбист,
Нағмаи даҳр зи қонуни наҳақ мебошад.
Хуни мо муғтанами гарди сари тамкин гир,
Чатри кӯҳ аз пари товус шафақ мебошад.
Санг ҳам дар кафи атфол надорад ором,
Даври Мачнун чӣ қадар сустнасақ мебошад.
Вараки чуди каримони чаҳон баргардид,
Нони мӯҳточ кунун пушти табақ мебошад.
Бедил, аз халқи чаҳон ишваи хубӣ нахӯрӣ,
Ғозаи чеҳраи ин қавм баҳақ мебошад.

* * *

Эҳтиёҷе, ки сари мард ба хам меорад,
Обрӯ мебараду ҷабҳан нам меорад.
Ҳама кас гурснаи ҳирс ба завки серист,
Ранҷ боре, ки кашад, пушти шикам меорад.
Тарки симу дирам аз халқ чӣ имкон дорад,
Пушти даст аст, ки нохун зи адам меорад.
Комҷӯён, талаби ҳиммат аз афсӯс кунед,
Ки зи асбоби ҷаҳон даст ба ҳам меорад.
Гули ин боғ зи найранги шукуфтан афсурд,
Бохабар бош, ки шодӣ ҳама ғам меорад.
Дар вафо мункири анҷоми муҳаббат нашавӣ,
Барҳаман оташе аз санги санам меорад.
Булбулон, даъвати парвона ба гулшан накунед,
Ранги гул тоби пари сухта кам меорад.
Ҷараси кофилаи ишқ хуруши ҳавас аст,
Нест ҷуз гарди ҳудус, он чӣ қидам меорад.
Он сӯи хок набурдем сурофи таҳқиқ,
Қосиди мо хабар аз нақши қадам меорад.
Эй бинояи ҳавасэҷодкуни дӯши ҳубоб,
Нафасат гар ҳама бор аст, ки хам меорад.
Ту диле ҷамъ кун, ин тафриқаҳо он ҳама нест,
Сари сад ришта ҳамин укда ба ҳам меорад.
Ҳама чо муфтбари ҳоли зиёдӣ, Бедил,
Тоси ин нард барои ту чӣ кам меорад.

* * *

Дил чу шуд равшан, ҷаҳон ҳам машраби ӯ мешавад,
Шаш ҷиҳат дар хонаи оина якрӯ мешавад.
Ҷавҳари ахлоқ нуқсон мекашад аз инфиол,
Барги гул ҳар гаҳ дар об афтод, камбӯ мешавад.
Ҳар чӣ гуфтем аз ҳаё, додем бар боди арақ,
Ҳарфи мо, беҳосилон, сабз аз лаби ҷу мешавад.
Дар камини ҳар викоре хиффате хобидааст,
Санги ин кӯҳсор охир бетарозу мешавад.
Фикри хешам раҳзан аст, аз боғу бӯстонам мапурс,
Гар ҳама бар чарх тозам, сайри зону мешавад.
Шукри эҳсон дар замини бекасӣ бе реша нест,
Сояи дасте, ки афтад бар сарам, му мешавад.
Базми таҷдид аст, ин ҷо фурсати таҳқиқ ку?
Ман-манӣ дорам, ки то вомерасам, ӯ мешавад.
Қайди ҳастиро ду рӯзе муғтанам бояд шумурд,
Эй зи фурсат бехабар, сайёдат оҳу мешавад.
Дар хамӯши лафзу маънӣ қобили тафриқ нест,
Ҳарфи беранг аз кушоди лаб дупаҳлӯ мешавад.
Нози бекорӣ ниёзи ғайрати мардӣ макун,
Ин ҳинои панҷа нанги дасту бозу мешавад.
Аз такаллуф низ бояд бар дари ихлос зад,
Ҳар чӣ меорӣ ба такрори амал, хӯ мешавад.
Аз тавозӯъ нагзарӣ, гар орзуи иззат аст,
Бедил, ин вазъат ба чашми ҳар кас абрӯ мешавад.

* * *

Дил шикасте дорад, аз маъмура бар ҳомун занед,
Чинии мӯдории моро бар сери Маҷнун занед.
Аз хумори офият умрест заҳмат мекашем,
Ҷоми мо бар санг агар натвон задан, бар хун занед.
Оҳ аз он шабнам, ки хуршедаш нагирад дар канор,
То арақ дорад ҷабин, бар шарми табъи дун занед.
Сарви ин гулзори пур шӯҳратнавон бебарист,
Бе нукат чанд интихоби мисраи мавзун занед.
Ҳоли мушкин низ ба чашми сияҳ ҳамнисбат аст,
Соғари май гар набошад, ҳаббе аз афьюн занед.
Бетамизӣ ин замон мизроби сози олам аст,
Ҷой най чанде нафас бар риштан конун занед.
Ҳеҷ касро завқи тафтиши касе манзур нест,
Наъли бемақсадравӣ ҳайф аст, агар вожун занед.
Оламе дорад хароботи тааммул дар бағал,
Хум гиребон аст, бар тадбири Афлотун занед.
Дидаи ибратнигоҳон аз кавокиб нест кам,
Бахьяхо бар ҷомаи урьёнии гардун занед.
Гар нафас дуздад ҳавас,
ташвиши имкон ҳеҷ нест,
Эй гуҳарҳо, мӯҳр бар тӯмори ин Ҷайҳун занед.
Маҷлиси авҳом то кай гарм бояд доштан?
Як шарар шухӣ бас аст,
оташ дар ин конун занед.
Ғофилон, бояд зи шамъ омӯхт таври офият,
Як-ду соат сар ба ҷайб аз худ кадам берун занед.
Ҷуз кафан чизе намепӯшад уюби зиндагӣ,
Рахти мо з-ин лукка хиҷлат мекашад, собун занед.

* * *

Ваъдаи дидор то фардо қиёмат мекунад,
Фоли ониш муфти фурсатхост, гар акнун занед.
Нола мегӯянд то он куча роҳе мебарад,
То нафас бошад, чу Бедил бар ҳамин афсун занед.

* * *

Видон саркашӣ кун, гар дилат роҳаткамин бошад,
Чу оташ доғ шуд, ҷамъинташ нақши нигин бошад.
Зи марги мо фалакро кай ғубори ҳузн даргирад,
Зи хоби майкашон мино чаро андӯҳгин бошад?
Нигоҳе гар расад то нуки миҷгон муфти шӯхиҳо,
Дар ин меҳнатсаро меъроҷи парвозат ҳамин бошад.
Лаби доман нагардид ошнои ҳарфи ашки ман,
Чу шамъам силки гавҳар вақфи гӯши остин бошад.
Гирифторӣ ба ҳадде дилнишин аст аҳли давлатро,
Ки то ангушташон дар ҳалқаи ангуштарин бошад.
Суроғи офият эҳроми маргам мекунад талқин,
Магар он гавҳари ноёб дар зери замин бошад?
Ба қадри захми дил гул мекунад шӯри ҷунуни ман,
Пари парвози шӯҳрат номро нақши нигин бошад.
Чӣ имкон аст, сар аз ҳалқаи доғат баровардан,
Сипанди базми моро нола ҳам оташнишин бошад.
Дар ин маъбад фаноро мояи тавқири тоат кун,
Ки чун хокат ду олам саҷда вақфи як ҷабин бошад.
Гарат шамъест, доман зан в-агар киштест, барқ афкан,
Муҳаббат ҷуз фанои мо намехоҳад, яқин бошад.
Ишорат мекунад, Бедил, хати тарфи баногӯшаш,
Ки ҳар ҷо ҷилваи субҳест, шомаш дар камин бошад.

* * *

Нолаам дар дил аз оғӯши асар мегузарад.
Байза нашкофта парвоз зи пар мегузарад.
З-ин гулистон, ки гулаш ранги надомат дорад,
Шабнаме нест, ки бе дидан тар мегузарад.
Аз нафас чанд паи қофилаи дил гирьям,
Санг умрест, ки бар дӯши шарар мегузарад.
Доми дил нест ба ҷуз дида, ки миноӣ шароб
Аз сари ҷом ба сад хуни ҷигар мегузарад.
Рағбати ҷоҳ чиву нафрати асбоб кадом?
З-ин ҳавасҳо бигузар ё магузар, мегузарад.
Анҷуман дар қадаме ҳарза ба ҳар сӯ маҳиром,
Ҳар куҷо по фишурад шамъ, зи сар мегузарад.
Ишқ шуд мунфаил аз тинати беҳосили мо,
Барқ аз ин мазраи сӯхта тар мегузарад.
Худнамоӣ чиқадар заҳмати дил хоҳад дод,
Охир ин ҷилваат аз оина дармегузарад.
Ҳамчу тасвир ба оғӯши адаб сохтаем,
Умри парвози занфон таҳи пар мегузарад.
Бедили мо ба видои ту ҷаро хун нашавад,
Арақ аз рӯи ту бо дидан тар мегузарад.

* * *

Бипарҳез аз ҳасад, то фазли яздонат қарин бошад,
Ки марҳум аст одам, ҳар қадар шайтон лаин бошад.
Магӯ, дар ҷӯши хат афзунии ҳусн аст хубонро,
Забони қуфр ҳар чо шуд дароз, аз нуқси дин бошад.
Муҳаббат маҳв кард аз дил ғубори ваҳми асбобам,
Ба пеши шӯъла кай бар чеҳраи хошок чин бошад?
Намоёнам ба ранги сон аз чайби сияҳрӯзӣ,
Чӣ бошад ранги ман, ё раб, агар оина ин бошад.
Ба сад мижгон фишондан гарди ашке рафтаам аз дил,
Манму накде, ки берунрондан сад остин бошад.
Ба лавҳи ҳайратам сабт аст рамзи пардаи имкон,
Мисоли хубу зишт оинаро нақши нигин бошад.
Дар ин мазраъ, ки ҳуснат хирманорои арақ гардад,
Ба Парвин мерасонад реша, ҳар кас хӯшачин бошад.
Насим аз хоки кӯят ҳар ғуборе бар сарам резад,
Ба коми орзуям хосили рӯи замин бошад.
Надорад домани дашти чунун аз гард парвое,
Дили ошиқ чаро аз таънаи марду ҳазин бошад.
Ду рӯзе аз ҳавас торикии дуньё гуворо кун,
Чароғи хонаи занбӯр завқи ангубин бошад.
Кафи дасти тавоной ба суданҳо намеарзад,
Макун коре, ки анчомаш надоматофарин бошад.
Зи сайри обу ранги ин чаман дил чамъ кун, Бедил,
Ки ҳар чо ғунча гардидӣ, гулат дар остин бошад.

* * *

Арақолуда ҷамоле зи назар мегузарад,
К-аз ҳаё чун арақам об зи сар мегузарад.
Кист аз шӯхии ранги ту набозад тоқат,
Оби ёқут ҳам ин ҷо зи ҷигар мегузарад.
Хати мистар нашавад монеи ҷавлони қалам,
Теғро ҷода кунад, ҳар кӣ зи сар мегузарад.
Мавҷи мо бе нам аз ин баҳри пурошӯб гузашт,
Ҳамчу наззора, ки аз дидан тар мегузарад.
Нест дар гулшани асбоби ҷаҳон ранги сабот,
Ҳама аз дидан мо ҳамчу назар мегузарад.
Манзиле нест, ки саҳро нашуд аз ваҳшати мо,
Ғунча дар гул хазад, он ҷо ки саҳар мегузарад.
Шӯхии риштаи навмедии мо баски расост,
Нола то бол кушояд, зи асар мегузарад.
Чун нафас хонапарастему надорем ором,
Умри осудагии мо ба сафар мегузарад.
Дар мақоме, ки қаноат баладӣ истиғност,
Корвон чун тапиш аз мавҷи гуҳар мегузарад.
Ба ҳавас тарки ҳаловат нанамой, Бедил,
Нест бе нола, агар май зи шакар мегузарад.

* * *

Хаёли номдорӣ то каят хотирнишин бошад?
Чӣ лозим сарнавиштат чун нигини захми ҷабин бошад?
Дар ин водӣ ба ҳайрат ҳам муяссар нест осудан,
Ҳама гар хонаи оина гардӣ, ҳукми зин бошад.
Тароват орзу дорӣ, зи қайди ҷисм берун о,
Ки сарсабзӣ набинад дона, то зери замин бошад.
Ба худ печидани мо нест бе андози парвозе,
Каманди мавҷи моро як нафас гирдоби чин бошад.
Ба қадри ҷаҳд меъроҷест моро, варна оташ ҳам
Ба роҳат гар занад, хокистараш болоннишин бошад.
Ба ҳайрат рафтааст аз хеш агар шамъ аст, агар маҳфил,
Нишоти ҳар ду олам як нигоҳи вопасин бошад.
Ғуборе нест аз пасту баланди мавҷ дарьёро,
Ҳақиқат бениёз аз ихтилофи куфру дин бошад.
Пои катлам чӣ доман барзанад шӯхе, ки дар дасташ
Ҳуҷуми ҷавҳари шамшер чини остин бошад.
Зи чашми тар маоли интизори шавқ пурсидам,
Ҷигар хун гашту гуфт: аҳволи муштоқон чунин бошад.
Фурӯ рав зери хок, эй саргарони нашъаи хиссат,
Зи Қорун ном ҳам кам нест, дар рӯи замин бошад.
Муҳол аст ин, ки аҷз аз тинати мо рахт барбандад,
Саҳар гар сад фалак болад, ҳамон оҳи ҳазин бошад.
Надорам нашъаи дигар ба ҷуз саргаштагӣ, Бедил,
Чу гирдобам дар ин маҳфил хати соғар ҳамин бошад.

* * *

Ғурури нози ту тӯҳматкаши адо нашавад,
Ба ҳеҷ ранг ман ҷомат ошно нашавад.
Тараф агар ҳама шавқ аст, нанги яктоист,
Шикастам оина, то ҷилва бесафо нашавад.
Ба гулшане, ки шаҳидони завқ бедоданд,
Ҷафост бар гул захме, ки хунбаҳо нашавад.
Ба ростӣ қадаме гар занӣ чу тири нигоҳ,
Ба ҳар нишон, ки таваҷҷӯҳ кунӣ, хато нашавад.
Зи файзи рутбаи аҷзи талаб чӣ имкон аст,
Ки нақши по ба раҳи ӯ ҷабинсамо нашавад.
Хамӯшиям ба камолест, к-аз хуҷуми шикаст,
Садо чу ранг зи миноп ман ҷудо нашавад.
Умеди сандали дарди сари ҳавасҳо нест,
Мабод дасти ту бисудан ошно нашавад.
Агар ба сози нафас то абад занӣ нохун,
Ҷуз он гиреҳ, ки дар ин ришта нест, во нашавад.
Ба ҳастӣ ин ҳама ранги асар набохтаем,
Ки ҳар кӣ хок шавад, гулфурӯши мо нашавад.
Бинои ваҳшати мо кист, то кунад таъмир
Ба он ғубор, ки помоли нақши по нашавад.
Умеди офияте ҳаст дар назар, Бедил,
Шикасти ранг мабодо гиреҳкушо нашавад.

* * *

Нигоҳат ҷӯши сад майхона аз соғар бурун орад,
Табассум шӯри чандин машҳар аз кавсар бурун орад.
Лабат дар ханда гавҳар резад аз оғӯши барги гул,
Рухат гоҳи арақ аз офтоб ахтар бурун орад.
Зи райҳони хатат болад баҳори сабзаи ҷаннат,
В-аз он зулфи дуто рӯҳ-ул-амин шаҳпар бурун орад.
Ба гулшан гар зи по афтад ғубори роҳи ҷавлонат,
Баҳор аз ғунчаву гул болишу бистар бурун орад.
Рами девонаи шавқи ту гар ҷавлон диҳад гарде,
Ба чандин гирдбод оҳ аз дили машҳар бурун орад.
Гирифтам, бенқоби рухсати наззора аст ин ҷо,
Нигоҳе ку, ки мижгонвораe аз худ сар бурун орад.
Фусуни навхатиҳон лабат бар санг агар хонам,
Гудози ҳасраташ сад оина ҷавҳар бурун орад.
Намеарзад ба ранги хуш нёри чеҳраи ошиқ.
Хазон аз бутаҳои гул, гирифтам, зар бурун орад.
Ҳамон пирояи ваҳм аст, агар комил шавад зоҳид,
Ҳаюло чун дари сомон занад, пайкар бурун орад.
Кухан шуд сайри ин гулшан, кунун фоли таҳайюр зан,
Магар оина гардидан гуле дигар бурун орад.
Дар ин дарьё талаб оинаи матлуб мебошад,
Гиреҳ созад нафас ғаввос, то гавҳар бурун орад.
Қафасфарсудаи гарди ҳавасҳоям, хушо рузе,
Ки парвозам чу бӯи гул зи болу пар бурун орад.
Агар сад бор оид мавчи теғаш бар сарам, Бедил,
Ҳубоби ман зи ҷайби дил сари дигар бурун орад.

* * *

Бар остони ту то чабҳа нақши по нашавад,
Ҳаққи ниёз ба ин саҷдаҳо адо нашавад.
Зи тирабахтии худ мил дар назар дорад,
Ба хоки пои ту ҳар дидае, ки во нашавад.
Чӣ мумкин аст, ки дар бӯтаи гудози вафо,
Дил об гардаду ҷоми ҷаҳоннамо нашавад?
Бурунн сояи гул хобгоҳи шабнам нест,
Сарам ба пои бутон хок шуд, чаро нашавад?
Тавон шуд оинаи баҳри офият чу ҳубоб,
Агар ғубори нафас садди роҳи мо нашавад.
Маро зи марг ба хотир ғаме, ки ҳаст, ин аст,
Ки хок гардаму дил маҳрами фано нашавад.
Зи ёр дуриву осониш, эй фалак, мапсанд,
Ки шабнам аз бари гул хезаду ҳаво нашавад.
Дил аз ғубори таъаллуқ наметавон бардошт,
Насими водии ибрат агар асо нашавад.
Ба доғ мекашад охир ҷунунхиромиҳо,
Чу шамъ беҳ, ки касе сар бараҳнапо нашавад.
Зи чашми ҳирс яқин дорам ин қадар, Бедил,
Ки хоки гӯр ҳам ин захмро даво нашавад.

* * *

Фусурдан аз мизоҷи шӯъла хокистар бурун орад.
Тараддуд чун нафас сӯзад, зи худ бистар бурун орад.
Ба ашке кулфат аз дил кай тавон бурдан, ки дарьё ҳам
Ятиме мушкил аст аз тинати гавҳар бурун орад.
Фано ҳам мони ҳастист, аз оташ мабош эмин,
Ки чун бигзаштӣ аз мурдан, қиёмат сар бурун орад.
Ба навмедӣ дар ин гулшан чу ранг ummеди он дорам,
Ки афсурдан зи парвозам парафшонтар бурун орад.
Зи ҷӯши бехудӣ соф аст дурди орзуи дил,
Хушо оинае, к-аз хеш равшангар бурун орад.
Ғуборе аз хатам роҳи назар мезад, надонистам,
Ки ин шамъ аз пари парвонаҳо дафтар бурун орад.
Ки медонист пеш аз даври хат эъҷози ҳусни ӯ,
Ки аз лаъли тараш мавҷи зумуррад сар бурун орад.
Надорад шабнами ман барги изҳоре дар ин гулшан,
Магар навмедиям дар ранги чашми тар бурун орад.
Ба пастӣ то намонад шавк, ҷаҳде кун, ки хун гардӣ,
Чу об оинадори ранг гардад, пар бурун орад.
Фиреби ҷоҳ аз бозичаи гардун махӯр, Бедил,
Ки метарсам, сари бемағз аз афсар бурун орад.

* * *

Фусуни айш кудуратзидои мо нашавад,
Нафас ба хонаи оинаҳо ҳаво нашавад.
Қасам ба доми муҳаббат, ки аз хами зулфат,
Дили шикастаи мо чун шикан ҷудо нашавад.
Хурӯши ҳар ду ҷаҳон гарди сурмабехтаест,
Тағофули ту магар ҳимматозмо нашавад.
Кушоди дил натавон хостан зи қатъи умед,
Ба нохуне, ки буриданд, укда во нашавад.
Чунон ба фақр зи доми таъаллуқ озодем,
Ки арзи ҷавҳари мо нақши бурьё нашавад.
Чӣ мумкин аст, равад доғи бандагӣ зи ҷабин,
Замин фалак шаваду одамӣ худо нашавад.
Тақаддуси ту ҳамон бе ғубори пайдоист,
Гули баҳори туро ранг рӯнамо нашавад.
Ба завқи гӯшаи чашмест сурмасони шавқ,
Ғубори мо чӣ хаёл аст, тӯтиё нашавад.
Чу субҳ он қадарам кӯтаҳ аст тори умед,
Ки сад гирех, агараш во кунӣ, расо нашавад.
Ба ғайри саркашӣ аз аблаҳон маҷӯ, Бедил,
Ки нахли ин чаман аз бебарӣ дуто нашавад.

* * *

Гар на мушти хокам аз ашки надомат тар шавад,
Шашчиҳат аҷзои бешерозагӣ дафтар шавад.
Гар мисоле парда бардорад зи бахти тираам,
Сафҳаи оина мотамхонаи ҷавҳар шавад.
Чанд бифребад ба ҳайрат шӯхи бебоке маро,
Нусхаи оина, ё раб, чун дилам абтар шавад.
Чарбу нармӣ обьёри дастгоҳи фитрат аст,
Шӯъла чун бо мум улфат ёфт, равшантар шавад.
Як, арақ нам кун ғубори ҳарзагарди хешро,
Баъд аз ин он беҳ, ки парвозат кафаспарвар шавад.
Хоби роҳат шӯъларо дар пардаи хокистар аст,
Гар ғубори ҷустуҷӯҳо бишканӣ, бистар шавад.
Мо, сабукрӯҳон, зи найранги таъаллуқ фориғем,
Акси моро ҳайрати оина болу пар шавад.
Дар гулистоне, ки ранги нақши поят рехтанд,
Боли товус аз хиҷолат ҳалқасози дар шавад.
Оламе аз худ тиҳӣ кардему коҳишҳо баҷост,
Паҳлуи мо, нотавонон, то куҷо лоғар шавад.
Як-ду соат беш натвон дод арзи эътибор,
Қатраи мо жола мебандад, агар гавҳар шавад.
Мақсадам чун шамъ аз ин маҳфил суҷуди нестист,
Сар ба зери по ниҳам, к-ин як қадам раҳ сар шавад.
Оламе, Бедил, биёбонмарги завқи огаҳист,
Маърифат ғӯли раҳ аст, аммо киро бовар шавад?

* * *

Наёми теғи оламгири мастӣ мавҷи май бошад,
Хаданги дилнишини нағмаро қандил най бошад.
Ба дил ғайр аз хаёли ҷилваат нақше намеёбам,
Ба ҷуз ҳайрат касе дар хонаи оина кай бошад?
Зи боғи офият ранги умеде нест ошикро,
Муҳаббат ғайри хун гаштан намедонам чӣ шай бошад?
Зи улфат чашм нақшой ба рангу бӯи ин гулшан,
Ки метарсам нигоҳи ибратолуде зи пай бошад.
Гузаштан барнатобад аз сари ин хокдон ҳиммат,
Ки нанги пост тай кардан бисотеро, ки тай бошад.
Надорад аз ҳаводис тавсани фурсат иноңдорӣ,
Навоҳон шикасти хеш бар амвоҷ ҳай бошад.
Тавон аз як тағофул сад даҳони ҳарзагӯ бастан,
Чӣ лозим рағбати табъат ба тошти пур зи қай бошад?
Ҷунунҷӯш аст имшаб маҷлиси кайфияти мастон,
Мабодо чашми масте дар кафон ҷоми май бошад.
Зи шӯри аҷзи мо гарданкашонро ларза мегирад,
Ҳуҷуми хору хас бар рӯи оташ фасли дай бошад.
Қафасфарсудаи ин тангноем эй ҳавас, хун шав,
Ки медонад замони рухсати парвоз кай бошад?
Наёби ҷуз амал шерозаи сахтикашон, Бедил,
Мадори устухон дар банд банди халқ пай бошад.

* * *

Ҳусни бешарм аз ҳуҷуми булҳавас машҳар шавад,
Эмин аз гулчин набошад, боғ чун бедор шавад.
Содалавҳиҳои дил умрест сармашқи ғаноист,
Орзу, ё раб, мабод ин сафҳаро мистар шавад.
Хоки арбоби назар сомони нури огаҳист,
Сурма бояд кард, агар оина хокистар шавад.
Шӯхии ҳарф аз забони шармсори мо маҳоҳ,
Тоир аз парвоз мемонад, чу болаш тар шавад.
Сафҳаи дилро ба доғе метавон оина кард,
Лафз аз як нукта соҳибмаънии дигар шавад.
Осмон мушкил ба осонӣ диҳад пардози дил,
Баҳр тӯфонҳо кунад, то қатрае гавҳар шавад.
То тавонӣ, сар матоб аз ҷодаи таслими ишқ,
Хок чун дар сояи хуршед хобад, зар шавад.
Соявор аз бекасиҳо ҳилаҷӯи ғайратам,
Бар сарам гар хок ҳам дасте кашад, афсар шавад.
Ҳасрати махмурии он чашми майгун бурдаам,
Сарнавишти хоки ман, ё раб, хати соғар шавад.
Эй ҷунунтаъмир аз ташвиши осудан баро,
Ҷоки сахтат чанд хишти ин куҳан манзар шавад.
Орамидан ку, гирифтам, соате чун гирдбод,
Дар сари хокат ҳавое печаду афсар шавад.
Бедил, аз саргаштагонӣ, манзилат оворагист,
Изтиробат чанд, чун реги равон раҳбар шавад.

* * *

Тамомшавкем лек ғофил, ки дил ба роҳи кӣ мехиромад?
Ҷигар ба доғи кӣ менишинад, нафас ба оҳи кӣ мехиромад?
Агар на гул аз ранги ту дорад баҳори мавҳуми дастии мо
Ба пардаи чоки ин катонҳо фуруғи моҳи кӣ мехиромад?
Ғубори ҳар зарра мефурӯшад ба ҳайратоинаи тапидан
Рами ғазолони ин биёбон паи нигоҳи кӣ мехиромад?
Зи ранги гул то баҳори сунбул шикаст дорад димоғи нозе,
Дар ин гулистон, надонам, имрӯз кағкулоҳи кӣ мехиромад?
Агар умеди фано набошад навиди офатзидои ҳастӣ,
Ба ин сару барг халқ овора дар паноҳи кӣ мехиромад?
Нигоҳ ба ҳар ҷо расад, чу шабнам зи шарм мебояд об гардад,
Агар бидонад, ки бе муҳобо ба ҷилвагоҳи кӣ мехиромад?
Ба ҳарза дар пардаи ману ... ғурури авҳом пеш бурдӣ,
Нагаштӣ огаҳ, ки дар димоғат ҳавои ҷоҳи кӣ мехиромад?
Зи авҷи афлок агар надорӣ ҳузури иқболи бениёзӣ,
Нафас ба ҷайби ғубор дорад, бубин сипоҳи кӣ мехиромад?
Магар зи чашмаш ғалат нигоҳе расад ба фарьёди ҳоли Бедил,
Вагарна он барқи бениёзӣ паи гиёҳи кӣ мехиромад?

* * *

Биноѝ ҳирс ба меъроҷи муддао нарасид,
Гузашт аз фалак, аммо ба пушти по нарасид.
Димоғи ҷоҳ ба кайфияти ҳузур насохт,
Ба сарбаландии ин бомҳо ҳаво нарасид.
Нафас ба фаҳми паёми азал наварад вафо,
Расида будамӣ, аммо димоғҳо нарасид.
Надомат аст чаман сози навбаҳори умед,
Чи ранг баст ба дасте, ки ин ҳино нарасид.
Шикасти чинии дил бар фалак расонд таранг,
Вале чӣ суд, ба гӯши ман ин садо нарасид.
Зи субҳи хастии мо шабнаме баҳор накард,
Ба ханда рафт гулу навбати ҳаё нарасид.
Адабпарастӣ аз ин бештар чӣ мебошад,
Дучори ӯ нашуд оина, то ба мо нарасид.
Бисоти илм гаравтозии далоил дошт,
Хаданги кас ба нишон то нашуд хато, нарасид.
Ғараз расондани пайғоми норасоӣ буд,
Расид қосиди мо, ҳар куҷо дуо нарасид.
Чу яъс марҷеи уммеди норасоёнем,
Ба мо расид талоше, ки ҳеҷ ҷо нарасид.
Маро зи ғайрати таҳқиқ рашк меояд.
Ба фитрате, ки ба ҳар кас расид, во нарасид.
Зи корגоҳи таҷаддуд аён нашуд, Бедил,
Ҷуз ин қадар, ки кас ин ҷо ба интиҳо нарасид.

* * *

Гарди маро тахайюр субхи чунунсабак кард,
Дасте надошт токат, чайбам чунин кй шак кард?
Дил ташнаи чунунхост, аз вахму зан(и) мапурсед,
3-ин даст машки бисьёр мачнун бар ин варак кард.
Пайдост шугли зохид, вакти дигар чй бошад,
Сархо ба якдигар кўфт, хар гох ёди хак кард.
Дил бо камоли тахкик аз шубхаам напардохт,
Онна сохт, аммо парвози бенасак кард.
3-ин бог то дамидам, чуз хуни дил начидам,
Гулгун кабои нозе субхи маро шафак кард.
Аз инфиолам охир шустанд дасти котил,
Хунам равон нагардид, ранги хино арак кард.
Мехмони ин бисотем, аммо чй суд, Бедил,
Дидор неъмате буд, онна дар табак кард.

* * *

Гар огаҳӣ, ба сози фанову, бақо биханд,
Ибрат баҳоначӯст, бар ин хандаҳо биханд.
Гул рустану баҳор дамидан чӣ лозим аст,
Дар зери лаб чу обила дар зери по биханд.
Афсурдаӣ, эй шарар, бафишори шукуфтагӣ,
Охир туро ки гуфт, дар ин тангно биханд.
Мустағнӣ аз гул аст мазори шаҳиди ишқ,
Эй ғунчалаб ту бар сари хокам биё, биханд.
Фурсаткамини ваъдаи фардо димоғи кист?
Эй гул, баҳор рафт, барои худо, биханд.
Мунъим, ғубори чеҳраи муҳтоҷ шустанист,
Бар фикр гирья гар накунӣ, бар ғано биханд.
Чандин саҳар ба ваҳми парафшони ноз рафт,
Як гул ту низ аз лаби боми ҳаво биханд.
Дар парда хуни ҳасрати бедаступо марез,
Гоҳе чу ашк гирьяи дандоннамо биханд.
Сад гулбаҳор мунтазири як ҷунуни туст,
Оташ ба сафҳаат зану сар то ба по биханд.
Бо субҳ гуфтам: аз чӣ баҳор аст хандаат?
Гуфт: андаке ту ҳам зи такаллуф баро, биханд.
Бар шоми мо чу шамъи ҷавонӣ басе гирист,
Пирӣ кунун ту гул куну бар субҳи мо биханд.
Бедил, баҳори умр шукуфтан чӣ хандааст?
Эй ғофил аз нафас, араке аз ҳаё биханд.

* * *

Адабсозем, бар мо кист, тамҳиди садо бандад,
Ду олам гум шавад дар сакта, то мазмуни мо бандад.
Табиат масти ибром аст, бар хоҳиш тағофул зан,
Мабод ин ҳарзатози ҳирс бар дасти ту по бандад.
Ба зангори таҷоҳул доғ кун оинаи дилро,
Ки чун сайқал задӣ, сад занги тӯҳмат бар сафо бандад.
Сулуки номулоим нафрати аҳбоб мехоҳад,
Начинӣ пеши худ санге, ки роҳи ошно бандад.
Ғубори сурма дорад кӯчаи ҷавлони истиғно,
Чу дил бе матлаб афтад, бар нафас роҳи садо бандад.
Фалак дархурди ҷаҳди халқ мавоҷ аст офоташ,
Араққо хушк гардад, то пари ин осиё бандад.
Гузаштан мушкил аст аз вартаи иброми матлабҳо,
Қасе то кай бар ин дарьё пул аз дасти дуо бандад.
Тағофулкорвони беииёзӣ ҳиммате дорад,
Ки дил ҳам гар шавад бораш, ба пушти чашми мо бандад.
Лаби изҳор яксар сар ба мӯҳри ибрат аст ин ҷо,
Арақ ҳар уқда, к-аз матлаб кушоям, бар ҳаё бандад.
Ҷунуни ҳайратам мастурии нозаш намехоҳад,
Магар миҷгон ба ҳам орам, ки ӯ банди қабо бандад.
Ба ранге бурдааст аз хеш он дасти нигоринам,
Ки гар наққош хоҳад ранги ман бандад, ҳино бандад.
Биҳиште нест чун оина, Бедил, ҳусни худбинро,
Хаёли ӯ агар бар ман набандад дил, куҷо бандад.

* * *

Гар хаёли гардиши чашми туам раҳбар шавад,
Чун кадаҳ ҳар накши поям олами дигар шавад.
Сели бетоби маро он беҳ напайвандӣ ба баҳр,
Тарсам ин ҷузви тапидан моян гавҳар шавад.
Иззати тарки таҷаммул аз карам афзунтар аст,
Сар ба гардун мефарозад, ҳар кӣ хокистар шавад.
Гавҳари моро ҳамон шарм аст зиндони абад,
Аз кушоиш даст мешӯяд, гиреҳ чун тар шавад.
Танпарастон ҳам муқими ошьёни маънианд,
Мург агар дар тангнои байза соҳибпар шавад.
Теги мавҷе бар сарат нанвишт таъмири муҳит,
Эй ҳубоби бесару по, хонаат абтар шавад.
Нест осон майкашиҳои биҳишти офият,
Фурсате бояд, ки дил хун гардаду кавсар шавад.
Офиятҳо дар камини ҳасрати вомондагист,
Сабр кун, эй шуъла, то саъи ту хокистар шавад.
Аз раҳи тақво нагаштӣ маҳрами сарманзиле,
Баъд аз ин бар гумраҳӣ зан, кош роҳе сар шавад.
Нест ҷуз ашки надомат дар муҳити рӯзгор
Он кадар обе, ки чашми орзуе тар шавад.
Шӯхии иъсам ҳамон номуси изҳор асту бас,
Оҳ меболад, агар матлаб нафаспарвар шавад.
Ҳусни саршори тараб, Бедил, тамошо карданист,
Гар саводи мавҷи май хатти лаби соғар шавад.

* * *

Бехудй имшаб пару боли фиғоне мешавад,
Гар надорад муддао, боре баёне мешавад.
Ҳеч вазъе дар тарики чустучӯ бекор нест,
Пои хоболуд ҳам санги нишоне мешавад.
Нашъаи таслим ҳосил кун, ки муште хокро
Бод ҳам гар мебарад, тахти равоне мешавад.
Мавчи ин дарьё ба саъи нохудо мӯҳточ нест,
Киштии моро шикастан бодбоне мешавад.
Чун латофат тӯҳматолуди кудурат шуд, балост,
Сояи боли парӣ кӯҳи гароне мешавад.
Рух мапӯш аз ман, ки чашми ҳасратоҳанги маро
Ҳар сари мижгон пару боли фиғоне мешавад.
Очизам чандон, ки дар арзи ланфиҳои ман
Нола гар болад нигоҳи нотавоне мешавад.
Гар чунин бошад фишори ҳасрати боли ҳумо,
Мағзҳо охир зи хушкӣ устухоне мешавад.
Баски гармиҳои сӯҳбат парфишонӣ ваҳшат аст,
Оташи ин корвон ҳам корвоне мешавад.
Роҳати човид дар забти инони орзӯст,
Болу пар гар чамъ гардад, ошьёне мешавад.
Сайри хак, Бедил, ба кадри тарки асбоб асту бас,
Сӯи ӯ аз ҳар чӣ баргарди, иноне мешавад.

* * *

Ту кори хеш кун ин ҷо, тун дар ман намегунчад,
Гиребон оламе дорад, ки дар доман намегунчад.
Гирифтам, навбаҳорӣ, пеши худ нашъунамо сар кун,
Бисотории нози ту дар гулхан намегунчад.
Ба яктоист рабте тору пуди бениёзиро,
Ки дар оғӯши чок ин ҷо сари сӯзан намегунчад.
Бисоти моҷарои сояву хуршед тай кардам,
Дар он хилват, ки ӯ бошад, хаёли ман намегунчад.
Ғурури ҳастию фикри ҳузури ҳақ, хаёл аст ин,
Саре дар ҷайби огоҳӣ ба ин гардан намегунҷад.
Бурунтоз аст ишқ аз домгоҳи ваҳми ҷисмонӣ,
Ту ҷохе даркури худ кандай, Бежан намегунҷад.
Зи парвози ғубори рангу бӯ овоз меояд,
Ки болафшонии Анқо дар ин гулшан намегунчад.
Ту дар оғӯши бепарвои дил гунҷидаӣ, варна
Дар ин диққатсаро уммеди гунҷидан намегунчад.
Бубанд аз хеш чашму ҷилваи мутлақ тамошо кун,
Ки ҳусне дориву дар пардаи дидан намегунчад.
Дуруштиҳои табъ аз ишқ гардад қобили нармӣ,
Ба ғайри сайъи оташ об дар оҳан намегунчад.
Чу бӯи гул, видои кисвати ҳастист изҳорат,
Сари мӯе агар болӣ, ба пироҳан намегунчд.
Дили огоҳ аз ҳастӣ набинад ҷуз адам, Бедил,
Ба ғайр аз акс дар оина равшан намегунчад.

* * *

Дар ҳавон ӯ дили ҳар зарра ҷоне мешавад,
Нола ҳам дар ёди ӯ сарви равоне мешавад.
Лафзи ишқе бар забонҳо ранги чандин илм рехт,
Як сухан чун шуд муқаррар, достоне мешавад.
Лаззати васлат зи бас ҳайратфиребн комҳост,
Нақши по ҳам баҳри побӯсат даҳоне мешавад.
Шавқ мефболад, гуноҳи шӯхии изҳор нест,
Матлаб аз дил то ба лаб ояд, фиғоне мешавад.
Гар чунин дорад камини ноз заъфи пайкарам,
Сурати оинаам мӯи миёне мешавад.
Он ҳинои панҷаам, к-аз домани ҳар барги гул
Навбаҳори ранги айшамро хазоне мешавад.
Тангнои кулфате чун дастгоҳи ҳуш нест,
Зарраи мо гар равад аз худ, ҷаҳоне мешавад.
Дархури ҷаҳд аст ҳосилҳо, ки аз баҳри ҳумо
Сои месузад нафас, то устухоне мешавад.
Авҷи ирфонро, ки бартар аз каманди гуфтугӯст,
Ҳар кӣ бармеояд аз худ, нардбоне мешавад.
Дар муҳаббат баски миноям шикастомодааст,
Ашк ҳам бар ман дили номехрубоне мешавад.
Нест, Бедил, вазъи хомӯшӣ никоби рози ишқ,
Сурма ҳам чун дуди шамъ ин ҷо забоне мешавад.

* * *

Сафо доги кудурат гашт, сомони ману мо шуд,
Ба сар хоке фишонд оина, к-ин тимсол пайдо шуд.
Зиёратгоҳи ҳуснам кард файзи маҳв гардидан,
Таҳайюр нақш бастам, хонаи оина барпо шуд.
Зи фикри худ гузаштам, машрабэҷоди ҷунун гаштам,
Гиребони тааммул сарфи доман гашт, саҳро шуд.
Чароғи барқтаҳқиқе намебошад дар ин водӣ,
Сиёҳӣ кард ин ҷо, гар ҳама хуршед пайдо шуд.
Зи тимсоли фанотасвири субҳ овоз меояд,
Ки дар оинаи вазъи ҷаҳон натвон худоро шуд.
Зи юмни офият дур аст тарки вазъи хомушӣ,
Забон боли тапишҳо зад, агар як ҳарф гӯё шуд.
Ба қадри нози маъшуқ аст саъйи ҳиммати ошиқ,
Нигоҳи мо баландӣ кард, то сарви ту раъно шуд.
Димоғи дарди дил дорӣ, муҳайёи тапидан шав,
Ба гӯши офият натвон ҳарифи нолаи мо шуд.
Уруҷам бенишонӣ буд, лек аз пастии ҳиммат
Шарори ман фусурдан дар гиреҳ басту Сурайё шуд.
Сару барги таааллуқ дар надомат бохтам, Бедил,
Ҷаҳонро судани дастам пари парвози Анқо шуд.

* * *

Ҳасрати зулфи туам буд, шикастам доданд,
Васл мехостам, оина ба дастам доданд.
Бехуди шеваи нозам, ки ба як соғари ранг
Нӯҳ фалак гардиш аз он наргиси мастам доданд.
Дили хунгашта, ки дар оина дард аст имрӯз,
Ҳайрате буд, ки дар рӯзи аластам доданд.
Сад чаман ҷилва биболад зи ғуборам то ҳашр,
Ки ба ҷавлони ту як ранги шикастам доданд.
Фоли ҷавлон чӣ занам, қатраи гавҳар шудаам,
Он қадар ҷаҳд, ки як обилабастам доданд.
Баҳри таслими ғубори ба ҳаво рафтаи ман,
Саҷда кам нест ба ҳар ҷо, ки нишастам доданд,
Нӯҳ фалак доираи маркази таслими ман аст,
Дастгоҳе аҷаб аз ҳиммати пастам доданд.
Чӣ тавон кард, ки дар қофилаи арзи ниёз
Ҷарасоҳанг диле нолапарастам доданд.
Ғоваки ҳимматам аз ҷавшани асбоб гузашт,
Ба тағофул чӣ қадар софии шастам доданд.
Бедил, аз қисмати ташрифи азал ҳеҷ мапурс,
Ин қадар домани олуда, ки ҳастам, доданд.

* * *

Ба уммеди фано тобу таби ҳастӣ гуворо шуд,
Ҳавон сӯхтан болу пари парвонаи мо шуд.
Фикандам аз тамиз охир халал дар кори яктой,
Бадал шуд шахс бо тимсол, то оина пайдо шуд.
Забони ҳол дорад сурмаи лофи камол ин ҷо,
Нафас дуздид ҷавҳар, ҳар кадар оина гӯё шуд.
Зи арзи ҷавҳари маънӣ ба виҷдон сулҳ кун, варна
Сухан ранги латофат бохт, гар тақрирфарсо шуд.
Ҳазар кун аз қарини бад, ки дар ибратгаҳи имкон
Ба ҷурми зиштии як рӯ ҳазор оина расво шуд.
Ба Ҳиндустон агар ин аст сомони руунатҳо,
Тавон дар муфсилӣ ҳам чира килке басту мирзо шуд.
Саропо қатраи хун нақш банду дар диле ҷо кун,
Ғам ин ҷо соғаре дорад, ки бояд доғи саҳбо шуд.
Хаёли ҳар чӣ бандӣ, шавқ пайдо мекунад рангаш,
Зи бас ҷо кард Лайлӣ, дар дили Маҷнун сувайдо шуд.
Кушоди ғунча дар авроқи гул хобонд гулшанро,
Ҷаҳон дар мавҷи нохун ғӯта зад, то уқдае во шуд.
Ба хомӯшӣ намак додам суроғи бенишониро,
Нафас дар сина дуздидан сафири боли Анқо шуд.
Тааммул пеша кардам, маънии ман лафз шуд, Бедил,
Зи саҳбоям равонӣ рафт то он ҷо, ки мино шуд.

* * *

Сипанди базми ту то беқарор гардаду нолад,
Тапидан аз дили ман ошкор гардаду нолад.
Ҳазор каъбаву лаббайк маҳви шавқпарасте,
Ки гирди дил чу нафас як-ду бор гардаду нолад.
Чӣ нағмаҳо, ки надорад зи худ тиҳӣ шудани ман,
Ба завқи он ки нафас найсавор гардаду нолад.
Зи сози ҷуръати ушшоқ гул накард навое,
Магар занфини ин қавм тор гардаду нолад.
Ману тазаллуми улфат, кадом дӯст, чӣ душман?
Ситамрасида ба ҳар кас дучор гардаду нолад.
Чу тонре, ки диҳад ошьён бағорати оташ,
Нафас ба гирди мани хоксор гардаду нолад.
Ба гирья хӯ макун, эй дида, к-аз чакидани ашке
Дили шикаста мабод ошкор гардаду нолад.
Ҳазор қофила шӯри ҷарас ба ҷанги умедам
Чӣ бошад, ин ҳама як нолавор гардаду нолад?
Зи рӯзгор вафо чашм дорам он ҳама фурсат,
Ки сахтҷонии ман кӯҳсор гардаду нолад.
Дар оташ афкану тарки адаб маход зи Бедил,
Сипанд нест, ки беихтиёр гардаду нолад.

* * *

Зи тангӣ мунфаил гардид дил, офоқ пайдо шуд,
Гуҳар аз шарми камзарфӣ арақ гардид, дарьё шуд.
Зи худ ғофил гузаштӣ, фоли истиқбол зад ҳолат,
Нигоҳ аз чилва пеш афтод, имрӯзи ту фардо шуд.
Тамошои ғарибе дошт базми бетамошоӣ,
Фусунҳои таҷаллӣ офати наззораи мо шуд.
Ба ваҳми хуш то кай заҳмати ин тангно бурдан,
Хушо девонае, к-аз хеш берун рафту саҳро шуд.
Нафаҳмиданд ин ғафлатсаводон маънии сунъе,
Назарҳо бар каҷӣ зад, ҳатти хубон ҳам чалипо шуд.
Чу баргардад мизоч, аз эҳтиёти худ машав ғофил,
Саломат саҳт меларзад бар он санге, ки мино шуд.
Дар ин майхона хоҳӣ субҳа гардон, хоҳ соғар каш,
Ҳамин хуше, ки сози туст, хоҳад беҳудиҳо шуд.
Ба навмедӣ нишастам он қадар, к-аз хештан рафтам,
Дар ин вайрона чун шамъам ҳамон вомондагӣ ношуд.
Нашуд фурсат далели ошьёни парвонаи моро,
Шароре дар фазои ваҳм бол афшонду Анқо шуд.
Таammул рутбаи афкор пайдо мекунад, Бедил,
Ба хомӯшӣ нафасҳо сӯхт Марьям, то Масеҳо шуд.

* * *

Бе фақр ошкор нагардад иёри мард,
Бахти сияҳ бувад маҳаки эътибори мард.
Пеши виқору садди Сикандар баробар аст,
Ҷуз обрӯ чу теғ нашояд ҳисори мард.
Дунё зи аҳли ҷуд ба худ ноз мекунад,
Зан бева нест, то бувад андар канори мард.
Ҳиммат баланд дор, к-аз асбоби эътибор
Беғайратист, он чӣ наёяд ба кори мард.
Дар арсае, ки по фишурад ғайрати сабот
Куҳсорро ба нола насанҷад виқори мард.
По бар ҷаҳони пуч задан нанги ҳиммат аст,
Дар пунбазори ҳез наяфтад шарори мард.
Беш аст азми шер ба гови баландшоҳ,
Бар хасми бесилоҳ далерист ори мард.
Ҷуз синасофӣ оинаи муддао набуд,
Ҳар ҷо намуд ҷавҳари ҷуръат ғубори мард.
Ин ҷо дар оби теғ ба хун ғӯта хӯрданист,
Оина то куҷо шавад оинадори мард.
Гандуи ба ғайри офати одам чӣ доштаст?
Е раб, ту шакли зан написандӣ дучори мард.
Он ҷо ки чарх дун кунад имдоди нокасон,
Ҳез аз фишори хусья барорад димори мард.
Баргаштааст баски дар ин аср таври халқ,
Номардии зане, ки нагардад савори мард.
Бедил, замона душмани арбоби ғайрат аст,
Тарсам, ба дасти ҳез диҳад ихтиёри мард.

* * *

Дуньёву талоши ҳаваси бехабаре чанд,
Печида ҳавои кафи хоке ба саре чанд.
Ҳангомаи асбоб зи бас тафриқасоз аст,
Ғирбол кунӣ баҳр, ки ёбӣ гуҳаре чанд.
Бе ранҷи тақудав натавон обила бастан,
Сар чист ба ғайр аз гиреҳи дарди саре чанд.
Маҳмилкаши ин қофила найранги ҳавос аст,
Дар хона равонем ба ҳам ҳамсафаре чанд.
Аз олами таҳқиқ магӯеду мапурсед,
Танг аст раҳи хона зи беруни даре чанд.
Суратгари оинаи розанд дар ин базм
Чун дастаи наргис ба чаман бебасаре чанд.
Бо лаъли ту кас заҳраи ёқут надорад,
Бигзор ҳамон санг тарошад ҷигаре чанд.
Танҳо дили озурдаи мо шикванаво нест,
Ҳам байза, ки бишкаст, бурун рехт паре чанд.
Дар водии ноками мо, обилапоён,
Ҳар нақши қадам сохта бо чашми таре чанд.
Ку гӯш, ки кас бар суханам фаҳм гуморад,
Мағрури навосанҷии хешанд каре чанд.
Хоби адамам талх шуд аз фикри қиёмат,
Фарьёд, зи фарьёди хурӯси саҳаре чанд.
Аз савмаа боз о, ки зи аммомаву дастор
Сар мекашад он ҷо алами пушти харе чанд.
Бо халқ хитоби ту зи таҳқиқ нашояд,
Эй бехабар, афсонаи худ бо дигаре чанд?
Бедил, таҳи гардун ба ғубори такупу рафт,
Чун дона ба ғирболи сари дарбадаре чанд.

* * *

Хаёли хушнигоҳон боз бо шӯхӣ саре дорад,
Ба хуни ман қиёмат наргисистон маҳзаре дорад.
Ману савдои хубон, зоҳиду андешаи ризвон,
Дар ин ҳасратсаро ҳар кас сире дорад, саре дорад.
Раво дорад чаро бар духтари раз нанги расвой,
Гар аз инсоф пурсӣ, мӯҳтасиб ҳам духтаре дорад.
Ба ибрат ошно шав, аз ҷаҳони нанг беруи о,
Мижа накшудай, ин хонаи ваҳшат даре дорад.
Надорад гирдбоди ин биёбон нанги афсурдан,
Ба ҳар бедаступое чидани домон паре дорад.
Дар ин баҳр аз ғаносомонии вазъи садаф магзар,
Кафи дасти тамаъ бар ҳам ниҳодан гавҳаре дорад.
Ба тӯфони хаёли пуч, тарғам, гум куни худро,
Ту танҳо меравӣ з-ин дашту гардат лашкаре дорад.
Тараб муфти ту, гар бо тозарӯе кардай савдо,
Дар ин кишвар дукони гулфурӯшон шаккаре дорад.
Камолат даъвии ахлоқ в-он гаҳ мункири риндон,
Зи ҳақ магзар, сапеҳри одамият меҳваре дорад.
Ба ваҳми чоҳи мағрури таайюн зистан то кай!
Нигин гар шӯҳрате дорад, ба номи дигаре дорад.
Фузулӣ дар тилисми зиндагӣ натвон зи ҳад бурдан,
Қафас охир ба машқи парфишонӣ мистаре дорад.
Зи вазъи сонам умрест ин овоз меояд,
Ки роҳат гар ҳавас бошад, заифи бистаре дорад.
Ту худро аз гирифторони дил фаҳмидай, варна
Саросар хонаи оина беруни даре дорад.
Набудам он қадар вомондаи ин анҷуман, Бедил,
Парафшон аст шавқ, аммо тааммул лангаре дорад.

* * *

Рангам нигоҳи ғайрати он ҷилва медарад,
Фитрат чунун дамад, ки зи бӯям асар барад.
Шодам, ки бе нишонии осори рангу бӯ
Берунам аз қаламрави таҳқиқ парварад.
Ин чорсу адабгоҳи савдои нозукест,
Умрест забти оҳи ман оина мехарад.
Халке дари амал заду бо доғи яъс рафт,
Оташ ба коргоҳи фусун хонае харад.
Доғам зи ҷилвае, ки ғурури тағофулаш
Оинахонаҳо кунад эҷоду нангарад.
Ҳангоман қабули нафас баски танг буд,
По то сарам чу шамъ зи ҳам хӯрд дасти рад.
Наққош, шарм дор зи парвози инфиол,
Тасвирам он кашад, ки зи рангам бароварад.
Оинаи хироми баҳор аст гарди ранг,
Ман нақши по, хаёли ту ҳар ҷо ки бигзарад.
Товуси ман баҳор камини чӣ мужда аст,
Умрест, бол мезанаму чашм мепарад.
Бедил, ҷавоби матлаби ушшоқ ҳайрат аст,
Он кас, ки номаам барад, оина оварад.

* * *

Дигар тазаллуми мо, оҷизон, куҷо бирасад,
Бас аст нолаи мо, гар ба гӯши мо бирасад.
Ба хоки мунтазиронат баҳор коштаанд,
Баёзи чашм диҳем об, то ҳино бирасад.
Қасе ба май накунад чораи хумори вафо,
Паёме аз ту расад, то димоғи мо бирасад.
Сабукравон зи ғами роҳу манзил озоданд,
Садо зи хеш гузаштаст, ҳар куҷо бирасад.
Тамомии хати паргор бе камоле нест,
Дуо кунед, сари мо ба нақши по бирасад.
Зи оҳ бе ҷигари чок баҳра натвон бурд,
Кушудаиист дари хона, то ҳаво бирасад.
Зи саъи қомати хамгашта чашми он дорам,
Ки рафта-рафта ба он турраи дуто бирасад.
Ситамкаши ҳаваси норасои иқболам,
Ба устухон расадам кор, то ҳумо бирасад.
Димоғи шиква надорам, вагарна мегуфтам:
Ба дӯстон зи фаромӯшиям дуо бирасад.
Ба оламе, ки амал мекашад маҳосини шайх
Қиррост тоби расидан, магар қазо бирасад.
Чунин ки сарфи тамаъ карди обру, Бедил,
Арақ куҷост, агар навбати ҳаё бирасад.

* * *

Ғофил шудему гашт хурӯши ҳавас баланд,
Афсуни хоб кард ғурури нафас баланд.
Яксар ба зери чарх пару бол рехтем,
Парвоз кас начуст зи боми қафас баланд.
Аз ҳарфу савт роҳи қиёмат гирифт халқ,
Манзил шуд он қадар зи фусуни ҷарас баланд.
Саҳл аст дастгоҳи ғурури сабуксарон,
Оташ нагардад он ҳама аз хору хас баланд.
Ваҳшатнавост шӯҳрати иқболи нокасон,
Бе пар задан нагашт танини магас баланд.
Ҳиммат дар ин ҷунункада занҷири пои мост,
Е раб, мабод ин ҳама домони кас баланд.
Дардо, ки дар қаламрави тоқат наёфтем
Як нола чун тағофули фарьёдрас баланд.
Дасти талоши хок ба гардун намерасад,
Пур норасост донишу таҳқиқ бас баланд.
Бедил, агар ҷунун накунад ҳарзатозият,
Гарде дигар намешавад аз пешу пас баланд.



* * *

Шавқ то гардад дуболо, хешро аҳвал кунед,
Ними рух ҳам ҳайрат аст, оина мустақбал кунед.
Огаҳӣ аз атласи гардун чӣ хоҳад ёфтан?
Хоби мо ҳам бе қумоше нест, гар махмал кунед.
Бо баду неки ҷаҳон з-ин беш натвон шуд тараф,
Як арақвор аз ҳаё оинаҳоро ҳал кунед.
Ошнои ваҳдат аз ташвиши касрат эмин аст,
Дарди сар камтар, муфассалро агар муҷмал кунед.
Саъи дунё ҳар қадар кутоҳ, ҳимматҳо расост,
По агар натвон шикастан, дасти қудрат шал кунед.
Гар димоғи орзу хорад ҳавои афсарӣ,
Ҳам ба сарчанге сари бемағзи худро кал кунед.
Нест ҷуз беҳосилӣ арзи мисоли мову ман,
Даст бар ҳам судан аст, оина гар сайқал кунед.
Гирди дил гардидане, сайри камол ин асту бас,
Бар ду олам хат кашед, ин саҳфа гар ҷадвал кунед.
Зоҳидон, саъи амал рафъи судои ваҳм нест,
Сидраву тӯбо ба ҳам сойед, то сандал кунед.
Нафӣ дар такрори нафӣ исбот пайдо мекунад,
Лафзи ҳастӣ мастие дорад, агар мӯҳмал кунед.
Сад нигаҳ аз як мижа бастан тағофул мешавад,
Бо ҳавасҳо он чӣ охир кардан аст, аввал кунед.
Баҳр аз эҷоди ҳубоб оинадори ваҳми кист?
Бедили мо мушкиле дар пеш дорад, ҳал кунед.

* * *

Шаб, ки васл оғушпардози дили девона буд,
Аз ҳуҷуми захми шавқ оинаи мо шона буд.
Ишқ меҷӯшид, ҳар ҷо гарди шӯхӣ дошт ҳуси,
Ранги шамъ аз парфишонӣ олами парвона буд.
Ёди он айше, ки аз рангинии бедоди ишқ,
Сел дар вайронаи ман, бода дар паймона буд.
Аз муҳити мову ман тӯфони касратэътибор
Нӯҳ садаф гул кард, аммо гавҳари якдона буд.
Аз тапиданҳои дил ранги ду олам рехтанд,
Ҳар куҷо дидам биное, гарди ин вайрона буд.
Рози дил аз вусъати машраб ба расвоӣ кашид,
Домани саҳро гиребончоки девона буд.
Хонавайронӣ ба рӯи оташи ман об рехт,
Сӯхтанҳо доштам чун шамъ, то кошона буд.
Ҷурми озодист, гар нашнохт моро ҳеҷ кас,
Маънии беранги мо аз лафз пур бегона буд.
Оламеро саъи мову ман ба хомӯшӣ расонд,
Баҳри хоби марг шӯри зиндагӣ афсона буд.
Ихтилоти халқ ҷуз ҷӯлидагӣ сурат набаст,
Ҳар ду олам печиши як гесӯи бешона буд.
Чашми лутф аз сахтрӯён доштан бедонишист,
Санг дар ҳар ҷо намоён гашт, оташхона буд.
Дӯш, ҳайронам, чӣ май паймуд ашк аз бехудӣ,
К-аз мижа то хоки пояш лағзиши мастона буд.
Муфти сомони адаб, к-аз ҷилва ғофил меравем,
Чашм во кардан далели вазъи густохона буд.
Ҳар куҷо рафтем, сайри хилвати дил доштем,
Бедил, оғуши фалак ҳам равзани ин хона буд.

* * *

Далели шикваи ман саъи норасо нашавад,
Зи по фитодагиям ноларо асо нашавад.
Зи ашк рози муҳаббат ба дида тӯфон кард,
Дили гудохта оина то кучо нашавад.
Илоҷи хастадилиҳо маҷӯ зи табъи дурушт,
Ки нарм то нашавад санг, мӯмиё нашавад.
Баён агар ҳама масруфи хомӯшӣ бошад,
Чӣ мумкин аст, ки помоли муддао нашавад.
Зи чарбу хушк ба ҳар устухон сурогe ҳаст,
Ҳумо вагарна чаро моили гадо нашавад.
Ба пирӣ он ки дил аз шӯхии ҳавас бардошт,
Ба ростӣ, ки хиҷолаткашӣ асо нашавад.
Ҷунуни чашми туро дастгоҳи шӯре нест,
Ки сурма дар назараш боладу садо нашавад.
Дар ин ҳаваскада сомони ранги пайдой
Хиҷолатест, ки, ё раб, насиби мо нашавад.
Ба саъи беасарӣ инчунон парафшон бош,
Ки шабнамат гиреҳи хотири ҳаво нашавад.
Дили шукуфта надорад сурогe ҷамъият,
Бар ин гиреҳ қадаре ҷаҳд кун, ки во нашавад.
Ба дуди ваҳм гар аз чарх бигзарам, Бедил,
Димоги нестии шӯълаам расо нашавад.

* * *

Маку ҳусне, ки ҳар чо ёдаш аз дил сар бурун орад,
Ба дӯши ҳар мижа сад шамъ чашми тар бурун орад.
Қамингоҳи ду олам ҳасратам, уммеди он дорам,
Ки файзи чилва як ашкам нигаҳпарвар бурун орад.
Зи поси нола бар буньёди ачзи хеш меларзам,
Мабод ин шӯъла аз хокистари ман сар бурун орад.
Кӣ дорад з-ин дабистони ҳавас ғайр аз хаёли ман
Варақгардонии ранге, ки сад дафтар бурун орад.
Дар ин маҳфил суроғи ишрате дигар намеёбам,
Магар хамьёза болад бар худу соғар бурун орад.
Ба гулшан гар диҳад арзи заифӣ нотавони ӯ,
Ба нози сад раги гул паҳлуи лоғар бурун орад.
Зи файзи обила дорад чунунам авчи иқболе,
Ки гар бар хоки раҳ соид қадам, афсар бурун орад.
Зи баҳри беканори ноумедӣ дар назар дорам
Нами ашке, ки ғаввосаш сар аз гавҳар бурун орад.
Надомат соз кун, ҳар чо кунӣ тамҳиди пайдоӣ,
Ки бӯи гул ба сад чок аз гиребон сар бурун орад.
Ғами асбоби дуньё чидаӣ дар дил, аз ин ғофил,
Ки охир тангии ин хонаат аз дар бурун орад.
Ба тӯфони ҳаводис чораҳо хун шуд, кунун сабре,
Ба соҳил киштии моро магар лангар бурун орад.
Сафоҳо охир аз арзи ҳунар зангор шуд, Бедил,
Зи ғафлат то ба кай оинаат чавҳар бурун орад.

* * *

Ҳасрати маҳмурам охир мастинишо мешавад,
То қадаҳ роҳест, к-аз хамьёзаам во мешавад.
Ҷуз ҳаё мавҷе надорам, чашмаи оинаам,
Гарди ман чандон ки рӯбӣ, об пайдо мешавад.
Баски дорад бенишонӣ пардаи номуси ман,
Дар нигини номам чу бӯ дар гул муаммо мешавад.
Лаб кушудан риштаи асрори якто гусехт,
Нусха бе шероза чун шуд, маънӣ аҷзо мешавад.
Нисбати ташбеҳ ғайр аз хиффати танзеҳ нест,
Шиша мебояд шикастан, нашъа расво мешавад.
Инфиоли фитрат аз камзарфии мо равшан аст,
Қатра к-аз дарьё ҷудо шуд, нанги дарьё мешавад.
Комрониҳои дуньё коргоҳи худсарист,
Бо фузули табъ чун хӯ кард, мирзо мешавад.
Поси дил дорад, к-аз печу хами ин кӯҳсор
Нашъа бепарвост, аммо кори мино мешавад.
Пардаи фонус мебошад шарики нури шамъ,
Ҷисм дар хурди сафои дил мусаффо мешавад.
Навбати мӯи сафед, аст аз амал ғофил мабош,
Субҳ чун гул кард, ҳашри орзуҳо мешавад.
Нақши найранги ҷаҳонро ҷуз фано наққош нест,
Ин биноҳо чун ҳубоб аз сел барпо мешавад.
Ҳусни саъй оина равшан мекунад анҷоми кор,
Решаи ток аст, к-охир мавҷи саҳбо мешавад.
Зоҳид, аз дил завқи тасбеҳи сулаймони барор,
Эй зи маънӣ бехабар, дини ту дуньё мешавад.
Тангии офоқ то дил диққати авҳоми туст,
Аз ғуборат ҳар чӣ гардад пок, саҳро мешавад.
Халқро рӯ бар қафо субҳи қиёмат диданист,

* * *

Дӣ намоён аст имрӯзе, ки фардо мешавад.
Баски мазмунҳои мактуби муҳаббат нозук аст,
Хатташ аз баргаштани қосид чалипо мешавад.
Э-ин надоматхона берун рафтанат душвор нест,
Ҳар қадар дасте, ки месой ба ҳам, по мешавад.
Кард, Бедил, гуфтугӯ моро ҷи тамкини мунфаил,
Қулқул охир сарнагуниҳои мино мешавад.

* * *

Гар он хурӯши ҷаҳони якто саре ба ин анҷуман барорад,
Ҷунуне иншо кунад таҳайюр, ки оламеро зи ман барорад.
Хаёл ҳарчанд пар фишонад, зи олами дил бурун наронад,
Чӣ мумкин аст ин, ки саъйи ваҳшат ба ғурбатам аз ватан барорад.
Наруст тухме дар ин гулистон, ки навбаҳоре накард сомон,
Ҳавои ранги гулат зи хокам агар барорад, чаман барорад.
Надорад аз табъи мо фусурдан ба ғайри парвози пеш бурдан,
Ки ранги ошиқ чу пайкари субҳ паре ба қадри шикан барорад.
Зи паҳлӯи ҷазбаи муҳаббат қавист уммеди нотавонон,
Сазад, ки чун ашк далви мо ҳам зи чоҳи ғам бе расан барорад.
Дили ситамдида умрҳо шуд, надорад аз сӯхтан раҳоӣ,
Ба лағзиши ашк кош худро чу шамъ аз ин анҷуман барорад.
Зи хоксори вафо наболад ғубори ҳангомаи таайюн,
Далели субҳи қиёмат аст ин, ки мурда сар аз кафан барорад.
Ба ин сару барг муғтанам гир тарки андешаи фузулӣ,
Мабод чун бахья худнамоӣ сарат зи далқи куҳан барорад.
Таҷарруд изтирори ранге надорад аз эътибори ҳиммат,
Чӣ ғайрат аст ин, ки ҳеч худро зи ҷаргаҳи марду зан барорад.
Қадам ба оҳанги кин фишурдан, зи офият нест сарфа бурдан,
Туфанг қолаб тиҳӣ намояд даме, ки дуд аз даҳан барорад.
Димоғи аҳли сафо начинад бисоти андози худситоӣ,
Саҳар муҳол аст, агар нафасро ба дастгоҳи сухан барорад.
Ғубори асбоб чанд пӯшад сафои оинаи таҷаррудʼ?
Куҷост урёние, ки моро зи хиҷлати пираҳан барорад.
Ба он сафо пухтааст рангам, ки мониӣ коргоҳи фитрат,
Қалам ба оина пок созад даме, ки тасвири ман барорад.
Нафас ба сад яъс мегудозам, дигар зи ҳолам мапурс, Бедил,
Чу шамъ раҳм аст бар асире, ки маргаш аз сӯхтан барорад.

* * *

Ҷунунандешаӣ бигзор, то дил бар ҳунар печад,
Ба дониш ноз кун чандон, ки савдой ба сар печад.
Ҳусули ком бо саъи амалҳо барнамеоянд,
Инони реша душвор аст, таҳсили самар печад.
Нигаҳ маҳви ҷамоли ӯст, аммо чашми он дорам,
Ки дил ҳам қатраашке гардаду бар чашми тар печад.
Зи оғӯши ниқобаш то қиёмат гул тавон чидан,
Агар бар оразн рангин шабе аз ноз дарпечад.
Тавонад дар такаллум шаккаристон резад аз гавҳар,
Лабе, к-аз хомӯшӣ мавҷи гуҳарро дар шакар печад.
Садои тӯғи ӯ меоянд аз ҳар мавҷи ин дарьё,
Дар ин андеша ҳайрон аст дил, то аз кӣ сар печад.
Нафас ҳам барнамедорад димоғи субҳи навмедӣ,
Дуои мо кунун худро ба тӯморе дигар печад.
Хушо қатъи умеду парфишониҳои андозаш,
Ки сад умри абад дар фурсати рақси шарар печад.
Ба ранги гардбод он беҳ, ки ваҳшатпарвари шавқат
Ба ҷои домани печида худро бар камар печад.
Чӣ имкон аст тай гардад бисоти ҳасрати ошиқ,
Чу мижгон ҳар ду оламро магар бар якдигар печад.
Тааййун ҳар чӣ бошад, хиҷлати дунҳимматӣ дорад,
Ба кӯтоҳист моил, ришта бар худ ҳар қадар печад.
Қасе, Бедил, ба саъи ваҳшат аз худ барнамеоянд,
Зи ғафлат то куҷо гирдоби мо аз баҳр сар печад.

* * *

Гар шавқ ба роҳат қадаме пеш барорад,
Чун обила болиданам аз хеш барорад.
Он ҷо ки хаёли ту диҳад арзи таҷаммул,
Танҳониям аз ҳар ду ҷаҳон беш барорад.
Мақбуливу авзои мухолиф чӣ хаёл аст,
Дар дида халад гар мижаам, неш барорад.
Имрӯз дари баста ба рӯи ҳама боз аст,
Онна магар ҳоҷати дарвеш барорад.
Дар нусхаи кайфияти имкон нанавиштанд
Лафзе, ки касе ҳосили маънеш барорад.
Гар шӯхии Лайлӣ нашавад роми таҳайюр,
Маҷнуни маро кист адабкеш барорад.
Фарьёд, к-аз ин қулзуми ваҳшат натвон ёфт
Мавҷе, ки нафас бе ғами ташвиш барорад.
Бо барқсаворон чӣ кунад саъи ғуборам,
Вомондагие ҳаст, агар пеш барорад.
Навмедии савдозадагон низ дуоест,
Уммед, ки он навхати мо риш барорад.
Бедил чаманорои гиребони хаёлест,
Ё раб нашавад, он кӣ сар аз хеш барорад.

* * *

Умрест рахти ҳасратам аз сина бастаанд,
Роҳи нафас ба хилвати оина бастаанд.
Ворастагӣ ба атласу дебо чи мумкин аст.
Ин шӯъларо ба хирқаи пашмина бастаанд.
Ваҳдатсарон дил нашавад ҷилвагоҳи ғайр,
Акс аст тӯҳмате, ки бар оина бастаанд.
Аз нақди дил тиҳист бисоти ҷаҳон, ки халқ
Бар риштаи нафас гиреҳи кина бастаанд.
Гӯ, посбон, ба хоби тараб зан, ки хусравон
Дилҳо чу қулф бар дари ганҷина бастаанд.
Мазмуни аз хаёли тааммул рамидаем,
Тақвими ҳоли мо ҳама порина бастаанд.
Ғофил наям зи сурати вомондагони хок,
Дар пои ман зи обила оина бастаанд.
Чун шамъи кушта аҷзпарастони хидматат
Дастест нақши доғ, ки бар сина бастаанд.
Бегонааст шӯъла зи пайванди офият,
Аз сӯхтан ба хирқаи мо пина бастаанд.
Бедил, ба саъду наҳси ҷаҳон нест кори мо,
Тифлон диле ба шанбеҳу одина бастаанд.

* * *

Аҷз напсандид аз мо шикваи қотил баланд,
Ҷуз мижа гарде нашуд аз кӯшиши бисмил баланд.
Ҳастии маҳвуми мо дар ҳасрати эҷод сӯхт,
Сояворе ҳам нагардидем з-обу гил баланд.
Бояси озодии сарв аст ясъи бебарӣ,
Дастгоҳи оҳ бошад дар шикасти дил баланд.
Мояи шукру шикоятҳои мо камфурсатист,
Нест ҷуз гарди нафас аз шахси мустаъҷил баланд.
Чун ба осоиш расидӣ, шӯълаи дил мурда гир,
Аз ҷарас мушкил, ки гардад нола дар манзил баланд.
Ҷоҳро бо обрӯи хоксориҳо масанҷ,
Нест мумкин гардани мавҷ аз сари соҳил баланд.
Чашми аҳли ҷуд агар медошт ранге аз тамиз,
Он қадар ҳаргиз намешуд нолаи соил баланд.
Пои аз худ рафтани мо буд сар  бардоштан,
Мавҷи бетамкини мо з-ин баҳр шуд ғофил баланд.
Мо зи сад девон ба як мисраъ каноат кардаем,
Нашъаи саҳбо чӣ дорад фитрати Бедил баланд.

* * *

Мактуби шавқ ҳаргиз бе номабар набошад,
Мову зи хеш рафтан, қосид агар набошад.
Хошокро дар оташ то кай хаёли пухтан?
Он ҷо ки ҷилвани ӯст, аз мо асар набошад.
Мағрури фурсати даҳр з-ин бештар мабошед,
Басту кушоди мижгон шому саҳар набошад.
Барқе зи дур дорад ҳангомаи таҷаллӣ,
Эй бехудон, бубинед, дил ҷилвагар набошад.
Моро ба ранги шабнам то оштёни хуршед
Бояд ба дида рафтан, гар болу пар набошад.
Ҳарчанд кори фардост, имрӯз муфти худ гир,
Шояд димоғу тоқат вақти дигар набошад.
Зоҳид, зи вазъи хилват нози камол мафрӯш,
Афсурдан аз кафе хок чандин ҳунар набошад.
Оинахонаи дил охир ба занг додем,
З-ин беш оҳи моро ранги асар набошад.
Хоҳӣ ба халқ рӯ кун, хоҳӣ хаёли ӯ кун,
Дар олами тамошо бар худ назар набошад.
Осудагӣ маҷӯед аз вазъи ашки Бедил,
Ин ҷавҳари чакида оби гуҳар набошад.

* * *

Гул накард оҳе, ки бар мо ханҷари қотил нашуд,
Орзу бар ҳам назад боле, ки дил бисмил нашуд.
Доми маҳрумӣ дар ин дашт эҳтиёти огаҳист,
Вой бар сайде, ки аз сайёди худ ғофил нашуд.
Дил ба роҳат гар насозад, бо гудозаш вогузор,
Гавҳари мо баҳр хоҳад гашт, агар соҳил нашуд.
Дар биёбоне, ки моро сар ба кӯшиш додаанд,
Ҷода ҳам аз хеш рафту маҳрами манзил нашуд.
Шӯъларо хомӯш гаштан, пой аз худ рафтан аст,
Доғ ҳам гардидаму осудагӣ ҳосил нашуд.
Гарчи ранги ин ду оташхона аз ман рехтанд,
Аз ҷабинам чун шарар доғи фано зоил нашуд.
Эътиборандешагон офатпарасти коҳишанд,
Ҳеч кас бе худгудозӣ шамъи ин маҳфил нашуд.
Офият гар ҳаст, нақши пардаи вомондагист?
Ҳайфи парвозе, ки огоҳ аз пари бисмил нашуд.
Завқи оғӯши дуи дар васл натвон ёфтан,
Бехабар Маҷнуни мо Лайли шуду маҳмил нашуд.
Дар либоси қатра натвон талхии дарьё кашид,
Муфт он хуне, ки хокистар шуд, аммо дил нашуд.
Не гудози дил ба кор омад, на резишҳои ашк,
Бе ту мушти хоки ман бар бод рафту гил нашуд.
Ғайри ман з-ин қулзуми гавҳар ҳубобе гул накард,
Оламе соҳибдил аст, аммо касе Бедил нашуд.

* * *

Ҳар кӣ анҷоми ғурури ману мо мебинад,
Бар фалак низ ҳамон дар таҳи по мебинад.
Шаш ҷиҳат онҷан арзи савоб аст, аммо
Чашмат аз кӯрдилӣ саҳву хато мебинад.
Чашм бар ҳалқаи дарвозаи раҳмат дорад,
Хешро ҳар кӣ ба таслим дуто мебинад.
Накунӣ ҷуръати коре, ки набояд кардан,
Гар шавӣ ин қадар огаҳ, ки худо мебинад.
Зиндагонӣ чиву осудагии умр кадом?
Субҳи мо арзи ғуборе ба ҳаво мебинад.
Шамъвор онҷан ростӣ аз даст мадеҳ,
Кӯр ҳам пешу паси худ ба асо мебинад.
Ҷои раҳм аст, гар с за муқайяд гардад,
Об дар кисвати онҷа чиҳо мебинад.
Булбули мо чӣ кунад, гар нашавад маҳви хурӯш,
Аз раги гул ҳама меҳроби дуо мебинад.
Беҳ, ки мо низ ба шабнам араки об шавем,
Қ-он гулистони ҳаё ҷонибҳи мо мебинад.
Ҳама мозист, куҷо ҳолу кадом истиқбол?
Дида ҳар ҷо нигарад, рӯ ба қафо мебинад.
Баски коҳидаам аз дарди таманно, Бедил,
Мӯй дорад ба назар, ҳар кӣ маро мебинад.

* * *

Дил бо ғубори ҳастӣ рабт он қадар надорад,
Бори нафас ду дам беш оина барнадорад.
Фурсат ба дӯши ибрат бастаст маҳмили ранг,
Қас з-ин баҳори ҳайрат бо гул назар надорад.
Маҳви ҷамоли уро доданд ҳамчу ёқут
Обе, ки нест мавҷаш, ранге, ки пар надорад.
Аз норасоӣ охир бо ҳеҷ сулҳ кардем,
Мо даст агар надорем, ӯ ҳам камар надорад.
Оина сохт бо занг, монд обгина дар санг,
Ин кӯҳсори найранг як шишагар надорад.
Дар олами мани мо афсурда гир фитрат,
То дуд парфишон аст, оташ шарар надорад.
Ифлос оламеро аз ихтиёр водошт,
Дасте дар остин нест, гар киса зар надорад.
Дар тангнои гардун бояд фусурду хун шуд,
Ин хона он чӣ дорад, беруни дар надорад.
Тадбири кини душман саҳл аст бар аракзан,
Дар арсае, ки об аст, оташ ҷигар надорад.
Ғаввосии тааммул бе музди маънӣ нест,
Гар мо нафас надуздем, дарьё гуҳар надорад.
Гар ваҳшати ғуборат ваҳшаткамин набошад,
Домони беннёзӣ чине дигар надорад.
Найранги каъбаву дайр маҳмилкаши ҳавас чанд?
З-он ҷо ки масками ӯст, ӯ ҳам хабар надорад.
Дуди димоғ моро бурд он сӯи қиёмат,
Бедил, ба ин баландӣ кас мӯи сар надорад.

* * *

Оҳ, ба дӯстон дигар арзи дуо кӣ мебарад?
Ашк чакиду нола рафт, номаи мо кӣ мебарад?
Тавъами гул дамидаем, домани субҳ чидаем,
Дар чамане, ки ранги мост, бӯи вафо кӣ мебарад?
Нағмаи маҳфили карам вақфи ҷунуни соил аст,
Варна ба арзи муддао арзи ҳаё кӣ мебарад?
Тангҳавас намекашад давлати безаволи мо,
Бар дари кибриёи фақр номи ҳумо кӣ мебарад?
Кард кашокаши ҳавас муфлисат аз шукӯҳи ноз,
Огаҳӣ, ин ки аз кафат ранги ҳино кӣ мебарад?
Ҳар кӣ гузашт аз ин чаман, решаи ҳасраташ баҷост,
Ин ҳама корвониранг рӯ ба қафо кӣ мебарад?
Оинаи хузури дил тӯҳфаи дайру каъба нест,
Он чӣ нисори нози туст, дар ҳама ҷо кӣ мебарад?
Аз гами ҳастиву адам ёди ту кард фориғам,
Хоки маро ба бод ҳам аз ту ҷудо кӣ мебарад?
Шамъ чу вақт даррасад, хуфта ба болу пар расад,
Рафтан агар ба сар расад, заҳмати по кӣ мебарад.
То ба фалак далели мо чашм кушудан асту бас,
Кӯрӣ агар на раҳ занад, каф ба асо кӣ мебарад?
Бедил, аз улфати ҳавас бигзару роҳи унс гир,
Мунтазири талаб мабош, нанг биё, кӣ мебарад?

* * *

Нафас ба ғайри такупўи ботиле, ки надорад,
Дигар кучо биравад ҷуз ба манзиле, ки надорад.
Ба боди ҳарзадавӣ дод хоки мазраи роҳат
Димоғи сўхтахирман зи ҳосиле, ки надорад.
Ба як — ду катра, ки гавҳар дамондааст тааммул,
Муҳит хуфта дар оғўши соҳиле, ки надорад.
Бипўш дидаву бигзар, ки гарди дашти тааллуқ
Ҳазор нока нишондаст дар гиле, ки надорад.
Баҳори гулшани имкон зи созу барги шукуфтан
Ҳамин шикастани ранг аст мушкиле, ки надорад.
Арақ захира намоид ба боргоҳи каримон
Забони ҷуръати изҳор соиле, ки надорад.
Ба ғайри тўҳмати хуне, ки нест дар раги бисмил,
Чӣ баст ваҳм ба домони котиле, ки надорад?
Ғубори шиша зи мардум нуҳуфтааст париро,
Мапўш чашм зи Лайлӣ ба маҳмиле, ки надорад.
Ба ҷуз ҷунун чӣ фурўзад чароғи фитрати инсон
Ба хилвате, ки надидасту маҳфиле, ки надорад.
Дар ин работи кўҳан хоби ноз бурда ҷаҳонро
Ба зери сояи девор моиле, ки надорад.
Ҳазор оина бар санг зад ғурури тааййун,
Ҷаҳон ба худ тараф аст аз муқобиле, ки надорад.
Ғами муҳаббату доғи вафову ранҷи таманно
Чиҳо намекашад ин Бедил аз диле, ки надорад.

* * *

Нафасро шӯри дил аз офият бегонае дорад,
Зи роҳат дам мазан, занҷири мо девонае дорад.
Ғуборам дар адам ҳам метапад гирди сари нозе,
Чароғам хомуш аст, аммо пари парвонае дорад.
Таваллуқ бонси ҷамъият аст аҷзои имконро,
Қафас дар олами ошуфтаболӣ шонае дорад.
Чӣ савдоҳо, ки шӯраш нест дар мағзи тиҳидастон,
Ҷунуни ганҷ асту вазъи муфлисӣ вайронае дорад.
Нафас як дам зи фикри чораи дил барнамеояд,
Калид аз қуфл ғофил нест, то дандонае дорад.
Мадон кори каме бо заҳмати ҳастӣ ба сар бурдан,
Зи худ нагзаштан ин ҷо ҳиммати мардонае дорад.
Агар мунъим ба даври соғари иқбол менозад,
Гадо ҳам дар ба дар гардиданаш паймонае дорад.
Ба гардун найсавори Каҳкашон бошӣ, чӣ фахр аст ин,
Талоши авҷи ҷоҳат бозии тифлонае дорад.
Ту шамъи маҳфилӣ, то кай нахоҳӣ чашм пӯшидан,
Барои хоби нозат ҳар кӣ ҳаст, афсонае дорад.
Ғами номаҳрамӣ бетоб дорад каъбаҷӯёнро,
Вагарна ҳалқаи беруни дар ҳам хонае дорад.
Қаноат муфти ҷамъият, ду рӯзе сабр кун, Бедил,
Ҷаҳон дом аст, агар обе надорад, донае дорад.

* * *

Аҷзи тоқат ба гирифтории ғам шодам кард,
Яъс беболу паре аз қафас озодам кард.
Ку ҳами доғи таъаллуқ, чӣ каманди асбоб?
Ин қадарҳо ба қафас хотири сайёдам кард.
Офият музди фаромӯшии ҳолам шумаред,
Дарди ишқам, ба такаллуф натавон ёдам кард.
Навҳае дораму ҷон меканам аз қомати хам,
Оҳ аз ин теша, ки ҳампешаи Фарҳодам кард.
Ғофил аз зиштии аъмол дамидам, ҳайҳот,
Ишқ пеш аз нигаҳи мунфаил эҷодам кард.
Саъи беҳуда, надонам, ба куҷоям мебурд,
Нафаси сӯхта шуд сурма, ки фарьёдам кард.
Гуфтам, иншо кунам аз олами матлаб сабақе,
Шарми изҳор забони арақ иршодам кард.
Чун хати ҷода зи бас мунфаили таслимам,
Ҳар ки омад ба сар, аз нақши қадам содам кард.
Гиреҳи забти нафас нускаи гавҳар дорад,
Вазъи хомӯш ба илми адаб устодам кард.
Нафйи ҳангомаи ҳастӣ чӣ таназзуҳ, ки надошт,
Шиша бар санг задан рашки паризодам кард.
Маҳви кайфияти найранги вафоям, Бедил,
Он кӣ мехост фаромӯш кунад, ёдам кард.

* * *

Занфиҳо баёни аҷзи тоқат барнамедорад,
Суҷуди мушти хок изҳори тоат барнамедорад.
Амалро чанд сози корвонсолори хоҳишҳо?
Нафас худ маҳмилат беш аз ду соат барнамедорад.
Тараф ишқ аст, ғайр аз тарки ҳастӣ нест тадбире,
Ки шамшер аз ҳарифи худ саломат барнамедорад.
Ба завқи гуфтугӯ барҳам мазан ҳангомаи тамкин,
Ки кӯҳ аз нола ғайр аз цанги хиффат барнамедорад.
Далели тарки асбобам мабош. эй завқи озодӣ,
Нигоҳи бедимоғон нози ибрат барнамедорад.
Магар чун нақши по бо хок маҳшурам кунӣ, варна
Сари афтодае дорам, ки хиҷлат барнамедорад.
Гули бетобиям чандон назокатпарвар аст имшаб,
Ки гар оина гардад, ранги ҳайрат барнамедорад.
Сафеҳ ангор мунъимро, ки соил бар дари ҷудаш
Надорад бор, то гарди мазаллат барнамедорад.
Зи сози саркашиҳо аҷзпаймо нолае дорам,
Ки гар тӯфон кунад, ҷуз дасти ҳоҷат барнамедорад.
Намеарзад ба тасдеи нигаҳ ҷинси тамошое,
Ду олам як мижа бор асту ҳиммат барнамедорад.
Биёву аз шарорам як нигаҳ фурсат ғанимат дон,
Ки шамъи интизорам барқи мӯҳлат барнамедорад.
Ба ранги расмпардозон такаллуф мекунам, Бедил,
Вагарна маънии улфат иборат барнамедорад.

* * *

Агар маънии хомушӣ гул кунад,
Лаби ғунча таълими булбул кунад.
Бисоти ҷаҳон ҷои ором нест,
Чаро кас ватан бар сари пул кунад?
Дар ин анҷумак муфлисон хомӯшанд,
Сурохии холӣ чӣ қулқул кунад?
Қабо кун дар он боғ ҷайби тараб.
Ки аз лахти дил ғунчае гул кунад.
Забонро макун парфишони талаб,
Мабодо чароғи ҳаё гул кунад.
Макаш сар зи пастӣ, ки овози об
Тараққӣ ба қадри таназзул кунад.
Чӣ сел аст, ё раб, дами теғи ӯ,
Ки чун бигзарад аз сарам, пул кунад.
Ману ёди ҳусне, ки дар ҳасраташ
Ҷигар домани нола пургул кунад.
Зи рамзи даҳонаш наёбад асар,
Адам ҳам ба худ гар таammул кунад.
Зи бедоди он чашм натвон гузашт,
Дилеро, ки ӯ ҳум кунад, мул кунад.
Зи бас қаҳру лутфаш ҳама хушадост,
Нигоҳ мекунад, гар тағофул кунад.
Дилат бедимоғ аст, Бедил, мабод
Ба таътил ҳукми таваккул кунад.

* * *

Ниҳоди ваҳшати мо холӣ аз самар набвад,
Зи худ баромадани нола бе асар набвад.
Зи маҳви ҷилва маҷӯ лаззати шиносой,
Ки чашми оннаро баҳраи назар набвад.
Ҳисори олами бечорагӣ даҳони балост,
Паноҳи мо дами теғ аст, агар сипар набвад.
Ғубори ҳар ду ҷаҳон дар суроғи мо хун шуд,
Зи ранги бохта дар ҳеҷ ҷо асар набвад.
Зи саъи ҷисм макаш миннати сабукрӯҳӣ
Хуш аст, бори Масеҳо ба дӯши хар набвад.
Суроғи манзили мақсад зи хоксорон пурс,
Касе чу ҷода дар ин дашт роҳбар набвад.
Зи баски улфати мардум азоби рӯҳонист,
Фишори қабр чу оғӯши якдигар набвад.
Тилисми ҳайрати мо манзари таҷаллии ӯст,
Ғурури ҳуси зи оина бехабар набвад.
Ба ғайри сози адам ҳар чӣ ҳаст, расвоист,
Мабод сояи шаб бар сари саҳар набвад.
Забон чӣ офият андӯзад аз сухан, Бедил
Зи арзи нағман худ тор сарфабар набвад.

* * *

Чӣ шамъ имшаб дар ин маҳфил ҷамлипардоз меояд,
Ки овози пари парвона ҳам гулбоз меояд.
Насиме гӯн аз гулзори улфат бозмеояд,
Ки муште хоки ман чун чашм дар парвоз меояд.
Ману назораи ҳусне, ки аз бегонахӯиҳо
Дар оғӯш асту дур аз як нигоҳандоз меояд.
Зи пешоҳангии конуни ҳасратҳо чӣ мепурсӣ,
Шикаст аз ҳар чӣ бошад, аз дилам овоз меояд.
Парафшони ҳавои кистам ё раб, ки дар ёдаш
Нафас аз пардаи андешаам гулбоз меояд.
Зи дарьё бозгашти катра гавҳар дар гиреҳ дорад,
Ниёзи ман зи тавфи ҷилваи ӯ ноз меояд.
Чӣ ҳоҷат мутриби дигар тарабгоҳи муҳаббатро,
Ки аз як дил тапидан кори чандин соз меояд.
Зи худ рафтан агар максуд бошад шӯълаи моро
Фусурдан низ дорад, он чӣ аз парвоз меояд.
Нафас дуздидаам чун шамъу пинҳон нест доғи дил,
Ҳанӯз аз хомушӣ бун лаби ғаммоз меояд.
Ба ашке фикри истикболи оҳам метавон кардан,
Ки гардолуда аз роҳи тилисми роз меояд.
Ҳанӯз аз сахтҷонӣ ин қадар тоқат гумон дорам,
Ки аз худ метавонам рафт, агар ӯ боз меояд.
Фусуни сози ғафлат гар нагардад пунбаи гӯшат,
Ба кадр аз дасти барҳам суда ҳам овоз меояд.
Дили ҳар зарра хуршедест, аммо ҷаҳд кун, Бедил,
Манеҳ оина аз дастат, агар парвоз меояд.

* * *

Дурuштхӯ суханаш офиятасар набувад,
Садои тори раги санг чуз шарар набувад.
Ҳуҷуми ҳодиса бо софдил чӣ хоҳад кард?
Зи сел хонаи оинаро хатар набувад.
Ғубори ваҳшати мо аз суроғ мустағнист,
Ба рафтани нигаҳ аз нақши по асар набувад.
Ба оламе, ки адаб маҳви бенишониҳост,
Ҳавас агар ҳама анқост, номабар набувад.
Ба коргоҳи таъаммул ҳамон дил аст нафас,
Гиреҳ ба риштаи корам кам аз гуҳар набувад.
Зи бахт шиква надорам, ки нахли шамъи маро
Баҳори сӯхтане ҳаст, агар самар набувад.
Уқубати ду ҷаҳон дил ба як тағофули туст,
Шикасти хотири оина он қадар набувад.
Ба ранги реги равон раҳнаварди савдоро
Ба ғайри обилаи по гули сафар набувад.
Дар ин муҳит, ки ҳар қатра нақди бохтан аст,
Хуш он ҳубоб, ки оҳеш дар ҷигар набувад.
Маҳоҳ ранги ҳаловат зи гуфтугӯ, Бедил,
Нае, ки нола кунад, қобили шакар набувад.

* * *

Ҳуш то офиятоинаи мастӣ нашавад,
Нест мумкин, ки кунад кореву осӣ нашавад.
Бохабар бош, ки нагзаштаӣ аз олами ваҳм,
Накши фардон ту то оинаи дӣ нашавад.
Хуни ушшоқ ватан дар раги бисмил дорад,
Нест ин об аз он чашма, ки ҷори нашавад.
То ба кай шубҳапарасти ҳаку ботил будан,
Марди ин маҳкама он аст, ки козӣ нашавад.
Ба ҳавас роҳати ҷовид зи каф бохтаем,
Шуъла доғ аст, агар масти тараккӣ нашавад.
Бе ту бо лолаву гул чашми ҳавас накшоям,
Ки ба рӯям мижа баргардаду силӣ нашавад.
Аз бадомузии танҳоии дил метарсам,
Ки дихи мансаби оинаву розӣ нашавад.
Оҳ аз он доғ, ки хокистари шавколудам
Дар ғами сарви ту восӯзаду қумрӣ нашавад.
То ба селоби фано вонагузорӣ, Бедил,
Бохабар бош, ки рахти ту намозӣ нашавад.

* * *

Сабукравон, ки ба вахшат миёни чон бастанд,
Чу нола сӯхт нафас, бо нигоҳ пайвастанд.
Нарастаанд шарарвахшиёни ин кухсор,
Ки дил зи санг гирифтанду бар ҳаво бастанд.
Ниёзи турраи ӯ кун, агар диле дорӣ,
Ки моҳиёни саодат кабоби ин шастанд.
Зи пахлӯи араки чабха моя аст ин чо,
Чу чоми май ҳама чо бедилон тиҳидастанд.
Ба санги кам натавон кадри очизон санчид,
Нигаҳ далели баландист, ҳар кадар пастанд.
Дар он бисот, ки манзури хусни иктоист,
Тараххум аст бар оинае ки нашкастанд.
Ҳазар зи улфати дилҳо дар ин чунунмахфил,
Ки шишаҳои шикастанбаҳона бадмастанд.
Наметавон ба камонхонаи фалак осуд,
Кучо гузашта, чи оннда тири як шастанд.
Зи сози халқ ба чуз хеч хеч натвон ёфт,
Хаёли нестие хаст, к-ин кадар ҳастанд.
Чу шамъ бар нафасе чанд гиръя кун, Бедил,
Ки сӯхтанду ба рамзи фасона пайвастанд.

* * *

Мусаввирон ба ҳазор инфиол пайвастанд,
Ки турраи ту кашиданду хома нашкастанд.
Зи ҷаҳл нисбати қадди ту мекунанд ба сарв
Фузуле чанд, ки помоли фитрати пастанд.
Ба ранги икди гуҳар во наметавон кардан
Диле, ки дар хами зулфи туаш гиреҳ бастанд.
Зи офтоб гузаштаст маддн абруят,
Камонкашони зеҳи ноз пур забардастанд.
Димоғи сӯхтагон беш аз ин вафо накунад,
Сипандҳо ба сад оҳанг яксадо ҳастанд.
Зи шоми мо макаш, эй ҳасратинтизор саҳар,
Ба даври мо кадаҳи офтоб бишкастанд.
Дар ин муҳит ҳаё кун зи худнамонҳо,
Ҳубобу мавҷ ҳамон нестанд, агар ҳастанд.
Адаб зи мардумаки дида метавон омӯхт,
Ки сокинанд, агар ҳушьёру гар мастанд.
Зи вазъи шамъи хамӯш ин наво парафшон аст,
Ки шӯълаҳо ҳама худро ба доғи дил бастанд.
Ба завқи ваҳшати ин қавм сӯхтам, Бедил,
Ки нолавор чу бархостанд, наншастанд.

* * *

Бо мо на нами ашкеву не чашми таре буд,
Лабрези хаёли ту гудози чигаре буд.
Дил ранги умеде надамонид, ки нашкаст,
Ибраткадаам коргаҳи шишагаре буд.
Чун ашк давидему ба чое нарасидем,
Хизри раҳи мо лағзиши бепову саре буд.
Афсӯс, ки домони ҳавое нагирифтем,
Хокистари мо қобили арзи саҳаре буд.
Ҳар ғунча, ки бе парда шуд, оҳе ба кафас дошт,
Ин гулшани хунгашта тилисми чигаре буд.
Қас мунфаили талхии айём нагардид,
Дар ҳанзали ин дашт гумони шакаре буд.
Дидем, ки ба вазъи фано чон натавон бурд,
Девонагии ошубу хирад дарди саре буд.
Бе чашми тар аҷзои фаноем чу шабнам,
То дида наме дошт, зи мо ҳам асаре буд.
Дил хок шуду офияте назри хавас кард,
Ин ахгари дилсӯхта болини паре буд.
Неку бади дунё ҳама анқосифатонанд,
Бедил, хабар аз ҳар ки гирифтам, хабаре буд.

* * *

Гузаштагон, ки аз ташвиши мову ман растанд,
Муқими олами нозанд, ҳар куҷо ҳастанд.
Чу ашки шамъ шарармашрабони озодӣ
Зи чашми хеш чакиданд, агар гуҳар бастанд.
Ҳамин на нолаи мо хун шуд аз кашокаши яъс,
Қадом ришта, к-аз ин печутоб бигсастанд?
Инонкашони ҳавас санъати назар доранд,
Хаданги сайди ҷаҳонанд, то зи худ ҷастанд.
Ба ошиқон ҳама гар мансаби гуҳар бахшӣ,
Ҳамон ба арзи чакидан чу ашк тардастанд.
Накардаанд зиён маҳрамони савдоят,
Агар зи хеш гусастанд, бо кӣ пайвастанд?
Чӣ ҷилвай, ки чу шабнам ҳавонёни гулат
Шуданд обу ғубори нигоҳ бишкастанд.
Зи сози офияти хок мерасад овоз,
Ки сокинони адабгоҳи нестӣ ҳастанд.
Кадом мавҷ надоматфурӯши тоқат нест?
Шикастагон ҳама овози судани дастанд.
Дар ин замона сухан маҳви яъс шуд, Бедил,
Дамид уқдаи дил маънӣе, ки мебастанд.

* * *

Он рӯз, ки пайдоии моро асаре буд,
Дар оинаи зарра ғубори назаре буд.
Накше надамидем ба сад ранги таамул,
Наққоши ҳавас хомаи мӯи камаре буд.
Гар офияте ҳаст, аз ин баҳр бурун аст,
Ғаввос надонист, ки соҳил гуҳаре буд.
Аз ҷуръати парвоз ба ҷое нарасидем,
Ҷамъияти бе болу парӣ болу паре буд.
То шавқ кашад маҳмили фурсат, мижа бастам,
Дар бори шарар шӯхии барқи назаре буд.
Нагзошт фалак бо ту муқобил дили моро,
Фарьёд, ки оина ба дасти дигаре буд.
Рӯзе, ки гузаштӣ зи сари хоки шаҳидон,
Ҳар гард, ки дар пои ту афтод, саре буд.
Охир зи худам бурд ба роҳи ту нишастан,
Осудагии шӯъла камини сафаре буд.
Дил куштан яктоии ҳусн аст, вагарна
Дар пеши ту оина шикастан ҳунаре буд.
Бедил ба таманнокадаи арзи ҳавасҳо
Аз дил ду ҷаҳон шӯру зи мо гӯши каре буд.

* * *

Машраби ушшоқ бар вазъи ҳавас тангӣ кунад,
Олами анқо ба парвози магас тангӣ кунад.
Восили мақсад зи хомӯшӣ надорад чорае,
Чун ба манзил омад, овози ҷарас тангӣ кунад.
Серӣ аз шӯхӣ надорад тифли оташхӯи ман,
Ашкро кай дар давиданҳо нафас тангӣ кунад.
Интизори бехуди моро ҷунунпаймона кард,
Хулқи мастон аз шароби деррас тангӣ кунад.
Бӯи гул дар ранг дуздад боли парвози нафас,
Боғи имкон бе ту аз оҳам зи бас тангӣ кунад.
Дида бе рӯят надорад тоқати ташвиши ғайр,
Он чи бар гул во шавад, бар хору хас тангӣ кунад.
Бедимоғи дастгоҳи машраби яктоием,
Хонаи оннаи мо бар ду кас тангӣ кунад.
Қисапардозони ифлос аз фузулӣ фориғанд,
Бе кушодӣ нест, гар дасти ҳавас тангӣ кунад.
Оламеро улфати ҷисм аз адам дилгир кард,
Бар қафаспарварда беруни қафас танги кунад.
Чун саҳар, Бедил, ману ҳастилақаб пироҳане,
К-аз ҳаё бар хеш то болад, нафас тангӣ кунад.

* * *

Бодаи таҳқиқро зарфи ҳавас танги кунад,
Дар бари оташ либоси хору хас тангӣ кунад.
Дардро ҷавлонгаҳе ҷуз синаи ушшоқ нест,
Бар фиғон мушкил, ки оғӯши ҷарас тангӣ кунад.
Бар ҷунуни мепечаму аз хеш беруи меравам,
Гирдбоди шавқро то кай нафас тангӣ кунад.

Айши расвой ба коми кӯчагардони вафост,
Эй хуш он вазъе, к-аз ӯ хулқи асас тангӣ кунад.
Мо ду олам шиква дар забти нафас хун кардаем,
То мабодо хотири фарьёдрас тангӣ кунад.

Дар хаёли роҳат аз файзи тапидан ғофилем,
Ошьён, эй кош, бар ёди қафас танги кунад.
Ҳамчу он сӯзам, ки дармонад зи тори норасо,
Умр ранги саъй бозад, чун нафас тангӣ кунад.
Нӯҳ фалак дар вусъатободи дили девонаам
Ҳаст халхоле, ки дар пои магас тангӣ кунад.
Ғунча бар як мушти зар сад ранг хиссат чидааст,
Ин қадар, ё раб, мабодо дасти кас тангӣ кунад.
Шикваи мардум зи гардун, Бедил, аз камвусъатист,
Нола дар парвозояд, чун қафас тангӣ кунад.

* * *

Ба шўхӣ зад тараб, ғам офариданд,
Муқаррар шуд асал, сам офариданд.
Нисори нозе аз андеша гул кард,
Ду олам ҷон ба як дам офариданд.
Шикасти офият оҳанг гардид,
Ба ҳар ҷо сози одам офариданд.
Ҷаҳон ҷўши баҳори беннёзист,
Ба як сурат ду гул кам офариданд.
Ба ҳар ҷо ваҳшати мо арза доданд,
Шарору барқ бе рам офариданд.
Гули ин бўстон офатбаҳор аст,
Шикасту ранг тавъам офариданд.
Ба таскини дили маҷрўҳи бисмил
Пари афшонда марҳам офариданд.
Ба пири гиръя кун, к-оинаи субҳ
Барои арзи шабнам офариданд.
Каримон, хун шавед аз хиҷлати ҷуд,
Ки шўҳрат хоси Ҳотам офариданд.
Чу моҳи нав ҳами вазъи суҷудам,
Зи пешонӣ муқаддам офариданд.
На махмурӣ, на мастӣ, чист, Бедил,
Димоғат аз чӣ олам офариданд?

* * *

Табассум ҳар кучо ранги сухан з-он лаъли тар резад,
Зи оғӯши раги гул шӯхии мавҷи гуҳар резад.
Ба оҳанги нисори мақдами гулшантамошоят
Чаман дар ҳар гуле сад наргисистон симу зар резад.
Гиребончокие доранд муштоқони дидорат,
Ки гар ашке ба арз оранд, сад тӯфон саҳар резад.
Ғуборам заҳмати он остон дод аз гаронҷонӣ,
Бигӯ, то ҳолааш бардораду ҷон дигар резад.
Ба номуси вафо дар пардаи дил об мегардам,
Мабодо ҳасрати дидор чун ашкам бадар резад.
Ба сурат гар тиҳидастам, ба маънӣ ганҷҳо дорам,
Ки гар як чашми ман домон фишонад, сад гуҳар резад.
Туй, к-аз ҳиммати бедастгоҳам ғофилӣ, варна
Зи Анқо ошьён бартар ниҳад, ранге, ки пар резад.
Тавон сайри тунуксармоягиҳон ҷаҳон кардан.
Ки ҳар ҷо гарди шоме бишканад, ранги саҳар резад.
Чу ашки шамъ нақди обрӯе дар гиреҳ дорам,
Ки то дар пардааст, об аст, чун резад, шарар резад.
Кулоҳи иззати афлок фарши нақши по гардад,
Чу Бедил ҳар кӣ аз роҳат кафи хоке ба сар резад.

* * *

Барои хотирам ғам офариданд,
Туфайли чашми ман ям офариданд.
Чу субҳ он ҷо, ки ман парвоз дорам,
Қафас бо бол тавъам офариданд.
Арақ гулкардаам аз шарми ҳастӣ,
Маро аз чашми шабнам офариданд.
Гуҳар мавҷ оварад, оина ҷавҳар,
Дили беорзу кам офариданд.
Ҷаҳон хунрезбуньёд аст, хуш дор,
Сари сол аз муҳаррам офариданд.
Видои ғунчаро гул ном карданд,
Тарабро мотами ғам офариданд.
Кафи хоке, ки бар бодаш тавон дод,
Ба хун гил карда одам офариданд.
Илоҷе нест доғи бандагиро,
Агар бешам в-агар кам офариданд.
Тилисми зиндагӣ улфатбино нест,
Нафасро як қалам рам офариданд.
Агар олам барои хеш пайдост,
Барои ман маро ҳам офариданд.
Чӣ сон тобам сар аз фармони таслим,
Ки чун абрӯям аз хам офариданд.
Дилам, Бедил, надорад чораи доғ,
Нигинро баҳри хотам офариданд.

* * *

Видои кулфатам то гул кунад, чоки чигар резад,
Шаб аз барчидани домаи гиребони саҳар резад.

Наям Фарҳод, лек аз дилгаронӣ кулфате дорам,
Ки бори нолаи ман Бесутунро аз камар резад.

Дар ин гулшан чу шабнам аз муҳаббат чашми он дорам,
Ки сар то пои ман бигдозаду як чашми тар резад.

Маҷуед аз ҳуҷуми орзу ғайр аз гудози дил,
Қафе хун аст, агар ин рангҳо бар якдигар резад.
Ҷаҳонро эътиборе ҳаст то найранги муштокон,
Чу чашм оид ба ҳам, ночор мижгон аз назар резад.
Сару барги ичобат нест оҳи ҳасрати моро,
Ҳамон беҳтар, ки ин оташ ба буньёди асар резад.
Муҳаббаткуштаро саҳл аст ашк аз дида афшондан
Ки ошиқ гард агар аз дида афшонад, чигар резад.
Ҳаваспаймой омод(а)аст асбоби надоматро,
Ҳавар з-он шева, к-аз беҳосилӣ хокат ба сар резад.
Ба андози хиромаш кабк агар дӯзад назар, Бедил,
Хичолат дар ғубори нақши пояш болу пар резад.

* * *

Қай ба осонӣ дами обам муяссар мешавад.
Дил ба сад хун мегудозам, то лабе тар мешавад.
Гар ба ин кулфат фиғонам реша бар гардун занад,
Сидра то тӯбо зи бори дил санавбар мешавад.
Санги роҳам метавон бардошт бар дӯши шарор,
Гар гаронихои дил аз нола камтар мешавад.
Бе камоле нест маънӣ бар забони хомушон,
Мавҷ чун дар ҷӯи тег осуд, ҷавҳар мешавад.
Нест бе илқон маънӣ ҳайрати саршори мо,
Тӯтӣ аз оинаи равшан суханвар мешавад.
Ҳасрати дилро ҳисоб аз дида бояд хостан,
Ҳар чӣ дорад шишаи мо, вақфи соғар мешавад.
Дар дабистони ҷунун аз бас парешондафтарем,
Сафҳаи моро чу дарьё мавҷ мистар мешавад.
Шабнами ашкам, арақ гулкардаам, ё обила,
К-аз саропоям гудози дил мусаввар мешавад.
Баски шарми худнамоӣ об месозад маро,
Оина дар арзи тимсолам шиновар мешавад.
Сакта бар табъи равон зулм аст ҷоиз доштан,
Баҳр меларзад бар он мавҷе, ки гавҳар мешавад.
Бедил, аз бедастгоҳӣ сар ба гардун судаем,
Боли моро рехтан парвози дигар мешавад.

* * *

Ғофиле чанд, ки нақши ҳаку ботил бастанд,
Ҳар чӣ бастанд бар ин тоқу саро, дил бастанд.
Саъи ғаввос дар ин баҳр ҷунунпаймоист,
Орамидан гуҳаре буд, ба соҳил бастанд.
Чун саҳар марҳами кофури шаҳидони адаб
Лаби захмест, ки аз шиква ва қотил бастанд.
Паи мақсад ба чӣ уммед касе бардорад?
Номае буд тапиш, бар пари бисмил бастанд.
Шӯъла то бол кашад, дуд бурун тохтааст,
Бори мо пештар аз бастани маҳмил бастанд.
Ҷавҳари гул ҳама дар шӯхии ачло сарф аст,
Он чӣ аз дона кушуданд, ба ҳосил бастанд.
Раҳ набурдам ба тамизи адаму ҳастии хеш,
Ин ду оина ба ҳам сахт муқобил бастанд.
Нотавонрангии ман нусхаи ачзе во кард,
Ки ба мазмуни ҳино панчаи қотил бастанд.
Умр чун шамъ ба вомондагиям тай гардид,
Номаи чодаи ман бар сари манзил бастанд.
Бе такаллуф на ҳубобест дар ин баҳр, на мавч,
Нақши беҳосилии мост, ки зоил бастанд.
Ҷуръат аз маҳви бутон рост наёяд, Бедил,
**Ҳайрати оинаи дастест, ки бар дил бастанд.**

* * *

Аз шикасти рангам оби рӯи шоҳӣ додаанд,
Ҳамчу мавҷам сар ба сайри каҷкулоҳӣ додаанд.
Чашм бояд во кунӣ, соғар ба дасти ғайр нест,
Нашъаи таҳқиқат аз маҳ то ба моҳӣ додаанд.
Фитнаи ин хокдонӣ, андаке ошуфта бош,
Дархури шӯрат қиёматдастгоҳӣ додаанд.
Қатраҳо то баҳр сомонҷӯши асрори ғанист,
Ҳар чиро шоистай, хоҳӣ-нахоҳӣ додаанд.
Бар хазинаи тилеи ахли сухан бояд гирист,
Хомаҳоро ин қалам сар дар сиёҳӣ додаанд.
Аз баҳорам партави шамъи саҳар натвон шинохт,
Ин қадар хосиятам дар ранги коҳӣ додаанд.
Нози бетобӣ дар ин маҳфил тағофулмашрабист,
Каминготҳонро бароти хушнигоҳӣ додаанд.
Маҳви дидорам, румузи ҳайратам пӯшида нест,
Аз нигоҳи рафта мижгонҳо гувоҳӣ додаанд.
То фано чун шамъ хоҳам сар ба ҷайб аз хеш рафт,
Он қадар пое, ки бояд гашт, роҳе додаанд.
То нафас боқист, Бедил, парфишони ваҳм бош,
Кӯшиши беҳосилат чандон ки хоҳӣ, додаанд.

* * *

Он кй моро ба чафо сўхта ё месўзад,
Натавон гуфт, чаро сўхта ё месўзад?
Пеши чашмаш накунй ҳосили ҳастй хирман,
Ки ба як барқи адо сўхта ё месўзад.
То кай, эй оина, заҳматкаши сайқал бошй,
Хонаат [illegible] сафо сўхта ё месўзад.
Тапише чанд, ки дар болу пари шўълаи мост,
Завқи парвози расо сўхта ё месўзад.
Кас нафаҳмид, ки чун шамъ дар ин маҳфили ваҳм,
Оламе сар ба ҳаво сўхта ё месўзад.
Нури инсоф гар ин аст, ки шоҳон доранд,
Соя дар боли ҳумо сўхта ё месўзад.
Ваҳми асбоб мапаймо, ки димоғи мачнун
Дар сувайдо ҳамаро сўхта ё месўзад.
Ману оҳе, ки агар сар кашад аз чайби адаб
Аз самак то ба само сўхта ё месўзад.
Мушти обе, ки дар ин дайр тавон гуфт, кучост?
Ҳар кй дидем, чу мо сўхта ё месўзад.
То кай аз лоф кунад гарм димоғи амалат
Нафасе чанд, ки васўхта ё месўзад.
Шаш чиҳат сидри сипандест, надонам, Бедил,
Дили овора кучо сўхта ё месўзад?

* * *

Турраи ӯ дар хаёлам гар парешон мешавад,
Аз нафас ҳам дил парешонтар парешон мешавад.
Эй басо табъе, ки дар ҷамъияташ оворагист,
Шӯъла аз гул кардани ахгар парешон мешавад.
Чун нафас зинҳор тарки остони дил маҳоҳ,
Ҳар кӣ по беруи ниҳод з-ин дар парешон мешавад.
Аз шикасти хотири мо ҳеч кас огоҳ нест,
Ин ғубор аз олам оисӯтар парешон мешавад.
Чун фано наздик шуд, мушкил бувад забти ҳавос,
Дар дами парвоз болу пар парешон мешавад.
Эй саҳар, бар гирудори ҷилвааи ҳастӣ маноз,
Ин таҷаммул то дами дигар парешон мешавад.
Ин қадар гирди ҷаҳон гаштан ҷунуноворагист,
Чархро ҳар субҳ мағзи сар парешон мешавад.
Ҳарзагарди шоҳиди беиифнолиҳои мост,
Хоки мо гар нам кашад, камтар парешон мешавад.
Эй чарогоҳи ҳавас, аз одамият шарм дор,
Хирманат дар фикри гову хар парешон мешавад.
Хокдони даҳр, Бедил, маркази ором нест,
Хоби мо охир бар ин бистар парешон мешавад.

* * *

Дил, мапурсед, чаро сӯхта ё месӯзад,
Ҳар чӣ шуд боби вафо, сӯхта ё месӯзад.
Барқи он ҷилвагарон аст, ки ман мебинам,
Хонаи оинаҳо сӯхта ё месӯзад.
Шӯри ишқу дили афсурдаи зоҳид, ҳайҳот?!
З-ин шарар санг куҷо сӯхта ё месӯзад?
Асар аз нолаи арбоби ҳавас безор аст,
Барқи тасвири киро сӯхта ё месӯзад?
Ғарраи сабр мабошед, к-аз ин лоларухон
Ҳар кӣ гардид ҷудо, сӯхта ё месӯзад.
Барқи савдои ту дар пардаи андешаи мо
Кас чӣ донад, ки чиҳо сӯхта ё месӯзад.
Рашҳаи файзи қаноат биталаб, к-оташи ҳирс
Хирмани умри туро сӯхта ё месӯзад
Сози ҳастӣ, ки ҳарифони нафасаш мехонанд,
То шавад гарм наво, сӯхта ё месӯзад.
Эй шарар, тарки ҳавас гир, ки то дам задан,
Нафаси ҳарзадаро сӯхта ё месӯзад.
Қист, пурсад зи намакдони лаби ӯ, Бедил,
К-аз чӣ захми дили мо сӯхта ё месӯзад.

* * *

Ашкам аз пирӣ ба чашми тар перешон мешавад,
Субҳдам ҷамъияти ахтар перешон мешавад.
Медиҳад сарсабзии ин мазраъ аз мотам нишон,
Донаро аз реша мӯи сар перешон мешавад.
Як тапидан парда бардорад агар шӯри ҷунун,
Бӯи гул аз нола урьёнтар перешон мешавад.
Рангро бар рӯи оташ нест имкони сабот,
Ҳамчу хуршед аз кафи мо зар перешон мешавад.
Ҷодаи сарманзили ҷамъияти мо ростист,
Чун буруи афтад хат аз мистар, перешон мешавад.
Мақсадат ваҳм аст, дил аз ҷустуҷӯҳо ҷамъ кун,
Раҳрав ин ҷо дар паи раҳбар перешон мешавад.
Гар лаби изҳор накшой, нафас овора нест,
Мавҷи май аз вусъати соғар перешон мешавад.
Чун нафас бе забт гардад, ашк бояд рехтан
Ришта ҳар гаҳ бигсалад, гавҳар перешон мешавад.
Аз тапидан гарди навмедӣ ба гардун бурдаем,
Нола мегардад хамӯшӣ, гар перешон мешавад.
Рози дил чандон, ки дуздидам, нафас бе парда шуд,
Бедил, аз шероза ин дафтар перешон мешавад.

* * *

Ба гуфтугӯи касон мардуме, ки мелофанд,
Чу хат ба маънии худ норасида харрофанд.
Мабош ғарраи инсоф, к-ин нафасбофон
Ба пунбакории магзи хаёл наддофанд.
Тавонгаре, ки дам аз фақр мезанад, ғалатаст,
Ба мӯи косаи чинӣ намад намебофанд.
Таҳияи сипар аз эҳтироз кун, к-имрӯз
Ба қатъи ҳам баду неки замона сайёфанд.
Сухан чӣ арзи навобат диҳад дар ин маҳфил,
Ки симу зарнасабон ҳамчу ҷадвал ашрофанд.
Ғараз зи суҳбат агар поси обрӯ бошад,
Ҳазар кунед, ки абнои ҷоҳ ичлофанд.
Дари биҳишти маонии рӯяшон макушо,
Ки ин ҷаҳаннамие чанд нанги аърофанд.
Ба олами пуч чу ҷаҳли мураккабанд басит,
Ба фитрати кашафӣ дарсгоҳи кашшофанд.
Зи вазъашон маталаб ним нукта ҳамворӣ,
Ки як қалам ба ҳаму печи саркашӣ кофанд.
Тамом беҳудагӯянду нозукӣ ин аст,
Ки чашм бар тамаъу ришханди инсофанд.
Аз ин харон маталаб мардумӣ, ки чун гирдоб
Ба мавҷи оби манӣ ғарқ то лаби нофанд.
Ба хоки тира мазан нақди обрӯ, Бедил,
Дар ин диёр, ки кӯрони чанд саррофанд.

* * *

То дил аз анҷумани васли ту маъюс набуд,
Ҷавҳари нола дар ин оина маҳбус набуд.
Шаб, ки шавқи ту хасак дар ҷигари маҳфил рехт,
Шуълаи шамъ ба бетобии фонус набуд.
Баски найранги ду олам ба хиромат фарш аст,
Нақши по ҳам ба раҳат ҷуз пари товус набуд.
Ёди он айш, ки дар анҷумани завқи висол
Дошт пайғоми ҳузуре, ки ба сад бӯс набуд.
Саъйи парвози ман охир араќе рехт ба хок,
Ашк ҳам он қадараш кӯшиши маъкус набуд.
То бароем зи хиҷлаткадаи доми умед,
Бол бар ҳам задане ҷуз кафи афсӯс набуд.
Сайри оинаи дил забти нафас мехоҳад,
Варна озодии мо ин ҳама маҳбус набуд.
Навбаҳоре, ки тасаввур ба хаёлаш хун аст,
Мо ба он ранг надидем, ки махсус набуд.
Ҷилва дар маҳфили мо ҷумла ниқобоՐист,
Шамъи он базм наяфрӯхт, ки фонус набуд.
Дар тазаллумкадаи дайри муҳаббат, Бедил,
Нола фарьёди диле дошт, ки ноқус набуд.

* * *

Тасаллӣ ку, агар манзурат асбоби ҳавас бошад,
Надорад барги роҳат, ҳар киро дар дида хас бошад.
Зи ҳастӣ ҳар чӣ андешӣ, ғубори дил муҳайё кун,
Кусуфи офтоб оннан арзи нафас бошад.
Дар ин маҳфил хаё кун, то гулӯи нола бихрошӣ,
Нафас ҳам кам хурӯше нест, гар фарьёдрас бошад.
Намегирад ба ғайр аз дасти теғу домани қотил,
Маро дар кӯчаҳои захм ранги хун асас бошад.
Чӣ имкон аст мову ҷуръати парвози имконат,
Нигоҳи очизонро сояи мижгон қафас бошад.
Наболидем бар худ заррае дар арзи пайдоӣ,
Ғубори мо мабод афшондаи боли магас бошад.
Ба дил вомондаӣ, аз лофи мову ман табарро кун,
Муқими хонаи оина бояд бе нафас бошад.
Чӣ лозим, танг гирад осмон арбоби маъниро,
Шиканчи мо ҳамон мазмун, ки натвон баст, бас бошад.
Макун сози иқомат, то ғубори хеш биншонӣ,
Нафас пар мефишонад, шояд овози ҷарас бошад.
Шикасти ранги уммедест сар то пои мо, Бедил,
Зи сайри мо машав ғофил, агар ибрат ҳавас бошад.

* * *

Маро ин обрӯ дар олами парвоз бас бошад,
Ки бол афшонданам хамьёзаи ёди қафас бошад.
Ба манзил кай расад саргаштае, к-аз норасоиҳо
Биёбонмарги ҳайрат аз ғубори пешу пас бошад.
Тавонад бехудӣ з-ин арса гӯи офият бурдан,
Ки чун ашки ятимон дар давидан бе нафас бошад.
Дар ин маҳфил хиҷолат мекашам аз сози маҳвумӣ,
Камоли ишқи ман, эй кош, дархурди ҳавас бошад.
Гуле пайдо нашуд, то ғунчае нақшуд оғӯшаш,
Дар ин гулшан малол аз меваҳои пешрас бошад.
Ба доғи орзуе метавон таъмири дил кардан,
Биной хонаи оина як девор бас бошад.
Амалпаймо надорад ғайри тасҳири ҳавас чаҳле,
Нишоти анкабутон бастани боли магас бошад.
**Зафон дастгири сарфарозон мешаванд охир,**
Ба рӯзи нотавониҳо асои шӯъла хас бошад.
Надорад дил ҷуз асбоби тапидан ишрате дигар,
Ҳамон фарьёди ҳасрат бодаи ҷоми ҷарас бошад.
Ба дил ҳам, то тавонӣ, чун нафас моил машав, Бедил,
Мабодо сайри ин оина дар роҳат қафас бошад.

* * *

Агар аз гудозам наме гул кунад,
Ду олам зи ман шиша пурмул кунад.
Муҳит аст, чун маҳв гардад ҳубоб?
Зи худ гум шудан ҷузвро кул кунад.
Ғуборе, ки дил авҷи парвози ӯст,
Ба гардун расад, гар таназзул кунад.
Ба ҳар шаш ҷиҳат ҷилва печидааст,
Қасе то кай аз худ тағофул кунад?
Зи кайфияти ин баҳорам мапурс,
Мижа то кушой, кадаҳ гул кунад.
Ба савдои зулфи ту дуди димоғ
Ба сар печаду нози кокул кунад.
Зи фикри хатат ҷавҳари оина
Хасак вақфи ҷайби тааммул кунад.
Тараддуд ҳиҷолаткаши дасту пост,
Қасе то куҷоҳо таваккул кунад.
Хазони тараб бедимоғӣ мабод,
Баҳор аст, агар шиша кулкул кунад.
Ба тадбир аз ин баҳр натвон гузашт,
Шикастест, гар мавҷи мо пул кунад.
Сари мо бигардад зи даври ҳавас,
Агар чарх тарки тасалсул кунад.
Шавад сифла аз сӯфу атлас бузург,
Хвронро агар одамӣ ҷул кунад.
Хунуктар зи зоғ аст тақлиди кабк,
Ки ҳиндустонӣ тамағғул кунад.
Ба рангест, Бедил, парешониям,
Ки аз сояам тарҳи сунбул кунад.

* * *

Ҳар нафас дил сад ҳазор андеша пайдо мекунад,
Ҷунбиши ин дона чандин реша пайдо мекунад.
Иқтизои ҷилва дорад ин қадар тамхиди ранг,
То парӣ бепарда гардад, шиша пайдо мекунад.
Шамъи ин маҳфил маро бар сӯхтан парвона кард,
Ҳар чӣ бошад, ибрат аз ҳампеша пайдо мекунад.
Мардро сомони ғайраторазе набвад, ки шер
Нохуну дандон ҳамон дар беша пайдо мекунад.
Дар заволи умр вазъи қомати пирӣ бас аст,
Нахли ин боғ аз хамидан теша пайдо мекунад.
Яъси дил кам нест, гар хоҳӣ зи худ бархостан,
Нашъаворӣ аз шикаст ин шиша пайдо мекунад.
Ҳасрати пайкони ӯ бе нола напсандад маро,
Охир ин тухми муҳаббат реша пайдо мекунад.
Дил-вафо, булбул-наво, воиз-фусун, ошиқ-ҷунун,
Ҳар касе дархурди ҳиммат пеша пайдо мекунад.
Арсаи офоқ ҷои ҷилваи як нола нест,
Най гирех аз тангии ин беша пайдо мекунад.
Бедил, аз сайри тааммулхонаи дил нагзарӣ,
Нақшҳо ин пардаи андеша пайдо мекунад.

* * *

Орзу сӯхт нафас, оинаи дил бастанд,
Ҷода печид ба худ, сурати манзил бастанд.
Ҳайрати ҳар ду ҷаҳон дар гиреҳи ҳастии мост,
Як дил ин ҷо ба сад оина муқобил бастанд.
Пеш аз эҷоди фано оинаи мо гардид,
Чашми накшудаи мо бар рухи қотил бастанд.
Нахли асбоб ба раънони сарв аст имрӯз,
Баски арбоби таъаллуқ ҳама ҷо дил бастанд.
Мунъимон аз асари як гиреҳи пешонӣ,
Роҳи сад ранги талаб бар лаби соил бастанд.
Пари коҳе, ки тавон дод ба бод, ин ҷо нест,
Гов дар хирмани гардун ба чӣ ҳосил бастанд.
Ҳар куҷо меравам ошӯби тапишхонӣ дил аст,
Шаш ҷиҳат роҳи ман аз як пари бисмил бастанд.
Нуқси сармоии ҳастист адамнисбатиям,
Киштиям дошт шикасте, ки ба соҳил бастанд.
Назри бетобии дил ҳар мижа ашке дорад,
Баҳри як Лайлии шавқ ин ҳама маҳмил бастанд.
Дӯш, к-аз ҷайби адам тӯҳмати ҳастӣ гул кард,
Субҳ ворасту нафас бар мани Бедил бастанд.

* * *

То мукобил бо рухи он шӯълапайкар мешавад,
Ҷавхари оинаҳо боли самандар мешавад.

Гар чунин дорад асар найранги савдои хаташ,
Сафҳаи хуршед ҳам мӯхточи мистар мешавад.

Хусну ишқ онҷо, ки бо ҳам ҷӯши улфат мезананд,
Нури шамъ оинаву парвона ҷавҳар мешавад.
Дар муҳаббат низ ранги зард дорад эътибор,
Ҳар касеро шамъи иззат равшан аз зар мешавад.
Мужда, эй кӯшиш, ки аз туфони оламгири шавқ
Хоки соҳилмурдаи мо ҳам шиновар мешавад.
Дар ҳавоят номаи оҳе гар иншо мекунам,
Рангам аз бетоқатӣ боли кабӯтар мешавад.
Мефизояд равнақи қадри ман аз таъни хасон,
Теғи тамкини маро зангор ҷавҳар мешавад.
Бенасибонро ҳидоят мони гумроҳияст,
Сои рангаш дар фурӯғи маҳ сияҳтар мешавад.
Саъи пирӣ кам насозад дастгоҳи мастиям,
Аз хамидан пайкари ман хатти соғар мешавад.
Дар бисоти покбозон ҳиҷлати олудагист,
Гар ба оби дида тарфи домане тар мешавад.
Нусхаи моро варақгардондане даркор нест,
Дафтари гул ранг агар гардонд абтар мешавад.
Бе надомат нест, Бедил, ваҳшати аҳли ҳаё,
Ашкро аз тарки тамкин хок бар сар мешавад.



* * *

Ҳирсат он нест, ки маргаш зи ҳавас во дорад,
Дар кафан низ ҳамон домани дунъё дорад.
З-ин чаман барги гуле нест, нагардонад ранг,
Бохабар бош, ки имрӯзи ту фардо дорад.
Ҳама аз ҷилва ба андози тағофул задаем,
Он чи нодида тавон дид, тамошо дорад.
Чода дар домани саҳрон маломат чокест,
Ки сари бахья зи накши кадами мо дорад.
Дами теги ту нашуд мунфаил аз куштани мо,
Хуни ошиқ чӣ қадар оби гуворо дорад.
Сони гумшуда маҳви назари хуршед аст,
Ҳар кӣ аз хеш равад, дар чаманат чо дорад.
Лола дар домани ин дашт ба тӯфон задааст,
Яъси Маҷнун чӣ қадар гарди сувайдо дорад.
Мақсади нолаи дил аз мани мадҳуш мапурс,
Шавқ маст аст, надонам, чӣ тақозо дорад.
Мункири ваҳшати мо, сӯхтаҷонон нашавӣ,
Шуъла дар болу пари рехта Анқо дорад.
Мову ман нағмаи қонуни хаёл аст ин ҷо,
Асари ҳастии мо қатра ба дарьё дорад.
Лафзи гулкардаи, оинаи маънӣ баргир,
Пари исмест, ки аз шиша мусаммо дорад.
Раҳрав аз ранҷи сафар чора надорад, Бедил,
Мавҷ доим зи ҳубоб обилаи по дорад.

* * *

Беқарорӣ дар дили огоҳ тоқат мешавад,
Ҷавҳари симоб дар оина ҳайрат мешавад.
Бар шикасти мавҷ тангӣ мекунад оғӯши баҳр,
Аҷз агар бар хеш болад, арзи шавкат мешавад.
Гирья гар бошад, ғаме аз зиштии аъмол нест,
Руснёиҳо ба ашке абри раҳмат мешавад.
Нафйи қадри мо ҳамон исботи оби рӯи мост,
Хокро бар бод додан авҷи иззат мешавад.
Ранги ин боғам, ки сози ибратоҳангам мапурс,
Ҳар кӣ аз худ меравад, бар ман қиёмат мешавад.
Эй тавонгар, ғарран оройиши дунё мабош,
Он чӣ ин ҷо иззат аст, он ҷо мазаллат мешавад.
Қобили шоистагӣ чизе беҳ аз таслим нест,
Саҷда гар худ саҳв ҳам бошад, ибодат мешавад.
Аз муқимони тарабгоҳи дилем, аммо чӣ суд?
Об дар оинаҳо охир кудурат мешавад.
Шӯъла гар дорад суроғи офият,
хокистар аст,
Саъи мо аз хок гаштан хоби роҳат мешавад.
Маҷмаи имкон, ки шӯри анҷуманҳо сози ӯст,
Чашм агар аз худ тавонӣ баст,
хилват мешавад.
Нолае кофист, гар мақсуд бошад сӯхтан,
Як шарар сомони сад гулхан бизоат мешавад.
Ғофил аз найранги вазъи эҳтиёҷи мо мабош,
Беннёзиҳост, к-ин ҷо гарди ҳасрат мешавад.
Ғафлати мо шоҳиди кӯтоҳбиниҳои мост,
Гар расо бошад нигаҳ, сайёд ибрат мешавад.

* * *

Баски мадди фурсат аз парвози ишрат бурдаанд,
Бол то бар ҳам зани, дасти надомат мешавад.
Бедил, ин гулшан ба ғоратдодаи ҷавлони кист,
К-аз ғубори рангу бӯ ҳар сӯ қиёмат мешавад?!

* * *

Роҳати дил зи нафас болфишон мебошад,
Оби ин оина чун бод равон мебошад.
Шӯълаҳо ранг ба хокистари мо бохтааст,
Шӯри парвоз дар ин сурма ниҳон мебошад.
Содагиҷинс чу оина дуконе дорем,
Зинати мо ба матои дигарон мебошад.
Ба забон рози дили хеш супурдем чу шамъ,
Мавҷи ин гавҳари хунгашта забон мебошад.
Ҳоиле нест ба ҷавлонгаҳи маънӣ, хуш дор,
Хоби по дар раҳи мо санги нишон мебошад.
Бе гуҳар нашъаи тамкини садаф мумкин нест,
То нами об ба гӯш аст, гарон мебошад.
Кинаи хасми бадандеши мулоимгуфтор
Неши хорест, ки дар об ниҳон мебошад.
Эмин аз фитна нагардӣ ба мудорои ҳасуд,
Оби теғ офати каъраш ба карон мебошад.
Тирабахтӣ нафасе аз талабам ғофил нест,
Соя доим зи паи шахс равон мебошад.
Завқи худбинии мо то нашавад маҳви фано,
Натавон ёфт, ки оина чӣ сон мебошад.
Шарар аз санг диҳад арзаи шӯхӣ, Бедил,
Теғи кинро сухани сахт фасон мебошад.

* * *

Дил ҷаҳоне дигар аз раъфи кудурат мешавад,
Хона аз руфтан зиёратгоҳи вусъат мешавад.
Поси хоби ғафлат аз мунъим ҳузури фақр бурд,
Бар бинои сон бедеворӣ офат мешавад.
Шамъро анҷоми кор аз тирарӯзӣ чора нест,
Иззати ин анҷуман охир мазаллат мешавад.
Забти мавҷ аст, он чӣ оби гавҳараш номидаанд,
Ҳирс агар андак инон гирад, қаноат мешавад.
Зинҳор, эмин мабош аз шомати вазъи ғурур,
Саркашӣ чун зад ба гардан, тавқи лаънат мешавад.
Аз ҷунуни мову ман бар зиндагӣ диққат маъин,
Чун нафас тангӣ кунад, субҳи қиёмат мешавад.
Маҳрами маънӣ найӣ, фурсатшумори ваҳм бош,
Шишаи аз май тиҳӣ помоли соат мешавад.
Аз тунукрӯён табарро кун, ки бо он лангаре
Чун ба об афтад, виқори санги хаффат мешавад.
Хозирон он ҷо, ки бар хулқи ту доранд эътимод
Гар бигӯй ҳайфи умри рафта, ғайбат мешавад.
Хок гардам, то бароям з-инфиоли мову ман,
Варна ҳарчанд об мегардам, хиҷолат мешавад.
Муфти ин аср аст, Бедил, гар миёни дӯстон
Гоҳ-гоҳе диду водиде ба даъват мешавад.

* * *

Кори дунё баски мӯҳмал буд, укбо рехтанд,
Фурсати имрӯз хун шуд, ранги фардо рехтанд.
Бӯи Юсуф аз фусурдан пираҳан омад ба арз,
Шуд парӣ бе болу пар, чандон ки мино рехтанд.
Синачоконро димоғи сахтҷониҳо набуд,
Аз шикасти ранг ҳамчун гул саропо рехтанд.
Тарки худдорист арзи машраби девонагӣ,
Рафт гарди мо зи худ чое, ки саҳро рехтанд.
Дар ғубори ишқ дорад ҳуси доми сарканӣ,
Тарҳи он зулф аз шикасти хотири мо рехтанд.
Ҳеч кас аз гирьями ман дар ҷаҳон ҳушьёр нест,
Бехудӣ фарш аст, ҳар ҷо ранги саҳбо рехтанд.
Бедимоғӣ маҳфилорон ҷунуни шаък буд,
Ранги таҳқиқе набастам з-он ҳино ҷо рехтанд.
Резиши абри карам дархурди истеъдоди мост,
Кишти бисмил то шавад сероб, хунҳо рехтанд.
Оқибат бӯе набурдем аз суроғи офият,
Соҳили гумгаштаи моро ба дарьё рехтанд.
То нафас боқист, ҳамчун шамъ бояд сухтан,
Қ-аз фусуни ҳастӣ оташ бар сари мо рехтанд.
Ашки мо, Бедил, зи дарди норасоӣ хок шуд,
Решае пайдо накард, ин тухм ҳар ҷо рехтанд.

* * *

Ҳасрати дил кард бармо панҷаи қотил баланд,
Мешавад дасти карам бо нолаи соил баланд.
Мо на танҳо нестиро додраси фаҳмидаем,
Баҳр ҳам аз дард дорад даст бар соҳил баланд.
Чини абрӯи ту ҳар ҷо баҳси хунрезаш расост,
Тег аз ҷавҳар раги гардан кунад мушкил баланд
Сони тамкини нозат ҳар куҷо афтодааст,
Сабза чун мижгон шавад аз хоки он манзил баланд.
Нӯҳ фалак дар ҷилва омад аз тапиданҳои дил,
То куҷо рафтаст, ё раб, гарди ин бисмил баланд.
Корвони яъси имконро ғубори ҳасратам,
Ҳар кӣ рафт аз хештан, кард оташам дар дил баланд.
Ҳирзи амне нест ҷуз маҳрумии нашъу намо,
Хӯшасон гардан макун з-ин кишти беҳосил баланд.
Ҳайратоҳангем, дил аз шикваи мо ҷамъ дор,
Дуд натвонад шудан аз шамъи ин маҳфил баланд.
Бо ғурури нози ӯ мушкил барояд аҷзи мо,
Гарди Маҷнун норасову домани маҳмил баланд.
Садди роҳи туст, Бедил, гар кунӣ таъмири ҷисм,
Мешавад девор ҳар ҷо гашт қадри гил баланд.

* * *

Гар нолаи ман партави андеша давонад,
Тӯфони қиёмат ба фалак реша давонад.
Шавқи ту ба сомони хароши дили ушшоқ
Нохуни чӣ хаёл аст, магар теша давонад.
Дур аз мижа ашк асту ҳамон бесарупоӣ,
Ғурбат ҳама касро ба чунин беша давонад.
Шӯрест дар ин базм, к-аз афсуни шикастан
Чандон ки парӣ бол кашад, шиша давонад.
Сад кӯча хаёл аст ғубори нафас ин чо,
То сайри гиребон ба чӣ андеша давонад.
Мачнуни туро гар ҳама тан банди хамӯшист,
Чун най ҳаваси нола ба сад беша давонад.
Ку фитнарикобе, ки ба торочи фусурдан
Рахше ба ғубори мани ғампеша давонад.
Вақт аст, ки чун ғунча ба афсуни хамӯшӣ,
Дар нолаи булбул нафасам реша давонад.
Саъи амал аз қадди дуто чора надорад,
Бедил ба рахи кӯҳканӣ теша давонад.

* * *

Пари афшондаам бо авчи анко гуфтугӯ дорад,
Ғубори рафта аз худ бо Сурайё гуфтугӯ дорад.
Дар он маҳфил, ки ҳайрат тарҷумони рози дил бошад,
Хамӯшӣ дорад изҳоре, ки гӯё гуфтугӯ дорад.
Надорад кӯтаҳӣ дар ҳеҷ ҳол афсонаи ошиқ,
Фиғон гар лаб фурӯ бандад, таманно гуфтугӯ дорад.
Хурӯшам дар ғамат бо шӯри маҳшар мезанад паҳлӯ,
Сиришкам бе рухат бо ҷӯши дарё гуфтугӯ дорад.
Ба чашми сурмаолудат чӣ ҷон нисбати наргис,
Зи кӯриҳост, ҳар кас то ба ин ҷо гуфтугӯ дорад.
Ту хоҳӣ шӯри олам гиру хоҳӣ изтироби дил,
Ҳамон як маънии шавқ ин қадарҳо гуфтугӯ дорад.
Буруи аз сози ваҳдат нест ин касратнавоиҳо,
Забони мавҷ ҳам дар коми дарё гуфтугӯ дорад.
Зи сар то пои соғар як даҳан хамьёза мебинам,
Зи ҳарфи лаъли майгуни ки мино гуфтугу дорад?
Лаби шӯхе, ки ҷуши Хизр дорад хатти мушкинаш,
Чу ояд дар табассум, бо Масеҳо гуфтугӯ дорад.
Зи оҳанги гудози дил мабош, эй бехабар, ғофил,
Забони шамъ хомӯш аст, аммо гуфтугӯ дорад.
Қулоҳорон таслимам, намезебад ғурур аз ман.
Сари афтода бо нақши кафи по гуфтугу дорад
Ғубори гардиши чашмест сар то пои мо, Бедил.
Забон дар сурма гирад, ҳар кӣ бо мо гуфтугӯ дорад.

* * *

Моро ки нафас оина пардохта бошад,
Тадбири сафо ҳайрати бесохта бошад.
Фардост, ки дар зери сари хок инҳонем,
Гӯ, теғи таваҳҳум ба сипеҳр охта бошад.
Таслимсириштем, руунат чӣ хаёл аст,
Мӯ то ба кучо гарданаш афрохта бошад.
Бо тинати золим чӣ кунад сози таҷарруд,
Море ба ҳавас пӯсте андохта бошад.
Шӯри талаб аз мо ба фано ҳам натавон бурд,
Хокистари ошиқ қафаси фохта бошад.
Бе бӯи гуле нест ғубори нафас имрӯз,
Еди кӣ дар андешаи мо тохта бошад?
Дилдор гузашту хабар аз дил нагирифтем,
Ин оинае нест, ки нагдохта бошад.
Аз шарми нисори ту ба ин ҳастии мавҳум
Ранге, ки надорам, чӣ қадар бохта бошад.
Бедил ҳаваси доманат аз каф натавон дод,
Эй кош, касе қадри ту бишнохта бошад.

* * *

Еди ту оташест, ки хомўш намешавад,  
Ҳаққи намак чу захм фаромўш намешавад.  
З-ин ихтилотҳо, ки маолаш надомат аст,  
Хушдил ҳамон касе, ки дилаш хуш намешавад.  
Буи кабоби мачлиси танҳоиям ҳуш аст,  
К-он чо чигар зи бенамакӣ шуш намешавад.  
Мулкест бекасӣ, ки дар он чо ғариби яъс  
Гар мешавад шаҳид, ситамкаш намешавад.  
Бедил, музилли ақл шабоби тааллуқ аст,  
Масти тағофул он ҳама беҳуш намешавад.

* * *

Гар бе ту нигаҳро ба тамошо ҳавас афтод,
Бар ҳар чӣ кушодам мижа, дар дида хас афтод.
Аз бахти сияҳ чора надорам,чӣ тавон кард?
Чун зулф ба ошуфтагиям дастрас афтод.
Дар гирья тунукмонтар аз ман дигаре нест,
Қ-аз заъф сиришкам ба шумори нафас афтод.
То бекасиям кофиласолори фиғон кард,
Хун шуд дилу чун ашк зи чашми ҷарас афтод.
Шавқе ба шикасти дили ман масти хурӯш аст,
Огаҳ на, ки ин шиша зи дасти чӣ кас афтод.
Аз офати таъҷил ҳазар кун, ки дар ин боғ
Бар хок нахустин самари пешрас афтод.
Шуд айни ҳақиқат, чу маҷозат зи миён рафт,
Ишқ аст, гар оташ ба биной ҳавас афтод.
Чун шона раҳи мо ҳама печу хами зулф аст,
Чандон ки қадам пеш ниҳодем, пас афтод.
Умрест парафшони гулистони хаёлем,
Ғам нест, агар тоири мо дар қафас афтод.
Асбоб ғубори нигаҳи ибрати мо нест,
Дар дидаи оташ натавон гуфт, хас афтод.
Кулфат макаш аз умр, аён аст, чӣ бошад,
Сангинии боре, ки ба дӯши нафас афтод.
Бедил, лаби он барги гуландом надорад
Шаҳде, ки тавонад ба хаёлаш магас афтод.

* * *

Дўстон, афсурд дил, чанде ба оҳаш хун кунед,
Кам талоше нест, гар ин сактаро мавзун кунед.
Зиндагиро сафҳаи иншо кудрат кардаанд.
То нафас пар мезанад, тафсири кофу нун кунед.
Ҳар чӣ дорад олами ахлоқ, бе эсор нест,
Даст бисьёр аст, агар аз остин берун кунед.
Мунъимон то чанд бояд зар ба зери хок бурд,
Ҳайфи ҳимматҳо, ки сарфи хидмати Қорун кунед.
Қайди гардун нанги доноист, гар фаҳмад касе,
Хешро з-ин хум бурун ореду Афлотун кунед.
Олам аз рашки қаноатмашрабон хун мехўрад,
Аз маоши қатрагӣ ҷо танг бар Ҷайҳун кунед.
Табъи саркашро ба ҳамворӣ расондан кори кист?
Сар намегардад ҷабин,

Гар кўҳро ҳомун кунед.
Майкашон, гар бодапаймоист манзури давом,
Давр бармегардад охир, косаҳо вожун кунед.
Зиндагӣ саҳл аст, поси шарм бояд доштан,
Ҷуз арақ з-ин чашма ҳар обе,

ки ҷўшад, хун кунед.
Кош савдое ба доди ҳарзафикриҳо расад,
Бедимоғи фитратам, банге дар ин маъҷун кунед.
Сўхт доғи бекасӣ дар офтоби маҳшарам,
Соие бар фарқам аз мўи сари Маҷнун кунед.
Ҳастии ман нест қонеъ бо ҳисоби нестӣ,
Ҷуз адам як сифри дигар бар сарам афзун кунед.
Меҳмони чархи муфлис будан аз инсоф нест
Бе фузуле нестам, з-ин хонаам берун кунед.

Дар шаҳидони вафо то обру пайдо кунам,
Хун надорам, андаке рахти маро гулгун кунед.
Дӯш дар маҳфил ба ранги рафта шамъе мегирист,
Қадрдонон, ёди Бедил ҳам ба ин қонун кунед.

* * *

Димоғи вахшатогохон хаёловар намебошад,
Сари мо тоири он ранги зери пар намебошад.
Хаёли собиту сайёр, то кай хонад афсунат,
Саломат накшбанди токи ин манзар намебошад.
Ба сомони чахони пуч таскин чидаем, аммо
Ба ин сандал, ки мо дорем, дарди сар намебошад.
Ҳавос овора афтодаст аз хилватсарои дил,
Вагарна халкаи суҳбат буруни дар намебошад.
Балад аз ачзи токат гиру хар рохе, ки хохй рав,
Хати пешонии таслим бе мистар намебошад.
Зи тарки матлаби ноёб сайди бениёзӣ кун,
Дили чамъе, ки мехохй, дар ин кишвар намебошад.
Хаёлаш дар дил аст, аммо чй хосил ғайри навмедй,
Парй дар шиша чуз дар олами дигар намебошад.
Кудурат гар хама бодаст, бар дил бор мечинад,
Нафас дар хонаи оина бе лангар намебошад.
Саводи хар ду олам шустааст ашке, ки ман дорам
Ривочи сурма дар иклими чашми тар намебошад.
Мурувват сахт махмур аст дар хумхонаи матлаб,
Чабини хеч кас ин чо араксоғар намебошад.
Чунуни фитрате дар ракс дорад набзи имконро,
Ҳама гар по ба гардиш оварй, бесар намебошад.
Тааммул бе камоле нест дар сози нафас, Бедил,
Агар шуд риштаат лоғар, гирех лоғар намебошад.

Дил саҳаргоҳе ба гулшан ёди он рухсор кард,
Ашки шабнам барги гулро рахти оташкор кард.
Нози ғафлат мекашем аз илтифоти он нигоҳ,
Хоби моро сояи мижгони ӯ бедор кард.
Оҳ аз он бепардарухсоре, ки шарми ҷилвааш
Чашми мо пӯшид, яъне ваъдаи дидор кард.
Олами бедастгоҳӣноласомон будааст,
Ҳар кӣ аз парвоз монд, оромиши минқор кард.
Як ҷаҳон пасту баланд офаткамини чаҳд буд,
Чини домони ҳавасро кӯтаҳӣ ҳамвор кард.
Даъвии ҳастӣ адамро инфиоли нестист,
Ин ки ман ёди ту кардам, фитрат истиғфор кард.
Ранҷи дунё, фикри уқбо, доғи ҳирмон, дарди дил,
Як нафас ҳастӣ ба дӯшам оламеро бор кард.
Қайди огоҳӣ чӣ миқдор аз ҳақиқат ғофил аст,
Гирди худ гардиданам, хиҷлаткаши зуннор кард.
Нест ғам бар шамъи мо, гар як-ду лаб хандид субҳ,
Гиряи мо низ бо мо ин адо бисёр кард.
Аз сари мо, бенавоён, соя то дорад дарег,
Хонаи хуршедро ҳам чарх бе девор кард.
Бетакаллуф буд ҳастӣ, лек фикри бадмаош
Ҷомаи урёнии моро гиребондор кард.
Дарди сар кам буд, то тадбири сандал маҳв буд,
Санъати болину бистар халқро бемор кард.
Обёри мазраи ахлоқ агар бошад вифоқ,
Ҷои гандум одамият метавон анбор кард.
Сар кашид имрӯз, Бедил, аз бинои эътибор,
Он қадар пастӣ, ки натвон аз диноат ор кард.

16 — 4857

* * *

Дар гулистоне, ки ҳуснаш ҷилвае сар мекунад,
Гул зи шабнам дидаи ҳайрон ба соғар мекунад.
Бе ту тифли ашки муштоқон зи дарди бекасӣ
Гар ҳама дар чашм ғалтад, хок бар сар мекунад.
Ҳамчу ашкам ҳасратандеши нисори роҳи туст
Ҳар садаф, к-аз обрӯ сомони гавҳар мекунад.
Эътимоде нест бар ҷамъияти аҷзои мо,
Ин варақхоро ҳавои зулфат абтар мекунад.
Мавҷ обаш мезанад теғи муҳарраф бар камар,
Сарв ҳар гаҳ тарзи рафтори туро сар мекунад.
Покбозон фориғанд аз тӯҳмати олудагӣ,
Ҳасрати дидор гоҳе чашми мо тар мекунад.
Аз ҷунунам оламе пӯшид чашми имтиёз,
Ҳар кӣ урьён мешавад, ин ҷома дар бар мекунад.
Роҳати фарш аст, агар аз ваҳми тоқат бигзарӣ,
Нотавонӣ ҳарҷӣ ояд, пеши бистар мекунад.
Медиҳад аҷзои рангу бӯи ҷамъият ба бод,
Ҳар кӣ дарси ханда чун ғунча аз бар мекунад.
Бехуди эҳроми гулзори хаёли кистам,
Гардиши рангам раҳи маъшуқие сар мекунад.
Ҳайратизҳорем, Бедил, лаззати таҳқиқ ку?
Ҳеҷ кас огоҳӣ аз оина бовар мекунад?

* * *

То ба олам ранги буньёди таманно рехтанд,
Гарди моро чун нафас дар роҳи дилҳо рехтанд.
Вопасӣ з-ин корвон чандин надомат бор дошт,
Ҳар кӣ рафт аз пеш, хокаш бар сари мо рехтанд.
Ганҷи гавҳар шуд дили қавме, ки аз шарми талаб
Обрӯ дар домани худ ҳамчу дарьё рехтанд.
Мотами матлаб ғуборангези чандин ҷустуҷӯст,
Орзу то хонавайрон гашт, дуньё рехтанд.
Сурати вомондагон оинае дигар надошт,
Аҷзи мо бепарда шуд, нақши кафи по рехтанд.
Қотили мо чун саҳар домони ноз афшонду рафт,
Хуни мо чун гул ҳамон дар домани мо рехтанд.
Айши ин маҳфил намеарзад ба андӯҳи шикаст,
Бедимоғон ҳам ба табъи санг мино рехтанд.
Инфиоли орамидан баски обам мекунад,
Сел ҷӯшид аз кафи хокам, ба ҳар ҷо рехтанд.
Ҳайрати оинаам, бо имтиёзам кор нест,
Сурати буньёдам аз чашми тамошо рехтанд.
Ин гулистон қобили наззоран улфат набуд,
Обруи шабнами мо сахт беҷо рехтанд.
Бедил, аз доми шикасти дил гузаштан мушкил аст,
Резаи ин шиша дар ҷавлонгаҳи мо рехтанд.

* * *

Шӯри ашкам гар чунин роҳи тапиш сар мекунад,
Тардимоғиҳои дарьё назри гавҳар мекунад.
Ҳасрати ҷовид ҳам айш аст махмури туро,
Ҷом мегардад, агар хамьёза лангар мекунад.
Қош бо оинасозиҳо намепардохтем,
Вақти моро софии дил ҳам мукаддар мекунад.
Ҷавҳари оина арзи ҳайрати аҳволи мост,
Ноларо фикри ниёнат сахт логар мекунад.
Об мегардад тағофул ханҷари нози туро,
Сурма дар теғи нигоҳат сози ҷавҳар мекунад.
Мечақад хуни таманно аз раги наззораам,
Баски бе руи ту мижгон кори наштар мекунад.
Ҳеҷ кас, ё раб, хиҷолаткеши бедардӣ мабод,
Дидаи моро ғубори бенамӣ тар мекунад.
Эй басо булбул, к-аз ин гулзор бол афшонду рафт,
Бисмили мо низ ракси ваҳшате сар мекунад.
Ин ки мегӯянд: Анқо нақши ваҳме беш нест,
Мо ҳамон нақшем, аммо кист бовар мекунад?
Обу гавҳар дар канори бехудӣ осудаанд,
Мавҷи моро изтироби дил шиновар мекунад.
Ҳеҷ кас дар боғи имкон комьёби айш нест,
Гар ҳама гул бошад ин ҷо, хун ба соғар мекунад.
Факр ҳам дар олами худ сояпарварди ғаност,
Орамидаиҳои соҳил нози гавҳар мекунад.
Юмни огоҳӣ надорад рағбати гуфту шунуд,
Ин қадар афсона охир гӯши мо кар мекунад.
Ҳасрати соҳил мабар, Бедил, ки дар дарьёи ишқ
Кам касе бе хок гаштан хок бар сар мекунад.

* * *

Чӣ ғафлат, ё раб, аз такрири ӣъсанҷом мехезад,
Ки дил то асл мегӯяд, зи лаб пайғом мехезад.
Хаёли чашми ӯ дорӣ, тамаъ бигсил зи ҳушьёрӣ,
Ки ин ҷо сад ҷунун аз равғани бодом мехезад.
Чӣ сон бетобии ошиқ нагирад домани ҳайрат,
Ки аз тарзи хиромаш гардиш аз айём мехезад.
Зи ҷӯши хуни дил бар ҳалқаи он зулф меларзам,
Ки тӯфони шафақ охир зи қаъри шом мехезад.
Зи базми майпарастон бе таваққуф бигзар, эй зоҳид,
Ки он ҷо ҳар кӣ биншинад, зи нангу ном мехезад.
Карам дар кори туст, эй бехабар, тарки фузулӣ кун,
Ки аз дасти дуо бардоштан ибром мехезад.
На ашк ин ҷо заминфарсост, не охе ҳавопаймо,
Ғубори беасоиҳо ба ин андом мехезад.
Сухан дар парда хун созӣ, беҳ аст аз арзи изҳораш,
Ки аз таҳсини ин бедонишон дашном мехезад.
Ҷунуноҳанги сайди кист, ё раб, масти бетобе,
Ки чун занҷир шӯр аз ҳалқаҳои дом мехезад.
Уруҷи ишрат аст имшаб, зи ҷӯши хум машав ғофил,
Ки саҳни хонаи мастон ба сайри бом мехезад.
Нафассароӣ, Бедил, зи савдои ҳавас бигзар,
Саҳар ҳам аз сари ин хокдон ноком мехезад.

* * *

Ба назми умр, ки сар то сараш равонӣ буд,
Хаёли ҳастии мавҳум сактахонӣ буд.
Чӣ рангҳо, ки надодам ба бодпаймоӣ,
Баҳори шамъ дар ин анҷуман хазонӣ буд.
Наёфт ишқи ҷафопеша қобили ситаме,
Ҳамеша бисмили ин теғ имтиҳонӣ буд.
Ҳанӯз он парӣ аз санг фарқи шиша надошт,
Ки дил шараркадани чашмаки ниҳонӣ буд.
Ба коми дил накушудем боли парвозе,
Чу ранг ҳастии мо гарди парфишонӣ буд.
Пас аз ғубор шудан гашт ин қадар маълум,
Ки бори мо ҳама бар дӯши нотавонӣ буд.
Ба хоки роҳи ту яксон шудему мунфаилем,
Ки саҷда низ дар ин роҳ саргаронӣ буд.
Таровати гули изҳор шабнаме мехост,
Зи хиҷлат об нагаштан чӣ зиндагонӣ буд.
Алам ба ҳарзадароӣ шудем аз ин ғофил,
Ки сад китоб сухан маҳви безабонӣ буд.
Талоши мавҷ дар ин баҳр ҳеҷ пеш нарафт,
Гуҳар дамидани мо поси бекаронӣ буд.
Ҷаҳон гузаргаҳи оина асту мо нафасем,
Ту ҳам чу мо нафасе бош, агар тавонӣ буд.
Фиреби маърифате хӯрда буд Бедили мо,
Чу ворасид, яқинҳо ҳама гумонӣ буд.

* * *

Баҳори ҳайрат аст ин ҷо, на гул не ҷом мехезад,
Зи ҳастӣ то адам як дидан бедом мехезад.
Хурӯши фитна з-он чашми ҷунунафшон мехезад,
Ки ҷӯши «ал-амон» аз ҷони хосу ом мехезад.
Далели шавқи найранги тамошои кӣ шуд, ё раб,
Ки об аз оина чун ашк беором мехезад.
Чӣ имкон аст сайди хоксорони фано кардан,
Ба роҳи интизори мо ғубор аз дом мехезад.
Ба тавфи муддао чун нола урьён шав, ки ошиқро
Фусурданҳо зи фикри ҷомаи эҳром мехезад.
Ҳавои пухтагӣ дорӣ, кулоҳи фақр сомон кун,
Ки аз тоҷи сарафрозон хаёли хом мехезад.
Зи нодонӣ ҳубоби бода мехонанд бедардон
Ба дидори ту чашми ҳайрате, к-аз ҷом мехезад.
Нафас дар дил шикастам, шӯъла зад дуди димоғи ман,
Ҳаво дар хона медуздам, ғубор аз бом мехезад.
Рамидан барнамедорад ҳавои олами улфат,
Чу ҷӯши сабза гарди ин биёбон ром мехезад.
Дар ин мазраъ, ки дорад реша аз сози гирифторӣ,
Агар як дона афтад бар замин, сад дом мехезад.
Димоғи ҷодапаймой надорад раҳрави шавкат,
Шарар аввал қадам аз худ ба ҷои гом мехезад.
Зи бас дар орзуи май саропо ҳасратам, Бедил,
Нафас то бар лабам омад, садои ҷом мехезад.

* * *

Сияҳмасте ба даври соғарат бетоб мегардад,
Ба арзи сурма гирди чашми мастат хоб мегардад.
Камини ишрате дорад дил, аммо сози ашке ку?
Дар ин гулшан чу шабнам гул кунад, маҳтоб мегардад.
Заифӣ мояи шавқи суҷудам дар бағал дорад,
Шикасти ранг то бепарда шуд, меҳроб мегардад.
Шуд аз тарки тамошо хори роҳам бистари махмал,
Ба чашми баста мижгон дастгоҳи хоб мегардад.
Гули нози дигар механдад аз кайфияти аҷзам,
Шикасти ранги ман дар турраи ӯ тоб мегардад.
Зи дил хоҳӣ навое вокашӣ, магзор бе яъсаш,
Ҳамон саъи шикаст ин созро мизроб мегардад.
Макун диро абас хиҷлатгудози худфурӯшиҳо,
Ки ин гавҳар ба арзи шӯхии худ об мегардад.
Умеди офият аз ҳар чӣ дорӣ, назри офат кун,
Зи оташ мазраи беҳосилон сероб мегардад.
Зи шарми зиндагӣ чандон аракрез аст аҷзоям,
Ки гар ранге ба гардиш оварам, гирдоб мегардад.
Фалак мепарварад дар ҳар димоғе шӯри савдое,
Ҷаҳонеро сари бемағз аз ин дулоб мегардад.
Дари азми шикасти хеш зан, гар ҷуръате дорӣ,
Дар ин раҳ ҳар қадар густоҳӣ аст, одоб мегардад.
Ба ҳар ҷуръат ҳарифи тӯҳмати қотил наям, Бедил,
Ба кӯяш мебарам хуне, ки он ҷо об мегардад.

* * *

Зарра то меҳр ҳазор оина урьён карданд,
Мо нагаштем аён, ҳар чӣ намоён карданд.
Бехудӣ ҳайрати ҳусни арақолуди кӣ дошт?
Ки дилу дида як оина чароғон карданд.
Ҳусни берангии ӯро зи кӣ ёбем суроғ,
Бӯи гул оинае буд, ки пинҳон карданд.
Дили ҳар зарра чаманзори пари товус аст,
Гарди моро ба ҳавои кӣ парешон карданд?
Сару барги талабе ку, ки нафассӯхтагон
Ним лағзиш ба ҳазор обила сомон карданд,
Саъи ҷавҳар хама сарфи аразор ниҳост.
Сӯхт наззора ба ин ранг, ки миҷгон карданд.
Вазъи таслими ҷунун офиятободи дил аст,
Ин гуҳарро садаф аз чоки гиребон карданд.
Кулфат аз хиҷлати тағйири вафо ғофил нест,
Об шуд оташи габре, ки мусулмон карданд.
Бедимоғӣ чӣ гиребон, ки надодаст ба чок,
Танг шуд гӯшаи дил, арсаи имкон карданд.
Бедил, аз кулфати афсурдадилиҳо чу сипанд,
Мушкиле доштам, аз сухтан осон карданд.

* * *

Хушхиромон агар андешаи ҷавлон карданд,
Гардиши ранги маро ҷунбиши домон карданд.
Доми ман дар гиреҳи ҳалқаи афлок набуд,
Чун нигоҳам қафас аз дидан ҳайрон карданд.
Ба суроғам натавон ҷуз мижа бар ҳам чидан,
Доштам мушти ғуборе, ки парешон карданд.
Ба чӣ уммед дар ин дашт тавон осудан,
Ваҳшате буд, ки таслими ғазолон карданд.
З-ин чаман ҳосили ушшоқ ҳамин бас, ки чу ранг
Чине аз худшиканӣ зинати домон карданд.
Беқаророни адабпарвари саҳрои ҷунун.
Селҳо дар гиреҳи обила пинҳон карданд.
Саъи вомондаи халқ он сӯи худ роҳ набурд,
Баски доман таҳи по монд, гиребон карданд.
Нақшбанди чамани ваҳшати мо берангист,
Шуд ҳаво оина, то нола намоён карданд.
Баҳри имкон чу гуҳар шӯхии як мавҷ надошт,
Аз парешонназарӣ ин ҳама тӯфон карданд.
Ҷинси бозори вафо ранг намегардонад,
Дил чӣ миқдор гарон гашт, ки арзон карданд.
То зи ёдам ба гаронӣ накашад хотири кас,
Сарнавишти мани Бедил хати нисьён карданд.

* * *

Дар биёбоне, ки саъи бехудӣ раҳбар шавад,
Роҳи сад матлаб ба як лағзидани по сар шавад.
Ҷузвҳо дар укдан худдорӣ аз кул ғофиланд,
Нукта аз забти инон гар бигзарад, дафтар шавад.
Хушкӣ аз табъи ҷаҳон олудагӣ ҳам маҳв кард,
Лофи чашми тар тавон зад, домане гар тар шавад.
Гар ҳама гавҳар бувад, навмедият афсурдагӣ,
Аз гаронборӣ мабодо киштиям лангар шавад.
Фоли осудан надорад худгудозиҳои ман,
Ҷумла парвоз аст он оташ, ки хокистар шавад.
Укдаи корат далели эътибори дигар аст,
Шохи гул чун ғунча орад, риштаи гавҳар шавад.
Бар шикасти ҳар зиён таъмири суде бастаанд,
Фарбеҳӣ вақфи ғано, гар орзу лоғар шавад.
Чора натвонад нуҳуфтан рози мо хуниндилон,
Захми гул аз бахьяи шабнам намоёнтар шавад.
Хоки ҳасратбурдае дорам, ки монанди ҷарас
Нола паймояд ба ҷон бода, гар соғар шавад.
Соҳиби оина натвон гашт бе қатъи нафас,
Бигзарад аз зиндагӣ, то Хизр Искандар шавад.
Вазъи ҳамворӣ зи абнои замон матлуби мост,
Одамият гар набошад, ҳар кӣ хоҳад, хар шавад.
Бедил, осон нест касби эътибороти ҷаҳон,
Сахт афсурдан ба худ бандад, ки хоке зар шавад.

* * *

Шавқ то маҳмил ба дӯши табъи ваҳшатсоз монд,
Боли Анқо мавҷ зад гарде, ки аз мо боз монд.
Чашм во кардем, дигар ёди пешу пас кирост,
Фикри вичоми шарору барқ дар оғоз монд.
Нест ҷуз мӯҳри забони мавҷ ҭамкини гуҳар,
Дил чу сокин шуд, нафас аз шӯхии парвоз монд.
Қай ҳарифи ваҳшати саршори дил гардад сипанд,
Ин ҷарас аз корвони мо ба як овоз монд.
Ваҳшати субҳ аз нафас эҷоди шабнам мекунад,
Дар гиреҳ гум гашт тори мо, зи бас бесоз монд.
Ҳеч кас аз хиҷлати дидор мижгон барнадошт,
Оина дур аз тамошо як нигоҳандоз монд.
Шамъ яксар ашку оҳи хеш бо худ мебарад,
Ҳам ба зери пои мо монд, он чӣ аз мо бозмонд.
Дар хазон сайри баҳорам з-ин гулистон кам нашуд,
Рангҳо парвоз карду ҳайратам гулбоз монд.
Аз фаромушхонаи арзи шарар ҷӯшидаам,
Гарди боле доштам, дар олами парвоз монд.
Сафҳаи дил тира кардам, Бедил, аз машқи ҳавас,
Баски бархам хӯрд, ин оина аз пардоз монд.

* * *

Дар ин раҳ то касе аз васли мақсад ком бардорад,
Зи рафтан даст мебояд ба ҷон гом бардорад.
Дар ин гулшан зи даври фурсати ишрат чӣ мепурсӣ,
Ки май хамьёза гардидаст, то гул ҷом бардорад.
Ман он сайдам, ки дар арзи тамошогоҳи тасхирам
Зи ҳайрат косаи дарьюза чашми дом бардорад.
Ба таклифи баландӣ хун макун мушти ғуборамро,
Димоғи нестӣ то кай ҳавои бом бардорад.
Ба сад Мисри шакар натвон қаноат бар магас бастан,
Карам мушкил, ки аз табъи гадо ибром бардорад.
Дил оҳанги гудозе дораду камзарфии тоқат
Кабобамро мабод аз рӯи оташ хом бардорад.
Надомат соқите ин ҷо, ба афсусе қаноат кун,
Магар дасте, ки бар ҳам суда боши, ҷом бардорад.
Дар ин бозор суде нест ҷуз ранҷӣ пушаймонӣ,
Саҳар ҳар кас дуконе чида бошад, шом бардорад.
Ҳавопаймои Анқошӯҳратӣ мапсанд ҳимматро,
Нигини бенишон ҳайф аст нанги ном бардорад.
Ба ранге сарғарон афтодаем аз сахтҷониҳо,
Ки душвор аст қосид ҳам зи мо пайғом бардорад.
Ҳавастасхири маъшуқони бозорӣ машав, Бедил,
Касе то кай паи ин ваҳшиёни ром бардорад.

* * *

Дар гулистоне, ки чашмам маҳви он танноз монд,
Накҳати гул низ чун барги гул аз парвоз монд.
Баски фитратҳо ба гарди норасой бозмонд,
Як ҷаҳон анҷом хиҷлатпарвари оғоз монд.
Нағмаҳо бисьёр буд, аммо зи ҷаҳли мустамеъ
Ҳар кадар бепарда шуд, дар пардаҳои соз монд.
Ҳусн дар изҳори шӯхӣ ранги тақсире надошт,
Чашмҳо ғафлатнигаҳ шуд, ҷилва маҳви ноз монд.
Ин замон ҳасрат тасаллихонаи ҷамъият аст,
Бе хаёле нест он оина, к-аз пардоз монд.
Нақши найранги ҳақиқат сабти лавҳи дил бас аст,
Шавқ ғофил нест,
гар чашми тамошо боз монд.
Ҷавҳари оинаи ман сӯхт шарми ҷилвааш,
Ҳайрате гул карда будам,
лек маҳви ноз монд.
Умрҳо шуд хок бар сар мекунад аҷзои ман,
Ё раб, ин гарди парешон аз чӣ домаи боз монд.
Шӯълаи мо даъвии афсурдан охир пеш бурд,
Бар шикасти ранг бастам, он чӣ аз парвоз монд
Софии дил шубҳаи ҳастӣ ба арз овардаи аст,
Акс ҳар ҷо маҳв шуд, оина аз пардоз монд.
Ҷодаи сарманзили мақсад хати паргор дошт,
Оламе анҷомҳо тай карду дар оғоз монд.
Ёр рафт аз дида, аммо аз ҳуҷуми ҳайраташ
Бо ман аз ҳар ҷилвае оинадоре боз монд.
Хомушӣ равшангарӣ оинаи дидор буд,
Бо саводи сурма пайваст, он чӣ аз овоз монд.

Аз гудози сад ҷигар ашкс ба арз овардаам,
Бахьяе охир зи чоки пардаҳои роз монд.
Бедил, аз баргу навои мо сияҳбахтон мапурс,
Рӯзгори васл рафту толеи носоз монд.

* * *

Қасе аз илтифоти чашми хубон ком бардорад,
Ки бар ҳар устухон сад захм чун бодом бардорад.
Ба қадри захм чун гул шӯхии андозаи мастӣ кун,
Намебошад тиҳӣ аз нашъа, ҳар кас ҷом бардорад.
Ба тавфи доманат кам нест аз саъи ғубори ман,
Агар худро ба ҷон ҷомаи эҳром бардорад.
Итобаш боварам н-ояд, ки он лаъли ҳаёпарвар
Табассум барнамедорад, чӣ сон дашном бардорад?
Ҷаҳон бе ҷилва мадҳуш аст, ҳам дар парда тӯфон кун,
Кӣ метарсам таҳайюр гардаш аз айём бардорад.
Назар аз сайри ҳастӣ бастан аст охир, хушо чашме,
Ки аз оғоз бо худ нусхаи анҷом бардорад.
Димоғи пухтагон мушкил шавад хиҷлаткаши ҳастӣ,
Магар ин тангҳимматро хаёли хом бардорад.
Чу дил бе муддао афтод, гӯ, олам ба ғорат рав,
Ки мумкин нест, тӯфон аз гуҳар ором бардорад.
Гаронҷонро набошад тоқати бори сабукрӯҳон,
Нигинро мешавад қолаб тиҳӣ, чун ном бардорад.
Иборат бе ғубори софии матлаб намебошад,
Муҳаббат кош расми номаву пайғом бардорад.
Касе, к-аз саркашӣ роҳи тариқат сар кунад, Бедил,
Хӯрад сад пешпо чун мавҷ то як гом бардорад.

* * *

Аз дилам бигзашту хун дар чашми ҳайрат соз монд,
Гарди ранге ёдгорам з-он баҳори ноз монд.
Пеш аз эҷоди таваҳҳум ҷавҳари ҷон дошт ҷисм,
То парӣ дар шӯхӣ омад, шиша аз парвоз монд.
Корвони мову ман яксар шарардунбола аст,
Имтиёзе домани ваҳшат гирифту бозмонд.
Шамъи якранги зи фонуси хамушӣ равшан аст,
Нест ҷуз тори нафас, чун нола аз овоз монд.
Имтиёзи гӯшагирӣ доми роҳи кас мабод,
Сайди мо аз ошьён дар ҷангали шаҳбоз монд.
Ҳалқаи саргаштагӣ дорад ба гушӣ гирдбод,
Нақши ное ҳам гар аз Маҷнун ба саҳро бозмонд.
Кист, дар роҳат далели корвони шавқ нест,
Нола бол афшонд, ҳар ҷо тоқати парвоз монд.
Доғи найранги вафоро чора натвон ёфтан,
Ҷилва хилват парвару наззора берунтоз монд.
То ба берангист сайри парфишониҳои ранг,
Ёфт анҷом, он кӣ сар дар домани оғоз монд.
Сайқали тадбир бар оинаи мо ранг рехт,
Шӯълаи ин тег охир дар даҳони гоз монд.
Ёди умри рафта, Бедил, хиҷлати беҳосилист,
Боз пайвастан надорад, он чӣ аз мо боз монд.

* * *

Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин кӣ дорад?
Боди бурути мардӣ ғайр аз сурин кӣ дорад?
Осори ҳақпарастӣ хатм аст бар муханнас,
Ғайр аз дубурсириштон сар бар замин кӣ дорад?
Ҳар сӯ ба ҳаркати нафс мутлақиён битозед,
Эй зери ҳарсаворон полону зин кӣ дорад?
Зоҳид, зи паҳлӯи риш пашмина мефурӯшӣ,
Бозори нургарм аст, ин пустин кӣ дорад?
Ранги бинои тоат бар хидмати сурин нех,
Имрӯз тарҳи меҳроб чуз гунбадин кӣ дорад?
Бар кисаи каримон чашми тамаъ надӯзӣ,
Чуз дасти хар дар ин аср дар остин кӣ дорад?
Аз мунъимон гадоро дигар чӣ метавон хост?
Тан додаанд бар фаҳш, дод инчунин кӣ дорад?
Халқе васеъ хуфтаст дар тангии суринҳо,
Чуз коми ин ҳавосил домаи ба чин кӣ дорад?
Як ғунча сад гулистон оғӯш мекушояд,
Мақъад ба ханда боз аст, табъи ҳазин кӣ дорад?
Азбаски даври гардун, гардонд таври мардум,
То пушт барнатобад, бар зан яқин кӣ дорад?
Идбори марду занро нагзошт номи иқбол,
Як «қоф» «вов» «нун» то «қофу» «син» кӣ дорад?
Он хирқае, ки чайбаш боғи руфӯ набошад,
Бардор домане чанд, он гаҳ бубин кӣ дорад?
Дар чорсуи офоқ, билфеъл ин мунодист:
Лаъли хушоб бо кист, дурри самин кӣ дорад?
Чуз ҷавҳари гаронсанг матлуби муштарӣ нест,
Соқи булӯр бинмо, ҷинси гузин кӣ дорад?

Сард аст бетакаллуф ҳангомаи таҳаввур,
Қар куи туфангу хуш бош, ҷуз меҳру кин кӣ дорад?
Бедил ба теғу ханҷар натвон шудан баҳодур,
Лашкар амуд хоҳад, то оҳании кӣ дорад?

* * *

Дили пошикаста ҳаққи талаб ба раҳат чӣ гуна адо кунад,
Ки чу мавҷи гавҳараш аз адаб надавидан обилапо кунад.
Нафаси рамида гар аз худам нашавад кафили баромадан,
Чу саҳар димоғи тараб ҳавас ба чӣ бом касби ҳаво кунад.
Машунав зи сози гадои ман ба чуз ин тарона навои ман,
Ки ғубори бесарупои ман ба раҳат нишаста дуо кунад.

Ба ҷаҳони ишва чу бӯи гул нахӯрӣ фиреби шукуфтагӣ,
Ки ба ним ғунча табассумат зи ҳазор парда ҷудо кунад.
На ба дидаҳо зи аён асар, на ба гӯшҳо зи баён хабар,
Ба кушоди равзани бому дар касе аз касе чӣ ҳаё кунад?
Нашавад муқаллиди рози дил ба ҳавас муҳаққиқи мустақил,
Зи ғурур агар ҳама навокаш ба нишон расад, кӣ хато кунад?
Ба ҳазор печу хами ҳавас гиреҳ аст силсилаи ҳавас,
Чӣ қадар табиат аз ину он гусилад, ки ришта расо кунад?
Ба ғубори қофилаи адам бирав он қадар, ки зи худ равӣ,
Нашудаст гум дили ғофиле, ки талоши бонги даро кунад.
Шавад об анҷумани ҳаё ба фусуси дасти мурувватат,
Ки дафе ба он ҳама беҳисӣ зи тапончаи ту садо кунад.
Раги хоби роҳати оҷизон макушо ба ништари имтиҳон,
Ки ба пахлуят ситам аст агар нами бурьё мижа во кунад.
Кафи дасти суда ба якдигар чамани тароватӣ Бедиле,
Ки зи сад баҳори гул иктифо ба ҳамин ду барги ҳино кунад.

* * *

Ҳарчанд ба ҳақ қурби ту мақдур набошад,
Бар дарди диле гар бирасӣ, дур набошад.
Осори ғурур анҷуманорон шикаст аст,
Чинӣ тарафи маҷлиси фағфур набошад.
Бар шишаи қулқулҳаваси мо магузоред,
Он пунба, ки мағзи сари Мансур набошад.
Пайғоми вафо дар гарави саъи ҳалок аст,
Ғамномаи мо ҷуз ба пари мӯр набошад.
Эй масти қаноат, макушо каф ба дуо ҳам,
То дасти ту ҳамъёзаи махмур набошад.
Аз басту кушоди дари таҳқиқ мапиндеш,
Чашму мижа саҳл аст, дилат кӯр набошад.
Ёрон ғами дамсардии айём надоранд,
Бояд хунукиҳои ту кофур набошад.
Бигзар зи мақомоту хаёлоти фузулӣ,
Доғи «арнӣ» ҷуз ба сари Тӯр набошад.
Дар водии таҳқиқ чӣ ҳарф аст сиёҳӣ,
Гар ҳоили биноии мо нур набошад.
Нақди дилу помузди тараддуд, чӣ хаёл аст?
Ин обила сар бар кафи муздур набошад.
Мо, сӯхтагон, барҳамани кашкаи шамъем,
Дар дайри вафо сандалу сандур набошад.
Барҳам задани улфати дилҳо мапсандед,
Дӯкони Ҳалаб хӯшаи ангур набошад.
Бедил, зи шару шӯри тааллуқ ба ҷунун зан,
Гӯ, хонаи занҷири ту маъмур набошад.

* * *

Азбаски ба таҳсили ғано ҳусни ту ҷон канд,
Қабр аст нигине, ки ба номи ту тавон канд.
Ҷуз тухми надомат чӣ кунад хирман аз ин дашт
Беҳосили чахде, ки замини дигарон канд.
Чун шамъ дар ин варта фурӯ рафт ҷаҳоне,
Растан чӣ хаёл аст зи чоҳе, ки забон канд.
Имрӯз ба ҳукми асари лофи таҳаввур
Рустам зани мардест, ки боли мағасон канд.
Дар ҳар кафи хоке ду ҷаҳон решаи мастист,
Бо қуввати тақво натавон бехи разон канд.
Зуҳҳод зи бас ҷон ба лаби сарфаи ришанд,
Дар мотами ин мурдадилон мӯ натавон канд.
Фарьёд, ки роҳе ба ҳақиқат нақушудем,
Нақбе, ки ба дил канд нафас, сахт ниҳон канд.
Чун ғунча ба ҷамъияти дил сохта будем,
Ин уқда кӣ во кард, ки моро зи миён канд.
Дар дил ҳавасе по нафушурд аз ғами фурсат,
Ҳар сабза, ки бар реша зад, ин оби равон канд.
Печу хами ин уқда кушудем ба пирӣ,
Яъне, ки ба дандон натавон дил зи ҷаҳон канд.
Бедил, на ба дуньёст қарорат, на ба уқбо,
Хӯрдаст ҳаданги ту аз ин ҳафт камон канд.

* * *

Нафасдарозии кас то ба чуну чанд наяфтад,
Гиреҳ хуш аст, ки беруни ин каманд наяфтад.
Ҳаёст окнапардози ихтиёри тааллуқ,
Агар дил об нагардад, нафас ба банд наяфтад.
Мурувват он ҳама аз чашмзахм нест газандаш,
Агар ба гӯши ҳаё нолаи сипанд наяфтад.
Руунат аст, ки чун шамъ мекашад тахи поят,
Ба сар наяфтӣ агар, гарданат баланд наяфтад.
Сафоҳат аст карами бе тамизи мавқеи эҳсон,
Кушоди дасту дил он беҳ, ки ҳарзаханд наяфтад.
Зи фикри кина надорад гузир тинати золим,
Чӣ мумкин аст, ҳасад дар чаҳе, ки канд, наяфтад.
Чу субҳ гарди ман аз доманат расида ба авче,
Ки то абад агараш бар замин зананд, наяфтад.
Мабод коми касе бенасиби лаззати маънӣ,
Ту лаб кушо, ки ҷаҳон чун магас ба қанд наяфтад.
Ба хоки роҳи ту афкандаам диле, ки надорам,
Ниёзи шарм кун, ин ҷинс агар писанд наяфтад.
Гар эҳтиёҷ ба тӯфон диҳад ғубори ту, Бедил,
Чу субҳ беҳ, ки садо аз нафас баланд наяфтад.

* * *

Ҳар кучо ибрат ба дарси ваъз раҳбар мешавад.
Сурати пасту баланди даҳр минбар мешавад.
Чашми ҳирс афзуд микдори чаҳони мухтасар,
Ҳамчу аъдоди акал, к-аз сифр аксар мешавад.
Ғайри огӯши фано сарманзили ором нест,
Киштии моро ҳамон гирдоб лангар мешавад.
Дар муҳаббат беш аз ин ноком натвон зистан,
Аз гудози орзуҳо зиндагӣ тар мешавад.
Аз саломат ин кадар овораги‌рди хиффатем,
Гарди мо гар бишканад, садди Сикандар мешавад.
Оҳи оламсӯз дорад риштаи парвози мо,
Шӯълаи оташ пару боли самандар мешавад.
Охири кори ману мои чаҳон берангияст,
Мегудозад ин араз чандон, ки чавҳар мешавад.
Роҳати човидам аз пахлӯи ачз омодааст,
Сои дар ҳар чо барои хеш бистар мешавад.
Нотавонрангам, суроғи шӯълаам аз дуд пурс,
Нест чуз оҳи ҳазин, чун лола лоғар мешавад.
Қомати хам хичлати умри талафгардида аст,
Ҳар кадар мино тиҳӣ шуд, сарнагунтар мешавад.
Баски Бедил, з-ин чаман по дар рикоби ваҳшатам,
Бар сипанди шабнами ман ғунча мичмар мешавад.

* * *

Навбаҳор асту ҷаҳон сайри чаманҳо дорад,
Вазъи девонаи мо низ тамошо дорад.
Дил агар соф шуд, аз захми забон эмин бош,
Домани оина аз хор чӣ парво дорад?
Асари нолаи ушшоқ зи ҳар соз маҷӯ,
Ин навоест, ки дар пардаи дил ҷо дорад.
Адаби ишқ агар монеи шӯхӣ нашавад,
Хоки мо марҳами носури Сурайё дорад.
Ҳеҷ кас рамзи сувайдои дили мо нашикофт,
Нафаси сӯхтаи лола муаммо дорад.
Олам аз ҳарзадавӣ ин ҳама бар мо танг аст,
Гарди мо гар шиканад, домани саҳро дорад.
Куфру дин монеи таҳқиқнигоҳон нашавад,
Сел ҳар сӯ гузарад, роҳ ба дарьё дорад.
Сад чаман лолаву гул зад қадаҳи ноз ба санг,
Қумрӣ аз сарв ҳамон гардани мино дорад.
Ба тавофи дари дил кӯш, ки оинаи меҳр
Ҷавҳари биниш агар дорад, аз он ҷо дорад.
Мӯ ба мӯ ҳасрати найранги тамошои туем,
Шамъ сомони нигаҳ дар ҳама аъзо дорад.
Бедил, аз ҳайрати оинаи мо ҳеҷ мапурс,
Нашъаи ҷавҳари таҳқиқ асарҳо дорад.

* * *

Дил чу озод аз тааллуқ шуд, мунаввар мешавад,
Қатрае, к-аз мавҷ доман чид, гавҳар мешавад.
Гарди ҳастӣ укдаи парвози олифитратист,
Аз ҳиҷоби дуди хеш ин шӯъла ахгар мешавад.
Эй, ки аз лутфи ҳақиқат огаҳӣ, хомӯш бош,
Як суҳан ҳам, к-аз ду лаб хезад, мукаррар мешавад.
Дар хамӯшӣ бас ҳаловатҳост, аз най кун қиёс,
Чун наво дар дил гиреҳ гардид, шаккар мешавад.
Ҳеҷ касро дар муҳаббат шарми ҳамчашмӣ мабод,
Дар ҳавоят ҳар кӣ гирьяд, дидаам тар мешавад.
Айбҷӯ гар лофи биниш мезанад оинавор,
Тирборони забони таъни ҷавҳар мешавад.
Гову хар аз огаҳӣ инсон нахоҳад гашт, лек
Одамӣ гар андаке ғофил шавад, хар мешавад.
Шавқ мебояд, зи по афтодагиҳо ҳам асост,
Хизри роҳе гар набошад, ҷода раҳбар мешавад.
Боди кибр аз сар бадар кун, варна монанди ҳубоб
Оқибат ин бода санги косаи сар мешавад.
То гуҳар дорад садаф, аз шӯри дарьё ғофил аст,
Об дар гӯши касе чун ҷо кунад, кар мешавад.
Саҷдаи сангиндилон оинаи номаҳрамист,
Мили оҳан гар дуто шуд, ҳалқаи дар мешавад.
Аҷз навмед аз тавофи Каъбаи мақсуд нест,
Лағзиши пои заифон дасти дигар мешавад.
Дар адам ҳам даври ҳасратҳои мо мавқуф нест,
Хоки мастон ранг то гардонд, соғар мешавад.
Ғайри узлат нест, Бедил, бонси афвоҳи халқ,
Мурғи шӯҳратро ҳами ин дом шаҳпар мешавад.

* * *

Ишқ ҳар ҷо адабомӯзи тапидан бошад,
Хуни бисмил арақи шарми чакидан бошад.
Мазраи нестироиши тухми шарарем,
Офати ҳосили мо арзи дамидан бошад.
Шавқ муфт аст, ки дар роҳи касе мепӯем,
Манзили мақсади мо гӯ нарасидан бошад.
Мавҷи ин баҳр тапиш бисмили саъи гуҳар аст,
Ранҷҳо дархури роҳат талабидан бошад.
Ашки чанде гиреҳи дидан ҳайрони худем,
То насиби кӣ ба роҳи ту давидан бошад.
Сайди дилҳо натавон кард магар аз таслим,
Турраи шоҳиди ин базм хамидан бошад.
Ҳайрату лаззати дидор хаёлест муҳол,
Ҳар кӣ оина шавад, доғи надидан бошад.
Кулфати чин накашад кӯтаҳии домани фақр,
Гули озодии ин боғ начидан бошад.
Рафтаам аз худу тӯҳматкаши осудагиям,
Ҳайрати оинаам кош тапидан бошад.
Пайкарам Монии суратқадаи навмедист,
Бе рухат ҳар чӣ кашам, нола кашидан бошад.
Бисмили шавқи маро аз асари кӯчаи захм,
То дами теғи ту як даст тапидан бошад.
Ҳар қадар з-ин қафаси ваҳм барой, муфт аст,
Нола кам нест, агар майли рамидан бошад.
Чашмбандест баҳори гули берангии ишқ,
Дидани ёр мабодо, ки шунидан бошад?
Аз далерони ҷунунҷуръати яъсам, Бедил,
Чун нафас теғи ман аз хеш буридан бошад.

* * *

Шукӯхи мухлисӣ моро ба хомӯшӣ алам дорад.
Сафолии кӯси дарвешон зи бас хушк аст, нам дорад.
Сари чайбулфат озод аст аз фитроки офатҳо,
Мукими гӯшаи дил ҳукми оҳуи ҳарам дорад.
Парешон нусхаем, аз рабти ин ачзо чӣ мепурсӣ,
Тааммулҳои бешерозагӣ моро ба ҳам дорад.
Тамизи пушту рӯит он кадар фитрат намехоҳад,
Адам он чо ки ҳастӣ гул кунад, ҳастӣ адам дорад.
Нигоҳе то биболад, рафтаӣ берун аз ин маҳфил,
Чу шамъ ин чо ҳамон таҳрики мижгонат кадам дорад.
Садо бар шаш чихат мепечад аз як доман афшондан,
Чаҳон сайди каманди вахшие, к-аз хеш рам дорад.
Бипарҳез. эй ҳавас, аз иттифоки пунбаву оташ,
Маризи хасратему шарбати дидор сам дорад.
Надоматматлабам, дигар мапурс аз рамзи мактубам,
Шаке дар сина дорад хомаи ман, гар ракам дорад.
**Навои найситони офиятоҳанги тасвирам,**
Зи сози худ бурун ноомаданҳоям алам дорад.
Нафас то мекашам, чун ғунча аз худ рафтаам, Бедил,
Зи ғафлат дар бағал миноӣ ман санги ситам дорад.

* * *

Дил зи ҳар андеша бо ранге муқобил мешавад,
Дар хури тимсол ин оина бисмил мешавад.
Офати ашк аст мавқуфи мижа бар ҳам задан,
Решаи мо гар биҷунбад, барқ ҳосил мешавад.
Лаб фурӯ бандем, то рафъи дуӣ ишио кунем,
Дар миёни мову ту мову ту ҳоил мешавад.
Гоҳи реҳлат нест таҳрики нафас бе ваҳшате,
Ҷаҳди раҳрав бештар дар қурби манзил мешавад.
Хомуширо доми роҳат кун, ки ин ҷо баҳр ҳам
Ҳар қадар дуздад нафас дар хеш, соҳил мешавад.
Гарди беқадрӣ уруҷи дастгоҳи ҳоҷат аст,
Эътибори рафта оби рӯи соил мешавад.
Он қадар обам зи нанги миннати абнои даҳр,
К-аз надомат хок агар резам ба сар, гил мешавад.
Домгоҳи ишқ холӣ нест аз наҳчири хуси,
Ҳалқаи оғӯши Маҷнун арзи маҳмил мешавад.
Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,
Шамъ чун хомӯш гардад, доғ маҳфил мешавад.
Оламеро кулфатандуди таҳайюр кардаам,
Бо ҳазор оина як оҳам муқобил мешавад.
Мужда, эй Бедил, ки имшаб аз тағофулҳои ноз
Орзуҳо боз хун мегардаду дил мешавад.

* * *

Ҷунун азбас шикасти обила дар ҳар қадам дорад,
Биной хонаи занҷир ҳам чун мавҷ нам дорад.
Ба барқам медиҳад хирман хаёли мавҷрафторе,
Ки эъҷози хиромаш обу оташро ба ҳам дорад.
Зи лаъли хомушат рамзи табассум кист бишкофад,
Хаёле даст бар чоки гиребони адам дорад.
Мадор, эй зиштхӯ, уммеди таҳсин аз сафокешон,
Ки асбоби хушомад хонаи оина   кам дорад.
Фузулиҳои уммед ин қадар ҷон мекапад, варна
Дили улфатпарасти яъс аз шодӣ чӣ ғам дорад.
Ба тарки ҷоҳ зан, то дарнагирад нанги ифлосат,
Ки ранҷи худфурӯшӣ мекашад, ҳар кас дирам дорад.
Ба лағзиш   чун наболад хомаи ҳасратсарири ман,
Ки занҷири сияҳбахтӣ ба таҳрики қадам дорад.
Зи тадбири муҳаббат ғофилам, лек ин қадар донам,
Ки дил то оташе дар сина дорад, дида нам дорад.
Навои айш, гӯ, хун шав, даме бо дард савдо кун,
Нафас бо ин бизоат ҳар чӣ дорад, муғтанам дорад.
Агар душман тавозӯъпеша аст, ғофил машав, Бедил,
Ба хунрезӣ бувад бебок шамшере, ки хам дорад.

* * *

Охир аз ҷамъи ҳавасҳо укда ҳосил мешавад,
Чун ба ҳам ҷӯшад ғубори ину он дил мешавад.
Ҷурми худдорист, аз базми ту дур афтоданам,
Қатра чун фоли гуҳар зад, бобн соҳил мешавад.
Дашти имкон як қалам ваҳшаткамини бехудист,
Гар касе аз худ равад, ҳар зарра маҳмил мешавад.
Қуввати парвоз дар осоиши болу пар аст,
Ҳар қадар хомӯш бошӣ, нола комил мешавад.
Кист ғайр аз ҷилва, то фаҳмад забони ҳайратам,
Муддао маҳв аст, агар оина соил мешавад.
Аз мударо он ки бар рӯят сипар дорад, балост,
Дар тунукрӯйи дами шамшер қотил мешавад.
Хат кашидан то кай аз нисьён ба лавҳи эътибор,
Фаҳм кун, эй бехабар, нақше ки зоил мешавад.
Чун нафас дарьёб дилро, варна ин нахчири яъс
Метапад бар хештан, чандон ки бисмил мешавад.
Шарми ҳуси аз тинати ошиқ тамошо карданист,
Рӯи ӯ то бар арақ зад, хоки ман гил мешавад.
Бедил, осон нест, даргирад чароғи ҳимматам,
К-аз ду олам сӯхтан як доғ ҳосил мешавад.

* * *

Гирифтори русуми андешаи ором кам дорад,
Аконд он чӣ дорад, хидмати дайру харам дорад.
Димоғи орамидан нест бо гул шабнами моро,
Дар ин оина гар обест, чун тимсол рам дорад.
Аз ин саҳрои ваҳшат чун шарар дигар чӣ бардорам,
Ҳама гар сар тавон бардоштан, ҳукми қадам дорад.
Хирадро дар бисоти майпарастон нест чон бурдан,
Ки ҳар соғар зи мавчи май ба каф теғе алам дорад.
Навои хомушон дар пардаи дуди диласт ин чо,
Нагӯй шамъ танҳо гирья дорад, нола ҳам дорад.
Гусастан сахт душвор аст зуннори муҳаббатро,
Бараҳман риштавори аз раги санги санам дорад.
Ба вакти рухсати ёрон тавозӯъ мешавад лозим,
Қади пирон ба оҳанги видоъ умр хам дорад.
Агар мардӣ, дари тахфифи асбоби тааллуқ зан,
К-аз ангушти дигар ангушти нар як банд кам дорад.
Бувад дар тинати бемағз ҳифзи гуфтугӯ мушкил,
Бурун резад даҳонаш, ҳар чӣ анбон дар шикам дорад.
Ба ғайр аз ваҳм ку сармоя, то бар нақди худ нозӣ,
Ҳамон дар кисаи дарьёст, гар моҳӣ дирам дорад.
Зи хоки шӯр натвон беш аз ин ҳосил тамаъ кардан,
Ба ҳасрат ҳам агар чои медиҳад мумсик, қарам дорад
Хамӯши рабти оҳанги чунунам нагсилад, Бедил,
Зи сози дил машав ғофил, тапидан зеру бам дорад.



* * *

Ба ин заъфе, ки ҷисми зорам аз бистар намехезад,
Агар бар хок меафтад, нигоҳам барнамехазад.
Ғубори нотавонам, бо заифӣ бастаам аҳде,
Ҳама гар то фалак болам, сарам з-ин дар намехезад.
Нафас умрест, аз дил мекашад доман, чӣ ноз аст ин?
Ғубор аз санг агар хезад, ба ин лангар намехезад.
Ба ваҳшат дидаам чун шамъ тадбири гаронхобӣ,
Қ-аз ин маҳфил қадам то барнадорам, сар намехезад.
Фусурдан сахт ғамхор аст бемори таайюнро,
Қиёмат гар дамад, мавҷ аз сари гавҳар намехезад.
Бар дарвешӣ ғанимат дор айши бекулоҳиро,
Ки ғайр аз дарди дӯшу гардан аз афсар намехезад.
Чунин бар бистари хунсо кӣ хобонида оламро,
Ки гарде ҳам ба номи мард аз ин кишвар намехезад.
Зи шӯри ҷаҷман имкон ба бемағзӣ қаноат кун,
Ки чун даф ҷуз садои пӯст з-ин ҷанбар намехезад.
Аз ин ҳамсӯҳбатон қатъи таманнои вафо кардам,
Хушам, к-аз паҳлӯи ман паҳлӯи лоғар намехезад
Зи шарми мову ман дорам биҳиште дар назар, к-он ҷо
Ҷабин гар беарақ шуд, мавҷаш аз кавсар намехезад.
Хате бар сафҳаи имкон кашидем, эй ҳавас, бас кун,
Зи чини домани мо сурате дигар намехазад.
Ба мурдан низ ғарқи инфиоли ҳастиям, Бедил,
Зи хокам то ғуборе ҳаст, об аз сар намехезад.

* * *

Дили гудохта бар шаш ҷиҳат бағал во кард,
Ҷаҳон ба шиша гирифт, ин пари чӣ иншо кард?
Ситамнасиби дилам, ман куҷову дард куҷо,
Нафас ба кӯчаи най рафту нола пайдо кард.
Зи шарми чашми ту дорад хаёлам анҷумане,
Ки бояд аз арақам сайри ҷому мино кард.
Чӣ сеҳр буд, ки афсуни беннёзии ишқ
Маро ба хок нишонду туро тамошо кард.
Ба фикри кори дил афтодам аз чакидани ашк,
Шикаст шиша, ба рӯям дари ҳалаб во кард.
Аз ин бисот гузаштам, вале нафаҳмидам,
Ки вазъи пайкари хам бо кӣ ин мудоро кард.
Чу шамъ сурати бедориям чӣ имкон дошт?
Саре, ки рафт зи дӯшам ишорати по кард.
Нуҳуфт маънии макшуф бетаммулиям,
Набастани мижа офокро муаммо кард.
Ҷунуни бехудие пеш бурд саъи амал,
Ки кори олами имрӯз назри фардо кард.
Фусурдан аст саранҷоми офиятталабон,
Муҳитам ин гиреҳ аз риштаи гуҳар во кард.
Хаёл агар ҳама фирдавс дар бағал дорад,
Қафои зонуи ҳасрат наметавон ҷо кард.
Далели улфати асбоб ғайри аҷз набуд,
Пари шикастаи мо сайри ин қафасҳо кард.
Надошт зоҳиру мазҳар ҷаҳони яктой,
Ҷунуни оинабардаст хонда бар мо кард.
Дар ин ҳаваскада аз ман чӣ дидай, Бедил,
Ба оламе, ки наям, боядам тамошо кард.

* * *

Ҳиммат аз гарданкаши мушкил ба истиғно расад,
Бар хами таслим зан, то сар ба пушти по расад.
То зи мастӣ тардимоғӣ, инфиоломода бош,
Охир аз саҳбо хаме бар гардани мино расад.
Фитрат офатҳо кашад, то нақш барбандад дуруст,
Аввалин ҷоми шикаст аз шиша бар хоро расад.
Ғофил аз кайфияти пайғоми яктой мабош,
Қосиди ӯ мерасад, ҳар ҷо димоғи мо расад.
Оламеро бебизоат кард савдои шуур,
Нақде аз худ кам кунад, ҳар кас ба ҷинсе ворасад.
Роҳатободе, ки ваҳшат бонии осори ӯст,
Гар касе то пои девораш расад, саҳро расад.
Нури шамъи иззатам, аммо дар ин зулматсаро
Оламе паҳлу тиҳӣ созад, ки бар ман ҷо расад.
Ҳамчу бӯи ғунча аз заъфе, ки дорам дар камин,
Имшабам гар ҷон расад бар лаб, нафас фардо расад.
Пайкарам чун шамъ аз нанги замингирӣ гудохт,
Сар ба раҳ меафканам, то по ба хоби по расад.
Ҳамнишинон з-ин чаман рафтанд, ман ҳам баъд аз ин
Бишканам ранге, ки фарьёдам ба он гулҳо расад.
Ғунча шав, бӯи гули тарзи каломам нозук аст,
Бе тааммул нест мумкин, кас ба ин иншо расад.
Худсарӣ, Бедил, чӣ миқдор обьёри ваҳмҳост,
Сарв з-ин андом мехоҳад ба он боло расад.

* * *

Дар эҳтиёт натвон бар сифла илтиҷо бурд,
Дасти шикаста ҳайф аст, бояд ба пеши по бурд.
Қосид ба пеши дилдор то номи муддао бурд,
Мактуби мо арақ кард, чандон, ки нақши мо бурд.
Ранги баҳори раҳмат аз шарм об гардид,
То хасрати иҷобат гул бар кафи дуо бурд.
Дасти дар остинаш дил бурдане ниҳон дошт,
Имрӯзаш аз кафи ноз он бахларо ҳино бурд.
Аз дайр агар рамидем, дар Каъба сар кашидем,
Аз худ буруи нарафтан моро ҳазор ҷо бурд.
Тадбири чарх хун шуд дар кори укдаи дил,
Ин дона аз дуруштӣ дандони осиё бурд.
Фикри вуфури ҳар чиз афсуни бетамизист,
Алвони неъмат аст он, к-аз мунъим иштиҳо бурд.
Иқболи аҳли ҳиммат бозихури ҳавас нест,
Натвонад аз сари чарх ҳар макру фан ридо бурд.
Ҳар ҷо зи по фитодем, доди фароғ додем,
Паҳлӯи лоғар аз мо ташвиши бурьё бурд.
Шуд қомати ҷавонӣ дар пириям фаромӯш,
Охир асои чӯбин аз дастам он асо бурд.
Бояд зи хокам акнун хатти ғубор хондан,
Умрест сарнавиштам пирӣ ба нақши по бурд.
Ҷӯши арақ чу субҳам дар парда шабнаме дошт,
То дам задам зи ҳастӣ, шарм аз нафас ҳаво бурд.
Як вопасин нигоҳе мехост рафтани умр,
Машшота кадрдон буд, оина бар қафо бурд.
Бедил, гузошт халқе маҳмил ба дӯши ҳасрат,
Моро ҳам орзуе мебурд, то кучо бурд.

* * *

Зи дунъё чӣ гирад, агар мард гирад?
Магар домани ҳиммати фард гирад.
Хиҷил меравам аз зинёгоҳи ҳастӣ,
Адам то чӣ аз ман раҳовард гирад.
Арақ дорад оина аз шарми рангам,
Бигӯ, то гулоб аз гули зард гирад.
Абас латмафарсои мавту ҳаётам,
Фалак то каям мӯҳраи нард гирад?
Шаби қонеон аз саҳар меҳаросад,
Мабодо саводи вафо гард гирад.
Ба хокам фурӯ бурд имдоди гардун,
Кам аз пост дасте, ки номард гирад.
Зи бас яъс дар ҳам шикастаст рангам,
Гар оина гирам, дилам дард гирад.
Аз ин боғи ибрат наҷӯшид, Бедил,
Димоғе, ки бӯи дили сард гирад.

* * *

Арзи ҳастӣ занг бар оинаи дил мешавад,
То нафас хат мекашад, ин сафҳа ботил мешавад.
Об мегардад ба чандин ранг ҳасратҳои дил,
То кафи хуне нисори теғи қотил мешавад.
Дар паноҳи дил тавон раст аз ду олам печу тоб,
Бар гуҳар мавҷе, ки худро баст, соҳил мешавад.
Баски мо, ҳасратнасибон, ворисн бетобием,
Мерасад бар мо тапидан, ҳар кӣ бисмил мешавад.
Зиндагонӣ сахт душвор аст бо асбоби ҳуш,
Бешуурӣ гар набошад, кор мушкил мешавад.
Авҷи иззат дар камини интизори аҷзи мост,
Аз шикастан даст дар гардан ҳамоил мешавад.
Бар муроди як ҷаҳон дил то ба кай гардад фалак,
Гар ду олам ҷамъ созад, кори як дил мешавад.
Дар раҳи ишқат, ки поёне надорад ҷодааш,
Ҳар ки вомонад, барои хеш манзил мешавад.
Гар бисӯзад оҳи Маҷнун бар рухи Лайлӣ никоб,
Шарм меболад ба худ, ҷандон ки маҳмил мешавад.
Инфиоли ҳастии офоқро оинаам,
Ҳар кӣ рӯ тобад зи худ, бо ман муқобил мешавад.
Қас асири инқилоби норасоиҳо мабод.
Дасти қудрат чун тиҳӣ шуд, пот дар гил мешавад.
Нашъаи осудагӣ дар соғари яъс асту бас,
Роҳати ҷовид дорад, ҳар кӣ Бедил мешавад.

* * *

Ҳаваспаймони чоҳат хуморолуд ғам дорад,
Руунат гар нахоҳӣ, нақши по ҳам ҷоми Ҷам дорад.
Мизоҷи оташин кам нест чун гул хирмани моро,
Ба он барқе, ки бояд сӯхт худро, ранг ҳам дорад.
Чӣ нуқсон, гар кудурат сархати пешонии мо шуд?
Дабири толеи мо хомаи мушкинрақам дорад.
Димоғорони ваҳмем, аз хубоби мо чӣ мепурсӣ?
Шароби маҳфили мо шиша бар тоқи адам дорад.
Чӣ сон роми каманди нола гардад ваҳшии чашме,
Ки хоби ноз ҳам дар ҳалқаи оғӯш рам дорад.
Илоҷе нест ғайр аз доғ захми хоксоронро,
Ки ҷоки ҷода яксар бахьяи нақши қадам дорад.
Бувад хунрезтар, гар ростӣ шуд пешаи золим,
Чу шамшере, ки афтад ростхам аксар ду дам дорад.
Дил аз ҳамдӯшии акси ту бар оина меларзад,
Ки ӯ масти ман ноз асту ин девор нам дорад.
Зи мову ман нашуд маҳрамнавои офият гӯшам,
Ҳама афсона аст ин маҳфил, аммо хоб кам дорад.
Дар ин ғоратсаро мушти ғубори рафтабарбодам,
Ба оромам суҷуди остонат муттаҳам дорад.
Ба ранге ташнаи шавқам хароши захми улфатро,
Ки хори водии Маҷнун ба пои ман қасам дорад.
Суроғи рафта гир, аз ҳар чӣ меёбӣ нишон, Бедил,
Ҳама гар ном бошад, дар нигин нақши қадам дорад.

* * *

Хокистаре намонд зи мо, то ҳаво барад,
Дигар касе чӣ сарфа зи торочи мо барад.
Нақши мурод муфти ҳарифе, к-аз ин бисот
Чун шӯъла ранг бозаду доғи вафо барад.
Осуда чабҳае, ки дар ин маъбади ҳавас
Чун шамъ сачда бар асари нақши по барад.
Охир ба дарду доғ гиреҳ гашт пайкарам,
Сад гӯи ашк як мижа чавгон куҷо барад?
Сели бинои мавч ҳамон зиндагии мост,
Бигзор, то ғубори ман оби бақо барад.
З-ин хокдон дигар чӣ барад нотавони ишқ,
Худро магар ҳилол ба пушти дуто барад.
Маҳруми домани ту ғубори ниёзи ман,
Сад субҳ чоки сина ба дӯши ҳаво барад.
Чашме, ки аз ғубори дилаш нест ибрате,
Ё раб, ки илтиҷо ба дари тӯтиё барад.
Ҳусни қабул чилвакамини баҳонаест,
Ку дил, ки чон онна дасти дуо барад.
Зоҳид, зи субҳа наъли яқинат дар оташ аст,
Дар каъба роҳи дайр гирифтӣ, худо барад.
Ку қосиде, ки дар шикани доми интизор
Пайғоме аз ту ораду моро зи мо барад.
Ҳар кас ба дайру Каъба далелаш бизоатест,
Бедил ба чуз диле, ки надорад, куҷо барад.

* * *

Найранги амал гули бако буд,
Уммеди баҳори муддао буд.
Кас маҳрами эътибори мо нест,
Оинаи мо хаёли мо буд.
Хайрат ҳама чо таронасӯз аст,
Оинаву акси як наво буд.
Шодам, ки шаҳиди бекасамро
Хандидани захм хунбаҳо буд.
Хуне, ки нарехтам ба поят,
Помоли таҳайюри ҳино буд.
Он ранг, ки ошкор чустем,
Дар пардаи ғунчаи ҳаё буд.
Дил низ нашуд далели таҳқиқ,
Оина ба акс ошно буд.
Гар маҳрами чилваат нагаштем,
Чурми нигаҳи заифи мо буд.
Фарьёд, ки саъи басмили мо
Чун кӯшиши мавч норасо буд.
Гулрезии ашк бӯи хун дошт,
Ин субҳа зи хоки Карбало буд.
Бар ҳарфи ҳавасбаёни ҳастӣ
Дахле, ки надоштам, бачо буд.
Бедил зи сари муроди дуньё
Бархост касе, ки беасо буд.

* * *

Ин хирсҳо, ки домани сад фан шикастаанд,
Арзи кулоҳ додаву гардан шикастаанд.
Дорад шароби ғафлати абнои рӯзгор
Бадмастие, ки соғари мурдан шикастаанд.
Бетоби аз ғубори нафас кам намешавад,
Минои дил ба рӯи тапидан шикастаанд.
Дар зулфи ёр ҳеҷ дил озурдагӣ надошт,
Ин донаҳо зи дурии хирман шикастаанд.
Е раб, шикасти ман ба чӣ афсун шавад дуруст,
Дорам диле, ки пештар аз ман шикастаанд.
Дар оламе, ки санг шарархези ваҳшат аст,
Гарди маро чу об дар оҳан шикастаанд.
Ҳар гул, ки дидам, обилаи хун чакида буд,
Е раб, чӣ хор дар дили гулшан шикастаанд.
Сад барқ дар камини нафас мавҷ мезанад,
Мардум назар ба шӯълаи эман шикастаанд.
Парвози ман чу мавҷи гуҳар дар дил асту бас,
Боле, ки доштам, ба тапидан шикастаанд.
Ҳар зарраам ба ранги дигар медиҳад нишон,
Ҷӯши баҳорам оинаи ман шикастаанд.
Имрӯз нафӣ ҳам гули иқболи дӯстист,
Ерон зи ранги мо сафи душман шикастаанд.
Санге зи нанги аҷз ба минои мо нахӯрд,
Моро ҳамон ба дарди шикастан шикастаанд.
Мо, оҷизон, зи кӯи ту дигар куҷо равем,
Дар пои риштаҳо сари сӯзан шикастаанд.
Як гул дар ин баҳор иқоматсуроғ нест,
Бедил, зи ранги худ ҳама доман шикастаанд.

* * *

То оина рӯ ба рӯи мо буд,
Гулчини баҳор гуҳаррабо буд.
Ёди дами ишрате, ки чун субҳ
Оинаи мо нафаснамо буд.
Фарьёди шикастарангии мо
Умре чу нигоҳ сурмасо буд.
Шуд аҷз ҳиҷоб, варна аз дил
То кӯи ту роҳи нола во буд.
Оина чӣ сон гирифт ҳайрат,
Аз акси ту даст дар ҳино буд.
Ҷӯшид зи шӯълаи ту доғам,
Сарчашмаи аҷз кибриё буд.
Дар роҳи ту ҳар чӣ аз ғуборам
Бардошт фалак, кафи дуо буд.
Ҳар оҳ, ки баркашидам аз дил,
Чун мавҷ ба гавҳар ошно буд.
Дил низ чу сина устухон дошт,
То ёди ходанги ӯ Ҳумо буд.
Бишкаст дилу накард оҳе,
Ин шиша аҷаб тунуксадо буд.
Хун шуд дилу соғари чаман зад,
Майхонаи мо гудози мо буд.
Бедил, тоҷе, ки диди имрӯз,
Фардо бинӣ, нишони по буд.

* * *

То парӣ ба арз омад, мавҷи шиша урьён шуд,
Пираҳан зи бас болид, даҳр Юсуфистон шуд.
Ҷилвааш ҷаҳонеро маҳви бехудиҳо кард,
Оина, дукон барчин, ҷинси ҳайрат арзон шуд.
Хоки ман ба бод овард чеҳраи аракнокаш,
Ҳамчу байзаи товус дар адам чароғон шуд.
Кӯшиши заминигирам бар уруҷи биниш тохт,
Хори пои шамъ охир дастгоҳи мижгон шуд.
Ваҳшатам дар ин маҳфил шӯхии сипандӣ дошт,
То қафас задам оташ, нолае парафшон шуд.
Инфиоли ҳастиро ман иёри афсӯсам,
Дасти доғ судан буд, табъ агар пушаймон шуд.
Имтиҳони офотам ранги тоқати дил рехт,
Обгинаам охир аз шикаст сандон шуд.
З-ин чаман ба ҳар рангам сайри огаҳӣ муфт аст,
Доғи лола ҳам кам нест, гар баҳор натвон шуд.
Сози гарданафрози ранҷи ҳарзагардӣ дошт,
Сар ба ҷайб дуздидам, по муқими домон шуд.
Доғи дард шав, Бедил, к-аз гудози беҳосил
Ашкҳо дар ин маҳфил ришханди мижгон шуд.

* * *

Дидаро мижгон ба ҳам овардане даркор буд,
Варна ноҳамвории вазъи ҷаҳон ҳамвор буд.
Даври ранҷу айш чун шамъ он қадар фурсат надошт,
Хори по то чашм во кардан гули дастор буд.
Доғи ҳасрат кард моро бесафоиҳои дил,
Варна бо мо ҳосил ин як оина дидор буд.
Мӯи чинй дасти уммед аз сафедӣ шустааст,
Субҳи эҷоде, ки мо дорем, шоми тор буд.
Рӯзгоре шуд, ки ҳамболини хоби роҳатем,
Тирабахтӣ бар сари мо сояи девор буд.
Ғунчасон аз хомушӣ шерозаи мушти парем,
Ошьёни роҳати мо бастани минқор буд.
Хиҷлати тардоманӣ шустем чун ашк аз арақ,
Саҷдаи моро вузуи ҷабҳае даркор буд.
Дар гулистони чаманпардозии пироҳанат
Боли товусони раъно рахти оташкор буд.
Шаб, ки бе рӯят шарар дар ҷайби дил мерехтам,
Барқи оҳам ламъаи шамшери ҷавҳардор буд.
Ҷилвае дер пешам омад, ҳар қадар рафтам зи хеш,
Ранггардондан иноитоби хаёли ёр буд.
Дил зи поси оҳ, Бедил, ҳасми ороми худ аст,
Изтироби субҳаам пӯшидани зуннор буд.

* * *

Тарки орзу кардам, ранҷи ҳастӣ осон шуд,
Сӯхт парфишониҳо, к-ин қафас гулистон шуд.
Олам аз ҷунуни ман кард касби ҳамворӣ,
Сели гирья сар додам, кӯҳу дашт домон шуд.
Хомушӣ ба доманам шӯри сад қиёмат рехт,
Коштам нафас дар дил, решаи наистон шуд.
Ҳар куҷо назар кардам, фикри хеш роҳам зад,
Ғунча то гули ин боғ баҳри ман гиребон шуд.
Бар сафои дил, зоҳид, ин қадар чӣ менозӣ,
Ҳар чӣ оина гардид, боби худфурӯшон шуд.
Ишқ, шикваолудаст, то чӣ дил фусурд имрӯз,
Сел меравад навмед хонае, ки вайрон шуд.
Ҷайб агар ба ғорат рафт, домане ба даст орем,
Эй ҷунун, ба саҳро зан, навбаҳор урьён шуд.
Ҷабриёни тақдирем, қавлу феъли мо аҷз аст,
Ваҳм мекунад мухтор, он қадар ки натвон шуд.
Барқ рафтани хуш аст бо хаёли дидоре,
Чун сипанд аз дурам оташе намоён шуд.
Чини нозпарвардаст гарди ваҳшатам, Бедил,
Домане гар афшондам, туррае парешон шуд.

* * *

Номӯси олами айн андешаи саво бурд,
Оинадории ваҳм аз чашми мо ҳаё бурд.
Роҳат ба мулки ғафлат буньёди бехалал дошт,
Мижгон кушудан охир селе шуду зи чо бурд.
Дурӣ фусуни ваҳм аст, аммо чӣ метавон кард?
Рӯе ба хотир омад, моро зи ёди мо бурд.
Ин дашти бесару бун ғӯли дигар надорад,
Моро зи роҳи таҳқиқ овози ошно бурд.
Чое, ки саъи фитрат бори гумон намеёфт,
Ҳарчанд ман набудам, ӯ омаду маро бурд.
Зарфи қаноати дил лабрези бениёзист,
Ҳар чо, ки неъмате буд, кашкӯли ин гадо бурд.
Ҳирси муқаллид охир маҳруми офият монд,
Болини роҳат аз халқ фикри пари Ҳумо бурд.
Андешаи талаввун ғораттари сафо буд,
Ранге, ки содагӣ дошт, аз дасти мо ҳино бурд.
Оинаи тасаллӣ, сайқалгараш тақозост,
Бар хокам орзӯ зад, то сурмаам садо бурд.
Бар ваҳм чида будем дӯкони худфурӯшӣ,
Дил об гашту хун шуд, гул рафту рангҳо бурд.
Доғи маол чун шамъ аз чашми мо ниҳон буд,
Сар баски бар ҳаво суд ҳочат ба пеши по бурд.
Нарди хаёлбозон афсонаи чунун аст,
Оварди мо чӣ овард, гар бурд, дар кучо бурд.
Аз чамъ то паридем, фарқи дигар начидем,
Бе миннат орамидем, сар рафту ранчи по бурд.
Бедил, ба водии ачз гум буд роҳи мақсуд,
Қосид паёми ҳайрат аз мо ба пеши мо бурд.

* * *

Ҳосилам з-ин мазраи бебар намедонам, чӣ шуд?
Хок будам, хун шудам, дигар намедонам, чӣ шуд?
Нола боле мезанад, дигар мапурс аз ҳоли дил,
Ришта дар хун метапад, гавҳар намедонам, чӣ шуд?
Сохтам бо ғам, димоғи соғари айшам намонд,
Дар биҳишт оташ задам, кавсар намедонам, чӣ шуд?
Маҳрами аҷзошиносҳои ҳайрат нестам,
Ин қадар донам, ки саъи пар намедонам, чӣ шуд?
Беш аз ин дар хилвати таҳқиқи васлам бор нест,
Ҷустуҷӯҳо хок шуд, дигар намедонам, чӣ шуд?
Мушти хуне, к-аз тапидан сад ҷаҳон уммед дошт,
То дарат дил буд, онсӯтар намедонам, чӣ шуд?
Сайри ҳусне доштам дар ҳайратободи хаёл,
То шикаст оинаам, дилбар намедонам, чӣ шуд?
Дӣ ману сӯфӣ ба дарси маърифат пардохтем,
Ӯ рақам гум карду ман дафтар, намедонам, чӣ шуд?
Бедимоғи тоқат аз савдои ҳастӣ фориғ аст,
То чу ашк аз по фитодам, сар намедонад, чӣ шуд?
Бедил, акнун бо худам ғайр аз надомат ҳеҷ нест,
Он чӣ бе худ доштам дар бар, намедонам, чӣ шуд?

* * *

Бар ин ситамкада, ё раб, чӣ санг меборад,
Ки дилшикастагиву дида ранг меборад?
Насибаи дили равшан бувад кудурати даҳр,
Ҳамин ба хонаи оина занг меборад.
Чу ғунча во нанамуданд бе гиреҳ гаштан,
Ки ранги амн ба дилҳои танг меборад.
Биё, ки бе ту ба базм аз таронаҳои ҳазин
Дили шикаста зи гесӯи чанг меборад.
Зи хоки кӯи ту машқи назокате дорам,
Ки бӯи гул ба димоғам хаданг меборад.
Гузашт фурсати васлу зи норасоии ваҳм
Нигаҳ зи ашк ҳамон узри ланг меборад.
Ба чашми шабқ нигоҳе, ки дар баҳори ниёз
Шикасти ҳоли заифон чӣ ранг меборад?
Ба завқи парвариши ваҳм об мегардем,
Саҳоби мо ҳама бар кишт банг меборад.
Далели ибрати дил субҳи орамида бас аст,
Ки забти оҳ бар оина занг меборад.
Ҳуҷуми сояи гул домҳои роҳат нест,
Бар ин чаман ҳама доғи паланг меборад.
Зи бас ба кишти ҳасад хирман аст офатҳо,
Даме, ки тир набошад, туфанг меборад.
Зи доми ҳодиса, Бедил, раҳой имкон нест,
Ки қатраи ту ба коми наҳанг меборад.

* * *

Ба ҳар куҷо мижаам ранги хоб мерезад,
Гудози шарм ба рӯям гулоб мерезад.
Мабош бехабар аз дарси бесаботии умр,
Ки ҳар нафас варақе з-ин китоб мерезад.
Сафои дили калафандуди гуфтугӯ мапсанд,
Нафас бар оташи оина об мерезад.
Зи тангиои ҷасад умрҳост тохтаем,
Ҳанӯз комати пирӣ рикоб мерезад.
Гуле, ки ранги ду олам ғубори шӯхии ӯст,
Чу ғунча хуни маро дар ниқоб мерезад.
Хушам ба ёди хаёле, ки гулбуни чаманаш
Гули назора дар оғӯши хоб мерезад.
Гудози дил бо нами ашк арза натвон дод,
Муҳит оби рухе аз саҳоб мерезад.
Зи хеш рафтани ошиқ баҳори ҷилвани ӯст,
Шикасти ранги саҳар офтоб мерезад.
Махур зи шишаи гардун фиребн соғари амн,
Ки санги фитна ба ҷои шароб мерезад.
Зи беқарории худ сели ҳастии хешам,
Чу ашк ранги биноп ман об мерезад.
Ба ҳарф лаб макушо, то тавонӣ, эй Бедил,
Ки обрӯи нафас ҷуи ҳубоб мерезад.

* * *

Як-ду дам ҳангомаи ташвиши меҳру кина буд,
Ҳар чӣ дидам, меҳмони хонаи оина буд.
Ибтизоли боғи имкон ранги гардидан надошт,
Ҳар гуле, к-имсолам омад дар назар, порина буд.
Мунфаил мешуд зи дунъё, ҳуш агар медошт халқ,
Сабру ҳанзал дар мазоқи гову хар лавзина буд.
Ҳеҷ шакле бе ҳаюло қобили сурат нашуд,
Одамӣ ҳам пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд.
Имтиҳон ачноси бозори риё медод арз,
Ришҳо дидем, беқиматтар аз пашмина буд.
Ҳар куҷо дидем сӯҳбатҳои гарми зоҳидон,
Чун никоҳи духтари раз дар шаби одина буд.
Хок шуд фитрат ба пастӣ, лек мижгон барнадошт,
Варна аз мо то ба боми осмон як зина буд.
Тахтаи машқи ҳаводис кард моро оҷизӣ,
Захми дандон бештар вақфи лаби зерина буд.
Дар ҷаҳони бетамизӣ чора аз ташвиш нест,
Мо ба сад ҷо мунқасим кардему дил дар сина буд
Орзуҳо монд маҳви ноз дар базми висол,
Поси номуси таҳайюр мӯҳри ин ганҷина буд.
Ҳар куҷо рафтем, Бедил, дарди мо пинҳон намонд,
Хирқаи дарвеши моро лахте аз дил пина буд.

* * *

Ба гармии нигаҳ аз шуъла тоб мерезад,
Ба нармии сухан аз гавҳар об мерезад.
Тароватн араҳи шармро тамошо кун,
Чу барги гул зи ниқобаш гулоб мерезад.
Сабо ба домани он зулф то занад дасте,
Ғубори шаб зи дили офтоб мерезад.
Сафои хотири мо обьёри чилван ӯст,
Қатони шуста ҳамон моҳтоб мерезад.
Ба оламе, ки кунад ишқ оламорой,
Чаман зи оташу гулхан зи об мерезад.
Зи мавчхези ғано кӯҳу дашт як дарьёст,
Хаёли ташналаби мо сароб мерезад.
Ба завқи роҳат аз афтодагӣ машав ғофил,
Ки лағзиши мижаҳо ранги хоб мерезад.
Бичӯ зи хокнишинон сурори гавҳари роз,
Ки нақди ганч зи чайби хароб мерезад.
Захираи дили равшан намешавад асбоб,
Ки ҳар чӣ оина гирад, дар об мерезад.
Зимоми кор ба таъчил наспурӣ, Бедил,
Ки боли барқ шарор аз шитоб мерезад.

* * *

Хате, ки бар гули рӯи ту об мерезад,
Ба соя оби рухи офтоб мерезад.
Забони накҳати гул аз саволи худ хиҷил аст,
Лабат зи баски ба нармӣ ҷавоб мерезад.
Хаёли теғи нигоҳи ту хуни дилҳо рехт
Ба нашъае, ки зи мино шароб мерезад.
Биё, ки бе туам имшаб зи ҷунбиши мижаҳо
Нигаҳ зи дида чу ашк аз кабоб мерезад.
Даме, ки аз дами теғат сухан равад ба забон,
Ба ҳалқи ташнаи мо ҳасрат об мерезад.
Ба гиръя мункири тардоманони ишқ мабош,
Ки ашки баҳр зи чашми ҳубоб мерезад.
Дар ин муҳит зи бас ҷои хуррамӣ танг аст,
Агар ба хеш биболад, ҳубоб мерезад.
Шиканҷи ҳалқаи доме, ки ҷайби ҳастии туст,
Агар зи хеш барой, рикоб мерезад.
Фалак зи хуни шафақ он чӣ шаб ба шиша кунад,
Сабоҳ дар қадаҳи офтоб мерезад.
Ту, эй ҳубоб, чӣ ёбӣ хабар зи ҳусни муҳит,
Ки чашми шӯхи ту ранги ниқоб мерезад.
Ба ҳар чӣ дида кушудем, гарди вайронист,
Дили кӣ ранги ҷаҳони хароб мерезад?
Бар оташи кӣ ниҳоданд паҳлӯи Бедил,
Ки ҷои ашк шарар з-ин кабоб мерезад?

* * *

Айши мо кам нест, гар ашке ба чашми тар бувад,
Шавқ саршор аст, то ин бода дар соғар бувад.
Накҳати гул дом агар дорад, ҳамин барги гул аст,
Раҳзани парвози муштоқи ту болу пар бувад.
Бо ғубори фақр созад, ҳар кучо равшандилест,
Чеҳраи оинаҳоро ғоза хокистар бувад.
Он қадар рифъат надорад пойи арбоби қол,
Вонзоиро авчи иззат то сари минбар бувад
Рӯшиноси ҳастӣ аз оинаи ашкему бас,
Нестӣ чӯшад зи шабнам, гар на чашми тар бувад.
Раҳ надорад саркаши дар тинати соҳибдилон,
Мезанад мавчи ризо обе, ки дар гавҳар бувад.
Ин замину осмон ҳангомаи шӯр асту бас
Гар бувад осудагӣ, дар олами дигар бувад.
Ошиқон пур бекасанд, аз дарди навмедӣ мапурс,
Бе рухат мушкил, ки моро хок ҳам бар сар бувад.
Дар ҳарими хилвати дил айбчӯро роҳ нест,
Ҳалқаро аз шӯхчашмӣ чо бурунӣ дар бувад.
Ҳастии моро тафовут аз адам чустан хатост,
Соя охир то чӣ миқдор аз замин бартар бувад.
Хидмати дилҳо кун, ин чо куфру дин манзур нест,
Оина аз ҳар кӣ бошад, муфти равшангар бувад.
Ҳар киро, Бедил, ба ганчи нашъаи маънӣ раҳест,
Ҳар раги токе ба чашмаш риштаи гавҳар бувад.

* * *

Ҳадиси шавқ шавад нола тарҷумонашу ларзад,
Чу шишадил, ки кашад теғ аз миёнашу ларзад.
Қиёмат аст бар он булбуле, ки аз адаби гул
Пари шикаста кашад сар зи ошъёнашу ларзад.
Ба ҳар нафас задан аз дил тапиданест парафшон,
Чу нохудо гусилад рабти бодбонашу ларзад.
Ба ваҳшатест дар ин арса барқтозии фурсат,
Ки пайки ваҳм занад даст дар инонашу ларзад.
Ба хун тапидан забти шикастарангии хешам,
Чу муфлисе, ки шавад ганҷи зар аёнашу ларзад.
Агар ба хома диҳам арзи дастгоҳи заифӣ,
Зи нола ришта кашад мағзи устухонашу ларзад.
Зи сӯзи синаи ман ҳар кӣ во кунад сари ҳарфе,
Чу набзи табзада бар худ тапад забонашу ларзад.
Ба афсаре, ки шавад, парфишон ниҳеби хадангаш,
Фалак чу шаст бибусад зеҳи камонашу ларзад.
Хаёли чини ҷабинат ба баҳр агар бистезад,
Ба тан зи мавҷ давад раъша ногаҳонашу ларзад.
Гудохт заҳраи наззора дурбоши ҳаёт,
Чу шабраве, ки кунад бим посбонашу ларзад.
Шикастарангии ошиқ агар расад ба хаёлаш,
Чу шохи гул барад андешаи хазонашу ларзад.
Ғубори ҳастии Бедил зи шарми бекасии худ
Ба хок низ кунад ёди ошъёнашу ларзад.

* * *

Ҷое, ки саъи ҳирс ҷунунофарин давад,
Дар санг нақби реша чу нақши нигин давад.
Тардоманист пояи меъроҷи инфиол,
Ин мавҷ чун баланд шавад, бар ҷабин давад.
Бар ҷодаи адабравишон по шумурда нех,
Лағзиш баҳонаҷуст, мабод аз камин давад.
Эй моили татаббӯи дунон, чӣ зиллат аст?
Дум нест фитратат, ки қафои сурин давад.
Ҳиссат ба маънии ҷуди хасисон муқаддам аст,
Ҳарчанд даст пеш кунанд, остин давад.
Таҳсили дастгоҳи танаъум даноат аст,
Чандон, ки реша мавҷ занад, дар замин давад.
Гарди саводи водии ҳайрат нишонданист,
Ашке, хуш аст, бо ниғаҳи вопасин давад.
Роҳи тавофи маркази таҳқиқ баста нест,
Паргор агар шавӣ, қадами оҳанин давад.
Озори дил махоҳ, к-аз ин чинии латиф
Мӯ гар дамад зи Ҳинд шабехун ба Чин давад.
Шӯхӣ ба чарбу нармии ахлоқ айб нест,
Равған ба рӯи об баҳорофарин давад
Шарм аст дастгоҳи фалактозии нигоҳ,
Дар домани он кӣ по шиканад, инчунин давад.
Бедил, ғанимат аст, ки умри ҷунуниён
По дар рикоби хонабадӯшони зин давад.

* * *

Ҳар чо тапиши шамъ дар ин хона нуҳуфтанд,
Номуси парафшонии парвона нуҳуфтанд.
Ошуфтагие дошт хами турраи Лайлй,
Дар печиши мўи сари девона нуҳуфтанд.
Ҳамворй аз андешаи аздод ба ҳам хўрд,
Чун арра дами теғ ба дандона нуҳуфтанд.
Аз силсилаи хат хабари нуқта мапурсед,
То реша қадам зад, ба ҷунун дона нуҳуфтанд.
Шуд ҳастии бепарда ҳиҷоби адами мо,
Дар ганҷ аён сурати вайрона нуҳуфтанд.
Дар чоки гиребони нафас маънии розест,
Борикии он мў ба ҳамин шона нуҳуфтанд.
Бе сайри хати ҷом муҳол аст тавон ёфт
Он ҷода, ки дар лағзиши мастона нуҳуфтанд.
Номаҳрами дил монд ҷаҳоне, чй тавон кард?
Ҳарчанд ки буд онна дар хона нуҳуфтанд.
Дар пардаи он хоб, ки чашми ҳама пўшид,
Қас нест, бифаҳмад, ки чй афсона нуҳуфтанд.
Қори ҳама бо мубтазали якдигар афтод,
Фарьёд, ки он маънии бегона нуҳуфтанд.
Ҳасрат ба дил аз матлаби ноёб ҷунун кард,
Хамьёза аён гашт, чу паймона нуҳуфтанд.
Бедил, ба тақозои тааййюн чй тавон кард?
Пўшидагие буд, ки дар мо нануҳуфтанд.

* * *

Ғурури қудрат агар бозуи хаме дорад,
Ба мулки бехалали хотами Ҷаме дорад.
Гузаштан аз сари ҷуръат камоли ғайрати мост,
**Нафас табассуми теғи тунукдаме дорад.**
Зи инфиоли маоли тараб мабош эмин,
Ҳазар, ки хандаи ин субҳ шабнаме дорад.
Магар зи олами аздод бигзарӣ, варна
Биҳишт ҳам ба муқобил ҷаҳаннаме дорад.
Гар аз ҳақиқати ин анҷуман хабар гирӣ,
Ҳамин ғам аст, ки тахмири беғаме дорад.
Хато ба гардани мастон наметавон бастан,
Тариқи бехабарӣ лағзиши каме дорад.
Варақ сияҳ накунӣ, сар напечӣ аз таслим,
Баҳуш бош, ки хатти ҷабин номе дорад.
Зи ҷӯши лоларухон пур кунед оғӯшам,
Ба қадри ҳавсала ҳар захм марҳаме дорад.
Насим муждаи васли кӣ медиҳад, к-имрӯз
Чу ғунча тангӣ аз оғуши ман раме дорад
Чӣ рангҳо, ки набастем дар баҳори хаёл,
Табиати пари товус оламе доад.
Мабош ғофил аз иршоди гумраҳӣ, Бедил,
Ҷаҳони ғӯл ба ҳар дашт одаме дорад.

* * *

Чунин к-аз тоби май гулбарги ҳуснат шӯъларанг афтад,
Мусаввир гар кашад нақши ту, оташ дар Фаранг афтад.
Ба дил пое зану бигзар, ки бо ин саргаронихо
Тааммул гар кунӣ, дар хонаи оина санг афтад.
Ҷаҳон шӯри нафас дорад, зи поси дил машав ғофил,
Ки ин оина ҳар гаҳ афтад аз дастат, ба занг афтад.
Ба тадбири сафои синаи золим мабар заҳмат,
Сиёҳӣ нест мумкин, к-аз сари доғи паланг афтад.
Маоли кори тоқатҳо ба аҷз овардан аст ин ҷо,
Чӣ ҷавлон мунфаил гардад, ба бӯси пойланг афтад.
Агар мардӣ, зи тарки кина сайди растагорӣ кун,
Ба қайди зеҳ намемонад, камон чун беҳаданг афтад.
Таҷаддуд парфишону ғарраи умри абад будан,
Ниёзи Хизр кун роҳе, ки дар саҳрои банг афтад.
Зи хоро кир мечӯшонад андӯҳи гаронҷонӣ,
Араҷ меорад он боре, ки бар дӯши даранг афтад.
Қаноат соҳили амн аст, афсуни тамаъ машнав,
Мабодо киштии дарвеш бар коми наҳанг афтад.
Нафас пар мезанад чун субҳ, дасте дар гиребон зан,
Ки фурсат домане дигар надорад, то ба чанг афтад.
Қабули нозанинон тӯҳфаи шӯхӣ намехоҳад,
Илоҳӣ чун ҳино хуне, ки дорам, нимранг афтад.
Зи ифроти ҳавас, тарсам, бизоат гум кунӣ, Бедил
Табассум вақфи лаб кун, гӯ, маоши ханда танг афтад.

* * *

Золим чӣ хаёл аст, муаддаб бадар ояд.
Он нест качӣ, к-аз дами акраб бадар ояд.
Май чорагари кулфати зӯҳҳод нагардид.
Тӯфон магар аз ӯҳдаи мазҳаб бадар ояд.
Ором замонест, ки дар илми яқинат
Таъсир зи ҷамъияти кавкаб бадар ояд.
Ҷуз сӯхтан афсурдадилон хеҷ надоранд.
Раҳм аст ба хиште, ки зи қолаб бадар ояд.
Бо бахти сияҳ чораи хобам чӣ хаёл аст?
Бедор шавад соя, гар аз шаб бадар ояд.
З-ин марҳала хобида бадар зан, ки мабодо
Овози савор аз суми маркаб бадар ояд.
Чун моҳи нав аз шарми заминбӯси ту доғам,
Ҳарчанд ки пешониям аз лаб бадар ояд.
Хатте зи сияҳкории ман сабти ҷабин аст,
Тарсам, ки занад ҷӯшу мураккаб бадар ояд.
Он ҷо ки ғубори асар аз хӯи ту гиранд,
Оташтариящ чун арақ аз таб бадар ояд.
Гар партави ҳусни ту ба ин барқ шукӯҳ аст,
Хуршед ҳам аз хона магар шаб бадар ояд.
Дар хилвати дил сӯҳбати авҳом вабол аст,
Безорам аз он ҳалқа, ки ё раб бадар ояд.
Бедил, чӣ қадар ташнаи ихфост маонӣ,
Дар гӯш хазад, ҳар қадар аз лаб бадар ояд.

* * *

Дилдор гузашту нафаси бозпасин монд,
Аз рафтани ӯ он чӣ зи мо монд, ҳамин монд.
Чун шамъ, ки хокистараш оинаи доғ аст,
Ман сӯхтаму чашми сиёҳе ба камин монд.
Дигар чӣ нисори ту кунад мушти ғуборам,
Як саҷда ҷабин доштам, он ҳам ба замин монд.
Гар ҳуш бувад, ибрати шӯҳратталабиҳост
Хамьёзаи хушке, ки зи шоҳон ба нигин монд.
Гарди нафаси туст парафшони таваҳҳум
З-ин анҷумани шавқ на он рафту на ин монд.
Аз нақши ту дорад халал оинаи таҳқиқ,
Ҳар ҷо асари ваҳму гумон рафт, яқин монд.
Ҳарчанд ғуборам ҳама бар боди фано рафт,
Уммед ба куи ту ҳамон хокнишин монд.
Бебаргиям аз кулфати асбоб баровард,
Кӯтоҳии домони ман аз ғорати чин монд.
Хокистари ман назри насими сари кӯест,
Ин гард муҳол аст, тавонад ба замин монд.
То мунтахабе вокашам аз нусхаи ҳастӣ,
Чун моҳи навам як хами абрӯ зи ҷабин монд.
Дунболаи минои зи кафрафта тарангест,
Дил рафту ба гӯшам асари оҳи ҳазин монд.
Бедил, ба раҳаш доғи замингирии ашкам,
Сар дар раҳи ҷонон натавон хуштар аз ин монд

* * *

То дами теғат ба арзи ҷилва урьён мешавад,
Хуни захми ман чу ранг аз гул намоён мешавад.
Гар чаман, з-ин ранг меболад ба ёди мақдамат,
Шохи гул маҳмилкаши парвози мурғон мешавад.
То нишонад бар лаби теғи ту нақши ҷавҳаре,
Дар даҳони захми ошиқ бахья дандон мешавад.
Тарки худдорист мушкил, варна мушти хоки мо
Тарфи домоне гар афшонад, биёбон мешавад.
Ҳар кӣ рафт аз дида, доғе бар дили мо тоза кард,
Дар замини нарм нақши по намоён мешавад.
Кина мейбад ривоҷ аз сардмеҳриҳои даҳр,
Обрӯи оташ афзун аз зимистон мешавад.
Кулфати асбоб ранҷи табъи ҳирсандуд нест,
Хору хас дар дидаи гирдоб мижгон мешавад.
Софии дилро зиёратгоҳи ибрат кардаанд,
Ҳар кӣ мирад, хонаи оина вайрон мешавад.
Ҳокими маъзулро аз бекорӣ чора нест,
Зулф дар даври ҳуҷуми хат магасрон мешавад.
Ашк даркор аст, агар мо ранги афғон бохтем,
Ҳар чӣ дил гум мекунад, бар дида товон мешавад.
Шӯълаи мо ҳар қадар хокистар иншо мекунад,
Ҷомаи урьёнии моро гиребон мешавад.
Дастгоҳи ҳастӣ аз вазъи саҳар мумтоз нест,
Гарде аз худ мефишонад, ҳар кӣ домон мешавад.
Коҳишам чун шамъ муфти дастгоҳи ҳайрат аст,
Нест бе суди тамошо, он чӣ нуқсон мешавад.
То тавонӣ, Бедил, аз машқи фано ғофил мабош,
Мушкили ҳар орзу з-ин шева осон мешавад.

* * *

Ҷамоате, ки назарбози он бару дӯшанд,
Ба ҷунбиши мижа арзи ҳазор оғӯшанд.
Зи ҳусни маънии девонагон машав ғофил,
Ки ин кабудтанон нили он баноғӯшанд.
Ба сад забони сухансоз хайли мижгонҳо
Ба даври чашми ту чун мили сурма хомӯшанд.
Зи оразу хати хубон ҷуз ин нашуд равшан,
Ки шӯълаҳо ҳама бо дуди дил ҳамоғӯшанд.
Муқайядони хаёлат чу субҳ аз ин гулшан
Ба ҳар тараф, ки гузаштанд, дом бар дӯшанд.
Дар ин муҳит чу гирдоб бехудони ғурур
Зи гардиши сари бемағзи худ қадаҳнӯшанд.
Зи ибрати дами пирӣ кирост баҳра, ки халқ
Чу ҷоми бодаи маҳтоб пунбадаргӯшанд.
Фиреби улфати имкон махӯр, ки маҷлисиён,
Чу шамъ то мижа бар ҳам ниҳӣ, фаромӯшанд.
Чӣ мумкин аст, ҳиҷоби фано шавад ҳастӣ,
Ки нақшҳои ҳаво чун саҳар нафаспӯшанд.
Зи гул ҳақиқати ҳусни баҳор пурсидам,
Ба ханда гуфт, ки ин ранҷҳо бурунҷӯшанд.
Касе ба фаҳми ҳақиқат намерасад, Бедил,
Ҷаҳониён ҳама як норасони ҳушанд.

* * *

Боди саҳрон ҷунун ҳар гаҳ гулафшон мешавад,
Ҷайбам аз худ меравад, чандон ки домон мешавад.
Пардаи номуси дардам, аз ҳиҷобам чора нест,
Гар гиребон чок созам, нола урьён мешавад.
Ғунчаи дил беҳ, ки аз фикри шукуфтан бигзарад.
К-ин гиреҳ аз бозгаштан чашми ҳайрон мешавад.
Нестӣ оинаи иқболи аҷзи мо бас аст,
Хокро авҷи ҳаво тахти Сулаймон мешавад.
Маънии дилро ҳиҷобе нест ҷуз тӯли амал,
Реша чун дар ҷилва ояд, дона пинҳон мешавад.
Дар кушоди уқдаи дил ҳеҷ кас беҷаҳд нест,
Мавҷи гавҳар нохунаш чун суд, дандон мешавад.
Монд улфатҳо ба як сӯ, то дари ваҳшат задем,
Чини доман оламеро токи нисьён мешавад.
Зиндагониро нафас сарриштаи ором нест,
Мавҷ дарьёро раги хоби парешон мешавад.
Офият дур аст аз нақши биноӣ маҳрамӣ,
Хун бувад ранге, к-аз ӯ тасвири инсон мешавад.
Эй фузули ваҳми уқбо, Одам аз ҷаннат чӣ дид?
Ибрат аст он ҷо, ки соҳибхона меҳмон мешавад.
Ғунчавор аз барги айши ин чаман бебаҳраем,
Домани мо пургул аз чоки гиребон мешавад.
Нолаҳо дар пардаи дуди ҷигар печидаем,
Сатри ин мактуб то хонда наистон мешавад.
Мастии ҷоми машрабам, Бедил, ки аз мавҷи майш
Ҷодаҳои дашти якрангӣ намоён мешавад.

* * *

Мубассирони ҳақиқат, ки сар ба сар ҳушанд,
Ба ранги чашмаи оина фориғ аз ҷӯшанд.
Наянд чун садаф аз шӯри ин муҳит огоҳ
Зи мағз хушк касоне, ки пунбадаргӯшанд.
Маро муоина шуд, з-ихтилоти қумриву сарв,
Ки хоксориву озодагӣ ҳамоғӯшанд.
Мулоимат нашавад ҷамъ бо дуруштии табъ,
Ки аксу оина бо якдигар намеҷӯшанд.
Илоҷи ҳайрати мо кун, ки рангбохтагон
Шикасти хотири оинахонаи ҳушанд.
Забони бехудии ранг кист дарьёбад?
Шикастагон ҳама тан нолаҳои хомӯшанд.
Ба субҳи айш мабош эмин аз сияҳрӯзӣ,
Мудом сояву маҳтоб дӯш бар дӯшанд.
Зи шӯхчашмии хешанд ғофилон маҳҷуб,
Бараҳнааст ду олам, агар назар пӯшанд.
Ту ҳар шикаст, ки хоҳӣ, ҳаволаи мо кун,
Ҳубобу мавҷ саропо ҳамидани дӯшанд.
Куҷо расем ба ёди хироми ӯ, Бедил,
Ки оҷизон ҳама чун нақши по фаромӯшанд.

* * *

Доғ будам, ки чӣ хоҳам ба ғамат иншо кард,
Нуқтаи ашк равон гашту хате пайдо кард.
Нақши найранги ҷаҳон дар назарам ранг набаст,
Дари тимсол задам, оина истиғно кард.
Саъи мағрур зи аҷзам дари огоҳӣ зад,
Хоби по доштам, аз обила мижгон во кард.
Фитрати сустпай аз пайравии ваҳми амал
Лағзише хӯрд, ки имрӯзи маро фардо кард.
Мешуморам қадаму бар сари дил меларзам,
Пои пуробилаам коргаҳи мино кард.
Дил бипардозу тараб кун, ки дар ин тангфазо
Хонаи оинаро ҷаҳди сафо саҳро кард.
Гарди парвоз дар андеша паре меафшонд,
Хок гаштан сари савдоии мо боло кард.
Ҳуси хар сӯ нигарад, саъи назар худбинист,
Он чи мехост ба оина кунад, бо мо кард.
Килки наққоши азал ҳусни яқин мепардохт,
Нақши мо диду ба сӯи ту ишоратҳо кард.
Ишқ з-оронши номӯси ҳақиқат нагузашт,
Кафи моро намади оинаи дарьё кард.
Ҳеҷ кас мумтаҳани вазъи баду нек мабод,
Нусхаи ҳайрати мо табъи фузул аҷзо кард.
Бедил, аз қофилаи «кун фаякун» натвон ёфт,
Бори ҷинсе, ки тавон заҳмати пушти по кард.

* * *

Мужда, эй завқи висол, оина бе зангор шуд.
Об гардид интизору олами дидор шуд.
Соявор аз саҷда ғай кардам бисоти эътибор,
Кӯҳу дашт аз судани пешониям ҳамвор шуд.
Ғайри бемағзӣ ҳусули эътибори пӯч чист?
Ғунча сар бар бод доду соҳиби дастор шуд.
Ҳуси дархурди тағофул дошт сомони ғурур,
Баски чин андӯхт абрӯ теғи ҷавҳардор шуд.
Оламеро улфати ранг аз таназзӯҳ боздошт,
Дастҳо ин ҷо ба афсуни ҳино бекор шуд.
Дар ғубори ваҳму зан(и) ҷамъияти дил бохтам,
Хона аз сомони асбоби ҳавас бозор шуд.
Нанги хиссат тавъами бедастгоҳӣ будааст,
Рафт то нохун, кушоди панҷа ҳам душвор шуд.
Аз вуҷуд огаҳ шудем, аммо ба имон адам,
Чашмакӣ зад накши по, то чашми мо бедор шуд.
Ранҷи ҳастӣ ин қадар аз улфати дил мекашам,
Ноларо дар най гираҳ пеш омаду зуннор шуд.
Хиҷлати ғафлат қавитар кард бо мо рафъи ваҳм,
Соя то бархост аз пеши назар, девор шуд.
Маҳви ӯ бояд шудан, то вораҳем аз нанги табъ,
Хор аз ҳамрангии оташ гули бехор шуд.
Бедил, афсуни ҳавас моро зи мо бегона кард,
Баски марказ бар хаёли пуч зад, паргор шуд.

* * *

Шавқи ту ба муште парам оташ заду сар дод,
Парвози ман оннаи имкон ба шарар дод.
Аз як мижа чашме, ки ба он ҷилва кушудам,
Бар ҳар буни мӯ ҳайратам оғӯши дигар дод.
Сад чок зад оина зи ҷавҳар ба гиребон,
Изҳори камол ин қадарам доди ҳунар дод.
Мо, бехаборон, ранги асарбохта будем,
Аз рафтани дил гарди хироми кӣ хабар дод?
Шаб мисрае аз хотири ман гашт фаромӯш,
Ҳасрат чӣ қадар ёдам аз он мӯйкамар дод.
Забти нафасам қобили дидор баровард,
Он реша, ки дил кошта буд, оина бар дод.
З-он субҳи баногӯш ҷунун кард насиме,
Ҳар мавҷ аз ин баҳр гиребон ба гуҳар дод.
Як зарра надидам, ки ба товус намонад,
Найранги хаёлат ба ҳазор оина пар дод.
**Аз бас арақолуди тамашнои ту мурдам,**
Чун абр ғуборам ба ҳаво чабҳаи тар дод.
Умре зи таҳайюр задам оина ба сайқал,
То диққати фикрам мижа хобонду назар дод.
Бедил, чаманистони вафо доғи тараб буд,
Рангам ба шикасте заду парвози саҳар дод.

* * *

Шавқи дидоре, ки аз дил боли ҳасрат мекашад,
То ба мижгон мерасад, оғӯши ҳайрат мекашад.
Бе рухат тамҳиди хобам хиҷлати ором нест,
Лағзиши мижгони ман хат бар фароғат мекашад.
Аз араклаймони шабнам пур аст оғӯши субҳ,
Ҳиммати маҳмурам аз хамъёза хиҷлат мекашад.
Ҳар куҷо гул мекунад нақши занфиҳои ман,
Хомаи наққош мӯи чашми санъат мекашад.
Эй ниҳоли гулшани ибрат, ба раъной маноз,
Шамъ пастӣ мекашад, чандон ки қомат мекашад.
Ғафлати нашъунамоят сарфаи ҷамъият аст,
Тухми ин мазраъ ба ҷои реша офат мекашад.
Зӯри бозуе, ки дорӣ инфиоле беш нест,
Нотавонӣ интиқом охир зи тоқат мекашад.
Бигзар аз ҳирси риёсатҳо, к-аз афсуни ҳавас
Гар ҳама қозӣ шавӣ, корат ба ришват мекашад.
Бандагӣ, шоҳӣ, гадой, муфлисӣ,
гарданкашӣ
Хоки ибратхези мо сад ранг тухмат мекашад.
Чархро аз сифлапарвар хондани кас нанг нест,
Тӯхмати камҳимматиҳо низ ҳиммат мекашад.
Пир гардидӣ, зи таклифи таaллуқҳо баро,
Дӯшӣ хам аз ҳар чӣ бардорӣ,
надомат мекашад.
Кӯҳ хам дорад ба кадри нола домаи чидане,
Маҳмили тамкини ҳар буньёд хиффат мекашад.
Бехабар аз офати иқбол натвон зистан,
Оламеро дор аз чоҳи мазаллат мекашад.

Эй шарар, то чанд хоҳӣ ғофил аз худ тохтан?
Гардиши чашм аст майдоне, ки фурсат мекашад.
Навҳа бар тадбир кун, Бедил, ки дар саҳрои ишқ
По ба дафъи хор з-оташ бори миннат мекашад.

* * *

Ҳар куҷо шамъи тамошои ту равшан мешавад,
Аз замин то осмон оина хирман мешавад.
Мо, заифон, лағзише дорем, агар рафтор нест,
Сояро аз по фитодан, пои рафтан мешавад.
Мавҷи гавҳар бо ҳама шӯхӣ надорад изтироб,
Саъй чун бемақсад афтад, орамидан мешавад.
Баски ғафлат дар камини инқилоби огаҳист,
То касе чашме кунад бедор, хуфтан мешавад.
Гар чунин афсурдани дил уқдаҳо орад ба бор,
Донаи мо реша гул нокарда хирман мешавад.
Фитнае дорад ҷаҳони мову ман, к-аз офаташ
Зиндагонӣ оқибат муштоқи мурдан мешавад.
Табъи золим аз риёзат айбпӯши оламест,
Оҳани қотил чу лоғар гашт, сӯзан мешавад.
Аз фурӯғи ҷавҳари беэътибориҳо мапурс,
Шамъи мо дар хонаи хуршед равшан мешавад.
Офати барқи фаноро чора натвон ёфтан,
Ин гулистон ҳар чӣ дорад, вақфи гулхан мешавад.
Санъати хунрезии тағаш тамошо карданист,
Бисмили мо мефишонад болу гулшан мешавад.
Фазл мухтор аст, аммо аҷз пур бедаступост,
Ман нахоҳам ӯ шудан, ҳарчанд ӯ ман мешавад.
Пириву ашки надомат ҳамчу субҳу шабнам аст,
Бедил, охир ҳосил аз ҳар шир равған мешавад.

* * *

Қумоши ранг зи бас беҳиҷоб мебофанд,
Ба рӯи гул зи даридан ниқоб мебофанд.
Мабош мункири асрори синачокии мо,
Ба коргоҳи саҳар офтоб мебофанд.
Зи захми теғи ҳаводис тавон шудан эмин
**Ба ҷавшане, ки зи навъи шароб мебофанд.**
Ба як нафас сари бемағз мехӯрад бар санг,
Чудо зи пашм кулоҳи ҳубоб мебофанд.
Дар ин чаман, ки ҳаво доғи шабнаморонист,
Тасаллие ба ҳазор изтироб мебофанд.
Ту хоҳ марг шумар, хоҳ зиндагӣ андеш,
Ҳамин ба табъи катон моҳтоб мебофанд.
Кирост тоби расои баҳои фурсати умр,
Гусастааст нафас, то ҷавоб мебофанд.
Тавон шинохт зи борикресии анфос,
Ки дар каламрави ҳастӣ чӣ боб мебофанд.
Кабоб шуд адами мо зи тӯҳмати ҳастӣ,
Бар оташе, ки надорем, об мебофанд.
Зи гуфтугӯ ба ғубори назар матан, Бедил,
Ки баҳри чашм зи афсона хоб мебофанд.

* * *

Табъи хомӯшон ба нури шамъ равшан мешавад,
Дар чароғи ҳусни гавҳар об равған мешавад.
Пои озодон ба занҷири алоиқ банд нест,
Номро нақши нигинҳо чини доман мешавад.
Гар чунин дорад нигоҳи бетамизон инфиол
Рафта-рафта ҳусн ҳам оинадушман мешавад.
Қаҳри якрангон далели инқилоби олам аст,
Аз фасоди хун халал дар кишвари тан мешавад.
Шарми ин дарьё забони мавҷи мо кӯтоҳ кард,
Боли парвоз аз тарӣ вақфи тапидан мешавад.
Ҷомаи фатҳе чу гарди аҷз натвон ёфтан,
Пайкари мавҷ аз шикасти хеш ҷавшан мешавад.
Бо ҳама осӯдагӣ дилҳо амаловораанд,
Шӯхии мавҷ ин гуҳарҳоро фалохан мешавад.
Дар бисоти ҷилваномӯси тапишҳои дилам
Ҳайрати оина бори хотири ман мешавад.
Гавҳар аз гарди ятимӣ дар ҳисори обрӯст,
Фақр дар ғурбат чароғи зери доман мешавад.
Гар чунин печад ба гардун дуди дилҳои кабоб,
Хонаи хуршед ҳам мӯҳтоҷи равзан мешавад.
Ҷилваи ҳастӣ зи бас камфурсатӣ афсона аст,
Чашм то банданд, диданҳо шунидан мешавад.
Бедил, аз таҳсили дуньё нест ҳосил ҷуз ғурур,
Донаро нашъу намо рагҳои гардан мешавад.

* * *

Ҳоли дил аз дурии дилбар намедонам, чӣ шуд?
Рехт ашке бар замин, дигар намедонам, чӣ шуд?
Аз шикасти дил на танҳо обу ранги айш рехт,
Нолае ҳам дошт ин соғар, намедонам, чӣ шуд?
Яъси ҳастӣ бурд аз сад нестӣ онсӯтарам,
Сӯхтам чандон, ки хокистар намедонам, чӣ шуд?
Сафҳаи оина ҳайратҷавҳари ин ибрат аст,
К-эй ҳарифон, нақши Искандар намедонам, чӣ шуд?
Гардиши рангеву чашмакҳои ашке доштам,
Ин замон ин чарху он ахтар намедонам, чӣ шуд?
Ҷони покам, фориғ аз тимори ҷисмам кардаанд,
Исие бар чарх бурдам, хар намедонам, чӣ шуд?
Дар раҳат аз ҳиммати афсартарози обила
Пои ман сар шуд, аз ин афсар намедонам, чӣ шуд?
Аз дамидан донаи ман кучагарди бекасист,
Мушти хоке доштам бар сар, намедонам, чӣ шуд?
Бедимоғи ваҳшатам, аз сози ороман мапурс,
Паҳлӯе гардондаам, бистар намедонам, чӣ шуд?
Арзи меъроҷи ҳақиқат аз мани Бедил махоҳ
Қатра дарьё гашт, пайғамбар намедонам, чӣ шуд?

* * *

На фахр медамад ин чо, на нанг меборад,
Бар ин нишон, ки ту дорӣ, ҳаданг меборад.
Фиреби абри карам хӯрдай, аз ин ғофил,
Ки қатра-қатра ҳамон чашми танг меборад.
Дигар чӣ чора ба ҷуз хомушӣ, ки ҳамчу ҳубоб
Бар обгинаи мо оҳи санг меборад.
Видои фурсати барқу шарори хирман кун,
Ба мазрае, ки шитоб аз даранг меборад.
Баҳори ин чаман азбаски ваҳшатандуд аст,
Зи доғи лола ҷунуни паланг меборад.
Ба пурсиши дили чоки кӣ судаи нохун,
Ки ранги хуни баҳорат зи чанг меборад?
Ба ҳайратам, ки нигоҳ аз чӣ гулшан об диҳам,
Зи хору гул ҳама ҳусни фаранг меборад.
Дили шикаста хумистони ёди наргиси кист,
Ки ашкам аз мижа соғарбачанг меборад.
Махӯр фиреби мурувват зи чархи минорант,
Ки ҷои бода аз ин шиша санг меборад.
Зи обьёрии кишти ҳасад табарро кун,
Ки хуни офият аз сози чанг меборад.
Хатост тӯҳмати ҷуръат ба аҷзи мо бастан,
Ҳазор обила бар пои ланг меборад.
Маҳоҳ ғайри такаллуф зи ағниё, Бедил,
Ки абри мазраи ин қавм банг меборад.

* * *

Ҳар киро ачзон мавҳуми нафас дафтар бувад,
Гар ҳама чун субҳ бар чархаш барад, абтар бувад.
Ишрати ҳар кас ба қадри дастгоҳи вазъи ӯст,
Гулханиро дуд райҳон асту гул ахгар бувад.
Ҳар кӣ ҳаст, аз ҳамдами ночинс изо мекашад,
Раг зи дасти хуни фосид дар дами наштар бувад.
Бо адаб сар кун ба хубон, варна дар бетоқатӣ
Боли парвона гулӯи шамъро ханчар бувад.
То тавонӣ, аз ғубори бекасӣ сар барматоб,
Гавҳар аз гарди ятимӣ соҳиби афсар бувад.
Мояи навмедие дар кор дорад саъи оҳ,
Бе шикастан нест мумкин тири моро пар бувад.
Ҳамчу Маҷнун ҳар киро аз доғи савдо афсарест,
Гирдбодаш хаймаву реги равон лашкар бувад.
Эй ҷунун, бархез, то минои гардун бишканем,
Толеи баргашта то кай гардиши соғар бувад?
Бе фано мижгони роҳат гарм натвон ёфтан,
Шамъро хоби фароғат дар раҳи сарсар бувад.
То суроғе вокашем аз ваҳшати мавҳуми халқ,
Оташи ин корвонҳо кеи хокистар бувад.
Инҳирофи таври халқ аз иллати бечодагист,
Қач наёбӣ сатри мо, Бедил агар мистар бувад.

* * *

Ид аст, ғубори сари роҳи ту тавон шуд,
Қурбонии қурбони нигоҳи ту тавон шуд.
Уммед шаҳиди дами шамшери ғурурест,
Бисмил зи ҳами тарфи кулоҳи ту тавон шуд.
Бояд ҳама тан дил шуду ошуфту чунун кард,
То марҳами гесуи сиёҳи ту тавон шуд.
Таслим зи офоти ҷаҳон бок надорад,
Дар ҷайби худам маҳви паноҳи ту тавон шуд.
Эй хок, хиромат гули фирдавс ба доман,
Ку бахт, ки помоли гиёҳи ту тавон шуд?
Саҳл аст шафоатгарии ҷурми ду олам,
Гар қобили як зарра гуноҳи ту тавон шуд.
Бедил, дили мо тоқати офот надорад,
То кай ҳадафи навоки оҳи ту тавон шуд?

* * *

Димоғи нашъаи фақр орзуи ҷоҳ надорад,
Сари бараҳнаи мо дарде аз кулоҳ надорад.
Қасам ба ҷавҳари берабтии ниёзу таайюн,
Ки ҳар киро чигаре додаанд, оҳ надорад.
Зи боддастии он зулфи тобдор кабобам,
Ки гар ҳама дилаш афтад ба каф, нигоҳ надорад.
Ҳақиқати ту маҷоз аст, дил ба ваҳм мафарсо,
Ки ғайри шиша пари ҳеҷ дастгоҳ надорад.
Чу чашм аз мижа ғофил машав, ки ҳеҷ кас ин ҷо
Ба ғайри сояи девори худ паноҳ надорад.
Нафас ба ҷодатирозӣ агар фузул наяфтад,
Саросари ду ҷаҳон манзил аст, роҳ надорад.
Мабош бехабар аз барқи беамони дамидан,
Ки дона дар даҳан ин ҷо ба ғайри коҳ надорад.
Агар зи маҳкамаи адл додхоҳи наҷотӣ,
Ду лаб ба мӯҳр расон, даъвият гувоҳ надорад.
Бисоти ҳашр, ки хуршеди фазл медамад он ҷо,
Ту соя гар набарӣ, номаи сиёҳ надорад.
Тараҳҳум аст бар аҳволи халқ яъси бизоат,
Ки дархури карамаш ҳеҷ кас гуноҳ надорад.
Зи дастгоҳи таллуқ маҷу ҳисоби таҷаррд,
Баландии мижа болидани нигоҳ надорад.
Ба ғайри доғ кӣ пӯшад ҷу шамъ Бедили моро,
Ки пой то ба сараш ғайри як кулоҳ надорад.

* * *

Эҳтиёҷам хиҷлат аз аҳбоб бурд,
Сӯхт дил, то рахт дар маҳтоб бурд.
Умр рафту оҳе аз дил гул накард,
Сози ман оби рухи мизроб бурд.
Оҳ, айши гӯшаи фақрам намонд,
Сояи девор рафту хоб бурд.
Оина охир ба сайқал гашт гум,
Баски рафтам, хонаро селоб бурд.
Доштам таҳрири хиҷлатномае,
То кунам таклиф, қосид об бурд.
Беғараз халқе аз ин ҳирмонсаро
Рафту доғи матлаби ноёб бурд.
Ғунчаҳо шарм аз шукуфтан бохтанд,
Ханда охир з-ин чаман одоб бурд.
Қомати хам аҷз мехоҳад зи мо,
Саҷда бояд пеши ин меҳроб бурд.
Маҳрами сайри гиребон кас мабод,
Завраки моро ки дар гирдоб бурд?
Бар чӣ нолам, Бедил, аз бедоди чарх,
Хоби ман овози ин дулоб бурд.



* * *

Чун шамъ ҳеч кас ба зиенам намекашад,
Дар хоку хун ба ғайри забонам намекашад.
Дорад ба арсагоҳи ҳавас ҳарзатози ҳирс
Дасти шикастае, ки инонам намекашад.
Сайри шикастарангии ман кам зи сурма нест,
Ибрат чаро ба чашми бутонам намекашад.
Тасвири худфурушии лабҳои хомушам,
Чуз тахта ҳеч ҷинси дуконам намекашад.
Ногуфта беҳ ҳадиси ҷафои парирухон,
Ин шиква то ба мӯҳри даҳонам намекашад.
Шамшери барқҷавҳари оҳам, вале чӣ суд?
Аз худ гузаштане ба фасонам намекашад.
Шӯҳратнавост сози замингириям чу шамъ,
Ҳарчанд хори по ба синонам намекашад.
Мушти хаси ситамкаши яъсам, ки мавҷ ҳам
Аз нанги нокасӣ ба каронам намекашад.
Дар пардаи таранги парҳез нағмаест,
Дил чуз ба кӯи шишагаронам намекашад.
Чун теша пайкари ҳами ман тоқатозмост,
Мӯфти мусаввире, ки камонам намекашад.
Рахти шарори ҷаста надонам, куҷо барам,
Дӯши умед бори гаронам намекашад.
Бедил, зи нанги тинати бекор сӯхтам,
Афсус дасти ман зи ҳино нам намекашад.

* * *

Баски бе рӯят баҳорам кулфат иншо мекунад,
Чун ҳино ранг аз гаронӣ соя пайдо мекунад.
Гар на боди субҳ чини турраат во мекунад,
Нусхаи ҷамъияти моро кӣ аҷзо мекунад?
Узв-узвам баски меболад ба савдои ҷунун,
Вусъати домони доғ эҷоди саҳро мекунад.
Ҳиммат аз тадбири беҷо то куҷо хиҷлат кашад?
Эй ҷунун, раҳме, ки моро хуш расво мекунад.
Нусхаи ҳастӣ зи бас диккатсавод афтодааст,
Чашм бар ҳам баста ҳалли ин муаммо мекунад.
Ҷинси дарди бекасӣ кам нест дар бозори мо,
Гар шунидан моя дорад, нола савдо мекунад.
Ҷилва аз шӯхӣ никоби ҳайрате афкандааст,
Ранги саҳбо дар назарҳо кори мино мекунад.
Дидаи моро хумори шӯхии рафтори ӯ
Оқибат хамъёзаи нақши кафи по мекунад.
Чун шавад беҳосилӣ маълум, матлаб ҳосил аст,
Ҳоҷати моро раво навмедии мо мекунад.
Гар чунин болад ҳавои парфишониҳои шавк,
Оҳи моро решаи тухми сурайё мекунад.
Дар шикасти орзу таъмири озодӣ гум аст,
Бол чун бар ҳам хӯрад, парвоз пайдо мекунад.
Санг бар тадбир зан, кори кас ин ҷо баста нест,
Як шикастан сад калид аз
Раҳбари мақсуд, Бедил, ваҳшат аз хеш асту бас,
Сел чун мутлақинон шуд, сайри дарьё мекунад.

* * *

Забон ба коми хомўшӣ кашад оаёнашу ларзад,
Нигаҳ зи дур ба ҳайрат диҳад нишонашу ларзад.
Нигаҳ назора кунад аз ҳаё нишонашу ларзад,
Забон сухан кунад аз тангии даҳонашу ларзад.
Чӣ шавкат аст адабгоҳи ҳуснро, ки табассум
Бибусад аз лаби мавчи гуҳар даҳонашу ларзад.
Қалам чӣ гуна диҳад арзи дастгоҳи таваҳҳум,
Ки фикр му шавад аз ҳайрати миенашу ларзад.
Даме, ки орзуи дил ба арзи шавқи ту кўшад,
Гиреҳ чу шамъ шавад нола бар забонашу ларзад.
Хаёл то кунад оҳанги сачдаи сари роҳат,
Барад тасаввур аз он сўи осмонашу ларзад.
Назар ба тинати бетоби ошиқ ин ҳама саҳл аст,
Ки ҳамчу мавч шавад об устухонашу ларзад.
Ачаб мадор зи найранги ихтирои муруввват,
Ки ҳамчу оҳ зи дил бигзарад синонашу ларзад.
Ба маҳфили ту, ки изҳори мудаост таҳайюр,
Нафас дар оина пинҳон кунад фиғонашу ларзад.
Ба васл ваҳшатам аз дил намеравад, чӣ тавон кард?
Ки сустмашқ расад тир барнишонашу ларзад.
Ба офият наям эмин зи офате, ки кашидам,
Чу он ғариқ, ки оранд бар канорашу ларзад.
Зи баски шарми сучудаш гудохт пайкари Бедил,
Чу акси об ниҳад сар бар остонашу ларзад.

* * *

Оқибат дар ҳалқаи он зулф дил ҷо мекунад,
Акс дар оина роҳи шӯхие во мекунад.
Ғамзаи ваҳшимизоҷат дар дили маҷруҳи ман
Захми нохӯнро хаёли мавҷи дарьё мекунад.
Сатри оҳе то намоён шуд, дил аз ҷо рафтааст,
Хомаи улфат, намедонам, чӣ иншо мекунад?
Гаҳ тағофул метарошад, гоҳ найранги нигоҳ,
Ҷилваро оинаи мо сахт расво мекунад.
Дар зиёни хеш кӯш, эй он кӣ хоҳи нафъи халқ,
Мӯмиёӣ ҳам шикасти худ таманно мекунад.
Домани ҳастӣ ба осони намеояд ба каф,
Бода хунҳо мехӯрад, то нашъа пайдо мекунад.
Ғунча мегӯяд, ки эй дар банди кулфат мондагон,
Уқдаи дилро ҳамин ошуфтагӣ во мекунад.
Нест мавҷуде, ки набвад ғарқаи гирдоби ваҳм,
Баҳр ҳам умрест дасти мавҷ боло мекунад.
Ҳастии беҳосили мо баски муштоқи фаност,
Ҳар кӣ гардад хоки раҳ, андешаи мо мекунад.
Хоксорон то куҷо доранд поси обрӯ,
Сояро аз оҷизӣ ҳар кас таҳи по мекунад.
Ошьёни улфати дил чун нафас дар роҳи мост,
Варна моро ин қадар парвоз Анқо мекунад.
Дар биёбони талаб, Бедил, тааммул раҳзан аст,
Кори имрӯзи туро андеша фардо мекунад.

* * *

Дар ғамат охир ба ҷое кори бедодам расид,
К-аз тапидан сурма шуд, ҳар кас ба фарьёдам расид.
Синаро аз тиру дилро нест аз захми синон
Бе қадат он офате, к-аз сарву шамшодам расид.
Домгоҳи шавқ чун ман сайди маҳруме надошь,
Нолаворе ҳам намонд аз ман, ки саёдам расид.
Ишқ заъфе дошь, то шуд бо мизоҷам ошно,
Сел шабнам буд, то дар меҳнатободам расид.
Чун шарар доғи фано натвон зидуд аз тинатам,
Чашмзахме буд маъдумӣ, к-аз эҷодам расид.
Мактаби офоқ азбас дарсгоҳи ибрат аст,
Гӯшмоле буд ҳар ҳарфе, к-аз устодам расид.
**Ҳасрате дар пардаи навмедии дил доштам,**
Сӯхтанҳо чун сипанд охир ба фарьёдам расид.
Ер дорад пурсиши аҳволи дурафтодагон,
Ку фаромӯшӣ, ки гӯям, навбати ёдам расид.
Санг ҳам гар вошикофӣ, ёр моеяд бурун,
Ин садо аз Бесутуну саъи Фарҳодам расид.
Қосиди шавқ аз камини норасой эмин аст,
Нолае дорам, ки дар ҳар ҷо фиристодам, расид.
Шӯълаи афсурда, Бедил, шаҳпари хокистар аст,
Дар ҳавояш ҳар кӣ рафт аз худ, ба имдодам расид.

* * *

Зи ҳастӣ қатъ кун, гар майли роҳат дар намуд омад,
Чу ҳайрат софи мо дурд аст, то мижгон фуруд омад.
Намози мо зaифон маъбаде дигар намехоҳад,
Шикаст он чо ки шуд, меҳроби тоқат дар сучуд омад.
Чӣ дорад сайри имкон чуз умеди хок гардидан,
Дар ин ҳирмонсаро ҳар кас адаммуштоқ буд, омад.
Зи вазъи зиндагӣ тарфе набастам чуз ба навмедӣ,
Чӣ созам, ин надоматсози пуриброт суруд омад.
Ба ин ачзе, ки дар буньёди саъи хеш мебинам,
Шавам гар соя, аз девор натвонам фуруд омад.
Надонам, домани зулфи кӣ аз каф додаам, ё раб,
Садои даст бар ҳам суданам, пур мушксуд омад.
Гарон аст аз самочат, гар ҳама оби бақо бошад,
Ба мачлис чун нафас бар лаб набояд зуд-зуд омад.
Зи ҳастӣ то нагаштам мунфаил, оҳам начаст аз дил,
Арақ обе ба рӯям зад, ки ин ахгар ба дуд омад.
Зи истиғно чу Бедил доштам уммеди ташрифе,
Гусастан аз ду олам кисватамро тору пуд омад.

* * *

Зад нафас фоли таносонӣ, диле оростанд,
Бедимоғӣ кард кӯшиш, манзиле оростанд.
Норасой дошт саъи корвони муддао,
Охир аз парвози рангам маҳмиле оростанд.
Хоби роҳат орзу кардам, тапидан бол зад,
Офият ҷустам, димоғи бисмиле оростанд.
Сад биёбон хору хас таслими оташхонае,
Маҳв шуд нақши ду олам, то диле оростанд.
Оби рӯ як умр гардид обьёри саъи халқ,
То тавахҳуммазраи беҳосиле оростанд.
Дар фазои бениёзӣ оламе парвоз дошт,
Аз ҳуҷуми матлаб охир ҳоиле оростанд.
Саркашам, аммо ҷабини саҷдамуштоқам чу шамъ,
Аз нами ашки чакидан моиле оростанд.
Аз тасалсулҷӯшии ин мушти хун огаҳ наям,
Ин қадар донам, ки дил ҳам аз диле оростанд.
Баҳри гавҳарназри муштоқон, ки нъсандешагон
Бештар аз хок гаштан соҳиле оростанд.
Бедил, аз забти нафас магзар, ки роҳатмашрабон
Ҳар куҷо гаштанд шамъе, маҳфиле оростанд.

* * *

Зи ҳар мӯ дом бар дӯшам, гирифтор инчунин бояд,
Зи хотирҳо фаромӯшам, сабукбор инчунин бояд.

Ба сар хоки таманно, дар назарҳо гард, ҳайронӣ,
Бинои аҷзи моро сақфи девор инчунин бояд.

Зи оғуши мижа сар барназар саъи нигоҳи ман,
Наистони адабро нолаи зор инчунин бояд.

Ману дар хок ғалтидан, туву ҳолам напурсидан,
Ба ошиқ ончунон зебад, ба дилдор инчунин бояд.

Нигаҳ хондам, мижа нам рехт, дил гуфтам, нафас хун шуд,
Ба дарси яъси матлаб аҷзи такрор инчунин бояд.

Зи по наншаст оташ, то нашуд хокистар аҷзояш,
Ба саъи нести ҳам ғайрати кор инчунин бояд.

Ба сози ғунча натвон баст оҳанги парешонӣ,
Чӣ шуд булбул, ки гӯям: вазъи минқор инчунин бояд.

Ҷунунҳо ханда резад бар сару барги шуури мо,
Агар дил парда бардорад, ки ҳушьёр инчунин бояд.

Зи ҳамворӣ нагардад соя бори хотири гардс,
Ба роҳи хоксорӣ тарзи рафтор инчунин бояд.

Муҳаббат чеҳра нанишуд аз ҳиҷоби ғафлати имкон,
Ки соҳибдил кам аст ин ҷову бисьёр инчунин бояд.

Ҳаво ҳар ҷо барангезад ғубор аз хоки маҳҷӯрон,
Ҳамин овоз меояд, ки ночор инчунин бояд.

Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад, Бедил,
Пай таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд.

* * *

Маҳфили ҳастӣ ба таҳрики диле orостанд,
Донае дар шӯхӣ омад, ҳосиле orостанд.
Зарра то хуршеди болафшони андози фаност,
Арсаи имкон зи ракси бисмиле orостанд.
Укдаи кори ду олам дастгоҳи хуш буд,
Бехудон осонӣ аз ҳар мушкиле orостанд.
Дил ғубор оварду чашме гашт бо нам ошно,
Ғофилон ҳангомаи обу гиле orостанд.
Каъбаву бутхона нақши марказе таҳқиқ нест,
Ҳар куҷо гум гашт раҳ, сарманзиле orостанд.
Қулзуми дилро каноре дар назар пайдо набуд,
Гарди ҳайрат ҷилвагар шуд, соҳиле orостанд.
Сода буд оинаи имкон зи тимсоли дуӣ,
Машқи ҳақ карданду фарди ботиле orостанд.
Бениёзиҳо ба тӯфони арақ дод эхтиёҷ,
К-аз нами хиҷлат ҷабини соиле orостанд.
Чун ҷарас азбаски пешоҳанги сози вахшатем,
Гарди мо бархост, ҳар ҷо маҳмиле orостанд.
Дасти ҳар уммед маҳкам дошт домони диле,
Яъс то бекас набошад, Бедиле orостанд.

* * *

Шудам хоку нагуфтам ошиқам, кор инчунин бояд.
Зи ҷайбам сурма руёнид, асрор инчунин бояд.
Лаб аз хамьёзан теғи ту захми мо набаст охир,
Ба рохи субҳи раҳмат чашми бедор инчунин бояд.
Ба торе гар занй нохун, садо бетоб мегардад,
Ҳамоғуши бисоти якдилӣ ёр инчунин бояд.
Ба нахли ростӣ чун шамъ мебояд самар гаштан,
Ки Мансур инчунин мезебаду дор инчунин бояд.
Ҳама гар аҷзолиҳост, бўе дорад аз ҷуръат,
Нафас дар сина хун кун, ошиқи зор инчунин бояд.
Мижа гоҳе канору гоҳ оғўш аст чашмашро,
Агар улфатпарастӣ, поси бемор инчунин бояд.
Ба мурдан ҳам нагардад хоҷа аз ҳасраткашӣ фориғ,
Гар аз инсоф мепурсӣ, хару бор инчунин бояд.
Зи ҳоли зоҳид огаҳ нестам, лек ин қадар донам,
Ки дар арзи бузургӣ ришу дастор инчунин бояд.
Тамошо муфти шавқ аст, аз фузуландешагӣ бигзар,
Ки ранги гул чунон ё шўхии хор инчунин бояд.
Ғубори худ ба тўфон додаму арзи вафо кардам,
Паёми ишқро тамҳиди изҳор инчунин бояд.
Ба нури офтоб аз соя натвон ёфт осоре,
Ҳавас мафрўш, Бедил, маҳви дидор инчунин бояд.

* * *

Суҳбе, ки гулат ба боғ бошад,
Гул дар бағали чароғ бошад.
Тимсол шарики ҳусн мапсанд,
Гӯ: онна бе ту доғ бошад.
Он сӯи адам ту гом вокаш,
Гар орзуи фароғ бошад.
Эй соя нишони хеш гум кун,
То хуршедат суроғ бошад.
Мурдем ба ҳасрати дили ҷамъ,
Ин ғунча гули чӣ боғ бошад?
Гӯянд: биҳишт ҷои хубест,
Он ҷо ҳам агар димоғ бошад.
Бедил, ба умеди васл шодем,
Гӯ: тӯтии бахт зоғ бошад.

* * *

Ба ёди остонат ҳар кӣ сар бар хок мемолад,
Ғубораш чун саҳар пешонии афлок мемолад.
Гуҳар ҳал мекунад ё шабнаме дар парда мебезад,
Ҳаё чизе бар он рухсори оташнок мемолад.
Амал афсуни бебокист дар ибратгаҳи имкон,
Ба қадри реша мастӣ остини ток мемолад.
Сухан бе парда кам гӯед, ки ин афсонаи ибрат
Ба гӯше то хӯрад, аввал лаби бебок мемолад.
Ба завқи сидраву тӯбӣ ту ҳам дандон ба сухон зан,
Амал коми ҷаҳонеро ба ин мисвок мемолад.
Сафои домани субҳу нами шабнам, чӣ ҷанг аст ин?!
Фалак собун ҳамин бар ҷомаҳои пок мемолад.
Дар ин гулшан зи вазъи лолаву гул сайри ибрат кун,
Ки як мижгон кушудан сина бар сад чок мемолад.
Сияҳчашмест имшаб соқии мастон, ки найрангаш
Ба ҷоми ҳар ки андозад назар, тарьёк мемолад.
Ба чандин ранг аз он нақши қадам гул метавон чидан,
Ба рафторат пари товус рӯ бар хок мемолад.
Машав аз имтиёзи хайру шар танбӯри ин маҳфил,
Ки ибрат гӯши ҳар кас дархури идрок мемолад.
Магар саъи надомат ҳам диле иншо кунад, Бедил,
Нафас дасте ба сад уммед барги ток мемолад.

* * *

Гар чунин ашкам зи шарми пургунохӣ меравад,
Ҳамчу абр аз номаам ранги сиёҳӣ меравад.
Бе ҷамолат ҷуз ҳалоки худ чӣ дорам дар назар?
Марг мебинад, чу об аз чашми моҳӣ меравад.
Саъи котилро талофӣ мушкил аст аз бисмилам,
То ба узр оям, замони узрхоҳӣ меравад.
Лангари ҷамъияти дил дар шикасти орзуст,
Мавҷ чун сокин шуд, аз киштӣ табоҳӣ меравад.
Аз ҳавасҳои сарӣ бигзар, ки дар анҷоми кор
Шамъи ин маҳфил ба доғи бекулоҳӣ меравад.
Гиру дори авҷи давлатҳо ғуборе беш нест,
Бар ҳаво чун гирдбод, авранги шоҳӣ меравад.
Тирабахтӣ ҳам шабистони чароғони вафост,
Доғ то равшам шавад, зери сиёҳӣ меравад.
Қист гардад мункири гул кардани асрори ишқ,
Рангҳо ин ҷо ба сомони гувоҳӣ меравад.
Эй нафас, пеш аз ҳаво гаштан хурӯше соз кун,
Фурсати арзи қиёматдастгоҳӣ меравад.
Шамъи тасвирам, мапурс аз дарду доғи ҳасратам,
Ашки ман умрест ногардида роҳӣ, меравад.
Бедил, анҷоми тамошо маҳви ҳайрат гаштан аст,
Ин ҳама саъи нигаҳ то бенигоҳӣ меравад.

* * *

Чи бурьёву чи махмал ҳиҷоб мебофанд,
Ба ҳар чӣ дида кушодем, хоб мебофанд.
Қумоши кисвати ҳастӣ наметавон дарьёфт,
Ҳарири ваҳм ба мавҷи сароб мебофанд.
Нафас чӣ сеҳр тарозад ба арзи роҳати мо,
Дар ин тилисм ҳамин печу тоб мебофанд.
Зи лофи мову ман, эй бехудони пӯчқумош,
Қатон ба коргаҳи моҳтоб мебофанд.
Зи тору пуди ҳуҷуми хаташ машав ғофил,
Ки баҳри фитнаи он чашм хоб мебофанд.
Ба коргоҳи нафас раҳ набурдай, к-он ҷо
Ҳазор нола ба як ришта тоб мебофанд.
Каманди саъи ҷаҳон ҷуз нафасдарозӣ нест,
Чу анкабут саросар луоб мебофанд.
Абас ба фикри қумоши сабот ҷома мадар,
Ба оламе, ки туӣ, инқилоб мебофанд.
Ба ваҳм хуншудай, ку чаман, куҷост баҳор?
Ҳанӯз ранг ба табъи саҳоб мебофанд.
Зи теғи ёр сари мо баланд шуд, Бедил,
Ба мавҷ хайман нози ҳубоб мебофанд.

* * *

Ҳақмашрабон даме, ки ба таҳқиқ рӯ кунанд,
Худро зи худ баранд ба ҷое, ки ӯ кунанд.
Бар дӯши ғайр такья зи дурдикашон хатост,
Дасте магар ба гардани худ чун сабӯ кунанд.
Муштоқи ҷилваи ту надорад димоғи гул,
Ин ҷо дили шикаста ба ёди ту бӯ кунанд.
З-ин гулситон ба ранги хазон низ қонеем,
Ранги шикаста кош ба мо рӯ ба рӯ кунанд.
Мазмуни тоза бе нуқати интихоб нест,
Ҳар ҷо диле бувад, гиреҳи зулфи ӯ кунанд.
Пур саркаш аст ҳусн, ҳамон беҳ, ки бедилон
Оинадории дили беорзу кунанд.
Эй хирманат ҳаво, нашавӣ ғарраи нафас
З-ин решаҳо, ки сайри хазон дар нумӯ кунанд.
Ҳайратматои гармии бозори ваҳм бош,
Як суст, он чӣ дар назарат чорсӯ кунанд.
То ҳашр рӯснёҳии доғи хиҷолат аст,
Мардон даме, ки чун сипар аз пушт рӯ кунанд.
Тимсоли офият накунад гард аз ин бисот,
Оинаҳо магар ба шикастан ғулӯ кунанд.
Осуда зӣ, ки аҳли фано пеш аз интиқом
Аз вазъи хеш хок ба чашми адӯ кунанд.
Бедил, чу тори соз ҷаҳонгири шӯҳрат аст,
Дар парда ҳам гар аҳли сухан гуфтугӯ кунанд.

* * *

Баъд аз инат сабзаи хат дар сиёҳӣ меравад,
Эй зи худ ғофил, замони хушнигоҳӣ меравад.
Мешавад сарсабзии ин боғ помоли хазон,
Хушдилиҳоят ба гарди ранги коҳӣ меравад.
Бо қади хам гашта фикри сайди ишрат аблаҳист,
Ҳамчу мавҷ аз чанги ин қуллоб моҳӣ меравад.
Чора душвор аст дар тасхири ваҳшатпешагон,
Накҳати гул ҳар тараф гардид роҳӣ, меравад.
Ҷон ба пеши чашми бебокат надорад кимате,
Ройгон ин гавҳар аз дасти сиёҳӣ меравад.
Сархуши паймонаи нози муҳити ҷилваем,
Мавҷи мо аз худ ба дӯши каҷкулоҳӣ меравад.
Нест собуни кудуратҳои дил ғайр аз гудоз,
Чун шавад хокистар, аз оташ сиёҳӣ меравад.
Сайқали зангори кулфатҳо ҳамин оҳ асту бас,
Зулмати шаб бо насими субҳгоҳи меравад.
Кист, гардад монеи ранг аз тавофи барги гул,
Хуни ман то доманат хоҳӣ нахоҳӣ меравад.

Аз хати ӯ дам мазан, Бедил, ки ин ҳарфи ғариб
Бар забони хомаи сунъи илоҳӣ меравад.

* * *

Ҷамъе, ки бо қаноати ҷовид хӯ кунанд,
Худро чу гавҳар анҷумани обрӯ кунанд.
Ҳайрат забони шӯхии асрори мо бас аст,
Оинамашрабон ба нигаҳ гуфтугӯ кунанд?
Маҳҷӯби пардаи адами бе ҳузури дил,
Пайдо шавӣ, гар оинаат рӯ ба рӯ кунанд.
Он ҷо ки ишқ хилъати расвой оварад,
Пироҳане, ки ҷок надорад, руфӯ кунанд.
Лабташнаи ҳавои туро маҳрамони роз
Чун най ба ҷон об нафас дар гулӯ кунанд
Нақши хаёли хомаи наққош мушкил аст,
Моро магар ба фикри миёни ту мӯ кунанд.
Оина аст гоҳи хато ранги аҳли шарм,
Бе дастгоҳи шона гули чашм бӯ кунанд.
Шӯхӣ ба сайри олами мо раҳ намебарад,
Чашме магар дар обилаи по фурӯ кунанд.
Он номуқайядон, ки дар исботи мутлақанд,
Оби нарафтаро зи таваҳҳум ба ҷӯ кунанд.
Дар баҳри коинот, ки саҳрои нестист,
Ҳосил таяммумест, ба ҳар ҷо вузӯ кунанд.
Бедил, димоғи нашъа надорад гадои ишқ,
Гар нӯҳ фалак гудохта дар як каду кунанд.

* * *

Равшандилон чу оина бар ҳар чӣ рӯ кунанд,
Ҳам дар тилисми хеш тамошои ӯ кунанд.
Покӣ чу бахр мавҷ завад аз ҷабинашон,
Қавме, ки аз гудози таманно вузӯ кунанд.
Озодагон ниҳоли гулистони нолаанд,
Барбод агар раванд, нишоти нумӯ кунанд.
Парвонамашрабони бисоти вафо чу шамъ
Аҷзои хешро ба гудоз обрӯ кунанд.
Моро ба зиндагӣ зи муҳаббат гурез нест,
Натвон гузошт, гар ҳама бо дард хӯ кунанд.
Анқост дар қаламрави имкон бақои айш,
То кай баҳорро қафас аз рангу бӯ кунанд?
Ҷайби маро ба нестӣ анбошт рӯзгор,
Чокест субҳро, ки ба хеҷаш руфӯ кунанд.
Ин мавҷҳо, ки гардани даъвӣ кашидаанд,
Баҳри ҳақиқатанд, агар сар фурӯ кунанд.
Эй ғафлат, обрӯи талаб беш аз ин марез,
Олам тамом ӯст, киро ҷустуҷӯ кунанд?
Бедил, ба ин таровaт агар бошад инфиол,
Бояд ҷаҳониён зи ҷабинам вузӯ кунанд.

* * *

Шаб ҳасрати дидори туам домкамин шуд,
Ҳар зарра зи аҷзои ман оинанигин шуд.
Хокистар аз ахгар чӣ қадар шӯр баровард,
Дил сӯхт ба ранге, ки кабобам намакин шуд.
Ибраткадаи даҳр зи бас хасмтасаллист,
Чуң чашми шарар хонаи ман хонаи зин шуд.
Барқи рами фурсат сару барги талабам сӯхт,
Сад нола таманно нафаси бозпасин шуд.
Зиндонии найранги хаёлам, чӣ тавон кард?
Раҳм аст бар он шахс, ки ӯ оинабин шуд.
Инкор намуд, он чӣ зи софӣ бадар афтод,
Ҷавҳар ба рухи оина равшангари чин шуд.
Мавҳумиву ин лангари идбор чӣ савдост?
Чуң соя набояд калафи рӯи замин шуд.
Аз бас ба раҳи ҳасрати сайёд нишастем,
Ваҳшат ба тағофул заду парвозкамин шуд.
Гар ҳеҷ набошад ба тапиш, хун шудане ҳаст,
Эй оина дил шав, ки нахоҳӣ беҳ аз ин шуд.
Бедил, адаму ҳастии мо ҳеҷ надорад
Ҷуз гарди хаёле, ки на он буду на ин шуд.

* * *

Нақши найранги ҷаҳон ҷавҳари рам мебошад,
Сафҳаи оина тимсоли рақам мебошад.
Яъси ангуштнаморо надиҳӣ шӯҳрати ҷоҳ,
Мӯи мотамзада бар фарқ алам мебошад.
Рабти аҳбоб дар ин базм надоматхез аст,
Дастҳо дарҳури афсӯс ба ҳам мебошад.
Натавон шуд сабаби ҷоки гиребони касе,
Пушти нохун хам аз андуҳ қалам мебошад.
Ҳар куҷо ҳукми казо мумтаҳани тадбир аст,
Сипари бехирадон теғи дудам мебошад.
Рамзи танзеҳи ҳарам фикри бараҳман нашкофт,
Самад аст он, ки ҳаюлои санам мебошад.
Ба хаёли даҳанат гар напеҷам, маъзурам,
Муддао андаке аз сӯи адам мебошад.

Тоқати халқ ба ҷуз уэри талаб пеш набурд,
По дар ин марҳала бе обила кам мебошад.
Ҳастии мунфаилам бе арақи ҷабҳа нахост,
Бар сарам хоки заминест, ки нам мебошад.
Кафи афсӯс суроғест зи кайфияти умр,
Фурсати рафта ба ин нақши кадам мебошад.
Раги гардан ба ҳаё рост наёяд, Бедил,
То таҳи пост назар, бар мижа хам мебошад.

* * *

Ашки гуҳартинати мо роҳи тапиш сар накунад,
Тифли дабистони адаб ин сабақ аз бар накунад.
Васваса барҳам назанад робитаи сози яқин,
Кӯҳи гаронҳавсаларо нола сабуксар накунад.
Мунфаилиҳои замини фитрати моро чӣ зиён?
Ибрати тимсоли муҳит оинаро тар накунад.
Олами асбоби фано чанд диҳад фурсати мо,
Ашк ба дӯши мижаҳо он ҳама лангар накунад.
Шабнами беболу парем оинапардози тарӣ,
Тоқати мо ғайри арақ пешаи дигар накунад.
Тобу таби ишқу ҳавас нест кафили ду нафас,
Субҳи тарабгоҳи шарар ханда мукаррар накунад.
Шуд зи азал чеҳракушо аҷз зи пайдоии мо,
Мӯ нанињад по ба нуму, то қадам аз сар накунад.
Дил бигудозед ба ғам, дида расонед ба кам,
Шиша хаме то нахӯрад, бода ба соғар накунад.
Нест, зи ҳам фарқнамо анҷумани хилвати мо,
Тоири гулзори яқин сар ба таҳи пар накунад.
Бедил, аз анҷоми нафас ҳар кӣ барад бӯи асар,
Гар ҳама офоқ шавад нози кару фар накунад.

* * *

Дар ин гулшан кадомин шўъла бо ин тоб мегардад,
Ки аз шабнам ба чашми лолаву гул об мегардад.
Далели оҷизон бо дард дорад нисбати хосе,
Ғурури саҷда моил сурати меҳроб мегардад.
Қафи хокистаре бар чеҳра дорад шўълаи шавқам,
Чу кумрӣ ваҳшатам дар пардаи санҷоб мегардад.
Гудозомодаи камфурсатӣ дар бар диле дорам,
Ки ҳамчун ашк то бепарда гардад, об мегардад.
Ба кўшиш решаеро метавон сози чаман кардан,
Нафас аз парзаданҳо олами асбоб мегардад.
Зи бетобӣ чароғи хилвати дил кардаам равшан,
Таҷалло фарши ин оина аз симоб мегардад.
Ба таври баҳри раҳмат мебарам хошоки исьёне,
Ҳуҷуми ашк агар набвад, арақ селоб мегардад.
Қумоши арзи ҳастӣ тору пуди ғафлате дорад,
Ки чун махмал агар мижгон кушой, хоб мегардад.
Ба тамкин мерасонад инфиоли ҳарзаҷавлонӣ.
Ҳаво эҷоди шабнам мекунад, чун об мегардад.
Гудозам обьёри ҷилваи маъшуқ мебошад,
Қатон месўзаду хокистараш маҳтоб мегардад.
Ба урьёнӣ баланд афтод аз бас муддаои ман,
Гиребон ҳам ба дастам матлаби ноёб мегардад.
Ҷунунам даштро ҳамчашми дарьё мекунад, Бедил
Зи ҷўши ашки ман то нақши по гирдоб мегардад

* * *

Оҳе ба ҳаво чатр заду чархи барин шуд,
Доғе ба ғубори алам осуду замин шуд.
Бишкаст тилисми дилу зад куси муҳаббат
Пошид ғубори нафасу оҳи ҳазин шуд.
Наззора ба сурат заду найранги гумон рехт,
Андеша ба маънӣ назаре карду яқин шуд.
Он оина, к-аз арзи сафо низ ҳаё дошт,
То чашм кушодем, парихонаи Чин шуд.
Ғафлат чӣ фусун хонд, ки дар хилвати таҳқиқ
Баргашт нигоҳам зи худу оинабин шуд.
Гуя кард зи масҷудии ман саҷдафурӯшӣ,
Яъне чу ҳилолам хами меҳроби ҷабин шуд.
Дил хост ба гардуи нигарад, зери қадам дид,
Он буд, ки дар як назар андохтан ин шуд.
Анқоням аз шӯҳрати худ гашт фузунтар,
Охир пайи гумномии ман нақши нигин шуд.
Ҳар лаҳза ҳавоест иноитоби димоғам,
Рахше, ки надорам ба хаёл, ин ҳама зин шуд.
Аз олами ҳайронии ман ҳеҷ мапурсед,
Оина каманди нигаҳе буд, ки чин шуд.
Вақт аст, ки бар бекасии ишқ бигирьем,
Қ-ин шӯъла зи хору хаси мо хокнишин шуд.
Дар ғайбу шаҳодат ману маъшуқ ҳамонем,
Бедил, ту бар оӣ, ки чунон буду чунин шуд.

* * *

Маҳрами оҳанги дил шав, сурма бар овоз банд,
Як нафас аз хомушӣ, ҳам риштае бар соз банд.
Худгудозӣ каъбаи мақсуд дорад дар бағал,
Ҳам зи оташ нестӣ, эҳром з-ин андоз банд.
Оқибатбинӣ назар пӯшидан аст аз айби халқ,
Он чӣ дар анҷом хоҳӣ бастан, аз оғоз банд.
Нест ғайр аз хоксорӣ пардадори рози ишқ,
Гар тавонӣ мушти хоке шав, лаби ғаммоз банд.
Бо хароши сина мамнуни сафо натвон шудан,
Хун шав, эй оина, роҳи маннати парвоз банд.
Мавҷ мебошад калиди қуфли васвоси ҳубоб,
Уқдаи дил во намегардад, ба тори соз банд.
Наиги озодист, бар ваҳми нафас дил бастанат,
Ин гиреҳро ҳамчу ашк аз ришта берун тоз банд.
З-он лаби хомӯш шӯри дил гиребон медарад,
Ҳайф бошад ғунчаҳоро бар қабои ноз банд.
Нола, мегӯянд, парвозаш ба ҷое мерасад,
Эй асар, мактуби мо бар шӯълаи овоз банд.
Дастгоҳи мову ман бар боди ҳасрат рафта гир,
Ҳар чӣ мебандӣ ба худ, чун ранг бар парвоз банд.
Бедил, ин ҷо яъси матлаб фатҳи боби муддаост.
Аз шикасти дил кушоде бар тилисми роз банд.

* * *

Боз ашкам ба хаёлат чӣ фусун мерезад,
Мижа меафшурам, онқа бурун мерезад.
Ҳар тараф мегузарӣ, гарди пари товус аст,
Нақши поят чӣ қадар бӯқаламун мерезад.
Чӣ асар дошт дами теғи ҷафоят, ки ҳанӯз
Килки тасвири шаҳидони ту хун мерезад.
Ибрат аз вазъи ҷаҳон гир, ки шахси иқбол
Обрӯ бар дари ҳар сифлаи дун мерезад.
Офиятсози тараддудкадаи дониш нест
Муфти гарде, ки ба саҳрои ҷунун мерезад.
Ҷом то шишаи ин базм ҷунунҷӯши маянд,
Хуни дил ин ҳама беруну дарун мерезад.
Дар дабистони адаб машқи камолам ин аст,
Ки алиф мекашаму ҳалқаи нун мерезад.
Сари бесаҷда арақ баст ба пешонии ман,
Маям аз шишаи ногаштанагун мерезад.
Бедил аз қайди дил озод нишин, саҳро шав,
Вусъат аз тангии ин хона бурун мерезад.

* * *

Амале, ки шарми ҳаво ҳам аз ҳама пайкарат бадар оварад,
На чу мӯ ҷунуни ҳазор сар кадам аз сарат бадар оварад.
Ба бизоати ҳавас он кадар макушо дукони фузулият,
Кӣ чу ранги бохта вусъати парат аз барат бадар оварад.
Бигузор ишваи илму фан дари пири майкада бӯса зан,
Ки зи қайди олами вақму зан(и) ба ду соғарат бадар оварад.
Ба қабулу рад маталаб сабаб, ки ғурури чархи ҷунунҳасаб
Ба даре, ки хонадат аз адаб, зи ҳамон дарат бадар оварад.
Зи хаёли улфати хонумон бадар о, ки шаҳнаи имтиҳон
Нафасе агар диҳадат амон, дами дигарат бадар оварад.
Ба виқор агар на сабуксарӣ ҳазар аз ғурури ҳунарварӣ,
Ки мабод хиффати лоғарӣ раги ҷавҳарат бадар оварад.
Асари вафо надиҳад ризо ба хумори нашъаи муддао,
Нигаҳе, ки гардиши ранги мо хати соғарат бадар оварад.
Ба тавофи каъба кӣ мерасад ба ҳузури максади ҷустуҷӯ,
Магару саҷдаи паси зонуе, ки сар аз дарат бадар оварад.
Надиҳад тааммули инсу ҷон зи латофати баданат нишон,
Магар он ки ҷомаи ранги мо арақ аз барат бадар оварад.
Мани Бедил аз ҳами турраат ба кучо равам, ки сипеҳр ҳам
Сари худ ба хоки адам ниҳад, чу зи чанбарат бадар оварад.

* * *

Ҳар чӣ он ҷост, чу он ҷо расӣ, ин ҷо гардад,
Чӣ хаёл аст, ки имрӯзи ту фардо гардад.
Дар мақоме, ки бувад тарку талаб имконе,
Рӯ ба дуньёст ҳамон, гарчи зи дуньё гардад.
Ҷамъ шав, маркази нӯҳ доираи чарх барор,
Қатра чун фоли гуҳар зад, дили дарьё гардад.
Растан аз печу хами риштаи омол кирост?
Бигсилӣ аз ду ҷаҳон, то гиреҳе во гардад.
Нури дил дар гарави касби қабули сухан аст,
Ба нафас, гӯ, чӣ диҳад санг, ки мино гардад.
Сухани бесаруло тафриқаи сози ҳаёст,
Об чун бар дари фаввора зад, аҷзо гардад.
Тӯри мастон накашад, тӯҳмати тағьири вафо,
Хати соғар чӣ хаёл аст, чалиппо гардад.
Аҷзи тақрири ман охир ба ишорот кашид,
Нола чун роҳи нафас гум кунад, имо гардад.
Номаи рамзи нафас дар пари Анқо дарбанд,
Сари ин ришта на ҷоест, ки пайдо гардад.
Каъбаву дайр магӯ, гирди ту гаштем, бас аст,
Осиё нест сари шаик, ки ҳар ҷо гардад.
Гавҳар озодагии мавҷ нахоҳад, Бедил,
Сар чу гардид гарон, обилаи по гардад.

* * *

Ишқи мутрибзодае бар созу тақвӣ зӯр кард.
Дочаи тасбеҳро зоҳид ҳари танбӯр кард.
Бо ҳама вомондагӣ рӯзе-ду озодӣ хуш аст,
Хонаро натвон ба андӯҳи таллуқ гӯр кард.
З-ин гулистон сад саҳар ҷӯшиду сад шабнам дамид,
Ибратам сайри чакиданҳои як носӯр кард.
Бигзар аз бесарфагӯиҳо, ки сози инбисот
Гӯшмоле хӯрд, ҳар гаҳ нола бе дастур кард.
Мӯсии мо шӯълаҳо дар пардаи найранг дошт,
Ҳасрате аз дил бурун оварду барқи Тур кард.
Бо чунин фурсат набуд имкон миҷа бардоштан,
Ваъдаи дидор халқеро амалмуздур кард.
Шӯҳрат иқболи аҷз аз чатри шоҳӣ бартар аст,
Мӯи чинӣ соя охир бар сари Фағфур кард.
Шӯри асрорам чунун ангехт аз мӯи сафед,
Шӯхии ин пунбаам ҳангомаи Мансур кард.
Не зи тоат баҳрае бурдам, на завқе аз гуноҳ,
Дар ҳама корам ҳузури нестӣ маъзур кард.
Дахли огоҳӣ ба як сӯ неҳ, ки таҳқиқи ғаюр
Чашми халқеро ба ангушти шаҳодат кӯр кард.
Бедил, аз узлат каломам рутбаи маънӣ гирифт,
Хумнишинӣ бодаамро ин қадар пурзӯр кард.

* * *

Чашм чун оина бар найранги арзи ноз банд,
Соғари базми таҳаюр шав, лаб аз овоз банд.
Мавҷи оби гавҳар аз ланги тапидан фориғ аст,
Лофи узлат мезанӣ, болу пари парвоз банд.
Ғунча девон дар бағал, аз сар ба зону бастан аст,
Эй баҳори фикр, мазмуне ба ин андоз банд.
Хориҷоҳанги бисоти куфру имонат кӣ кард?
Бе такаллуф хешро чун нағма бар ҳар соз банд.
Хурдагирон тег бар каф пешу пас истодаанд,
Як нафас чун шамъ хомуш шав, забони гоз банд.
Бар тилисми ғунча тамҳиди шукуфтан офат аст,
Уқдае аз дил агар во карда бошӣ, боз банд.
Ном ҳам меъроҷи шӯхиҳост парвози туро,
Ҳамчу Анқо ошьён дар олами овоз банд.
Мавҷ аз бетоқатиҳо кард эҷоди ҳубоб,
Бисмили моро тапиш зад бар пари парвоз банд.
Васли ҳақ, Бедил, назар барбастанаст аз мосиво,
Қурби шаҳ хоҳӣ, зи олам дида чун шаҳбоз банд.

* * *

Гар рафт дил аз каф сари дилдор намонад,
Дарьё тиҳӣ аз гавҳари шаҳвор намонад.
Дар кулзуми таҳқиқ муҳол аст, тавон ёфт
Мавҷе, ки ба он шӯхии рафтор намонад.
Ғофил машав аз манзари кайфияти офоқ,
Ин нест биное, ки ба меъмор намонад.
Номаҳрами асрори тааллуқ натавон зист,
Сар ёди ҳино баст, чу дастор намонад.
Афсонаи бепову сари ишқ дароз аст,
Бигзар зи ҳадисе, ки ба такрор намонад.
Бедил, ба тамошокадаи ҳайрати имкон
Мову гули ранге, ки ба гулзор намонад.

* * *

Ба кадом фурсат аз ин чаман ҳавас аз фузули асар кашад,
Шабехун ба умри Хизир занам, ки нафас шароби саҳар кашад.
Нашуд он ки аз дили гарми кас ба тасаллие кашадам ҳавас,
Битапам дар онна чун нафас, ки зи ҷавҳарам тахи пар кашад.
Нагирифт гарди нӯҳ осмон сари роҳи ҳарзахиромиям,
Магарам таъаммули нақши по мижае ба пеши назар кашад.
Дили орамида ба хун макаш зи талоши мансабу иззате,
Ки фалак ба риштаи гавҳарат бикашад, зи ҳалқат агар кашад.
Зи лаби фасеҳи вафобаён ба ҳадиси кин надиҳӣ забон,
Ситам аст ҳанзал агар кашӣ ба тарозуе, ки шакар кашад.
Написандӣ, эй фалак, он қадар ҳалали табиати ваҳшатам,
Ки чу мавҷам обилаҳои по ғами инфиоли гуҳар кашад.
Зи камоли тинати мунфаил ба чӣ ранг арзи асар диҳам,
Магар аз ҳаё араке кунам, ки маро зи парда бадар кашад.
Ба ҳадиқае, ки шаҳиди ӯ кашад интизори муроди дил,
Чу саҳар нафас дамад аз кафан, ки шукуфае ба самар кашад.
Ба суҷуди даргаҳаш, эй арақ, ту зи бенамӣ манамо тарӣ,
Ки мабод саъи ҷабини ман ба фишори домани тар кашад.
Назаре чу дона дар ин чаман ба хаё ли реша шикастаам,
Бинишинам он ҳама дар раҳат, ки қадам зи обила сар кашад,
Сару барги ҳиммати майкашӣ зи димоғи Бедили мо талаб,
Ки чу шамъ аз ҳама узви худ қадаҳ офаринаду даркашад.

* * *

Пайкарам чун теша то аз ҷонканӣ ёд оварад,
Сар занад бар сангеву пайғоми Фарҳод оварад.
Лаб ба хомӯшӣ фушурдам, нола ҷӯшид аз нафас,
Қайди худдори ҷунун бар табъи озод оварад.
Дар ниҳодаттоҳи бебокӣ кам аз бисмил наям,
Бишканам ранге, ки хунамро ба фарьёд оварад.
Ҳуш то гирад нёри ранге аз саҳбои ман,
Шишаҳо мебояд аз мулки паризод оварад.
Баски дар роҳат камини интизорам пир кард,
Мӯсафеди нақши ман бар килки Беҳзод оварад.
Чун пари товус мебояд асири ишқро,
Қ-аз адам гулдаставоре назри сайёд оварад.
Тӯҳфаи мо, бебарон, ғайр аз дили садчок нест,
Шона мебошад раҳоварде, ки шамшод оварад.
Ишқро умрест бо халқ имтиҳони ҳиммат аст,
Оламеро мебарад Маҷнун, ки Фарҳод оварад.
Аз тағофулҳои нозаш сахт дур афтодаем,
Пеши он номеҳрубон моро кӣ дар ёд оварад?
То сипанди мо набинад интизори сӯхтан,
Чун шарар кош оташ аз конуни эҷод оварад.
Инфиолам об кард, эй кош, шарми эҳтиёҷ,
Як арақворам бурун аз хиҷлатобод оварад.
Бедил, аз сомони таҳсили нафас ғофил мабош,
Мебарад бо хеш охир, ҳар чиро бод оварад.

* * *

Бо хазони орзу ҳашри баҳорам кардаанд,
Аз шикасти ранг чун субҳ ошкорам кардаанд.
То нигоҳе гул кунад, мебоядам аз ҳам гудохт,
Чун ҳаё дар мазраи ҳуси обьёрам кардаанд.
Баҳри имкон хун шуд аз андешаи ҷавлони ман,
Мавҷи ашкам бар шикасти дил саворам кардаанд.
Ман намедонам, хаёлам, ё ғубори ҳайратам,
Чун сароб аз дур чизе эътиборам кардаанд.
Ҷилваҳо беранги ву оинаҳо бениятиёз,
Ҳайрате дорам, чаро оинадорам кардаанд.
Дастгоҳи захми маҳрумист сар то пои ман,
Баски чун мижгон ба чашми хеш хорам кардаанд.
Буд мавқуфи фано аз асли корогоҳиям,
Сурмаҳо дар чашм дорам, то ғуборам кардаанд.
Меравам аз худ, намедонам, куҷо хоҳам расид,
Маҳмили дардам ба дӯши нола борам кардаанд.
Беш аз ин натвон ба барқи миннати ҳасти гудохт.
Як нигоҳи вопасин назри шарорам кардаанд.
Ман шарарпарвозу олам домгоҳи нестӣ,
То диҳам арзи парафшонӣ, шикорам кардаанд.
Бо кадомин зарра санҷам обрӯи эътибор,
Он қадар ҳечам, ки аз худ шармсорам кардаанд.
Бӯи васли кист, Бедил, гулшанорои умед,
Пой то сар яъс будам, интизорам кардаанд.

* * *

Саҳар оҳу гулистон накҳату булбул фиғон дорад,
Ҷаҳоне сӯи беранги зи ҳасрат корвон дорад.
Тааммул гар кунӣ, ҳар кас ба ранге рафтааст аз худ,
Тапишҳое, ки дорад баҳр, гавҳар ҳам ҳамон дорад.
Нашиндорӣ абас, бар домони ҳар зарра мепечам,
Ҷаҳонро гарди Маҷнун маҳмили Лайлӣ гумон дорад.
Дабистони адабро он назокатфаҳми асрорам,
Ки тифли ашки ман дар хомушӣ дарси равон дорад.
Чу шамъи кушта, к-аз хокистари худ мекунад болин,
Хамӯшиҳон оҳам доғ дар зери забон дорад.
Ҷуз аз ин обрӯ бар худ наболад Бесутуни ғам,
Ки теғаш аз дили Фарҳоди ман санги фасон дорад.
Наям огаҳ зи ҳусни қотил, аммо ин қадар донам,
Ки дар ҳар қатра хунам чашми ҳайрон ошьён дорад.
Ба фитроки хаёле чун саҳар гарди нафас дорам,
Шикорандози дашти бенишонӣ ҳам нишон дорад.
Димоғи хуни ман чун ашк ранге барнамедорад,
Гар истиғно нагирад, дасту теғат имтиҳон дорад.
Чӣ мепурсӣ зи нақди кисаи ваҳми сипанди ман,
Ки гар бар ҳам шикофӣ, нолае забти инон дорад.
Баландиҳо ба пастӣ муттаҳам шуд аз таносонӣ,
Ба роҳат гар напардозад, замин ҳам осмон дорад.
Тапидан шукри ором аст, Бедил, бисмили моро,
Нафас дар олаҷи парвоз сайри ошьён дорад.

* * *

Фано кай шуғли савдои муҳаббатро зиён дорад,
Саре дорам, ки то хоки ҳавои ӯст, ҷон дорад.
Дами ноест афсуни навои ҳастиям, варна,
Ҳанӯзам нолаи най дар найстон ошьён дорад.
Ба савдоят чунон зорам, ки о сад нола бетобӣ
Танам дар пираҳан таҳрики набзи нотавон дорад.
Ба рӯзи бенавоӣ ҳеҷ кас моро намепурсад,
Магар доғат, ки дасте бар дили ин бекасон дорад.
Дари узлат задам, к-аз халқ лахте вокашам худро,
Надонистам, ки доман аз ҳавас чидан дукон дорад.
Чароғи хомушам, ғам нест, гар оҳе зиён кардам,
Нафас дуздиданам дар олами дигар фиғон дорад.
Зи болафшонии сози шарар овоз меомад,
Ки ин ҷо гар ҳама санг аст, доман бар миён дорад.
Наёяд забти оҳ аз дил ба гулзори тамошоят,
Ки он ҷо гар ҳама оина аст, оби равон дорад.
Ҳадаф бояд шудан чун булбулон моро дар ин гулшан,
Ки ҳар шохаш зи бӯи гул ҳаданге дар камон дорад.
Ба бахти худ чӣ созад ошиқи мискин, ки он бадхӯ
Саропо улфат аст, аммо диле номеҳрубон дорад.
Ба ранги оташи ёқут нопайдост дуди ман,
Ба ҳайратрафтан шавқат аҷаб забти инон дорад.
Зи худкомӣ бурун о, бениёзи халқ шав, Бедил,
Ки вачи касри ҳимматҳо ҳамин як нардбон дорад.

* * *

Дил ба қайди ҷисм аз илми яқин бегона монд,
Ганҷро хокаш хӯрад, аз бaски дар вайрона монд.
Субҳа охир аз хати зуннор сар берун набурд,
Чун камони ҳалқа чашми мо ба роҳи хона монд.
Муддате Маҷнуни мо бар ваҳму зан(н) хат мекашид,
Тарҳи он мистар ба ёди лағзиши мастона монд.
Шӯри савдои ту аз дилҳои муштоқон нарафт,
Оламе з-ин анҷуман бар дар заду девона монд.
Дар харoботе, ки аз шарми нигоҳат дам заданд,
Шӯри мастӣ хун шуду сар бар хати паймона монд.
Шӯхчашмонро адаб дар хилвати дил раҳ надод,
Ҳалқаҳо беруни дар з-ин вазъ густохона монд.
Сози умри рафта ҷуз афсус оҳанге надошт,
З-он ҳама хобе, ки ман дидам, ҳамин афсона монд.
Дил фусурду орзӯҳо дар канораш доғ шуд,
Бар мазори шамъ ҷои гул пари парвона монд.
Охири корам нафас дар олами тадбир сухт,
Бар сари мӯе, ки ман так мезадам, дар шона мон
Ҳоли ман, Бедил, намеарзад ба истиқболи ваҳм,
Сурати имрӯзи худ дидам, ғами фардо намонд.

* * *

Ришта бигсехт нафас, зеру бами соз намонд,
Гӯши мо боз шуд имруз, ки овоз намонд.
Вопаси бин, ки ба сад кӯшиш аз ин қофилаҳо,
Гӯши мо боз шуд имрӯз, ки овоз намонд.
Боз мондан ду қадам низ зи мо боз намонд.
Тарки чуръат кун, агар офиятат мебояд,
Ошьён дар таҳи бол аст, чу парвоз намонд.
Сози изҳор чуз анчоми нафас ҳеч набуд,
Хостам дарди диле сар кунам, оғоз намонд.
Шарми махмуриям аз чабҳан минои ғурур,
Араке рехт, ки май дар қадахи роз намонд.
Бо ҳама нафйи сухан шухии маънӣ боқист,
Болу пар рехт гулу ранг зи парвоз намонд.
Ғунчаи рози азал ним табассум пардохт,
Пардае ғайри ҳучуми лаби ғаммоз намонд.
Соя аз ранг магар сарфаи таҳқиқ бибурд,
Ҳар чӣ мо оина кардем, ба пардоз намонд.
Мавчи моро зи гуҳар пои ҳавас кӯрд ба санг,
Саъй лағзид, ба дил гарди таку тоз тамонд.
Бедил, ин боғ ҳамон чилвабаҳор аст, аммо
Шавқи мо занг зад оинаи гулбоз намонд.

* * *

Нигаҳ зи рӯи ту то комьёб мегардад,
Таҳайюр оинаи офтоб мегардад.
Зи гармҷӯшии лаълат ба кисвати табхол
Ҳубоб бар лаби соғар кабоб мегардад.
Чӣ нашъа буд, надонам, ба соғари талабат,
Ки хушьёриву мастӣ хароб мегардад.
Нигоҳи ман ба гули оразӣ арақнокат
Шиноварест, ки бар рӯи об мегардад.
Фурӯғи базми баҳор он чӣ дидаӣ имрӯз,
Ҳамин гулест, ки фардо гулоб мегардад.
Бигир роҳи ҷунун, бигзар аз имората хуш.
Ки ин бино ба нигоҳе хароб мегардад.
Ба фаҳми нусхаи ҳастӣ чаро на ноз кунем,
Ки нуктаи шаки мо интихоб мегардад.
Чу умр агар нашавӣ ҳамъиноии худдорӣ,
Қадам ба ҳар чӣ гузорӣ, рикоб мегардад.
Каманди гардони ором норасоиҳост,
Шикастаболии наззора хоб мегардад.
Ғурури токати мо бо шикаст наздик аст,
Даме, ки қатра биболад, ҳубоб мегардад.
Зи офият гиреҳи эътибори хештанем,
Чу нукта бигзарад, аз худ, китоб мегардад.
Ба оламе, ки гулат масти ҷилвапаймоист,
Кушудани мижа ҷоми шароб мегардад.
Зи селкории ашки надоматам дарьёб,
Ки орзу чӣ қадар бе ту об мегардад.
Нафас ба синаи Бедил зи шӯълаи шавкат
Чу дуд дар кафаси печу тоб мегардад.

* * *

Мавҷи гавҳартинатон гар шӯхӣ афзун кардаанд,
Пой дар доман, саре аз ҷайб берун кардаанд.
Қаҳкашон дидӣ, шикасти ранг ҳам фаҳмиданист,
Бехудон дар лағзиши по сайри гардун кардаанд.
Эътиборе нест, к-аз зиллаткашони хок нест,
Оламеро поймоли фитрати дун кардаанд.
Нашъаи нокадрдонӣ баски зӯр овардааст,
**Аксаре аз тарки май байъат ба афьюн кардаанд.**
Халқро хоби перешон то куҷо роҳат диҳад,
Соя бар фарқи ҷаҳон аз мӯи Маҷнун кардаанд.
Пур ба саҳбо хӯ макун, к-ин ориятпаймонаҳо,
Ранге аз силист, ҳар гаҳ чеҳра гулгун кардаанд.
Бигзаред аз шуғли бому дар, ки ҷамъе бехабар,
З-ин такаллуф даштро аз хона берун кардаанд.
Гул ба дасту по кӣ баст имшаб, ки чун барги ҳино,
Бӯсамуштоқон чаманҳо зери лаб хун кардаанд.
Мавҷи гавҳар бе тааммул қобили тамьйиз нест,
Мисраи моро ба чандин сакта мавзун кардаанд.
З-ин бизоат то куҷо исботи нафйи худ кунам,
Костанҳои маро ҳам бар ман афзун кардаанд.
**Бедил, ин дарьёи ибратро пуле дигар куҷост,**
Завраке чанд аз қади ҳамгашта вожун кардаанд.

* * *

Саҳари тулӯи гули дуо, ки мӯроди аҳли ҳимам расад.
Дили сарди мурдаи ҳирсро ҳама дуди оҳу алам расад.
Ҳаваси иловаи ҳирсу кад саҳару гули дигар оварад,
Ки дами видои ҳавоси кас камару кулоҳи алам расад.
Дили томеу кулаҳи ато, дами сарду гарми саволҳо,
**Кӣ диҳад мӯроди гадо магар мадади давоми карам расад.**
Сари ҳирсу масдари дарди сар масаро гули гуҳари дигар,
Ки ҳалоки ҳосили молро ҳама дар малоли дирам расад.
Сару кори олами мурдадам ҳаваси мутолиа кард кам,
Ки улуми гарди ҳавоалам ҳама дар саводи адам расад.
Дили содаи ҳавасу ҳаво ҳамаро мусаллами муддао,
Раҳи дур гарди амал агар гираҳ оварад, гуҳарам расад.
Кӣ диҳад масолеҳи коми дил, ки мададгари гули толеам,
Саҳар ар дамад, рамад оварад, асал ар диҳад, ҳама сам расад.
Раги ваҳми илму амал гусил магусил иловаи дарди дил,
Ки мурод агар ҳама дил расад, дили дарди ҳавсала кам расад.
Рами Тӯри мисраи Бедилам, дами дуди силсилаам расо,
Қумаки ду олами амал давад, ки саросари аламам расад.

* * *

Баргу този андалебон з-ин чаман гуфтор буд,
Парфишинихо ба кадри шӯхии минкор буд.
Сатри охе, к-аз чигар хондам, саводи нола дошт,
Мистри ин сафҳа яксар мавҷи мусиқор буд.
Аз шикасти дил шудам фориғ зи таъмири ҳавас,
Ин бино умре гирех дар риштаи меъмор буд.
Бар сарам печид охир дуди савдои касе,
Варна умре буд, к-ин девона бе дастор буд.
Кас наёмад маҳрами қонуни аз худ рафтанам,
Нағмаи ваҳшатнавои ман бурунн тор буд.
Боби расвоист азбас тору пуди кисватам,
Даст агар дар остин бурдам, гиребонзор буд.
Субҳаи зуҳҳодро дидам, дилам омад ба дард,
Марказн ин қавм саргардонтар аз паргор буд.
Ҳар ду олам дар ҳами як чашм пӯшидан гум аст,
Вусъати ин арсаи найранг мижгонвор буд.
Сурмаи ибрат абас аз вазъи даҳр анбоштем,
Дидаи моро ғубори хеш ҳам бисьёр буд.
Роҳате чустему вомондем аз ҷавлони шавқ,
То нашуд вақте намоен, роҳи мо ҳамвор буд.
Гарди ҳасрат ин қадар сомони болидан надошт,
Мо ҳамон як нолаем, аммо ҷаҳон куҳсор буд.
Не ба ҳастӣ мавҳ шуд шӯри дӯй, не дар адам,
Ҳар куҷо рафтем, Бедил, хона дар бозор буд.

* * *

Бекарарони ту , к-аз шавқи фано девонаанд,
Ҳар куҷо ёбанд бўи сўхтан парвонаанд.
Ку диле, к-аз шўхии ҳуснат гиребончок нест,
Яксар ин оинаҳо дар ҷилвагоҳат шонанад.
Ғофил аз кайфияти найранги ҳоли мо мабош,
Гардишороёни ранги офият паймонаанд.
Аз муҳаббат пурс ҳоли хоксорони вафо,
К-ин ғуборолудагон ганҷанд ё вайронаанд.
Мў ба мўи дилбарон таклифи зуннор асту бас.
Ин киёматчилваҳо сар то қадам бутхонаанд.
Олами касрат тилисми эътибори ваҳдат аст,
Хўшаҳо оинадори шўхии як донаанд.
Гар хатое сар зад аз мо, ҷон узри бехудист,
Нотавонони нигоҳат лағзиши мастонаанд.
Хўш мумкин нест сар дуздат зи фикри нестӣ,
Бегиребонони ин ғафлатсаро девонаанд.
Заҳидон, ҳошо, ки дар хулди барин ёбанд бор,
Чун асо ин хушкмағзон боби оташхонаанд.
Ин амалфарсудагон мағрури ороманд, лек,
Зери сарчанги ҳавас як ришу чандин шонаанд.
Ҷуз шикастан нест сомони бинои эътибор,
Рангҳои ин чаман сабҳои як паймонаанд.
Дўстон, к-имрўз баҳри ошно ҷон медиҳанд,
Гар биафтад эҳтиёҷ, аз хеш ҳам бегонаанд.

* * *

Магар бо накши поят муждаи чӯшидане дорад,
Ки ҳамчун мӯ хати пешониям болидане дорад.
Хаёли туст дилро соғари таклифи маъшукӣ,
Зи пахлӯи чамол онна ҳам нозидане дорад.
Зи сайри лафзу маънӣ ғофилам, лек ин қадар донам,
Ки гирди ҳар кӣ гардад гарди дил, гардидане дорад.
Чаманҳо дар ниқоби хок пинҳон асту мо ғофил,
Агар ибрат гиребоне канад, гул чидане дорад.
Бубинад оз халқ чашму ҳар чӣ мехоҳи, тамошо кун,
Гули ин боғ дар ранги тағофул дидане дорад.
Сару барги амалҳо мекашад охир ба навмедӣ,
Ту тӯморе, ки иншо кардай, печидане дорад.
Зи ҳар мӯ субҳ гул кардасту дил афсона мехонад,
Ба хоби ғафлати мо як мижа хандидане дорад.
Бисоти истиқомат аз такаллуф чидаем, аммо
Ба ранги шамъ сар то пои мо лағзидане дорад.
Паёми кибриёӣ дар барат во карда мактубе,
Раги гардан чӣ сатр аст, ин қадар фаҳмидане дорад.
Ба гуфтугӯ арақ кардӣ, дигар, эй беадаб, бас кун,
Хаё онна мебинад, нафас дуздидане дорад.
Зи таслими сипеҳри кинаҷӯ эмин машав, Бедил,
Ки ин золим дами теғ асту бад хобидане дорад.

* * *

Чунуни бенавоён ҳар куҷо бахтазмо гардад,
Ба сар мӯи парешон сояи боли хумо гардад.
Даме бар дил агар печӣ, кудуратҳо сафо гардад,
Наболад шӯриш аз мавҷе, ки гавҳар ошно гардад.
Дуруштиро на осон аст бо нармӣ бадал кардан,
Дили куҳ об мегардад, ки санге мӯмиё гардад.
Ба ҳар ҷо укдаи дил во нагардад судани дасте,
Ғубори дона натвон ёфт, гар ин осиё гардад.
Ҳаво бар барги гул тамкини шабнам мекунад ҳосил,
Нигоҳи шӯхи мо ҳам, кош бар рӯят ҳаё гардад.
Рами девонаи мо дастгоҳи ҳайрате дорад,
Ки ҳар ҷо гирдбоде ранг резад, нақши по гардад.
Макун гарданфарозӣ, то насозад даҳр помолат,
Ки най охир ба ҷурми саркашиҳо бӯрьё гардад.
Расоӣ нест андози пари тири ҳавоиро,
Қасе то кай зи ғафлат дар паи боли Хумо гардад.
Зи хокам саҷда ҳам кам нест, эй боди сабо, раҳме,
Мабодо авҷи ҷуръат гираду дасти дуо гардад.
Такаллуф барнамедорад димоғи ҷоми Мансурам,
Сари ушшоқ ҳар ҷо гардад, аз гардан ҷудо гардад.
Ба хомӯшӣ расонад маънии нозук сухангӯро,
Чу мӯ аз косаи чинӣ биболад, бесадо гардад.
Чу ашк азбаски соф афтода матлаб бисмили моро,
Муҳол аст, ин ки хуни мо ба ранги ошно гардад.
Тараб ваҳшист, эй ғофил, мадеҳ, беҳуда овозаш,
Нагардидаст ин ранг он қадар аз мо, ки во гардад.
Кудурат мекашад табъи равонат, Бедил, аз узлат,
Ба як ҷо об чун гардид сокин, бесафо гардад.

* * *

Ҷамъият аз он дил, ки перешони ту бошад,
Маъмури он шавқ, ки вайрони ту бошад.
Умрест, дили ханшуда бе тоби гудозест,
**Е раб, шавад онинву ҳайрони ту бошад.**
Сад чарх тавон рохт зи парвози ғуборам
Он рӯз, ки дар сояи домони ту бошад.
**Доғам, ки чаро пайкари ман соя нагардид,**
То дар қадами сарви хиромони ту бошад.
Ушшоқ баҳори чаманистони хаёланд,
Пӯшидагӣ оинаи урьёни ту бошад.
Ҳар нақши қадам хумкадаи олами нозест,
Ҳар ҷо асари лағзиши мастони ту бошад.
Наззора зи кавнайн ба кавнайн напардохт,
Пайдост, ки ҳайрони ту ҳайрони ту бошад.
Мапсанд, ки дил дар тапиши яъс бамирад,
Қурбони ту, қурбони ту, қурбони ту бошад.
Сарҷӯши табассумкадаи нози баҳор аст
Чине, ки шиканпарвари домони ту бошад.
Дар дил тапише мехалад аз шубҳаи ҳастӣ,
Е раб, ки нафас ҷунбиши мижгони ту бошад.
Бедил, суханат нест ҷуз иншои таҳайюр,
Қу оина, то сафҳаи девони ту бошад.

* * *

Зи сахтҷонии ман умр танг мегузарад,
Шарори ман ба пару боли санг мегузарад.
Ҷаҳон зи обилапоёни дил ҷунун дорад,
Зи гарди аҷз магӯ, фавҷи ланг мегузарад.
Чӣ лағзиш аст рақамзой ҳомаи фурсат,
Ки то шитоб нависӣ, даранг мегузарад.
Дар ин чаман, ки ба дастат нигор мебандад,
Ғубор агар гучарад, гул ба чанг мегузарад.
Уқубат аст садаф то муҳит пеши гуҳар,
Дили гирифта зи ҳар куча танг мегузарад.
Куҷост амн, ки дар марғзори лайлу наҳор
Ба ҳар тараф нигарӣ, як паланг мегузарад.
Ғубори даҳр ғанимат шумар, ки оина ҳам
Зи хеш мегузарад, гар зи занг мегузарад.
Ситам ба хеш макун, ранги оҷизон машкан,
Пари шикаста зи чандин ҳаданг мегузарад.
Тааммули ту пули корвони ишрати туст,
Мижа ба ҳам наниҳӣ, сели ранг мегузарад.
Димоғи фақр созвори лофи ҳавсала нест,
Чу баҳр шуд тунукоб, аз наҳанг мегузарад.
Ҳазор марҳала он сӯи ранг дорад ишқ,
Ҳанӯз қофилаҳо аз фаранг мегузарад.
Касе ба дарди дили кас намерасад, Бедил,
Ҷаҳони хуфта чӣ миқдор данг мегузарад.

* * *

Роздоро, к-аз адаб роҳи дабн гӯё заданд,
Мӯҳр бар боли парӣ аз пунбаи мино заданд.
З-ин чаман як гул сару барги худорой надошт,
Ҳар кучо ранге аён шуд, бар пари анқо заданд.
**Пеш аз эъчоди ҳавас мастони хилватгоҳи роз**
Соғари хуш аз гудози шиша дар хоро заданд.
Табъи беҳис қобили иршоди огоҳӣ набуд,
Бар гумони хуфта ёрон мурдаеро по заданд.
Мунфаил шуд фитрат аз иброми бетаъсири халқ,
Шӯъла дар пастӣ хазид, аэбаски доманҳо заданд.
Тарки мардум гиру роҳат кун, ки узлатпешагон
Чун гуҳар мавче дигар берун зи ин дарьё заданд.
Шоху барги ҳарзагарди тешае дар кор дошт,
Қомати ҳамгаштан моро ба пои мо заданд.
Умрҳо шуд, кулфати мову ман аз дил рафтаем,
Бар ғубори хонаи мо домани саҳро заданд.
Домани машраб фазое дошт бе гарди амал,
Маҳрамон аз тӯли ин авҳом бар паҳно заданд.
Ваҳшат аз дуньё димоғи бениёзон барнадошт,
Чини домаи бар ҳами абрӯи истиғно заданд.
Бидил, асбоби таалluқ буд занги огаҳӣ,
Оина сайқал заданд онҳо, ки пушти по заданд.

* * *

Матлабе гар буд аз ҳастӣ, ҳамин озор буд.
Варна дар кунҷи адам осудагӣ бисёр буд.
Зиндагӣ ҷуз нақди ваҳшат дар гиреҳ чизе надошт,
Қорвони рангу буро рафтане дар бор буд.
Ғунчае пайдо нашуд, бӯи гуле сурат набаст,
Ҳар чӣ дидам з-ин чаман ё нола ё минкор буд.
Дасти ҳиммат кард аз беҷуръатиҳо кӯтаҳӣ,
Варна чун гул кисвати мо як гиребонвор буд.
Сӯхтан ҳам муфти ишратхост, аммо чун шарор
Қавкаби камфурсати мо як нигаҳ сайёр буд.
Ғафлати саъи талаб берун нарафт аз тинатам,
Хоби пое доштам, чашмаш агар бедор буд.
Офият дар машраби ман бори гунҷоиш надошт,
Баски ҷомам чун шарар аз сӯхтан саршор буд.
Ин дабистон чашми қурбонист, к-аз бематлабӣ,
Нақши лавҳаш бесаводу хомаҳо бекор буд.
Қасри гардунро зи пастӣ рифъати як поя нест,
Гардани Мансурро ҳарфи баландаш дор буд.
Масдари таъзим шуд, ҳар кас зи бадхӯӣ гузашт,
Нардбони авҷи иззат вазъи ноҳамвор буд.
Дил ба ҳасрат хун шуду маҳрамнавое бархост,
Нолаи Фарҳоди мо беруни ин кӯҳсор буд.
Шӯхии наззора бар оинаи мо шуд нафас,
Чашми бар ҳам баста, Бедил, хилвати дидор буд.

* * *

Дил ба хурсандӣ агар тарки ҳавас мегирад,
Коми ишрат зи нишоти ҳама кас мегирад.
Нест иқбол ҷуз асбоби надомит дар бор,
Ибрат аз боли ҳумо боли магас мегирад.
Зиндагӣ шубҳаи ҳастист, ки монанди ҳубоб
Ҳар ки ҳаст, оинае пеши нафас мегирад.
Бигзар аз фикри иқомат, ки ба ҳар чашм задан
Корвон сурати овози ҷарас мегирад.
Аз вадеатсипариҳои фалак яъс масиҷ,
Ба ту ин сифла чӣ додаст, ки пас мегирад.
Илтифоти зуафо пояи иқболи расост,
Шӯъла аст оташ, агар домани хас мегирад.
Сурмаранг аст ғубори гузари хомӯшон,
Эй нафас, нола нагарӣ, ки асас мегирад.
Қатъи уммед кун аз умр, ки муи пирӣ
Шоҳбазест, ки чун субҳ нафас мегирад.
Нола боб аст дар он шаҳр, ки мо қофилаем,
Судхо муфти рафиқе, ки ҷарас мегирад.
Толиби бехабарӣ бош, ки дар дашти талаб
Рафтан аз хеш сурохи ҳама кас мегирад.
Бедил, ин дом гаҳ аз сайди тамошо холист,
Муфти чашме, ки нигоҳе ба қафас мегирад.

* * *

Оташи шавқи талаб он чо ки равшан мешавад,
Гар ҳама мижгон ба ҳам орем, домач мешавад.
Доғро онҳон таслим бояд сохтан,
Варна моро нола ҳам рагҳои гардан мешавад.
Дар саводи фақр дорад чавҳари таҳқиқ нур,
Чун чаҳон торик гардад, шамъ равшан мешавад.
Шишаву санг оташу обанд дур аз кӯҳсор,
Оламе бо ҳам чудо аз асл душман мешавад.
Муддати мавҳуми умр охир нафас тай мекунад,
Ришта чун раҳ кутаҳ аз рафтори сӯзан мешавад.
Аз лаби хандон ба чашми чоми май мегардад об,
Ишрати саршор ҳам сомони шеван мешавад.
Пур маяфшон бар дили мо домани зулфи расо
З-ин адоҳо субҳа зуннори бараҳман мешавад.
Хатми кори чустучӯ бар хоки ачз афтодан аст,
Ашк чун монд аз давиданҳо, чакидан мешавад.
Гар ту ҳам аз худ бурун ой, чаҳоне дигарӣ,
Дона худро медиҳад барбоду хирман мешавад.
Бақаророни чунунро манъи ваҳшат мушкил аст,
Ноларо занчир ҳам сомони рафтан мешавад.
Нақши ман-гарди фано, гул кардани ман-нестӣ,
Чарх ҳам хок аст, агар онҳон ман мешавад.
Бедил. имшаб бисмили теғи таманнои киям?
Боли ман барги гул аз файзи тапидан мешавад.

* * *

Дили саброзмо камтар зи доругир фарсояд,
Чу он санге, ки зери кӯҳ бошад, дер фарсояд.
Гудози саъй комил нест бе эҷоди таъмире,
Тило дар ҷилва орад, ҳар куҷо иксир фарсояд.
Ба қадри сайқал аз оинаи мо медамад коҳаш,
Таҳайюр нақши деворе, ки аз таъмир фарсояд.
Зи ҳад бурдем ранҷи ҷаъду озодӣ нашуд ҳосил,
Ба саъи нола охир то куҷо занҷир фарсояд.
Шикасти кори мазруф аз шикасти зарф меҷӯшад,
Забону лаб ба ҳам соем, то тақрир фарсояд.
Зи паймони ҳаёбат, нақши имкон гардае дорад,
Шикастан нест мумкин ранги ин тасвир фарсояд.
Ба шуғли саҷдаат гарде намонд аз сози аҷзоям,
Чу он килке, ки сар то пош аз таҳрир фарсояд.
Мусалсал шуд нафас, сар мекунам афсонаи зулфат,
Магар роҳе, ки ман дорам, ба ин шабгир фарсояд.
Зи лафзи норасо хок аст оби ҷавҳари маъни,
Ниём он ҷо, ки танг афтад, дами шамшер фарсояд.
Тамаинно дархури ноёбии матлаб нумӯ дорад,
Фиғон бар хеш болад, ҳар қадар таъсир фарсояд.
Ба афсуни дами пирӣ амалҳо маҳв шуд, Бедил,
Чу майдони камон, каз бӯсаи зеҳгир фарсояд.

* * *

Ба рӯи он ҷаҳони ҷилва як олам никоб афтад,
Ки чашми хирабинон дар хаёли офтоб афтад.
Ба кадри нафйи мо омадааст исботи яктон,
Қатон чандон ки тораш бигсилад, дар моҳтоб афтад.
Маризи ишқ тадбири шифоро марг медонад,
Зи бими сӯхтан ҳайф аст, гар оташ дар об афтад.
Димоғи лағзиши мастон ҳиҷил шуд аз фусурданҳо,
Нигоҳаш моили шӯхист, ё раб, дар шароб афтад.
Фусуни гирьяи ушшоқ таъсире дигар дорад,
Ба фарьёд орад оташро сиришке, к-аз кабоб афтад.
Дар афтодан ба руи якдигар дур аст аз огоҳи,
Зи мижгон ҳам агар ин иттифоқ афтад, ба хоб афтад.
Қамоли фитрат аз саъи адаб ғофил намебошад,
Ба забти хеш печад, ҳар қадар дар ришта тоб афтад.
Ба афсуни қабули халқ то кай ҳарзагӯ бошам?
Агар ҳарфам ба хок афтад, дуоҳо мустаҷоб афтад.
Дар он водӣ, ки ман аз шарми раъной арақ дорам,
Чу абр аз хок ҳар гарде, ки бархезад, дар об афтад.
Намеҷушанд гавҳартинатон бо мавҷи ин дарьё,
Бурун меафтад аз хат нуқтае, к-он интихоб афтад.
Ба худ пардохтан ҳам барнамедорад димоғ ин ҷо,
Сафои табъи инсонӣ, ки дар фикри ҷавоб афтад.
Чӣ имкон аст бе таъсирафсуни муҳаббатро,
Пари парвона гар болин кунӣ, оташ ба хоб афтад.
Ба ин ҳастӣ зи асбоби дигар тӯҳмат макаш, Бедил,
Нафас кам нест он боре, ки бар дӯши ҳубоб афтад.

* * *

Ба тарози домани нози ӯ чӣ ви хоксории мо расад,
Назад он мижа ба баландие, ки зи гарди сурма дуо расад.
Такупӯи беҳуда як нафас дари инфиоли ҳавое назад,
Ба муҳит мерасадам шино, араке агар ба ҳаё расад.
Ба фишори тангии ин кафас чу ҳубоб ғунча нишастаам,
Пари субқ мекашам аз бағал, ҳама гар нафас ба ҳаво расад
Зи хумори фурсати парфишон на баҳор дидаму не хазон,
Ҳама ҷост нашъа ба шарти он, ки димоғҳо ба вафо расад.
На замин бисоти ғубори мо на фалак далели бухори мо,
Ба суроғи гарди нафас касе ба куҷо расад, ки бо мо расад.
Бо кушоди дасти карам қасам, ки дар ин зиёнкадаи ситам,
Нарасад ба тӯҳмати бастагӣ зи даре, ки нон ба гадо расад.
Дили бенаво ба куҷо барад ғами тангдастиву муфлисӣ,
Мижа барҳам оварам аз ҳаё, ки бараҳнае ба қабо расад.
Магузор зи хосияти саҳо, ки саҳоби мазрааи вафо,
Ба фитодагӣ шиканад асо, ки фитодае ба асо расад.
Ба дуое аз лаби оҷизон накушудаӣ дари имтиҳон,
Ки зи обьёрии як нафас саҳаре ба нашъунамо расад.
Ба камини ҷаҳди ту хуфта аст аламиқ надомати оҷизӣ,
Мадад он қадар ба раҳи ҳавас, ки ба хоби обила по расад.
Ба қабули он кафи нозанин кӣ кунад шафоати хуни ман?
Дари сабр мезанам он қадар, ки баҳори ранги ҳино расад.
Сари риштаи тарабогаҳон ба баҳор мекашад аз хазон,
Чу хаёли Бедил агар кунӣ, зи ту бигзарад, ба худо расад.

* * *

Аҳли маъни гар ба гуфтугӯ нафас фарсудаанд,
Ҳам ба қадри чунбиши лаб даст бар ҳам судаанд.
Обрӯ мехоҳӣ, аз изҳори ҳоҷат шарм дор,
Ин тараннумро зи қонуни ҳаё насрудаанд.
Бигзар аз даъвӣ, ки дар хилватгаҳи ишқи ғаюр,
Маҳрамони хона беруни дари нақшудаанд.
Нақшаи мо, озодагон, бе шубҳаи таҳқиқ нест,
Хомаи тасвири мо камтар ба ранг олудаанд.
Қадрдониҳон роҳат нест дар бунёди халқ,
Чун нафас яксар ҳалоки кӯшиши беҳудаанд.
Беадаб магзар зи мо, к-ин сабзаҳои пайсипар
Як қалам дар сояи мижгони ноз осудаанд.
Ҳеч кас аз нури оламтоби дил огоҳ нест,
Хонаи хуршеди моро пур ба гил андудаанд.
Роҳи дигар во нашуд бар кӯшиши парвози мо,
Беруболон ҳамин чоки қафас паймудаанд.
Мушти хокем, аз фузулӣ шарм бояд доштан,
Ҷуз адаб коре, ки боби мост, кам фармудаанд.
Зери санг аст, аз мону мо домани озодиям,
Оҳ аз ин ранге, ки бар бӯи гулам афзудаанд.
Бедил, ин айшу ғаму аҷзу ғуруру меҳру кин,
Дар азал э-инсон, ки мавҷуданд, бо ҳам будаанд.

* * *

Хаёлат дар ғубори дил сафопардозие дорад,
Пари дар табъи санг афсуни минособие дорад.
Намедонам, чӣ сон пӯшад касе рози муҳаббатро,
Ҳаё ҳам бо ҳама ихфо арақғаммозие дорад.
Мижа бикшову буньёди ҳавас то ишқ оташ зан,
Чароғи нози ин маҳфил шарарпардозие дорад.
Биё, ранге бигардонем, муфтӣ фурсат аст ин ҷо,
Баҳори бехудӣ ҳам як-ду дам гулбозие дорад.
Агар аз худ равам, ку тоб, то ранге бигардонам?
Ба он аҷзам, ки бо ман аҷз ҳам таннозие дорад.
Ба дашту дар надидам аз сурoғи офият гарде,
Хаёли бедимоғ акнун гиребонтозие дорад.
Никоби ранг ҳар ҷо медарад, оина дидор аст,
Шаби ҳайратнигоҳон хуш саҳарпарвозие дорад.
Худо кори бӣнои дил ба имон хатм гардонад,
Хаёли чашми ӯ имшаб фарангоғозие дорад.
Ба афсуни нафас мағрури ҳастӣ зистан то кай?
Ба ҳар ҷо ин ҳаво гул мекунад, нособие дорад.
Фалак ҳарчанд арзи нози иқболат диҳад, Бедил,
Нахоҳӣ ғарра шуд, ин хез пуштандозие дорад.

* * *

Е раб, чӣ сон кунам ба ҳавой дуо баланд
Дасте, ки нест чун мижа ҷуз бар қафо баланд.
Сад найситон тиҳӣ шудам аз худ, вале чӣ суд?
Ҳуе накард гардан аз ин кӯчаҳо баланд.
Аҷзам ризо надод ба раъноии кулоҳ,
Гаштам ҳамон чу обила дар зери по баланд.
Азбаски шарм доштам аз ёди коматаш,
Дил шишаҳо шикасту накардам садо баланд.
Арзи асар нишонаи офот гаштан аст,
Ҷамъият аз саре, ки нашуд ҳеҷ ҷо баланд.
Кулфатнавои дарди сари ҳеҷ кас наем,
Дар пардаҳои хомушӣ овози мо баланд.
Соғар ба токи ҳиммати Мансур мекашам,
Бар дӯши мо сарест зи гардан ҷудо баланд.
Ҷуз гарди эҳтиёҷ, ки нанги таназзӯх аст,
Мавҷе наёфтем дар оби бақо баланд.
Хат бар замин каш, аз ҳаваси хом сабр кун,
Девори эътибор шавад то куҷо баланд.
Дар эҳтиёҷ бар дари бегона хок шав,
Аммо макун назар бар рухи ошно баланд.
Ишқ аз мизоҷи дун накунад тӯҳмати ҳавас,
Дар хонаҳои паст нагардад ҳаво баланд.
Бедил, зи баски мунфаили арзи ҳастиям,
Сар мекунад арақ зи гиребони мо баланд.

* * *

Бесутун ёде зи Фарходи надомат фол кард,
Сангро бетобии оҳи шарар ғирбол кард.
Аз таби савдои Маҷнуи хондам афсуне ба дашт,
Гирдбодаш то фалак орониши табхол кард.
Нола тӯфонхез шуд, то норасо афтод ҷаҳд,
Булбули мо тарҳи миқкор аз шикасти бол кард.
Қомати пирӣ қиёмат дорад аз шӯри раҳил,
Хоби мо гар талх кард, овози ин халхол кард.
Нафйи худ кардам, ду олам орзу шуд маҳви яъс,
Гардиши ранги гулам чандин чаман помол кард.
Гар набошад дил, димоғи кулфати ҳастӣ кирост,
Улфати оинаам заҳматкаши тимсол кард.
Қуввати омол дар пирӣ яке даҳ мешавад,
Ҳалқаи қадди дутоям сифри моҳу сол кард.
Сайри кӯи ӯ хаёл оинае пардоз дод,
Рангҳои рафта чун тимсоли истиқбол кард.
Халқе аз ороиши ҷоҳ инфиоландуд рафт,
Субҳи мо ҳам хандае бар фурсати иқбол кард.
Бе хамидан нест аз бори нафас дӯши ҳубоб,
Бедилонро низ ҳастӣ ин қадар ҳаммол кард.
Шӯълаи мо, Бедил, аз асрори роҳат ғофил аст,
Аз шикасти ранг бояд сар ба зери бол кард.

* * *

Обу ранги ибрате сарфи баҳорам кардаанд,
Панҷаи афсўсам аз судан нигорам кардаанд.
Олами ғафлат нагардад пардаи тасхири ман,
Ибратам, дар дидаи бино шикорам кардаанд.
Гарди ҷавлонам бурун аз арсаи афсурдагист,
Нолаи шавқам чӣ шуд, гар найсаворам кардаанд.
З-ин сиришке чанд, к-аз ёдат ба мижгон бастаам,
Дастгоҳи сад чароғон интизорам кардаанд.
Рўзгори сўхтанҳо хуш, ки дар дашти ҷунун
Ҳар куҷо барқест, назри мушти хорам кардаанд.
То насиме мевазад, урьённям гул кардааст,
Оташам, хокистареро пардадорам кардаанд.
Бар ки бандам тўҳмати дониш, ки ҷамъе хамхирад
Тардимоғиҳои Маҷнун эътиборам кардаанд.
Сахт душвор аст чун оина худро ёфтан,
Оламеро дар суроғи худ дуҷорам кардаанд.
Парфишониҳои чандин нолаам, аммо чӣ суд?
Аз дили афсурда ҷузви кўҳсорам кардаанд.
Маҳмилам дар қатраги оронши сад мавҷ дошт,
То шудам гавҳар, ба дўши хеш борам кардаанд.
Нест, Бедил, вазъи ман афсонасози дарди сар,
Ҳамчу хомўшӣ шароби бехуморам кардаанд.

* * *

Ба пастӣ вочамонад, ҳар кӣ аз дарде нишон дорад,
Саҳар аз чокҳои дил ба гардун нардбон дорад.
Ба дӯши «ар-раҳилӣ» бори ҳасрат мекашад олам,
Ҷарас умрест, чун гул маҳмили ин корвон дорад.
Ба ҷуз ваҳшат намеболад зи аҷзоп ҷаҳон гарде,
Чаман аз барг-барги хеш доман бар миён дорад.
Ба завқи офият хун хӯрданат кор аст маъзурӣ,
Дар ин ҷо гар ҳама мағз аст, дарди устухон дорад.
Макун бо чашми тар савдо, агар маҳви тамошой,
Баҳори ҳайрати оина дар шабнам хазон дорад.
Сухан бошад далели зиндагӣ равшанхаёлонро,
Ғами мурдан надорад шӯълаи мо то забон дорад.
Дар оғӯши нишоти даҳр хобидаст кулфатҳо,
Шикастан дар тилисми шӯхии ранг ошьён дорад.
Ба сад гулзори раъной ба чандин ранг пайдой,
Ҳамон номӯси яктой, маро аз ман ниҳон дорад.
Ғуборам пар намезад, гар наме сар мезад аз ашкам,
Инони ваҳшати ман аҷзи ин вомондагон дорад.
Нишоти ҳуси меболад зи дарди ошиқон, Бедил,
Гулистон ханда дарбор аст, то булбул фиғон дорад.

* * *

Ваъдаафсунон тилисми интизорам кардаанд,
Пой то сар як дили уммедворам кардаанд.
То набошам баъд аз ин маҳруми тавфи домане,
Хоки бар ҷо мондае будам, ғуборам кардаанд.
Барнамеоям зи оғӯши шикасти ранги хеш,
Ҳамчу шамъ аз партави худ дар ҳисорам кардаан
Баъди мурдан ҳам зи хоки ман гаронҷонӣ нарафт,
Аз дили сангин ҳамон лавҳи мазорам кардаанд.
Як нафас бе ҷоқ натвон ёфт ҷайби ҳастиям,
Захмии хамъёзамонанди хуморам кардаанд.
Нахли тимсоли маро нашъу намо пайдост, чист?
Софии оинаеро обьёрам кардаанд.
Метавон сад ранг гул чид аз тилисми вазъи ман,
Чун ҷунуи таъмири буньёд аз баҳорам кардаанд.
Ҳомили нақди нишотам кисаи доғ асту бас,
Ҳамчу шамъ аз сӯхтан гул дар канорам кардаанд.
Бе баҳоре нест сайри тирарузиҳои ман,
Интихоб аз доғи чандин лолазорам кардаанд.
Ҳастиям ҳукми фано дорад, намедонам чу субҳ,
Тӯҳматолуди нафас баҳри чӣ корам кардаанд?
То бувад дил дар бағал натвон кафили роз шуд,
Бехабар к-оинаворам пардадорам кардаанд.
Бе ҳавое нест, Бедил, шабнами вомондаам,
Аз гудози сад парӣ як шишаворам кардаанд.

* * *

Агар Хизри хатат аз чашмаи ҳайвон нишон дорад,
Акики лаб чаро чун ташнагон зери забон дорад.
Намедонам, шаҳодатгоҳи шавқи кист ин водӣ,
Ки рафтанҳои хуни бисмил ин ҷо корвон дорад.
Ба ин як ғунча дил, к-аз фикри васлат кардаам хунаш,
Нафас дар ҳар тапиш субҳи баҳоре парфишон дорад.
Таҳайюр бар ки бандам, бо тамошои кӣ пайвандам,
Хаёли ҳалқаи зулфат ҳазор оинадон дорад.
Дар ин гулшан шикасти рангу бӯ сатрест аз ҳолам,
Паёми бенавоён номаи барги хазон дорад.
Зи таъҷили баҳорон беш аз ин натвон шудан ғофил,
Шукуфтанҳои гул чандин ҷарас арзи фиғон дорад.
Ба истеъдоди ҷонсахтист ҷустуҷӯи ин дарьё,
Зи гавҳар пайкари ҳар қатра бӯи устухон дорад.
Касеро даъвии озодаги чун сарв мезебад,
Ки бо ҳар чор фасл аз бениёзӣ як забон дорад.
Шикасти ранг ҳам субҳест дар гулзори хурсандӣ,
Гул ин ҷо дар хазон сайри баҳори заъфарон дорад.
Ба ҳайрат боли мижгон нест бе андози парвозе,
Дар ин дарьё иноки лангари мо бодбон дорад.
Агар хокистари парвозаму гар шӯълаҷавлонам,
Ҳавои ӯ зи ман сад ранг тағьири инон дорад.
Тамошои баҳоре кардаам, Бедил, ки аз ёдаш
Нигаҳ дар дидаҳо, ангушти ҳайрат дар даҳон дорад.

* * *

Адам з-ин беш бурҳоне надорад,
Вуҷуб аст, он чӣ имконе надорад.
Кушоду басти чашмат ҳайраторост,
Ҷаҳон пайдову пинҳоне надорад.
Димоғи мову ман беҳуда мафрӯш,
Ҳаёли чида дӯконе надорад.
Биханд, эй субҳ, бар урьёнии хеш,
Гиребони ту домоне надорад.
Кафе хок аз парешонӣ ғубор аст,
Ба худ болиданат шоне надорад.
Ба нафйи эътибор андеша то чанд?
Шикасти ранг товоне надорад.
Касе ҷуз шубҳа аз ҳастӣ чӣ хонад,
Сари ин нома унвоне надодад.
Чӣ донишҳо, ки барбодаш надодам,
Ҷунун ҳам кори осоне надорад.
Мурувват аз дили хубон маҷӯед,
Фарангистон мусулмоне надорад.
Зи асбоби наиму нози дуньё
Чӣ дорад кас, гар эҳсоне надорад.
Дар он водӣ ҳама гар Хизр бошад,
Зи ҳастӣ ғайри бӯҳтоне надорад.
Хаёли зиндагӣ дардест, Бедил,
Ки ғайр аз марг дармоне надорад.

* * *

Чунунчавлониам ҳар чо ба ваҳшат раҳиамо гардад,
Ду олам гирдбоди оина як нақши по гардад.

Гар озоди ҳавас дорӣ, чу бӯ аз ранг берун о,
Ҳаво гул мекунад дуде, ки аз оташ чудо гардад.
Ба базми васл ошиқро чӣ имкон аст худдорӣ,
Ки шабнам чилваи хуршед чун бинад, ҳаво гардад.
Ниёзи ошиқон сармояи ноз аст хубонро,
Ба поят дида то дил ҳар чӣ афшонад, ҳино гардад.
Чунин к-аз заъф дар ҳар чо таҳайюр нақш мебандам,
Ачаб дорам, гар аз оина тимсолам чудо гардад.
Қасе то кай ба дӯши нола бандад маҳмили ҳасрат,
Асо бишкан дар он водӣ, ки тоқат норасо гардад.
Авориз касрати исмест зоти воҳиди моро,
Халал дар шахси як то нест, гар комат дуто гардад.
Тавофи хоки Мачнуну мазори Кӯҳкан то кай,
Агар савдо саре дорад, бигӯ, то гирди мо гардад.
Ҳавои ҳарзагардӣ мезанад мавч аз ғубори ман,
Мабодо ҳамчу гирдобам сари вомонда по гардад.
Нами хичлат зи ҳастӣ-ҳиммати ман барнамедорад,
Қи метарсам арақ сармояи оби бақо гардад.
Суроғи офият дар олами имкон намеёбам,
Ману рангеву уммеде, надонам, то кучо гардад.
Дили огоҳро лозим бувад поси нафас, Бедил,
Ба доми реша афтад чун гиреҳ, аз дона во гардад.

* * *

Балокашони муҳаббат гули чӣ найранганд,
Шикастаанд ба ранге, ки олами ранганд.
Чи шишаву чи пари хоназоди ҳайрати мост,
Ба орамидагии дил, ки бехудон санганд.
Зи айбпӯшии абнои рӯзгор маҳурс,
Яке гар оина пардохт, дигарон занганд.
Фиреби сулҳ махӯр аз кушодарӯии халқ
Ки тангҳавсалагиҳон арсаи ҷанганд.
Ба водие, ки талаб норасон мақсади ӯст,
Баҳуш бош, ки манзилрасидагон, ланганд.
Навои пардаи бетобии нафас ин аст,
Ки офияттталабон сахт ғафлатоҳанганд.
Ту ҳар шикаст, ки хоҳӣ, ба дӯши мо барбанд,
Вафосиришта ҳарифони табиати ранганд.
Зи ваҳм бар сари минои худ чӣ меларзӣ,
Ҳанӯз шишагарон дар тараддуди санганд.
Ба бастани мижа анҷоми кор шуд маълум,
Ки оби оинаҳо ҷумла тӯъмаи занганд.
Ҳубоб ним нафас бо нафас намесозад,
Зи худ тиҳишудагон бар худ ин қадар танганд.
Зи халқ он ҳама бегона нестӣ, Бедил,
Ту ҳарзафикрию ин қавм олами банганд.

* * *

Шӯри Лайли ку, ки боз оромиш савдо кунад,
Хоки Маҷнунро ғубори хотири саҳро кунад.
Дар гулистоне, ки ранги ҷилва резад қоматат,
То қиёмат сарв мумкин нест сар боло кунад.
Метавонад аз дили мо ҳам тараб эҷод кард,
Аз гудози санги савдо гар касе мино кунад.
Медиҳад тӯмори сад Маҷнун ба боди печутоб,
Гирдбоде гар зи оҳам ҷилва дар саҳро кунад.
Осмон дорад зи ман сармояи таъмири дард,
Бишканад рангам, ба ҳар ҷо нолае барпо кунад.
Хокам аз осудагӣ шерозаи сад кулфат аст,
Ку парешонӣ, ки боз ин нусхаро аҷзо кунад?
Он сӯи зулмат ба ғайр аз нур натвон ёфтан,
Рӯй бар мавлост, ҳар кас пушт бар дунё кунад.
Оқибат нақше бар об аст эътибороти ҷаҳон,
Ном ҷои худ чӣ лозим дар нигинҳо во кунад.
Бурдаам пеш аз ду олам даъвии вомондагӣ,
Осмон мушкил, ки имрӯзи маро фардо кунад.
Гуфтугӯ аз маънии таҳқиқ дорад ғофилат,
Андаке хомӯш шав, то дил забон пайдо кунад.
Қоми айше тар нашуд аз хушкмағзиҳои даҳр,
Шиша бигдозад магар, то май ба ҷоми мо кунад.
Бедил асбоби ҷаҳонро ҳасратат машшота аст,
Зиштии ҳар чизро ноёфтан зебо кунад.

* * *

Ранги ҳино дар кафам бахор надорад,
Оинаам акси эътибор надорад.
Ҳосили ҳар чор фасли сари бахор аст,
Нашъаи озодагӣ хумор надорад.
Бе гули руят зи ранги гулшани ҳастӣ,
Хок ба чашме, ки у ғубор надорад.
Гарди ман он ҷо, ки дар ҳавои ту болад,
Ҷилваи товус эътибор надорад.
Тоқати дил нест маҳви ҷилва намудан,
Оина дар ҳайрат ихтиёр надорад.
Ваҳшат агар ҳаст, нест ранҷи алоиқ,
Водии ҷавлони нола хор надорад.
Як дили вораста дар ҷаҳон натавон ёфт,
Як гули берангу бӯ баҳор надорад.
Сайди таваҳҳумшикори доми хаёлем,
Ноқа ба гил хуфтаасту бор надорад.
Оlами имкон чӣ ҷои чашми тамаъност,
Роҳгузари поси интизор надорад.
Софии дил чист? Аз тамиз гузаштан,
Оина бо хубу зишт кор надорад.
То накашӣ ранҷи ваҳшате, ки надорӣ,
Нағмаи он соз шав, ки тор надорад.
Бедил, аз оинаам маҳоқ намудан,
Нестиям бо касе дучор надорад.

* * *

То дар оинан дил роҳи нафас во бошад,
Кулфати ҳар ду ҷаҳон дар гиреҳӣ мо бошад.
Субҳи шабнамсамари боғчаи найрангем,
Хандаву гирьяи мо аз ҳама аъзо бошад.
Гомҳо баски тар аз мавҷи сароб аст ин ҷо,
Нест бехушкии лаб, гар ҳама дарьё бошад.
Ҷилва муфт аст, ту дар ҳаққи нигаҳ зулм макун,
Ваҳм, гӯ, дар ғами андешаи фардо бошад.
З-ин гулистон магузар бехабар аз ковиши ранг,
Шоид ин парда ниқоби чаманоро бошад.
Пушту рӯе натавон баст бар оинаи дил,
Гули ин боғ муҳол аст, ки раъно бошад.
Мижае гарм тавон кард дар ин ибратгоҳ,
Болиши хоби касе гар пари Анқо бошад.
Саъи вомондагиям кард ба манзил ҳам дӯш,
Гиреҳи риштаи раҳ обилаи по бошад.
Ба кушоди мижа оғӯши яқин иншо кун,
Ҷилва то чанд зи чашми ту муаммо бошад.
Ишрате аз дили афсурдаи мо ранг набаст,
Хуни ин шиша магар дар раги хоро бошад.
Дил надорем, ҳамон боркаши сад аламем,
Занг саҳл аст, агар оина аз мо бошад.
Бедил, оинаи машраб накашад кулфати занг,
Синасофист, дар он базм, ки мино бошад.

* * *

Шаб, ки тўфончўшии чашми тарам омад ба ёд,
Фикри дил кардам, балои дигарам омад ба ёд.
Нақши пое кард гул, бетобиям дар хун нишонд,
Паҳлуе дар хок дидам, бистарам омад ба ёд.
Зарраро дидам парафшони ҳавои нестӣ,
Нуктае аз интихоби дафтарам омад ба ёд.
Саҷдаманзури киям, нақши ҷабинам ҷўш зад,
Хоки ҷавлони кӣ хоҳам шуд, сарам омад ба ёд.
Дар гиребон ғўта хўрдам, растам аз ошўби даҳр,
Киштиям мебурд тўфон, лангарам омад ба ёд.
Бе ту умре дар адам ҳам нанги ҳастӣ доштам,
Сўхтам бар хеш, то хокистарам омад ба ёд.
Ҷуръатам аз хиҷлати бедастгоҳи доғ кард,
Нола шуд парвоз, то аҷзи парам омад ба ёд.
То саҳар бепарда гардад, шабнам аз худ рафтааст,
Алвидоъ, эй ҳамнишинон, дилбарам омад ба ёд.
Ҳасрати тўфонбаҳори олами махмуриям,
Ҳар қадар гардид рангам, соғарам омад ба ёд.
Эй фаромўшӣ кучой, то ба фарьёдам расӣ,
Боз аҳволи дили ғампарварам омад ба ёд.
Бо қадомин обрў хоки дараш хоҳӣ шудан,
Доғ шав, эй ҷабҳа, домони тарам омад ба ёд.
Бедил, изҳори камолам маҳви нуқсон будааст,
То шикаст оина арзи ҷавҳарам омад ба ёд.

* * *

Беҳ, ки чанде дили мо хомушинишо бошад,
Ҷараси қофилаи бенафасиҳо бошад.
То кай, эй бехабар, аз ҳарзахурӯшиҳоят,
Кафи афсӯси хамӯшӣ лаби гӯё бошад.
Гӯшаи бехабарӣ вусъати дигар дорад,
Гарди осуда ҳамин домани саҳро бошад.
Бар дили сӯхтаам об мапош, эй нами ашк,
Барқи ин хона мабод оташи савдо бошад.
Норасоӣ қафаси тӯҳмати афсурдадилист,
Мушкиле нест зи худ рафтан, агар по бошад.
Талаб афсурда шавад, ҳиммат агар тангфазост,
Ҷапиши мавҷ ба андозаи дарьё бошад.
Ё раб, андешаи қудрат нақашад домани дил,
Занги ин оина, тарсам, яду байзо бошад.
Бигудозед, ки дар анҷумани ёди висол
Дил агар хун нашавад, доғи таманно бошад.
Нусхаи ҷисм, ки барҳам задан оройиши ӯст,
Ҷоми шероза писандед, гар аҷзо бошад.
Шӯълаҳо зеринишини аламӣ дуди худанд,
Чӣ шавад, сояи мо ҳам ба сари мо бошад.
Туву наззораи найранги ду олам, Бедил,
Ману чашме, ки зи ҳайронии худ во бошад.

* * *

Гар чунин бахти нагун ибраткамин пайдо шавад,
Ҳар кадар сар бар фалак соям, замин пайдо шавад.
Ҳеч кас маҳрамнавои сарнавишти шамъ нест,
Чон хат, е раб, забонам аз чабин пайдо шавад.
Дар гулистоне, ки хонад ашки ман сатри начй,
Сояи гул то абад аброфарин пайдо шавад.
Домани ваҳшат зи сайри ин чаман натвон шикаст,
Дида мижгон бар ҳам афшорад, ки чин пайдо шавад.
Он сӯи хешат чи дуньёву чи укбо ҳеч нест,
Бигзор аз худ, то нигоҳе пешбин пайдо шавад.
Боз гардонад инони чаҳд айши рафтаро,
Мум агар аз об гаштан ангубин пайдо шавад.
Баски бе рӯят дар ин куҳсор ҷонҳо кандаам,
Ҳар кучо номам барй, накши нигин пайдо шавад.
Нола то дасте кунад бар ёди домонат баланд,
Чун нанстонам зи ҳар узв остин пайдо шавад.
Олами об аст дашту дар зи шарми сачдаам,
Беарак гардад чабинам, то замин пайдо шавад.
Дар тамошогоҳи имкон ин чи мо гум кардаем,
Бедил, охир аз нигоҳи вопасин пайдо шавад.

* * *

Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маъниҳо кунад,
Чун забон мебояд аввал хилвате пайдо кунад.
Зинҳор аз суҳбати бадтинатон парҳез кун,
Зиштии як рӯ ҳазор оинаро расво кунад.
Умрҳо мебоядат бо безабонӣ сохтан,
То ҳамон хомӯшият чун оина гӯё кунад,
Мекашад бар дӯш сад тӯфон шикасти ҳодисот,
То касе чун мавҷ аз ин гирдоб сар боло кунад.
Ҳарзагард аз суҳбати соҳибназар гирад ҳаё,
Об гардад дуд, чун дар чашми мардум ҷо кунад.
Оҳи гарме сайқали сад оина дил мешавад,
Шӯълае чун шамъ чандин доғро бино кунад.
Бе гудози худ илоҷи кулфати дил мушкил аст,
Кист, ғайр аз об гаштан иқди гавҳар во кунад?
Медамад субҳ аз гиребони сафҳаи оинаро,
Аз тамошои хатат чун ҷавҳаре иншо кунад.
Шонаро иқболи гесӯят хутансармоя кард,
Вақти ринде хуш, ки бо ҷоки ҷигар савдо кунад.
Хоки маҷнунро асосе нест ғайр аз гирдбод,
Нолае ку, то бинои шавқи мо барпо кунад.
Сахт дур афтодаем аз обу ранги эътибор,
З-ин гулистон ҳар кӣ берун ҷаст, сайри мо кунад.
Бе хатое нест, Бедил, изтироби аҳли дард,
Ашк чун бетоб гардад, лағзише пайдо кунад.

* * *

Ҳосили офият онҳо, ки ба доман карданд,
Чун ҳамӯшӣ кафаси сӯхта хирман карданд.
Дил зи ҳасти чи хаёл аст, мукаддар нашавад,
Аз нафас хонаи ин оина равшан карданд.
Шӯълаи дардаму з-ин лоласитон меҷӯшам,
Ҳар куҷо доғи ту буд, онҳоро ман карданд.
Оҳ аз ин ҷилвафурӯшони мурувватдушман,
Қ-аз тағофул чӣ қадар оина оҳан карданд.
Ҷилва он ҷо, ки баҳори чамани берангист,
Сайқали оина мавқуфи шикастан карданд.
Дар мақоме, ки таманно ба хаёлат месӯхт,
Шараре ҷаст зи дил, водии эман карданд.
Чун нафас ҷуръати ҷавлон чӣ қадар бедодист
Пои моро, ки зи дил обиладоман карданд.
Навбаҳор он ҳама машшотагии хок надошт,
Хуни мо рехт ба ин ранг, ки гулшан карданд.
Наргисистони ҷаҳон ваъдагаҳи дидорест,
Қ-аз таҳайюр ҳама ҷо оина хирман карданд.
Эй хуш он мавҷ, ки дар табъи гуҳар хок шавад,
Аҷзи болидан моро раги гардан карданд.
Захм дар кеши заифӣ асарэҷоди руфуст,
Куштан рашкам аз он теғ, ки сӯзан карданд.
Як сипанд он ҳама сомон нафурӯшад, Бедил,
Укдае дошт дили сӯхта, шеван карданд.

* * *

Ҷайбам гар инчунин дили девона мекашад,
Оина дар муқобили ман шона мекашад.
Ҳар мавҷ нест қобили гавҳар дар ин муҳит,
Аз сад ҳазор реша яке дона мекашад.
Теғе, ки мешавад тарафи хуни ошиқон,
Ангушти зинҳор зи дандона мекашад.
Мӯри заифи мо, ки қаноат кафили ӯст,
Ҳарчанд интизор кашад, дона мекашад.
Лабрези инфиол зи камзарфии худем,
Аз мо арақ шароб ба паймона мекашад.
Эй хоҷа, пур ба карру фари мову ман маноз,
Фардост, к-ин тарона ба афсона мекашад.
Умрест, айн з-оинадорони мосавост,
Он ошно ҳамин ғами бегона мекашад.
Дар маҳфиле, ки доира бандад фурӯғи шамъ,
Нози ҷалоҷил аз пари парвона мекашад.
Парвозам аз қаламрави осори ранг нест,
Наққоши ман ба зулфи парӣ шона мекашад.
То дил ба ҷост, нашъаи ворастагӣ куҷост?
Саҳро ҳанӯз доман аз ин хона мекашад.
Бедил, ба нақши ҳар ду ҷаҳон мезанад қалам,
Хатте, ки сар зи лағзиши мастона мекашад.

* * *

Он сахокешон, ки бар эҳсон назар во кардаанд,
Аз кушоди дасту дил чашме дигар во кардаанд.
Сайри ин гулзор ғайр аз мотами наззора чист?
Дидаҳо яксар зи мижгон мӯи сар во кардаанд.
Сад мижа по хурд рабташ то туро бедор кард,
Як раги хобаш ба чандин нештар во кардаанд.
Вазъи махмури адаб хиффаткаши хамьёза нест,
Еди оғӯше, ки дар мавчи гуҳар во кардаанд.
Бедилонро ҳарза нафребад ғами дастори пуч,
Чун ҳубоб ин қавм сарро ҳам зи сар во кардаанд.
Сози мавчем, аз раму ороми мо ғофил мабош,
Ин камарҳо ҷумла домаи бар камар во кардаанд.
Нолаи мо з-ин чаман тамҳили парвоз асту бас,
Булбулон миниқор пеш аз болу пар во кардаанд.
Арзи ҷавҳар бар сафои оина дар бастан аст,
Ғофил аз қавме, ки дӯкони ҳунар во кардаанд.
Партави шамъи ҳақиқат хориҷи фонус нест,
Шӯхчашмон равзани санг аз шарар во кардаанд.
Мӯи пирӣ ибрати рӯзи сиёҳи кас мабод,
Оҳ аз он шамъе, ки чашмаш бар саҳар во кардаанд.
То нагардидам дуто қурби фано равшан нашуд,
Аз талоши пириям як ҳалқа дар во кардаанд.
Нотавонӣ, Бедил, аз ташвиши кудрат фориғ аст,
Укда дар бенохуниҳо бештар во кардаанд.

* * *

То машраби муҳаббат ранги вафо набошад,
Бояд миёни ёрон мову шумо набошад.
Бар мо хато гирифтан, аз кеши шарм дур аст,
Қас айби кас набинад, то беҳаё набошад.
Бо ҳар кӣ ҳар чӣ гӯӣ, санҷида боядат гуфт,
То каффаи виқорат по дар ҳаво набошад.
Аз сифла он чӣ зояд, таъзимро нашояд,
Нақше, ки ҷӯшад аз по, ҷуз зери по набошад.
Иброми бениёзон зиллаткаши ғараз нест,
Гар дар талаб бимирад, ҳиммат гадо набошад.
Дар пояш он чӣ резад, то ҳашр барнахезад,
Хуни вафосириштон ранги ҳино набошад.
Шамъи бисоти моро муфти нафас шуморест,
Ин як-ду дам таъаллуқ оташ чаро набошад?
Ҳарфи забони таҳқиқ бе нашъаи асар нест,
Дар кеши ростиҳо тири хато набошад.
Хӯ дорад он ситамгар бо шеваи тағофул,
Бегонаваш нафаҳмед, к-ӯ ошно набошад.
Беруни ин биёбон пар мезанад ғуборе,
Эй маҳрамон, бубинед, уммеди мо набошад?
Фитрат намеписандад манзури ҷоҳ будан,
То устухон бамағз аст, боби ҳумо набошад.
Дар маҷлисе, ки иззат мавқуфи худфурӯшист,
Дигар касе чӣ бошад, гар мирзо набошад.
Ҷуз аҷз рост н-оянд аз ориятсириштон,
Дӯше, ки зери бор аст, хам то куҷо набошад.
Бедил, ҳамон нафасвор моро ба ҳукми таслим
Бояд задан дари дил, ҳарчанд ҷо набошад.

* * *

Нашъаи яъсам ғами хумор надорад,
Домани афшондаам ғубор надорад.
Нест ҳаводис шикасти пояи аҷзам,
Обила аз хокмол ор надорад.
Шабнами тоқатфурӯши гулшани ашкам,
Об дар оинаам қарор надорад.
Пеши кӣ нолам зи дурбоши таҳайюр,
Ҷилва дар оғӯшу дида бор надорад.
Ибрату сайри саводи нусхаи ҳастӣ,
Нақши дигар лавҳи ин мазор надорад.
Шӯхии нашъунамои шамъ гудозест,
Мазраи мо ҷуз худ обьёр надорад.
Кина ба селоб деҳ зи нармии тинат,
Санг чу шуд мумиё, шарор надорад.
Ҳар чӣ тавон дид, муфти чашми тамошост,
Ҳайрати мо доғи нуру нор надорад.
Кист бурун тозад аз ғубори таваҳҳум,
Арсаи шатранҷи мо савор надорад.
Не шарариҳзораму не заррафурӯшам,
Ҳеҷкасиҳои ман шумор надорад.
Хоҳ ба бодам диҳанду хоҳ ба оташ,
Хоки ман аз ҳеҷ кас ғубор надорад.
Чанд кунам фикри оби дидаи Бедил,
Қатраи ин баҳр ҳам канор надорад.

* * *

Ку ҷунун, то уклаи хуш аз сари мо во кунад,
Ваҳми ҳастиро сипанди оташи савдо кунад.
Дар бисоти хокдони даҳр натвон ёфтан
Он қадар гарде, ки таъмири шикасти мо кунад.
Баъд аз ин он беҳ, ки хомӯшӣ диҳад доди сухан,
Гавҳари маъниӣ касе то кай забонфарсо кунад.
Аҷзи моро тарҷумони ғафлати мо кардаанд,
То ҳамон вомандагӣ таъбири хоби по кунад.
Барнаёянд то абад аз ҳайрати шукри нигоҳ,
Ҳар ки чун тасвир бар наққош чашме во кунад.
Бодпаймон сабукмағзест ҳар кас чун ҳубоб,
Соғари худро нагун дар маҷлиси дарьё кунад.
Баъди умре он пари гармилтифоти дилбарист,
Меравам аз худ, мабодо ёди истиғно кунад.
Қимати васлаш надорад дастгоҳи коинот,
Нақди мо ҳеч аст, шояд ҳам ба мо савдо кунад.
Бе такаллуф санъати меъмори ишқам доғ кард,
К-аз шикасти ҳар ду олам нолае барпо кунад.
Бебарихоро илоҷе нест, шояд чун чинор
Даст бар ҳам судани мо оташе пайдо кунад.
Ибрати ман чошнигире аз шикасти оламест,
Ҳар чи гардад тутиё, чашми маро бино кунад.
Чора душвор аст, Бедил, шухии наззораро,
Шарми ҳусни ӯ магар дар дидаи мо ҷо кунад.

* * *

Ҳар ки ҳарфе аз лабат во мекашад,
Аз раги ёқут саҳбо мекашад.
Баски махмури хаёлат рафтаем,
Омадан хамёзаи мо мекашад.
Нозиши мо, бекасон, бар нестист,
Хору хас аз шӯъла боло мекашад.
Шавқ то бар лаб расонад нолае,
Гарди дил домони саҳро мекашад.
Меравем аз хешу хиҷлат мекашем,
Завқи оғӯши кӣ моро мекашад?
Ишқи хунхор аз дами теғи фано
Дасти эҳсон бар сари мо мекашад.
Ҳудгудозӣ зарф пайдо кардан аст,
Ашки дарьёҳо ба мино мекашад.
Умрҳо шуд, пои хоболуди ман
Интиқом аз саъи беҷо мекашад.
Не нишон дорам на ном, аммо ҳануз
Ҳиммати ман нанги Анқо мекашад.
Мегурезам аз асарҳои ғурур.
Ашк ҳар ҷо сар кашад, по мекашад.
Маҳви ишқ аз куфру имон фориғ аст.
Хонаи ҳайрат тамошо мекашад.
Бедил, аз лаббайки ноқусам мапурс,
Ишқ дар гушам навоҳо мекашад.

* * *

Шаб, ки дар ёдат саропоим забони нола буд,
Хостам, ранге бигардонам, иноии нола буд.
Қас наёмад маҳрами рози нафас дуздиданам,
В-арна ин шамъи хамӯш аз дудмони нола буд.
Ҷӯши дардам, навниёзи беқарорӣ нестам,
Дар хамӯшӣ ҳам сарам бар остони нола буд.
Аз фусуни ишқ ҳайронам, чиҳо хоҳам кашид,
Гар кашидам новакат аз дил, камони нола буд.
Бо тазаллумпешагон хуш бошад, истиғнои ишқ,
Шиша гар бар сангам ояд, имтиҳони нола буд.
Еди он маҳмилтарозиҳон гарди бехудӣ,
Қ-аз дилам то кӯи ҷонон корвони нола буд.
Сӯхтан кард ин қадар огоҳам аз аҳволи дил,
Қ-ин сипанди бенаво мӯҳри забони нола буд.
Ҳасрати дидор найранге аҷаб дар кор дошт,
Ҳар қадар дил об шуд, оташ ба ҷони нола буд.
Шӯхии изҳори мо аз вазъи худ шарманда нест,
Гӯши сангини адофаҳмон фасони нола буд.
Ин қадар, эй маҳмилоро, аз дилам ғофил мабош,
Рӯзгоре ин ҷарас ҳам ошьёни нола буд.

Бетамиозиҳон кадри офият ҳам оламест,
Хомуши пар мезаду моро гумони нола буд,

Тарки ҳастӣ шуд далели як ҷаҳон расвоиям,
Олами аз худ бурун чидан дукони нола буд.
Дарди ишқ аз бениёзӣ фоли меъроҷе назад,
В-арна чун най банд-бандам нардбони нола буд.
Бедилиҳо гашт, Бедил, монеи изҳори шавқ,
Гар диле медоштам бо худ, ҷаҳони нола буд.



* * *

Ғафлатохангон, ки дилро сози ғавғо кардаанд,
Аз нафас бар хонаи оина дар во кардаанд.
Аз сари бемағзи ин савдопарастони амал,
Байзаҳо пинҳон ба зери боли Анқо кардаанд.
Он қадар арзиш надорад нақду ҷинси эътибор,
Маҳрамон беруни ин бозор савдо кардаанд.
Дархури тарки алоиқ мансаби озодагист,
Ҳар чи берун рафтаанд, аз хона саҳро кардаанд.
Даъвии ишқу саломат дастгоҳи ханда аст,
Ин ҳавасноком ба киштӣ сайри дарьё кардаанд.
Қоргоҳи беннёзӣ бастан асбоб нест,
Шишасозон бо нафас эҷоди мино кардаанд.
Ҳеҷ кас ин ҷо намебошад суроғи ҳеҷ кас,
Хонаи хуршед аз хуршед пайдо кардаанд.
Барнамеояд ҳавас бо шавкати иқболи дард,
Шуд аламҳо сарнагун, то нола барпо кардаанд.
Бе тааммул сар макун ҳарфи китоби эҳтиёҷ,
Маънии изҳори матлаб сакта иншо кардаанд.
Ҳар чӣ дорад маҳфили таҳқиқ, имрӯз асту бас,
Хок бар фарқи ду олам дину фардо кардаанд.
Бе тамизе чанд бар айвону қасри заригор,
Нозҳо доранд, гӯё дар диле ҷо кардаанд.
Кас мабинод аз нифоқи ихтилоти ақлу ҳис
Доғи ин зулме, ки моро аз ту танҳо кардаанд.
Ҷайбҳо зад чок субҳу чарх доманҳо дарид,
То ту з-ин кисват буруи ой, ҷунунҳо кардаанд.
Андаке Бедил, ба ҳуш о, ваҳму зан(н) даркор нест,
Ҳар чӣ мебинӣ, ниёзи ибрати мо кардаанд.

* * *

Шарми кусурам аз сухан шикваи эътибор бурд,
Оинадории арақ аз нафасам ғубор бурд.
Ҷуз хати ҷодаи адаб қосиди муддао набуд,
Лағзиши по ба доманам нома ба кӯи ёр бурд.
Баски ба боргоҳи фазл расми қабули ом буд,
Ҳар ки бизоате надошт, орзуи нисор бурд.
Ибрати майкашони яъс сӯхт димоғи мастиям,
Ҳар кӣ қадаҳ ба санг зад, аз сари ман хумор бурд.
Бе рухат аз ҳуҷуми дард баски ҷунунҳайратам,
Рангам агар паре шикаст, нола ба кӯҳсор бурд.
Ҳирс дар орзуи ҷоҳ ранги ҳузури фақр бохт,
Нақди бисоти оламе фикри ҳамин қимор бурд.
З-ин амале, ки ваҳми халқ ғарраи тоқати худ аст,
Ҷуз ба адам наметавон ҳасрати музди кор бурд.
Шуғли ҳавас ба ҳеҷ кас навбати огаҳӣ надод,
Завқи ҳино зи дасти мо домани он нигор бурд.
Чун нафас аз фусуни дил обилапои ҳайратам,
Ҷуз ғами кӯтаҳӣ набуд, аз гиреҳ он чӣ тор бурд.
Оҳ, ки гӯши ибрате маҳрами рози мо нашуд,
Нола ба ҳар куҷо дамид, реша ба пунбазор бурд.
То рақами чӣ муддаост сархати килки орзу,
Дида сиёҳие, ки дошт, котиби интизор бурд.
Бедил, аз ин ду дам нафас к-ояти ибрат асту бас,
Шахси адам зи номи ман ҳиҷлати иштиҳор бурд.

* * *

Аз нолаам он шўх мукаддар шуда бошад,
Мурз аст, ба ҳарфи фуқаро тар шуда бошад.
Дӣ нолаи гум карда асар мунфаилам кард,
Ин ришта гулўгири чи гавҳар шуда бошад.
Ороиши кўсу духул аз хоҷа аҷаб нест,
Хирсе ба хурўш омадаву хар шуда бошад.
Аз тинати зангӣ набарад ғоза сиёҳӣ,
Санги маҳаке то ба куҷо зар шуда бошад.
Аз касби сафо ботини ин тирадиле чанд,
Чун соя ба маҳтоб сияҳтар шуда бошад.
Зоҳид хиҷил аз маҷлиси риндон бадар омад,
Дар хонаи ин масхара духтар шуда бошад.
Бар фитрати дун нози баландӣ натавон чид,
Ин обилаи по чӣ қадар сар шуда бошад.
Хиффаткаши ҳамчашмии иқболи ҳубоб аст,
Бемағзе агар соҳиби афсар шуда бошад.
Расвоии фитрат макаш аз ҳарзанавоӣ,
Саҳро беҳ аз он хона, ки бедар шуда бошад.
Тадбири саноеъ шавад аз марг ҳисорат,
Оина агар садди Сикандар шуда бошад.
Мансуби ду чашм аст, нигоҳе, ки ту дорӣ,
То ҳар чӣ тавон дид, мукаррар шуда бошад.
Мо, софдилон, партави хуршеди вафоем,
Домаи макаш аз мо, ҳама гар тар шуда бошад.
Гўянд: дили гумшуда манзури нигоҳест,
Оинаи мо олами дигар шуда бошад.
З-ин боғи хавас нома ба он гул натавон бурд,
Ҳарчанд ки ранги ту кабутар шуда бошад.
Мо ҳеҷ надидем аз ин ҳастии мавҳум,
Бедил, ба хаёлат чӣ мусаввар шуда бошад.

* * *

Аз ғуборам ҳарчи боло мекашад,
Сурма дар чашми сурайё мекашад.
Баски madди ваҳшати шавқам расост,
Фикри имрӯзам ба фардо мекашад.
То хирад боқист, саҳрои ҷунун
Доман аз олониши мо мекашад.
Хобнокон мераманд аз огаҳӣ,
Соя аз хуршед худро мекашад.
Сахт беранг аст нақши муддао,
Оламе тасвири Анқо мекашад.
Хуни дил бепарда аст, аз инфиол,
Сарнагунӣ май зи мино мекашад.
Ақл гӯ, хун шав, ки тафтиши ҷунун
Як ҷаҳон шӯр аз нафас во мекашад.
Мо, гаронҷонон, зи худ сар мекашем,
Кӯҳ аз доман агар по мекашад.
Тарзабонӣ хиффати ақл асту бас,
Сад шикаст аз мавҷ дарьё мекашад.
Маҳмили ранг аз шикастан бастаанд,
Баски бори дарди дилҳо мекашад.
Оламеро мебарад ҳасрат фурӯ,
Ин наҳанги ташна дарьё мекашад.
Зарпарастӣ мекунад дилро сиёҳ,
Охир ин сафро ба савдо мекашад.
Бори мо, Бедил, ба дӯши оҷизист,
Сояро афтодагиҳо мекашад.

* * *

Рами вахшинигохи ман ғуборангези ҷавлон шуд,
Саводи дашти имкон шўхии чашми ғазолон шуд.

Ба завқи чилвай у аз адам то сар баровардам,
Чу туфони баҳор аз ҳар кафи хокам гиребон шуд.

Хамўширо забонҳо медиҳад эъчози ҳусни ў
Ба чашмаш сурма то бар хештан болид, мижгон шуд.

Ба қадри шўхии хатташ сиёҳӣ мекунад доғам,
Зи ҳар дуде, к-аз он чо гирд кард,
ин чо чароғон шуд.

Табиат мавчи ҳамворӣ зад аз навмедии матлаб,
Баланду пасти моро даст бар ҳам суда суҳон шуд.

Ҳичобандеши хуршеди ҳузури кист ин гулшан,
Ки гул чун субҳ дар гарди шикасти ранг пинҳон шуд.

Ба рўи ғайр дар бастам,
зи ранчи чустчў растам,
Чароғи хилватам оҳир нигоҳи пири Канъон шуд.

Баҳори сад гулистон машрабам аз тозарўиҳо,
Чу саҳроим кушоди чубба тарҳандози домон шуд.

Зи ганчи фақр, нақди офият чустам, надонистам,
Ки хоҳад бурьё ҳам баҳри фарьёдам найистон шуд.

Дар ин ҳирмонсаро қурбе ба ин дурӣ намебошад,
Мане дар парда мекардам тасаввур, ӯ намоён шуд.

Ба мижгон бастане кӯтаҳ кунам афсонаи ҳасрат,
Ҳарифи интизори матлаби ноёб натвон шуд.

Саропо маъниин дардам, иборат хатм куи Бедил.
Ки ман ҳар ҷо гиребон чок кардам, нола урьён шуд.

* * *

Ку рангу чӣ бӯ? Ҷилваи ёр аст, бубинед,
Гул нест, ҳамон лолаузор аст, бубинед.
З-он барги гуле чанд, ки оинаи ранганд,
Он даст, ки беруни нигор аст, бубинед.
Офоқ ба арзи асари хеш асир аст,
Сайёд ҳамин гарди шикор аст, бубинед.
Бар сафҳаи оташзадаи умр манозед,
Фурсат чӣ қадар субҳашумор аст, бубинед.
Ин дашт, ки ҷавлонгаҳи сад ранги таманност,
Эй обилапоён, ҳама хор аст, бубинед.
Хунгармии ишқ оинапардози баҳор аст,
Ку ғунча, чӣ гул, бӯсу канор аст, бубинед.
Як саҷда напаймуд талаб беараҳи шарм,
Пешонии мо обиладор аст, бубинед.
Он ранг, к-аз андеша бурун аст, хаёлаш
Дигар натавон дид, баҳор аст, бубинед.
Умрест тамошокадаи шӯхии нозем,
Оинаи мо бо кӣ дучор аст, бубинед.
Бедил зи нафас оинаам ямсхурӯш аст,
Қ-эй дидаварон, ин чӣ ғубор аст, бубинед.

* * *

Қиёматхандарезе бар мазори ман гулафшон шуд,
Зи шӯри орзу ҳар зарраи хокам намакдон шуд.
Ба шуғли саҷдаи ӯ гар чунин фарсуда мегардад,
Ҷабин дар кисвати нақши қадам хоҳад намоён шуд.
Надонам, дар шикасти турраи мушкин чӣ пардозад,
Ки гар домаи шикаст, оинадори каҷкулоҳон шуд.
Чи имкон аст, аз найранги тимсолаш нишон додан,
Агар сар то қадам ҳайрат шавӣ, оина натвон шуд.
Ҳаёсармоягиҳо нест, бе сомони мастурӣ,
Нигаҳ дар ҳар куҷо бепарда шуд, мӯҳтоҷи мижгон шуд.
Таҳайюр маъние дорад, ки лафз он ҷо намегунҷад,
Чу ман оина гаштам, ҳар чӣ сурат буд, пинҳон шуд.
Баҳоре дар назар дорам, ки шӯхиҳои найрангаш
Маро дар пардаи андеша хун карду гулистон шуд.
Адампаймоии мавҷу ҳубоби мо чӣ мепурсӣ,
Ҳамон чини шикаст ин шишаҳоро тоқи нисён шуд.
Ду олам дошт бар Маҷнуни мо бозори дилтангӣ,
Димоғи вакти савдо хуш, ки ошуфту биёбон шуд.
Чу шабнам соғари дардам ба осонӣ нашуд ҳосил,
Саропоям зи ҳам бигдохт, то як чашми гирьён шуд.
Суроғи шӯълаи дигар надорад миҷмари имкон,
Ту дил дар парда равшан кун, буруи хоҳад чароғон шуд.
Тилисми нози маъшуқ аст сар то пои ман Бедил,
Ғуборам гар зи ҷо бархост, зулфи ӯ парешон шуд.

* * *

Дил хилвати андешаи ёр аст, бубинед,
Ин оина дар шуғли чӣ кор аст, бубинед.
З-он пеш ки бар хирмани мо барқ фурӯшад,
Он шӯъла, ки имрӯз шарор аст, бубинед.
Дар баҳр чу гавҳар натавон чашм кушудан,
Имрӯз, ки гавҳар ба канор аст, бубинед.
Бар нусхаи ҳастӣ напсандед тағофул,
Ҳарчанд хаташ ҷумла ғубор аст, бубинед.
Ҳарфест ба нақш омада найранги ду олам,
Дигар ба шунидан чӣ мадор аст, бубинед.
Сармоии ҳар зарра зи хуршед мисолест,
Ин қофилаҳо оинабор аст, бубинед.
Аз касрати оинаи раънонии он гул
Ҳар булбул аз ин боғ ҳазор аст, бубинед.
Аз ҳалқаи оғӯши таҳайюр натавон раст,
Ҳар шаш ҷиҳат оина дучор аст, бубинед.
Аз ҷилва чӣ лозим ба хаёл оина чидан,
Эй ғайрпарастон, ҳама ёр аст, бубинед.
Ҳар гаҳ мижа барҳам расад, ин боғ хароб аст.
То фурсати наззора баҳор аст, бубинед.
Ҳар ҷо нами ашке битапад дар кафи хоке,
Эй хушнигаҳон, Бедили зор аст, бубинед.

* * *

Ҳавас то чанд бар дил тӯҳмати ҳар хушку тар бандад,
Бидуздам дар худ оғӯше, ки бар офоқ дар бандад.
Ба ин як ришта зунноре, ки дар раҳни нафас дорам,
Гусастан то ба кай чун субҳа сад ҷоям камар бандад.
Ба озодӣ шавам чун ҷамъ то мумтози ин маҳфил,
Кушоям риштаи пое, ки дасторам ба сар бандад.
Ба ҳамчашмон хаёли имтиёзам об месозад,
Худоё, қатраам беруни ин дарьё гуҳар бандад.
Зи ҳосил қатъи хоҳиш кун, ки нахли ин гулистонро
Ба тӯмори нумӯ мӯҳр аст, дар ҳар ҷо самар бандад.
Ҷаҳон ифшогари роз аст, бар ғафлат матан чандон,
Ки ноҳинҷорият дар хонаи оина хар бандад.
Ҷунуни гул аён аст аз гиребончокии аҷзо,
Ки ваҳшат баркашад аз сангу хиффат бар шарар бандад.
Ҷаҳоне дар ғубори мову ман монд аз адам ғофил,
Ҳазар аз сайри саҳрое, ки роҳи хона бароандад.
Ба базми ишқ пур беҷуръати тамҳиди зинҳорам,
Магар ашке чу мижгон бар сарангуштам ҷигар бандад.
Вафо то аз ҳаловат нагсилонад рабти часпонам,
Ҳузури бурьё, ё раб, ба паҳлуям шакар бандад.
Зи бас ворастагӣ меҷӯшад аз буньёди ман, Бедил,
Ба ранг улфат нагирад, нақши ман наққош агар бандад.

* * *

Чу гавҳар қатраам то кай ба об афтад, ки бархезад,
Замоне кош дар пои ҳубоб афтад, ки бархезад.
Ҷаҳоне гашт аз номаҳрамӣ помоли афсурдан,
Ба фикри худ касе з-ин шайху шоб афтад, ки бархезад.
Ба иқболи фано ҳам нанг дорад фитрат аз дунон,
Мабодо соне дар офтоб афтад, ки бархезад.
Зи тақво домани узлат гирифту хок шуд зоҳид,
Магар чун шӯри мастӣ дар шароб афтад, ки бархезад.
Ба ҳашри хоҷа мапсанд, эй фалак, ғайр аз замингирӣ,
Мабод ин хар мукаррар дар халоб афтад, ки бархезад.
Фусуни шиша моро аз парӣ навмед кард охир,
Ба рӯи кас муҳол аст ин ниқоб афтад, ки бархезад.
Дар ин саҳро уруҷи нози ҳар гардест домоне,
Сари мо ҳам ба фикри он рикоб афтад, ки бархезад.
Ҳаё мушкил, ки гирад домани ранги чаманхезаш,
Чу гул ҳарчанд ин оташ дар об афтад, ки бархезад.
Таҳаммул хиҷлати хиффат намебандад дар ин маҳфил,
Сипанди мо чаро дар изтироб афтад, ки бархезад.
Зи лангардории расми тавақкӯъ об мегардам.
Худоё, бахти ман чандон ба хоб афтад, ки бархезад.
Ниҳон дар остини яъс дорам чун саҳар дасте,
Ғубори ман дуои мустаҷоб афтад, ки бархезад.
Нумӯ рабте надорад бо ниҳоли муддао, Бедил,
Магар оташ дар ин дайри хароб афтад, ки бархезад.

* * *

Ба маҳфиле, ки фузуле қадаҳ ба даст нагирад,
Хумор агар асас оид бурун, ки маст нагирад.
Бисоз бо дили хурсандӣ аз ҷаҳони тааййюн,
Ки чун кулоҳаш агар бишканӣ, шикаст нагирад.
Ба ранге оина пардоз деҳ, ки то ба қиёмат
Ҷаридват чу адам нақши ҳар чӣ ҳаст, нагирад.
Кушоди дасту дил аст анҷумантарозии машраб,
Кас ин қадаҳ ба кафи остинпараст нагирад.
Дигар умед чӣ дорад ба сайдгоҳи тахайюл
Касе, ки моҳии баҳри гумон ба шаст нагирад.
Куҷост ҷуз сари таслими мо ба роҳи муҳаббат
Фитодае, ки касаш ҷуз ғубор даст нагирад.
Ба сайдгоҳи талаб маънил аз расоии ҳиммат,
Ки ғайри уқдаи дил ришта чун гусаст, нагирад.
Надид қатра зи қаъри муҳит ғайри фусурдан,
Чӣ мумкин аст, ки дил дар ҷаҳони паст нагирад.
Сияҳ макун вараҳи имтиҳони оина, Бедил,
Ки машқи хомаи саъи нафас нишаст нагирад.

* * *

Бо ин хироми ноз агар он маст меравад,
Ранги ҳино ба ҳайраташ аз даст меравад.
Қасби камол оинадори фурӯтанист,
Мавҷи гуҳар зи шарми ғано паст меравад.
Халқи ҷунунталош ҳамон бар умеди пуч,
Ҳарчанд саъй пеш нарафтаст, меравад.
Осудагӣ чу реги равонам чӣ мумкин аст?
Пои талаб гар обила ҳам баст, меравад.
Хоҳӣ ба сайри лолаву хоҳӣ ба гашти гул
Бо домани ту ҳар кӣ напайваст, меравад.
Ашкам ба ранги сел дар ин дашт умрҳост
Бетоби он ғубор, киananшаст, меравад.
Бекор нест даври хароботи зиндагӣ
Ҳар кас зи хеш то нафасе хаст, меравад.
То кай ба гуфтугӯ шуморӣ фурсате, ки нест,
Эй бенасиб, моҳият аз шаст меравад.
Бедил, дигар тазаллуми ҳирмон куҷо барам?
Ман ҷуръате надораму ӯ маст меравад.

* * *

На ҳастӣ аз нафасҳоям шумори нола мегирад,
Адам ҳам аз ғубори ман нёри нола мегирад.
Намедонам, дили озурдаам, ё шавқи маъюсам,
Ки ҳар чо меравам, роҳам ғубори нола мегирад.
Баму зери дигар дорад навои сози муштоқон,
Нафас дуздидан ин чо ихтисори нола мегирад.
Арақ гул кардаам аз шарми матлаб, лек истиғно,
Ҳамон чун мавҷ ашкам обьёри нола мегирад.
Наянгезад чаро дуд аз сипанди нотавони ман,
Наистонҳо дар оташ хор-хори нола мегирад.
Агар мутлакинон гардад сипоҳи изтиробн дил,
Ду олам шӯхие як найсавори нола мегирад.
Адаб ҳарчанд маҳви сурма гардонад ғуборамро,
Ҷунуни шавқ роҳи интизори нола мегирад.
Фано мушкил, ки гардад, пардадори нокасиҳоям,
Хаси ман оташ аз ранги баҳори нола мегирад.
Шикасти соз ҳам оҳангҳо дорад дар ин маҳфил,
Чу комил шуд хамӯшӣ, иштиҳори нола мегирад.
Намедонам, киро гум кардааст оғӯши уммедам,
Ки ҳасрат оламеро дар канори нола мегирад.
Зи хокистар гузашт афсонаи доғи сипанди ман,
Ҳанӯзам орзу шамъи мазори нола мегирад.
Фалактозист, Бедил, тарки вазъи хештандорӣ,
Ки ҳар кас рафт аз худ, эътибори нола мегирад.

* * *

Зи шӯхӣ чашми мо то кай ба рӯи ғайр во бошад,
Нигаҳ бояд ба худ печад, агар соҳибҳаё бошад.
Тасаввур метапад дар хун, таҳайюр мешавад Маҷнун,
Чӣ зулм аст ин, ки кас дур аз ту бо худ ошно бошад.
Аз ин хоки фано то кай фиреби зиндагӣ хӯрдан,
Ки дорад даст шустан, гар ҳама оби бақо бошад.
Суроғи ҷилвае дар хилвати дил медиҳад шавқам,
Ғарибам, хонаи оина мепурсам, куҷо бошад.
Надорад азми содиқ инфиоли ҳарзаҷавлонӣ,
Ба андӯхи каҷӣ хун шав, агар тират хато бошад.
Мижа ҳар ҷо ба ҳам сой, нигоҳе хуфта аст он ҷо,
На шомат бе саҳар ҷӯшад, на зангат бесафо бошад.
Чӣ имкон аст, ҳам бардорад аз буньёди аҷзи ман,
Агар зери бағал чун тори чангам сад асо бошад.
Зи бас чун гул тунук карданд барги ишрати моро,
Агар ранге пар афшонад, шикасти кори мо бошад.
Ба ғайр аз нола сомоне надорад хонаи ваҳшат,
Камони ҳалқаи занҷири мо тираш садо бошад.
Надорад ҳеҷ кас огоҳӣ аз саъйи гудози ман,
Ҳамон беранг месӯзад, нафас дар ҳар куҷо бошад.
Паси ҳар хоки аз худ рафта дорам қосиди ашке,
Саҳар ҳар сӯ хиромад, чашми шабнам дар қафо бошад.
Тааммул кун, чӣ мағрури иқомат мондаӣ, Бедил,
Мабодо дар нигини номе, ки дорӣ, нақши по бошад.

БМ № 324

Ба матбаа 14. 03. 89 супурда шуд. Ба чопаш. 17. VI-1991. имзо шуд. Формати 70x108 $^{1}/_{32}$. Коғази офсетии № 1. Гарнитураash адабӣ. Чопаш офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 19,22. Ҷузъи рангаи шартӣ Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,589. Адади нашр 15000 Супориши № 4857. Нархаш 6 сӯм.

Душанбе, нашриёти «Адиб» кӯчаи Рудакӣ, 37

Матбааи аввалини Комитети давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот.

Душанбе хиёбони Ленин 37

*БЕДИЛ*

**ИЗБРАННЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ В 8-И ТОМАХ, Т.3**

(на таджикском языке)

Рассом *В. Безушко*

Муҳаррири расмҳо *А. Муҳаммадиев*

Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*

Мусаҳҳеҳ Олим Исматӣ

* * *

Бепардааст чилва зи тарфи никоби субҳ,
То кай равӣ чу дидаи анҷум ба хоби субҳ.
Аҳли вафо зи захм гули файз чидаанд,
Беруни чоки сина мадон фатҳи боби субҳ.
Пирӣ расид, мағфиратомода шав, ки нест
Ғайр аз кафи дуо вараке дар китоби субҳ.
Аз ваҳшати нафас натавон ҷуз ғубор чид,
Ранги шикастани ту бас аст интихоби субҳ.
Бо чашми хушк чашм зи файзи саҳар мадор,
Ашк аст равғане, ки диҳад шири ноби субҳ.
Ҷурми ҷавон ба пир бубахшанд рӯзи ҳашр,
Шӯянд номаи сияҳи шаб ба оби субҳ.
Ин дашт як қалам зи ғубори нафас пур аст,
Ҳасрат кашидааст ба ҳар сӯ таноби субҳ.
Коме, ки дорӣ аз нафаси вопасин талаб,
Фурсат даранг баста ба дӯши шитоби субҳ.
Ҳосил зи умр як дами огоҳиясту бас,
Чун пунба шуд зи гӯш, намонад ҳиҷоби субҳ.
Қу муштарӣ, ки ҷинси хурӯше бароварем,
Дорем аз қумоши нафас ҷумла боби субҳ.
То бӯе аз қаламрави таҳқиқ вокашем,
**Бедил, давондаем нафас дар рикоби субҳ.**

* * *

Аз кавокиб гул фишонад чарх дар домони субҳ,
Офтоб оина корад дар раҳи ҷавлони субҳ.
Ботини пирон фурӯғободи чандин огаҳист,
Файз дорад гавҳарӣ аз ганҷи бепоёни субҳ.
Нур соҳибравнақ аз гарди касоди зулмат аст,
Куфри шаб аз кӯҳнагиҳо тоза кард имони субҳ.
Гоҳи хомӯшӣ нафас оинан дил мешавад,
Суди хуршед аст, ҳар ҷо гул кунад нуқсони субҳ.
Дастгоҳи нозам аз саъи ҷунун омодааст,
Дорам аз чоки гиребон нусхаи тӯфони субҳ.
Фатҳи бобе охир аз чоки дилам гул карданист,
Сояи чашми сафеде ҳаст бар Канъони субҳ.
Маҳви анҷомам, димоғи сайри оғозам куҷост,
Бар фурӯғи шамъ кам дӯзад назар ҳайрони субҳ.
Он чӣ оғозаш фано бошад, зи анҷомаш мапурс,
Метавон тӯмори имкон хондан аз унвони субҳ.
Чанд бояд буд дар ибратсарои рӯзгор
Тӯҳматолуди нафас чун пайкари беҷони субҳ?
Нусхаи шамъам, ки аз барҷастагиҳои хаёл
Мақтаам бартар гузашт аз матлаи девони субҳ.
Марги аҳли сӯз бошад ҳарфи сарди носеҳон,
Шамъро теғ аст, Бедил, ҷунбиши домони субҳ.

* * *

Мӯи пирӣ баст бар табъи ҳасадтахмир сулҳ,
Дод хунро бо сафо оинадори шир сулҳ.
З-ин туфангу тир пархоше, ки дорад ҷаҳли халқ
Нест мумкин, то наёрад дар миён шамшер сулҳ.
Матлаби ноёб моро душмани ором кард,
Бо хамӯши мушкил аст аз оҳи бетаъсир сулҳ.
Охир аз вазъи ҷунуни узри алоиқ хостем,
Кард бо урьёнии мо хори домангир сулҳ.
Бар таҳаммул зан, ки мегардад дар ин дайри нифоқ
Сулҳ аз таъҷил ҷангу ҷанг дар таъхир сулҳ.
Бо қазо гар сар нахоҳӣ дод, ку пои гурез?
Ихтиёрӣ нест ин омоҷро бо тир сулҳ.
Мардро чун теғ дар ҳар амр якрӯ будан аст,
Нест ҳангоми дуо бехиҷлати тазвир сулҳ.
Ом шуд расми таалluқ, шарми озодӣ кирост,
Халқро чун ҳалқа бо ҳам дод ин занҷир сулҳ.
Дар тилисми ҷамъи аздоде, ки барҳам хурданист,
Об мегардам зи ҳиҷлат, гар намояд дер сулҳ.
Эътиборот он чӣ дидам, гуфтам, авҳом асту бас,
Ҷанги сад хоби парешон шуд ба як таъбир сулҳ.
Дӯш аз пири хирад ҷустам тариқи офият,
Гуфт: эй ғофил, ба ҳар тақдир бо тақдир сулҳ.
Қош ранги олами мавҳум дарҳам бишканад,
Танг шуд, Бедил, ба ҷанги лашкари тасвир сулҳ.

* * *

Надошт дидан ман бе ту тоби хандаи субҳ,
Зи ашк дод чу шабнам ҷавоби хандаи субҳ.
Табассуми гули захми ҷигар намак дорад,
Қиёматест ниҳон дар ниқоби хандаи субҳ.
Навиштаанд дабирони дафтари найранг
Ба рӯзномачаи гул ҳисоби хандаи субҳ.
Дар ин қаламрави ваҳшат куҷост фурсати айш,
Магар кашӣ нафасе дар рикоби хандаи субҳ.
Нишоти хастадилон бину сайри мотам кун,
Ки ҳеҷ гиръя наярзад ба оби хандаи субҳ.
Чӣ ҷилваам, ки зи файзи шикастарангии яъс
Кашидаанд ба рӯям ниқоби хандаи субҳ.
Ба ҳоли захми дили ман насӯхт ғайр аз доғ,
Ҷуз офтоб кӣ бошад кабоби хандаи субҳ.
Ба ғайри шабнами ашк аз баҳори умр намонд,
Баҷост нуктае чанд аз китоби хандаи субҳ.
Ба айш ним нафас гар кашӣ, мабош эмин,
Ки мекашанд зи шабнам гулоби хандаи субҳ.
Гумон мабар ману фурсатпарастии омол,
Ки шустаам ду ҷаҳонро ба оби хандаи субҳ.
Дар ин чаман, ки умеди нишот навмедист,
Зи ранги бохта дорам шароби хандаи субҳ.
Баҳори файз камининтизори расвоист,
Зи ҷайби пора кунед интихоби хандаи субҳ.
Ғубори рафта ба бодам нафасшумори бақост,
Ба ман кунед, азизон, хитоби хандаи субҳ.
Расид нашъаи пирӣ, чӣ хуфтаӣ, Бедил,
Ба гиръя зан қадаҳе аз шароби хандаи субҳ.

* * *

Ҳар кӣ з-ин анҷуман осори сафо мебинад,
Нашъа аз бодаву аз тори садо мебинад.
Равған аз пардаи бодом тавонад дидан,
Ҳар кӣ аз наргиси масти ту адо мебинад.
Нест рангин зи ҳино нохуни поят, ки баҳор
Талъати хеш дар ин оинаҳо мебинад.
Дар раҳат ҳар мижа ангушт фушурдаст ба хок,
Саҷда фоле ба нишони кафи по мебинад.
Чӣ хатоҳо, ки надорад асари каҷназарӣ,
Сарвро аҳвали маъзур дуто мебинад.
Дар мақоме, ки тамошо асари берангист,
Чашми пӯшида ба маънӣ ҳамаро мебинад.
Ин ғуруре, ки ба хилватгаҳи яктоии ӯст,
Гар ҳама оина гардем, куҷо мебинад.
Аз хами кокули ӯ фикри раҳой ғалат аст,
Шона ҳам дасти худ он ҷо ба қафо мебинад.
Ҷилваи шахс зи тимсол аён аст ин ҷо,
Аз ту ғофил набувад, ҳар кӣ маро мебинад.
Шаш ҷиҳат об шуду оинае соз накард,
Ҳусн, ё раб, чӣ қадар арзи ҳаё мебинад.
Ғайр дар олами таҳқиқ надорад асаре,
Бедил, оинаи мо сурати мо мебинад.

* * *

Муддао дил буд, агар найранги имкон рехтанд,
Баҳри ин як қатра хун сад ранг тӯфон рехтанд.
З-ин гулистон не хазон дар ҷилва омад, не баҳор,
Ранги ваҳме аз навои андалебон рехтанд.
Хорбасте кард пайдо кӯчабоғи интизор,
Баски муштоқон ба ҷон ашк мижгон рехтанд.
Тӯҳмати домони қотил мекашад ҳар гул зи ман,
Чун баҳор азбаски хунамро парешон рехтанд.
Аз сари таъмири дил бигзар, ки меъмрони ишқ
Рӯзи аввал ранги ин вайрона вайрон рехтанд.
Нестӣ ушшоқро рафъи кудурат буду бас,
Аз гудози ин шӯълаҳо гарде ба домон рехтанд.
Беш аз ин натвон хато бастан ба арбоби карам,
К-аз фузулӣ обрӯи абри найсон рехтанд.
Саҷдагоҳи ҳиммати аҳли фаноро байдаем,
К-обрӯи ҳар чӣ ҳаст, ин хоксорон рехтанд.
Шабнами моро дар ин гулшан тамошо муфт нест,
Сад нигаҳ шуд об, то як чашми ҳайрон рехтанд.
Аз гудози пайкарам дарди ту гум кард ошьён,
Шуд ситам бар нола, к-оташ бар наистон рехтанд.
Дасту теғе аз занфи нанги қатлам барнадошт,
Хуни ман чун ашк бар таҳрики мижгон рехтанд.
Қобили ин остон ку саҷда, то нозад касе,
Қ-аз арақ ин ҷо ҷабини бениёзон рехтанд.
Нақди умри рафта берун нест аз ҷайби адам,
Ҳар чӣ аз кошона кам шуд, дар биёбон рехтанд.
То тавонам гулфурӯши хоки расвой шудан,
Чун саҳар, Бедил, зи ҳар узвам гиребон рехтанд.

* * *

Чаро кас мункири бетоқатиҳон даро бошад,
Диле дорад, чӣ мушкил, гар ба дарде ошно бошад.
Димоғи орзуҳоят надорад ҷуз нафассӯзӣ
Пари парвози рангу бӯ агар бошад, ҳаво бошад.
Ҳариси сайди матлаб роҳат аз заҳмат намедонад,
Ба чашми дом гарди боли мурғон тӯтиё бошад.
Зи нони шаб дилат гар ҷамъ гардад, муфти ишрат дон,
Саҳар фарш аст, дар ҳар ҷо ғубори осиё бошад.
Забони хомушон мизроби гуфтугӯ намегардад,
Магар дар тори мистар шӯхии маънӣ садо бошад.
Нафас беҳуда дорад парфишониҳои ноз ин ҷо,
Ту мегунҷиву бас, гар дар дили ушшоқ ҷо бошад.
Чӣ имкон аст, нақши ину он бандад сафои дил,
Аз ин оина бисёр аст, агар ҳайратнамо бошад.
Ҷаҳони хуфтаро бедор кард уммеди дидоре,
Тақозои нигоҳе бар сафи мижгон асо бошад.
Дар он маҳфил, ки таъсири нигоҳат сурма афшонад,
Шикасти шиша ҳам чун мавҷи гавҳар бесадо бошад.
Ба чандин шӯъла меболад забони ҳоли муштоқон,
Ки, ё раб, бар сари мо дуди дил боли ҳумо бошад.
Зи бегардист дилро ин қадарҳо ранггардонӣ,
Гар ин оина хун гардад, ба як ранг ошно бошад.
Надорад базми пирӣ нашъае аз зиндагӣ, Бедил,
Чу қомат ҳалқа гардад, соғари даври фано бошад.

* * *

Аз кашмакаш кафи ту ман лолагун кашид,
Доман кашидани ту зи дастам ба хун кашид.
Пур мунфаил дамид ҳубобам дар ин муҳит,
Ҷайбам саре надошт, ки бояд бурун кашид.
Беш аз даме ба тӯҳмати ҳастӣ насохт субҳ,
Борест инфиол, ки натвон фузун кашид.
Неку бади ҷаҳон ҳавасоҳанги ҷонканист,
Моро садон теша ба ин Бесутун кашид.
Қадди хамида зомини рафъи хумори кист?
То кай тавон май аз қадаҳи сарнагун кашид?
Чашмат ба оламн дигар афканд тарҳи ноз
Аз соғаре, ки май кашад, охир ҷунун кашид.
Урьёнтани расид ба доди ҷунуни ман,
То доманам зи заҳмати чандин фунун кашид.
Мавҳумиям зи тӯҳмати эҷод боздошт,
Машқи адам қалам ба хати «кофу нун» кашид.
Охир шикасти чинии дил бар таранг зад,
Мӯи нуҳуфта сар зи хамирам кунун кашид.
Дасти шикастаам гули домони ёр кард,
Наққошам интиқом зи бахти нагун кашид.
Бедил, саводи номасиёҳӣ надоштам,
Хатте чу соя бар варақам табъи дун кашид.

* * *

Чабҳаи ҳирс агар чунин гарди раҳи ҳавас кашад,
Оина дар муқобилам гар бикашӣ, нафас кашад.
Ҳарзадарост гуфтугӯ, варна тааммули нафас
Пеш барад зи корвон ҳар қадаме, ки пас кашад.
Санги тарозуи вафо майли шикасти кас накард,
Нанги адолат аст, агар кӯҳ ками адас кашад.
Оташи савгтинатем, шӯлаи шамъ фитратем,
Ҳайф, ки нози саркашӣ кардани мо ба хас кашад.
Аҳди вафоқ бастаем бо асари шикасти дил,
Маҳмили яъси мо бас аст, нолаи ни ҷарас кашад.
То кай аз устухони пуч заҳмати беҳаловатӣ,
Қош мусаввири ҳавас ҷон ҳумо магас кашад.
Растан аз ин тилисми ваҳм, пар задани хаёли кист?
Ҷайби фалак дарад саҳар, то нафас аз қафас кашад.
Айбу ҳунар шуури туст, варна дар ин адабсаро
Бехабаре, чӣ мумкин аст, оина пеши кас кашад.
Бедил, аз ин ситамкада роҳати кас гумон мабар,
Дида зи хас намекашад, он чӣ дил аз нафас кашад.

Ситамкаши дили маъюсаму илоҷе нест,
Касе муқобили оинаи шикаста мабод.
Тараҳҳум аст бар он сайди нотавон, Бедил,
Ки ҳар дам аз қафасаш чун нафас кунанд озод.

* * *

Зи дарди яъс, надонам, куҷо кунам фарьёд.
Қафас шикастаам ошьён намонда ба ёд.
Ба барке аз дили маъюс кош даргирам
Кабоби сӯхтанам чун чароғ дар раҳи бод.
Ба ғурбат аз мани беболу пар салом расон,
Ки мурдаму нарасидам ба хотири сайёд.
Чу шамъ хостам, эҳроми ваҳшате бандам,
Шикасти обилаи по ба гарданам афтод.
Зи тангии дилам имкони пар кушудан нест,
Шикастаанд ғуборам ба байзаи фӯлод.
Чи мумкин аст,
кашад нақши нотавонии ман,
Магар ба сояи мӯ хома бишканад Беҳзод.
Агар зи дарди гаронҷониям суол кунанд,
Чу кӯҳ аз ҳама узвам ҷавоб бояд дод.
Зи ҳеҷ кас ба назар муждаи саломам нест,
Магар зи сел кашам нақши хонаат обод.
Зи фавти фурсати васлам дигар магӯю мапурс,
Хароба хок ба сар монду ганҷ рафт ба бод.
Ғубори ман ба адам низ парафшони тарист,
Зи сайди ман чӣ арақ дошт бар ҷабини сайёд?
Кашокаши нафасам танг кард оламро,
Хуш он ки бигсилад ин ришта,
то расам ба кушод.
Зи шамъ боиси сӯзу гудоз пурсидам,
Ба гирья гуфт: мапурс аз надомати эҷод!
Баҳори ишқу шукуфтан хаёли ботили кист?
Зи саъи теша магар гул ба сар занад Фарҳод?!

* * *

Тағофул чӣ ҳиҷлат ба худ чида бошад,
Ки он нозанин сӯи мо дида бошад.
Ҳинонист ранги баҳори сиришкам,
Надонам, ба пои ки ғалтида бошад.
Зи изҳори ҳастӣ машав доғи ҳиҷлат,
Ҳамон беҳ, ки ин айб пӯшида бошад.
Надонам, дил аз дарси мавҳуми ҳастӣ
Чӣ фаҳмида бошад, ки фаҳмида бошад.
Чу мавҷи гуҳар беҳ ки аз шарми дарьё,
Нигоҳи ту дар дида печида бошад.
Биҷӯшад дили гарм бо ҷисми хоки,
Агар бода бо шиша ҷӯшида бошад.
Дуо ку агар мепарастида бошад.
Нафас созӣ, оҳанги ҷамъиятат ку,
Саҳар гарди аҷзои пошида бошад.
Дар ин дашти ваҳшат ман он гирдбодам,
Ки сар то қадам домани чида бошад.
Ҳаёпарвари остони ниёзат
Диле доштам, об гардида бошад?
Агар Бедили мо диҳад арзи ҳастӣ
Ба хоби адам ҳайрате дида бошад.

* * *

Ҳукми ишқ аст, ки ташрифи таманно бахшанд,
Доғи ин лоласитонҳо ба дили мо бахшанд.
Нотавон тохт ба андози димоғи мастон,
Боли шавқе магар аз нашъа ба саҳбо бахшанд.
Бедилон хурдан ҷоне, ки нисори ту кунанд,
Нами обе, ки надоранд, ба дарьё бахшанд.
Чун май аз гармии он лаъл ба хун меғалтад,
Гарчи аз шўъла ба ёқут чигарҳо бахшанд.
Рўшиносони ҷунун аз асари нақши қадам
Ҷавҳари ҳуш ба оинаи саҳро бахшанд.
Эй хуш он ҷуд, ки аз хиҷлати вазъи соил
Лаб ба изҳор наёранду ба имо бахшанд.
Гар мизоҷи карам он аст, ки ман медонам,
Оламеро ба хатои мани танҳо бахшанд.
То фусурдан накашад решаи ҷавлони умед,
Беҳ, ки чун тухм ба ҳар обила сад по бахшанд.
Шарари офиятоворан дилтанги маро
Санг ҳам домани саҳрост, агар ҷо бахшанд.
Қавлу феъли нафас афсонаи бед аст ин ҷо,
Ман надонам, ки набахшанд маро, ё бахшанд.
Ба ҷаноби карам афсуни вараъ пеш мабар,
Бегуноҳӣ гунаҳе нест, ки он ҷо бахшанд.
Дар мақоме, ки шафоат хати омурзишхост,
Ҷурми мастон ба сафои дили мино бахшанд.
Бар пари коҳ, ки бастат ҳисоби парвоз,
Дорам уммед, ки бар нокасиям во бахшанд.
Подшоҳи ба ҷунун ҷамъ нагардад, Бедил,
Тоҷ гиранд, агар обилаи по бахшанд.

* * *

Қасе маънии баҳр фаҳмида бошад,
Ки чун мавҷ бар хеш печида бошад.
Чу оина пур содааст ин гулистон,
Хаёли ту ранге тарошида бошад.
Қасеро расад нози мастӣ, ки чун хат
Ба гирди лаби ёр гардида бошад.
Ба гардун расад пояи гирдбоде,
Ки аз хоксорӣ гуле чида бошад.
Тароват дар ин боғ ранге надорад,
Магар инфиоле таровида бошад.
Ғами хонадорист доми фиребат,
Гиреҳ банди тори назар дида бошад?
Дар ин раҳ шавад поймоли ҳаводис,
Чу нақша қадам ҳар кӣ хобида бошад.
Ба ваҳшат қаноат кун аз айши имкон,
Гули ин чаман домани чида бошад.
Зи гарде, к-аз ин дашт хезад, ҳазар кун,
Дили кас дар ин парда нолида бошад.
Надорам чу гул пои сайри баҳорат,
Ба рӯям магар ранг гардида бошад.
Ҷаҳон дар тамошогаҳи арзи нозат
Нигоҳе дар оина болида бошад.
Бувад гиръя дуздидани чашми Бедил
Чу захме, ки ӯ об дуздида бошад.